КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ
ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҲАМКОРОНИ РУШД
# 2018



Душанбе 2018

**Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҲАМКОРОНИ РУШД

# 2018

**Душанбе 2018**

**Ҳамкорони рушд - 2018**

**© Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, куч. Шоҳтемур, 27**
**Тел.(992 372) 227 59 09, 221 71 28**
**Почтаи электронӣ: info@investcom.tj, ms@investcom.tj**
**Сомонаи электронӣ: www.investcom.tj**

**Хонумон ва ҷанобони арҷманд!**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КДСИАД), ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кумаки беруна мебошад, ба баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, рушди механизмҳои ҳамкорӣ байни иштирокчиёни миллӣ ва байналмилалии раванди кумаки беруна ва ҳамкории баҳри рушд аҳамияти махсус медиҳанд. Яке аз воситаҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва огоҳии тамоми тарафҳои манфиатдор дар соҳаи кумаки беруна маълумотномаи «Ҳамкорони рушд» мебошад, ки маълумоти муфассалро дар бораи фаъолияти шарикони рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо ва лоиҳаҳои онҳо, афзалиятҳои минтақавӣ ва соҳавии кумак дар бар мегирад.

Хусусияти хоси нашри маълумотномаи «Шарикони рушд – 2016» дар он аст, ки он дар арафаи ду марҳилаи муҳими инкишофи ҳамкории байналмилалӣ ба табъ мерасад. Тавсифномаи мухтасари навшудаи шарикони рушд дорои маълумот дар бораи барномаю лоиҳаҳои собиқае, ки аз ҷониби онҳо дар доираи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола амалӣ шудаанд, инчунин маълумот дар бораи барномаҳои ояндае мебошад, ки дар доираи Ҳадафҳои рушди устувори моҳи сентябри соли 2015 аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ қабулгардида амалӣ хоҳанд шуд.

Маълумоти дар ин маълумотнома овардашуда имконият медиҳад, ки амалҳои муштараки вазорату идораҳо, мақомоти идоракунии ҳокимияти маҳаллӣ, ҳамкорони рушд, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати бомуваффақият амалӣ намудани санадҳои нави стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва Барномаи рушди миёнамуҳлат барои давраи солҳои 2016 - 2020 беҳтар ҳамоҳанг гардонида шаванд.

Мехоҳам ба ҳамкорони рушд барои пешниҳоди маълумот дар бораи фаъолияти худ ва мусоидат дар омода намудани маълумотномаи мазкур ва аз ҳама муҳим, барои ҳамкорӣ ва дастгирӣ дар ислоҳоти демократӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон арзи сипос намоям.

**Бо эҳтиром,**

**Фаррух Хамрализода**

**Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ**
**ва идораи амволи давлатии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

# МУНДАРИЧА

I. ПЕШГУФТОР....7
II. УСЛУБИ (МЕТОДОЛОГИЯИ) ОМОДАСОЗИИ МАЪЛУМОТНОМА....8
III. КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - МАҚОМИ МАРКАЗИИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ КУМАКИ БЕРУНА....9
IV. ҲАМКОРОНИ РУШД....19
Агентии ҳамкории байналмилалии Япония....21
Агентии ҳамкорӣ ва рушди Туркия....23
Агентӣ оид ба ҳамкории техникӣ ва рушд....24
Агроаксияи Олмон....26
Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Амрико / Барномаи волоияти қонун....27
Ассотсиатсияи кумак ва дастгирӣ, Япония....28
Барномаи Озуқаворӣи Ҷаҳонӣ....29
Барномаи муштараки СММ оид ба ВНМБ/АНМБ....31
Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар Тоҷикистон....33
Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд....37
Бонки Осиёии рушд....39
Бонки Исломии рушд....40
Глобал Партнерс, Британияи Кабир....43
Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ....44
Гуруҳ оид ба ҳифзи муҳити зист, манбаъҳои барқароршавандаи неру (энергия) ва ҳамраъйӣ....46
Донишгоҳи Осиёи Марказӣ....47
Дафтари ҳамкории Швейтсария/ Консулгарӣ дар Тоҷикистон....52
Идораи байналмилалии назорати маводи мухаддир ва тартиботи ҳуқуқӣ....54
Иттиҳоди Аврупо....55
Каритас Олмон дар Тоҷикистон....59
Каритас Тоҷикистон....60
Каритас Швейтсария дар Тоҷикистон....61
Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, узви Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ....63
Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (намояндагии КБСС дар ҶТ)....66
Намояндагии Hilfswerk Austria International дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....67
Намояндагии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон....68
Олмон/Бонки Олмонии рушд....72
Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ дар Тоҷикистон....73
Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон....75
Раёсати СММ оид ба маводи нашъадор ва ҷинояткорӣ, намояндагии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ....77
CESVI ҲАМКОРӢ ВА РУШД....79
«СММ-Занон»....81
Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо....83
Созмони байналмилалии муҳоҷират....86
Ташкилоти байналмилалии меҳнат....87
Ташкилоти ОКСФАМ Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....89
Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд....91
Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ....94
Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар....96
Филиали Ташкилоти «Save the Children International» дар Ҷумхурии Тоҷикистон....99
Фокус кумаки башардустона дар Тоҷикистон....101
Фонди ҷамъиятии "Манзил барои шаҳрвандон - Тоҷикистон" (Habitat)....103
Фонди Тоҷикистонии Оғо Хон....104
Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф, Тоҷикистон....109
Хадамоти Оғо Хон оид ба тандурустӣ дар Тоҷикистон....111
Хазинаи байналмилалии асъор....117
Хазинаи байналхалқии рушди кишоварзӣ....118
Хазинаи Каритас Люксембург....120
Хазинаи кудакони Созмони Милали Муттаҳид....121
Хазинаи Оғо Хон оид ба рушди иқтисод \ Хадамот оид ба рушди саноат – Минтақаи Осиё....124
Хазинаи Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи нуфус....126
Ҳайати Шафқат дар Тоҷикистон....127


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон* ....................................................................................... 131
Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон.......................................................................................................... 132
Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия ............................................................................................................. 133
Ҳукумати Ҷумҳурии Федеративии Олмон ........................................................................................ 134
Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой*.................................................................................................. 136
Ҳукумати Фаронса*.............................................................................................................................. 137
Ҳукумати Федератсияи Россия............................................................................................................ 138
Ҳукумати Япония .................................................................................................................................. 139
Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ .......................................................................... 140
Шурои таҳқиқоти байналмилалӣ ва мубодила*................................................................................ 142
Шуроҳои америкоӣ оид ба таҳсилоти байналмилалӣ дар Тоҷикистон .......................................... 143
Шуъбаи "Миссияи Шарқ" дар Тоҷикистон....................................................................................... 145
Шуъбаи Оперейшн Мерсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ................................................................... 146
Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти кушода» - Бунёди мадад дар Тоҷикистон .... 150
V. ҲАМКОРОНИ РУШД ДАР МИНТАҚАҲО ..................................................................................... 153
VI. ҲАМКОРОНИ РУШД ДАР БАХШҲО ........................................................................................... 157
VII. ДИРЕКТОРИЯ ......................................................................................... **Ошибка! Закладка не определена.**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Эзоҳ: Номи ҳамкорони рушд, ки маълумотро оид ба соҳаҳои хеш нав накардаанд бо нишони * зикр шудаанд.

# I. ПЕШГУФТОР

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намудаанд, ки “Ҳукумати мамлакат бояд дар татбиқи уҳдадориҳои Тоҷикистон дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ҷалби беҳтари ин созмонҳо ба иҷрои барномаҳо ва лоиҳаҳои муҳимми кишвар, аз ҷумла Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 чораҳои зарурро роҳандозӣ намояд”. Айни замон, дар раванди расонидани кумаки беруна ба Тоҷикистон тақрибан 80 ҳамкорони рушд аз ҷумлаи кишварҳои донор ва ташкилотҳои донор, ташкилотҳои байналмилалии бисёрҷониба ва ғайриҳукуматӣ иштирок доранд.

Яке аз ҷузъиёти асосии ҳамоҳангсозӣ огоҳии тамоми иштирокчиёни раванди ҷалб ва истифодаи кумаки беруна дар бораи фаъолияти ҳамкорони рушд ва вазъият дар самти кумаки беруна мебошад. Принсипи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ қариб ки дар ҳамаи санадҳои байналмилалӣ оид ба самаранокии кумак дида мешавад.

Тоҷикистон, аз Форуми Парижи соли 2005 инҷониб дар муколамаи байналмилалӣ оид ба самаранокии кумак иштироки фаъол дорад. Ҳайати кишвари мо дар форумҳои байналмилалии сатҳи баланд дар Аккра соли 2008, Бусан соли 2011 ва Мехико соли 2014 ва 2015 дар Бусан ширкат дошт.

Дар Анҷумани чаҳоруми сатҳи баланд оид ба масъалаҳои самаранокии кумаки беруна, ки соли 2011 дар ш. Бусан (Ҷумҳурии Корея) баргузор шуд, қайд гардид, ки дар даврони ҷаҳонишавӣ, ки кишварҳо бо ҳамдигар робитаи зич доранд, масъалаи расонидани кумаку мусоидати беруна ҳалли ҷаҳонии худро тақозо дорад. Иштирокчиёни Форум ба чунин мувофиқат расиданд, ки зарурати гузариш ба «қолаби (сохти) нави мушорикат ва ҳамкорӣ» ба миён омадааст, ки ба масъулияти умумӣ асос ёфтааст. Тибқи ин масъулият кишварҳои донор новобаста аз буҳрони молиявӣ барномаҳои кумакро идома медиҳанд, кишварҳои кумакгиранда ҳадафҳои равшани рушдро муайян месозанд, уҳдадориҳои хешро иҷро мекунанд ва бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ ба роҳ мемонанд, донорҳои нав ва бахши хусусӣ кушишҳоро шиддат мебахшанд ва уҳдадориҳои ҷасуронатаре дар мавриди ҷудо кардани кумак ба зимма мегиранд. Дар чунин шароит муҳиммияти (вижагии) масъалаҳои шаффофият ва ҳамоҳангсозии фаъолият ба маротиб меафзояд. Дар робита ба ин аз тарафи иштирокгарони Форум уҳдадориҳо дар мавриди беҳтар сохтани дастрасӣ ба иттилоот дар бораи ҳамкорӣ баҳри рушд барои доираҳои васеи ҷомеа қабул карда шуд.

Дар баёноти (коммюникеи) ҷамъбастии вохурии аввалини сатҳи баланди Шарикии глобалӣ оид ба ҳамкории самарабахш баҳри рушд, ки дар Мексика 15-16 апрели соли 2014 баргузор гардид чораҳои мушаххас оид ба натиҷаҳои аз лиҳози иҷтимоӣ фарогир ва устувори рушд инъикос ёфтаанд. Ин чораҳо ба чунин ҷанбаҳо ба монанди шарикӣ бо афзалиятҳои ба натиҷаҳо равонашудаи рушди кишварҳои ру ба тараққӣ, ҳамшарикии фарогир ва инкишоф, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ ва ғ. равона шудаанд. Иштирокчиёни вохурӣ тарафдории худро нисбат ба уҳдадориҳои Бусан оид ба ноилшавӣ ба натиҷаҳои устувор ва намоён ва имкониятҳо барои ҳамаи кишварҳои ру ба тараққӣ, дастгирии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва таъминиояндаи босуботи онҳо, тасдиқ намуданд.

Ҳадафи маълумотномаи «Ҳамкорони рушд» баланд бардоштани дараҷаи огоҳии ҳамаи иштирокчиёни мавҷуда ва эҳтимолии раванди расонидани кумаки беруна ба Тоҷикистон дар бораи хусусияту самтҳои фаъолияти ҳар як ҳамкори рушд бо назардошти махсусгардонӣ мебошад. Ҳар сол нав кардани маълумотнома барои огоҳ будан аз тағйироте, ки дар фаъолияти ҳамкорони рушд рух медиҳанд, шароит фароҳам меорад.

Ғайр аз ин, иттилооти маълумотнома бояд ба баланд шудани дараҷаи ҳамкорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият ва муттаҳидсозии кушишҳои ҷонибҳои манфиатдори раванди расонидани кумак ба Тоҷикистон мусоидат намояд.

«Ҳамкорони рушд - 2018» нашри понздаҳум ин маълумотнома мебошад. Нашрҳои пешинаи он аз ҷониби ташкилотҳои гуногуни ватанию хориҷӣ дархост шуда, мавриди баҳои сазовори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушди байналмилалӣ гардид.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Нашри маълумотномаи навбатӣ бо назардошти нав кардани иттилооти вобаста ба профилҳои ҳамкорони рушд, тағйироти соли охир дар феҳристи ташкилотҳои ба Тоҷикистон кумакрасон пешомада ва мушаххастар сохтани нақшаҳои ояндаи наздик таҳия шудааст.

Дар маълумотнома дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатии барои ҳамоҳангсозии кумаки беруна, ҷалби сармоя, дастгирии соҳибкорӣ, идораи моликияти давлатӣ масъул – Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КДСИАД), ки ҳамкори асосии донорҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҷалб, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги кумаки беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, иттилоот дарҷ гардидааст. Вазифаҳои асосии КДСИАД дар соҳаи кумаки беруна аз такмили ҳамоҳангсозии раванди ҷалб ва истифодаи кумак барои рушд, роҳандозӣ кардани ҳамоҳангсозии минтақавию соҳаҳо, беҳтар намудани идоракунии маҷмуи лоиҳаҳои давлатии сармоягузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. иборат мебошад.

Дар маълумотнома иттилоот вобаста ба иштироки ҳамкорони рушд дар лоиҳаҳои соҳавию минтақавӣ ҷамъбаст гардидааст, то ба ташкилотҳои ҳавасманди ватанию хориҷӣ маълум карда шавад, ки дар айни замон кадом соҳаю минтақаҳои Тоҷикистон бо дастгирии ҳамкорони мушаххаси рушд фаро гирифта шудаанд. Бо мақсади аёнияти ҳарчи бештар ва беҳтар дарк гардидани иттилоот оид ба ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаю минтақаҳо дар шакли нақша пешниҳод шудааст.

Ин маълумотнома барои мутахассисони мақомоти ҷумҳуриявии идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, дигар ташкилоту муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми омода сохтани пешниҳоду барномаҳои лоиҳавиашон, ҳамчунин барои намояндагони кишварҳои донор ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳангоми таҳияи нақшаҳои ҳамкориашон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи расонидани кумаки беруна муфид хоҳад буд. Ин маълумотнома ҳамчунин барои донишҷуён ва омузгорони макотиби олӣ муфид буда метавонад.

## II. УСЛУБИ (МЕТОДОЛОГИЯИ) ОМОДАСОЗИИ МАЪЛУМОТНОМА

**Манбаъҳо ва шаклҳои пешниҳоди иттилоот**

Манбаъҳои иттилоот барои таҳияи маълумотномаи мазкур ҳамкорони рушд мебошанд, ки шакли муайяншудаи стандартии самти фаъолияти ташкилотро хонапурӣ/таҷдид карда, онро ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон месупоранд. Шакли муайяншудаи стандартии иттилооти дархостшаванда самти фаъолияти ҳамкори рушд мубошад, ки аз се қисмати асосӣ иборат аст. Қисмати якум маълумоти умумиро дар бораи ташкилот ном, нишонӣ, маълумотномаи ташкилот ва намояндагиҳои он, иттилоот дар бораи роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори онро дар бар мегирад.

Дар қисмати дуюм категорияҳои зерин дарҷ мешаванд:

(а) **Соҳаи ташкилот** иттилоотро дар бораи ҳамкори рушд, агентӣ ё сохтори тобеи онро дар бар мегирад, ки барои пешниҳоди кумак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад. Қисмати мазкур ба ташкилотҳои ҳавасманди Тоҷикистон шароит фароҳам меорад то ҳамкорони рушдро пайдо намоянд.

(б) **Барномаҳои қаблӣ ва ҳозира** иттилооти мухтасарро дар бораи лоиҳаҳо ва барномаҳои ҳам хотимаёфта ва ҳам дар айни замон таҳти амал буда, бахш, намуди барнома (маблағгузориҳои асосӣ, тақвияти неру, қарзу грантҳо) ва ҳаҷми мусоидати дастрасшавандаро дар бар мегирад.

(в) **Дар самтҳои, барномаҳои оянда** нақшаҳои намунавӣ, ки аз ҷониби ҳамкорони рушд барои оянда таҳия мешаванд, ҳамчунин бахш, ба куҷо равона гардидани мусоидат ва ҳаҷми нақшагиришаванда дарҷ меёбанд. Баъзе ҳамкорони рушд феҳристи муфассали лоиҳаҳо/барномаҳо ва ҳаҷми тахминии маблағгузориро пешниҳод намуданд. Ин ҳамоҳангсозии кумаки беруна ва барномаҳоро беҳтар месозад, ҳамчунин барои тезонидани суръати корӣ пайдо намудани лоиҳаҳо ва манбаи маблағгузории онҳо ба ташкилотҳои ҳавасманди ҶТ шароит фароҳам меорад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Қисмати сеюм шакли стандартӣ аз мундариҷаи зерин иборат аст:
- бахшҳое, ки дар онҳо лоиҳаҳо/барномаҳо амалӣ гардонида мешаванд;
- минтақаҳое, ки дар онҳо лоиҳаҳо/барномаҳо амалӣ гардонида мешаванд;
- иттилоот барои тамос гирифтан.

## III. КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - МАҚОМИ МАРКАЗИИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ КУМАКИ БЕРУНА

Барои беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи кумаки беруна возеҳ муайян намудани ҳадафҳо, вазифаҳои бартариятдошта ва захираҳои зарурӣ барои иҷрои онҳо лозим мебошад. Дар ин самт соли 2007 зимни таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, ки дар он ҳадафҳои дароҳмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар зикр ёфтаанд, қадами муҳим гузошта шуд. Стратегияҳои паст карданпи сатҳи камбизоатӣ, ки таи солҳои 2007 ва 2010 қабул шуда буданд, ҳуҷҷатҳои асосии миёнамуҳлат барои ноил гардидан ба мақсадҳои пешгузоштаи Стратегияи миллии рушд ба шумор мерафтанд. Барои солҳои 2013-2015 аз ҷониби Ҳукумат Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон қабул гардид.

Дар ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ афзалиятҳо ва ҳадафҳои рушд зикр ва вазифаю тадбирҳое, ки барои амалӣ сохтани онҳо ҷалби захираҳои беруна заруранд, муайян карда шудаанд.

Чун дастгирии байналмилалӣ ба Тоҷикистон аз ҷониби бисёр донорҳо сурат гирифта ба бисёр соҳаҳои ҳаёту фаъолияти кишвар равона сохта мешавад ва табиист, ки гирандагони чунин кумак зиёданд, ҳамоҳангсозии он аҳамияти хеле калонро молик мебошад. Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҷалб ва истифодаи кумаки беруна ҷиҳати ҳалли проблемаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар асоси Стратегияи миллии рушд ва стратегияҳои миёнамуҳлати он аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатии ваколатдори идоракунандае, ки вазифаҳои он масъалаҳои ҳамоҳангсозии кумаки берунаро дар бар мегирад, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи «Низомномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, № 590 тасдиқ шудааст, фаъолияти худро ба роҳ мемонад. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти соли 2011 таҳти №135 ба Низомномаи КДСИАД тағйироту иловаҳо ворид гардида, тибқи он муқаррар гардидааст, ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии ҳокимияти давлатии иҷроия буда, дар доираи ваколатҳои худ сиёсати давлатӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи сармоягузорӣ, тадбирҳо оид ба ҷалби мақсаднок, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги кумаки беруна, идораи амволи давлатӣ, роҳбарӣ ва иҷрои раванди ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ифода кардани манфиатҳои давлат ҳамчун молик ва фаъолияти татбиқи барномаҳои дастгирии соҳибкориро амалӣ менамояд.

Яке аз сохторҳои муҳими КДСИАД, тибқи Низомномаи он, Сарраёсати сармоягузорӣ ва ҳамоҳангсозии кумаки беруна мебошад, ки тамоми қисмати масъалаҳои вобаста ба фаъолияти сармоягузорӣ ва кумаки беруна ба вазифаҳои он марбут аст. Дар нақшаи 2 сохтори Сарраёсати мазкур нишон дода шудааст.

Ба таркиби Сарраёсати сармоягузорӣ ва ҳамоҳангсозии кумаки беруна ду раёсати зерин дохил мешаванд:
- Раёсати ҳамоҳангсозии кумаки беруна ва мониторинги лоиҳаҳо;
- Раёсати пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ




**Нақ. 1 Сохтори Сарраёсати сармоягузорӣ ва ҳамоҳангсозии кумаки берунаи КДСИАД**

Сохтори нав имкон фароҳам овард, ки таъминоти кадрии КДСИАД баҳри иҷрои самараноки вазифаҳои ба он вогузошта васеъ гардад.

Дар асоси Низомномаи худ КДСИАД дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ ва кумаки беруна ваколатҳои зеринро анҷом медиҳад:

- тадбирҳоро оид ба беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ дар мамлакат, фароҳам сохтани шароити ҳуқуқӣ ва дигар шароитҳое, ки ба ҷалби сармоягузорӣ мусоидат менамоянд, омода ва амалӣ месозад;
- дар таҳия ва татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ, ташаккул додани шартномаҳои имтиёздор (консессионӣ) иштирок менамояд, ҳамзамон манфиатҳои давлатро чун молик дар доираи талаботи дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ мекунад;
- ҷиҳати татбиқи барномаҳои давлатӣ лоиҳаҳои бартариятдоштаи иҷтимоӣ, аз ҷумла аз ҳисоби қарзу грантҳои ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ, молиявӣ ва кишварҳои донор мусоидат менамояд;
- ҳамоҳангсозии умумии ҷараёни ҷалб, истифода ва мониторинги кумаки беруна, инчунин
- таъмини нақшаю чорабиниҳое, ки дар барномаҳо ва стратегияҳо оид ба ҷалб, истифода ва мониторинги кумаки беруна пешбинӣ шудааст, ба роҳ мемонад (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2011, №135);


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- ташкили системаи самараноки ҳамкорӣ бо сармоягузорон, мусоидат ба таъмини риояи кафолатҳои зимни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида, ҳамчунин ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои сармоягузорон;
- ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатиро ҳангоми кор бо сармоягузорон амалӣ мегардонад;
- кори таҳлили ҷараёни воридшавии сармоя, омузиши ҷамъбаст кардани таҷрибаи ҷаҳониро дар бобати ҷалб ва ҳавасмандсозӣ сурат медиҳад;
- омодасозии пешниҳодҳоро вобаста ба иҷрои тадбирҳои беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳамкории байналмилалии сармоягузорӣ амалӣ месозад;
- дар ҳамоҳангӣ бо вазорату идораҳои дахлдор дар омода сохтан ва имзои созишномаҳои байналмилалии вобаста ба масъалаҳои фаъолияти сармоягузорӣ ва тамоми намуди кумаки беруна, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегардад, иштирок менамояд;
- маъракаҳои рекламавию иттилоотиро оид ба имкониятҳои сармоягузориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат медиҳад;
- пешниҳоду лоиҳаҳои аз ҷониби муассисаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзуршударо тибқи тартиботи муайяншудаи қонунгузорӣ ҷамъбасту таҳлил намуда, роҳандозии минбаъдаи онҳоро дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин месозад;
- якҷоя бо мақомоти давлатии ҳавасманд ҳисобгирӣ ва ҳисобдории доир ба ҷалб ва истифодаи сармоягузориҳоро ташкил менамояд (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2011, №135);
- муштаракан бо мақомоти ҳавасманди давлатӣ бо мақсади паҳн кардан ва тарғиби дастовардҳо ва имконоти сармоягузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоту ҳамоиш, семинару муаррифисозӣ, конфронсҳо ва дигар чорабиниҳоро дар Тоҷикистон сурат медиҳад;
- оид ба масъалаҳои фаъолияти худ бо сармоягузорон, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайра ҳамкориро амалӣ мегардонад;
- дар доираи ваколатҳои худ вобаста ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ санҷишу таҳқиқи (экспертизаи) қарордодҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро ташкил менамояд ва сурат медиҳад;
- иҷрои шарту талаботи истеҳсолию техникӣ, талаботи истеҳсолию техникӣ, иқтисодӣ, экологӣ, молиявӣ, андозсупорӣ ва ғайраи қарордодҳои имзошударо таҳлил менамояд;
- гирифтани ҳамагуна ҳуҷҷатҳои мувофиқа ва иҷозатдиҳии барои амалӣ сохтани лоиҳаҳои сармоягузорӣ заруриро таъмин менамояд;
- мониторинг ва бозрасии иҷрои лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳамчунин назорати риояи шартҳои қарордодҳоро сурат медиҳад;
- дар воситаҳои ахбори омма чоп шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, феҳристи лоиҳаҳои қарордодшуда, маблағи сармоягузорӣ ба лоиҳаҳо ва миқдори ҷойҳои муҳайёшавандаи кориро таъмин месозад;
- тибқи тартиботи муқарраршуда бо мақомоти давлатии давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти муайянгардида ҳамкорӣ мекунад;
- мустақилона гузаронидани гуфтушунид бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, донорҳо ва сармоягузорони хориҷӣ барои ҷалби воситаҳои зарурӣ ҷиҳати маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятнок;
- ба махзани маълумот ворид намудани лоиҳаҳое (созишномаҳо), ки аз ҳисоби кумаки беруна маблағгузорӣ мегарданд;
- омода намудани ҳисобот оид ба рафти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, вазъи ҷараёни ҷалби кумаки беруна барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иштирок намудан дар таҳия ва мувофиқаи лоиҳаҳои барномаҳои сармоягузории давлатӣ;
- андешидани тадбирҳо оид ба таъмини шаффоф, боадолатона ва самарабахши ҷараёни хариди мол, кор ва хизматрасонӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ;
- ташкили фаъолият оид ба кушодани дархостҳои тендерӣ барои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ;


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- мониторинги фаъолияти харид дар марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ;
- таҳия ва амалӣ намудани Низоми идоракунии иттилоотии кумаки беруна, амалисозии ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳнкунии иттилоот дар бораи татбиқи лоиҳаҳои кумаки беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳия ва омодасозии шакли намунавии пешниҳодҳои лоиҳавӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузорон;
- иштирок намудан дар чорабиниҳои вобаста ба муаррифии имкониятҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- омузиш ва таҳлили иҷрои шартҳои созишномаҳо, шартномҳо оид ба сармоягузорӣ;
- омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаҳои созишномаҳо ва ёддошти тафоҳум оид ба ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2011, №135).

Бо назардошти ҳадафу вазифаҳои худ КДСИАД дар соҳаи кумаки беруна фаъолияти бисерҷанбаро амалӣ менамояд, ки омилҳои зеринро дарбар мегирад:
- ҳамоҳангсозии кумаки беруна, аз ҷумла вобаста ба минтақаю соҳаҳо ва идоракунии воридшавии он;
- ҳамдастӣ бо Ҳамкорони рушд;
- идоракунии Низоми идоракунии иттилоотии кумаки беруна;
- ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ оид ба масъалаҳои расонидани кумаки беруна ва амалӣ сохтани лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- ҳамоҳангсозии истифодаи захираҳои пулии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои донорӣ ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми кумаки беруна;
- иштирок дар амалӣ сохтани Барномаи давлатии сармоягузорӣ;
- омода сохтан ва интишори нашрияи «Ҳамкорони рушд» ва «Ҳисобот дар бораи кумаки беруна»;
- ба ташкилотҳои манфиатдор ва аҳли ҷомеа расонидани иттилоот дар бораи кумаки берунаи пешниҳодшаванда.

**Ҳамоҳангсозии кумаки беруна**

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти КДСИАД ҳамоҳангсозии кумаки беруна мебошад. Баҳри иҷрои мандати муносиб КДСИАД корҳои зайлро анҷом медиҳад:
- ҷамъоварӣ ва интишори иттилоот дар бораи Ҳамкорони рушд ва ҷараёни воридшавии кумаки беруна;
- ҳамкорӣ бо донорҳо оид ба масъалаҳои дар асоси созишномаҳои дахлдор аз ваъда ба уҳдадориҳои мушаххаси пешниҳоди кумаки беруна ба Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштан ва дар доираи лоиҳаҳои мушаххас амалӣ сохтани онҳо;
- ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ, дар бобати аз ҷониби онҳо расонидани кумак ба Тоҷикистон;
- мониторинги амалӣ сохтани лоиҳаҳое, ки аз ҳисоби кумаки беруна амалӣ мегарданд;
- таҳлили вазъи корҳои ҷалб ва истифодаи кумаки беруна ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳо ҷиҳати беҳбуд бахшидани он;
- иҷрои тадбирҳо вобаста ба беҳбуд бахшидани ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои ватанӣ ва хориҷии дар ҷараёни пешниҳоди кумаки беруна иштирокдошта, ҷустуҷуи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои нав, муайян намудани ташкилотҳои иҷрокунанда ва ғайра.

Яке аз иқдомоти муҳим дар ташкили низоми институтсионалии ҳамоҳангсозии кумаки беруна, аз ҷониби Ҳукумати кишвар, қабул намудани «Қоидаҳо оид ба ҷалб, истифода, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги кумаки беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар соли 2010 ба ҳисоб меравад. Қоидаҳои мазкур вазифаҳои ҳамкори асосии ҳукуматиро барои тамоми донорҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар Тоҷикистон доир ба пешниҳоди кумаки беруна фаъолият менамоянд, ба КДСИАД вобаста намудааст.

**Ҳамкорӣ бо Шарикони рушд**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Қисмати муҳимтарини фаъолияти КДСИАД бо назардошти ҳамоҳангсозии амалҳои тарафҳои манфиатдор оид ба масъалаҳои дастрас кардани кумаки беруна ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳандозӣ кардан ва рушди ҳамдастӣ бо ҳамкорони рушд, мубодилаи доимии иттилооти дахлдор, мусоидат ба ҳамдигар дар ҳалли вазифаҳои дар назди тарафҳо пешистода, ҳамчунин дигар масъалаҳои вобаста ба расонидани кумаки беруна ба Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси Низомномаи амалкунандаи КДСИАД он сохтори асосии ҳукуматиест, ки ҳамкориро бо тамоми ҳамкорони рушд оид ба ҳамаи масъалаҳои расонидани кумаки беруна ба Тоҷикистон таъмин месозад.

Ҳамдастии КДСИАД бо ҳамкорони рушд имкон дорад дар самтҳои зайл сурат гирад:

- ҳамоҳангсозии масъалаҳои ҳамдастии ҳамкорони рушд бо зинаҳои гуногуни мақомоти давлатӣ;
- ташкили ҳамкорӣ ва сурат додани мулоқоту машваратҳо бо намояндагони мақомоти идоракунии ҳокимияти маҳаллӣ;
- баррасии натиҷаҳои мониторинги лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ҷиҳати андешидани чораҳои таъҷилӣ барои ҳалли масъалаю проблемаҳои пешомада;
- кумак ба ҳамкорони рушд дар ҷустуҷу ва интихоби лоиҳаҳои пешниҳоди кумаки беруна ва дар навбати аввал дар доираи Барномаи давлатии сармоягузорӣ;
- аз ҷониби ҳамкорони рушд нав сохтани маълумоти НИИ кумаки беруна;
- муштаракан гузаронидани конфронсҳо, семинарҳо ва тадбирҳо вобаста ба дастрас сохтани кумаки беруна ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- машварату мубодилаи афкор оид ба масъалаҳои расонидани кумаки беруна ба Тоҷикистон аз ҷониби ҳамкорони рушд, истифодаи мақсадноку пурсамари он, муайян намудани соҳаю лоиҳаҳои афзалиятнок ва ғайра.

Намунаи барҷастаи ҳамкории самараноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд ин татбиқи Стратегияи муштараки ҳамкории кишварӣ барои давраи 2010-2012, инчунин дар Форуми рушди Тоҷикистон қабул намудани санади "Муқаррароти умумии ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони байналмилалӣ барои рушди Тоҷикистон" (МУҲ) ба ҳисоб меравад.

Муқаррароти умумии ҳамкорӣ чӣ тарз ҳамкорӣ кардани Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои давлатии он ва иштирокгарони миллӣ, ва ҳамчунин, шарикони байналмилалии рушд ва Шурои ҳамоҳангсозии рушдро дар мавриди дастгирии инкишофи Тоҷикистон дар заминаи афзалиятҳои миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ оид ба самаранокии кумаки беруна ва ҳамкорӣ баҳри рушд тасвир менамояд.

Шарикони рушд ва Ҳукумат барои муайян намудани асоси умумии фаъолияти ҳамҷоя бо мақсади беҳтар сохтани самаранокии кумак бо мувофиқсозии панҷ муқаррароти асосии Изҳороти Париж ва чор муқаррароти Форуми сатҳи баланди Бусан ба шароити Тоҷикистон даҳ муқаррароти умумии самаранокии кумакро ҳамоҳанг сохтанд. Ин муқаррарот ҳамчун дастур барои ҳамкории амиқтар на танҳо ба таври дуҷониба, балки дар муносибатҳои густурдаи бисёрҷонибаи шарикӣ таҳия гардидаанд.

Вазифаҳои асосии Муқаррароти умумии ҳамкорӣ иборатанд аз:

- ҳамоҳангсозии фаъолият ва кумаки шарикони рушд бо ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон дар солҳои 2013-2015 мебошад;
- пешниҳоди далелгузории кумаки ҳамҷоя;
- ихтисор кардани хароҷоти амалиётӣ;
- пешбурди равиши барномавӣ, яъне пешбурди кумаки ҳамоҳангшуда ба бахш ё барномаи мушаххас;
- устувор сохтани ҳисоботдиҳӣ ба ҳамдигар.

**Идоракунӣ ва татбиқи Низоми идоракунии иттилоотии кумаки беруна**

НИИКБ низоми худкорест, ки ба технологияҳои муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ асос ёфтааст ва барои ташкили ҷамъоварӣ, ҳифз, таҷдид, коркард, таҳлил ва пешниҳоди маълумот роҷеъ ба кумаки беруна ба истифодабарандагони манфиатдор тибқи дархостҳои онҳо дар реҷаи мустақим таъйин гардидааст.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Рушди соҳаи технологияи иттилоотӣ, кухнашавии маънавии Махзани маълумоти қаблии КДСИАД, ҷараёни суст ва душвори ҷамъоварии иттилоот, коркард, таҳлил ва нашр намудани иттилоот оид ба кумаки беруна сабабҳои асосии таъсиси НИИКБ-и нав ба ҳисоб меравад.

НИИКБ ҷараёни ҷамъоварии ахборот ва навсозии маълумотро оид ба лоиҳаҳои кумаки беруна дар реҷаи мустақим (он-лайн) таъмин менамояд. НИИКБ-и мазкур дар асоси таҷрибаву маҳоратҳои байналмилалӣ таъсис дода шуда, имкон медиҳад, ки ҷараёни ҷамъоварии маълумот оид ба лоиҳаҳо ва созишномаҳои кумаки беруна ба таври назаррас осон гардида, сифат ва саривақтии ҷамъоварии он такмил ёфта, дастрасии тамоми истифодабарандагони манфиатдорро ба натоиҷи тамоми маълумоти ҷамъоваришуда таъмин намояд.

Дар амал татбиқ додани НИИКБ "тақсими меҳнат"-ро дар раванди ҷамъоварии маълумот, таҳияи ҳисобот ва мониторинг такмил дод. То ба кор даровардани НИИКБ ҳамаи маълумот аз руи ҳар як лоиҳа/созишнома аз тарафи кормандони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ба Махзани маълумот оиди кумаки беруна дар усули реҷаи ғайри мустақим ворид мегардид, ки вақт ва манбаи зиёд талаб мекард. Акнун маълумот бевосита аз тарафи шарикони рушд, дар реҷаи мустақим, аз макону маҳалли дилхоҳ ворид карда мешавад. Дар баробари ин масъулияти шарикони рушд дар мавриди боварибахш будани иттилоот ва пешниҳоди фаврии онҳо боло рафтааст.

Бо шарофати муттасилии низоми нав ва қаблӣ ва кучонидани ахбороти Махзани маълумоти қаблӣ оид ба кумаки беруна, дар бахши иттилоотии НИИКБ маълумот оид ба тамоми лоиҳаҳо ва созишномаҳое, ки аз руи онҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 то ҳол кумаки беруна пешниҳод мегардад, ҷойгир шудааст. Ҳамкорони рушд акнун имконият доранд, ки маълумотро дар бораи лоиҳаҳои аз ҷониби онҳо татбиқшаванда ворид ва нав кунанд ва инчунин тавассути интернет бевосита дар коргоҳи худ маълумоти мухталифро аз руи дархост дастрас намоянд.

НИИКБ ба истифодабарандагони худ имкон фароҳам меоварад, ки иттилооти лозимӣ аз ҷумла иттилооти зеринро барои таҳлил ва ҳалли масъалаҳо:

- оид ба миқдори лоиҳаҳо ва созишномаҳои амалишаванда, арзиши онҳо, муҳлати татбиқ, манбаи маблағгузорӣ, агентиҳои иҷроия ва татбиққунанда;
- оид ба уҳдадориҳои ҷории ҳамкорони рушд;
- оид ба қарз ва грантҳои пешниҳодгардида ва иҷроиши онҳо;
- оид ба тақсимбандии кумаки беруна аз руи навъҳои хароҷот;
- оид ба ҳолати ҷории пардохтҳо аз руи ҳамкорони рушд;
- оид ба ҳолати татбиқи лоиҳаҳо аз руи бахшҳо ва минтақаҳо;
- оид ба робитаи лоиҳаҳо ва созишномаҳо бо афзалиятҳои Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон,

ва дигар иттилооти муфид дастрас намоянд.

Қисмати таҳлилии НИИКБ имкон медиҳад, ки дар мавриди гузаронидани таҳлили кумаки беруна ҷадвалҳои гуногуни таҳлилӣ, диаграммаҳо, нақшаҳо ва ҳисобот тартиб дода шавад. НИИКБ модули пешрафти харитасозии кумаки берунаро дар бар мегирад, ки дар он маълумот оид ба тақсимоти географии кумаки беруна аз руи минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон пешкаш мегардад.

НИИКБ воситаи муҳимтарини ҳамоҳангсозии кумаки беруна аст, ки дар заминаи аз тарафи ҳамкорони рушд ворид кардани иттилоот роҷеъ ба кумаки берунаи расонидашаванда ва коркарди он имконият фароҳам меояд, ки баррасии ҳамаҷониба ва баҳодиҳии ҳолати кор дар соҳаи кумаки беруна амалӣ карда шавад, дар мавриди боло бурдани пурсамарӣ ва мақсаднокии истифодаи он чораҳои ҳамоҳангшуда андешида шавад.

Бинобар ин КДСИАД ба ҳамкорӣ бо тамоми ҳамкорони рушд аҳамияти калон дода, итминон дорад, ки онҳо муҳим будани ин масъаларо дарк ва зимни саривақт нав сохтани иттилооти НИИКБ амалан мусоидат менамоянд.

НИИКБ низоми фаъолест, ки мунтазам таҷдид ва такмил дода мешавад. КДСИАД якҷоя бо лоиҳаи Барномаи рушди СММ/Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир "Дастгирии ҳамоҳангсозии самараноки миллӣ ва мониторинги кумаки беруна" зернизоми нави НИИКБ-ро таҳти унвони Низоми сармоягузории давлатии ба натиҷа равонагардида (НСДНН)


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

таҳия намуд, ки фарогирии тамоми силсилаи лоиҳавӣ ва ба афзалиятҳои СБНМТ ва стратегияҳои бахшҳо беҳтар равона намудани кумакро пешбинӣ менамояд.

Дар натиҷаи муаррифии пурраи низоми нав вазорату идораҳои соҳавӣ дар асоси истифодаи НСДНН имконият пайдо мекунанд, ки фаъолияташонро ҷиҳати ба афзалиятҳои бахш тавассути якхела сохтан ва автоматикунонии бизнес-ҷараёнҳои ҳама марҳилаҳои силсилаи кумаки берунаи пешбиникунандаи тадбирҳои мазкур ба роҳ монанд, аз он ҷумла:

- ташаккули пешниҳодоти лоиҳавии афзалиятнок оид ба дастгирӣ ва рушди бахш;
- ташаккули номгуи пешниҳодоти лоиҳавии афзалиятноки соҳавӣ (ПЛАС);
- мусоидат ба пешбурди ПЛАС барои пешниҳоди он ба донорҳо бо мақсади маблағгузорӣ.

**Ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, ҳамоҳангсозии соҳаҳо**

КДСИАД дар бобати ҳамоҳангсозии кумаки беруна дар ҳамдастию ҳамкории зич бо вазоратҳои корҳои хориҷӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, адлия, вазорату идораҳои соҳавии ҷумҳуриявӣ ва инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатию маҳаллӣ фаъолият менамояд.

Тибқи Қоидаҳои қабулгардида, КДСИАД бояд аз манфиатҳои вазорату идораҳои соҳавӣ ҳангоми муносибат бо ҳамкорони рушд оиди масъалаҳои расонидани кумаки беруна намояндагӣ ва барои роҳандозӣ кардани лоиҳаҳои пешниҳоднамудаи онҳо мусоидату манбаъҳои маблағгузории онҳоро дарёфт карда, мониторинги якҷояи амалӣ гардонидани онҳоро сурат диҳад.

Марҳалаи нави беҳбуд бахшидани ҳамкории КДСИАД бо вазорату идораҳо бо рушди ҳамоҳангсозии соҳавии кумаки беруна алоқаманд аст, ки барои афзоиши ҳаҷм, беҳтар намудани самаранокӣ ва мақсаднокии истифодаи кумаки берна ҷиҳати ҳарчи бомуваффақият амалӣ сохтани барномаҳои стратегии рушди соҳаҳо имкон фароҳам меорад.

Вақтҳои охир дар бобати ҳамоҳангсозии соҳавии кумаки беруна дар доираи соҳаҳои бартариятдоштаи иқтисодиёти Тоҷикистон: нигоҳдории тандурустӣ, маориф, соҳаи иҷтимоӣ ва ғайра таҷрибаи кофӣ фароҳам омадааст.

Дар айни замон КДСИАД ҷиҳати беҳтар намудани раванди ҳамоҳангсозии соҳавӣ тадбирҳо меандешад. Ҳамзамон ба такмили равандҳои ҳамоҳангсозӣ дар соҳаҳои афзалиятнок аҳамияти махсус дода мешавад. Ҳамин тавр, КДСИАД дар ташкил намудани Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба дастгирии бахши хусусӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои манфиатдор, ҳамкорони рушд, бахши хусусӣ, бизнес-ассотсиатсияҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаббус нишон дода, фаъолияти онро ҳамоҳанг месозад.

Ҳамасола, КДСИАД дар бораи кумаки берунаи дар соли гузашта умуман ба кишвар, инчунин ба даҳ бахши афзалиятнок расонидашуда бюллетенҳои иттилоотиро таҳия намуда, ба ҳамаи шарикони рушд, Ҳукумат ва вазорату идораҳо ирсол менамояд.  Бюллетенҳои иттилоотӣ дорои иттилооти фарох дар бораи кумаки беруна мебошад, ки маълумотро дар бораи ҳаҷми кумак дар шакли қарзу грант, гуруҳҳои созмонҳои байналмилалӣ, категорияҳои хароҷот дар бар мегирад. Бюллетенҳои иттилоотӣ ҳамчунин дорои маълумот дар бораи ҳамаи лоиҳаҳои кумаки берунаи дар бахшҳо, зербахшҳо, минтақаҳо ва ноҳияҳои кишвар татбиқшаванда мебошанд. Дар онҳо нишондиҳандаҳои асосии пешрафти лоиҳаҳо, ки барои амалӣ намудани мониторинги рафти татбиқи лоиҳаҳои кумаки беруна имконият медиҳанд, ва иттилооти зиёди дигари муфид пешниҳод карда шудаанд.

**Ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳамоҳангсозии минтақавӣ**

Вобаста ба раванди такмили сохтори идоракунии мақомоти марказии ҳокимият дар сохтори мақомоти идоракунии воҳидҳои маъмурии минтақавии мамлакат: вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо низ тағйироти муайян ба амал омад.

Масалан, дар сатҳи вилоятҳо раёсатҳо оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ташкил ёфтанд, ки бояд ба татбиқи вазифаҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи вилоят мусоидат намоянд.

Ин раёсатҳо ҳамчун мақомоти идоракунии сатҳи вилоятӣ аз руи вазифа дар тобеияти КДСИАД мебошанд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Дар сохтори раёсатҳои сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилоятӣ вуҷуд доштани се шуъбаи зерин дар назар аст:

- сармоягузорӣ;
- дастгирии соҳибкорӣ;
- идораи амволи давлатӣ.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни манфиатдори соҳаи кумаки берунаро дар сатҳи минтақавӣ шуъбаҳои вилоятии сармоягузорӣ сурат медиҳанд.

Шуъбаҳои сармоягузории вилоятӣ робитаи байниҳамдигариро бо ташкилотҳои байналмилалии дар вилоят фаъолиятдошта роҳандозӣ менамоянд. Онҳо бо мақсади баррасии масъалаҳои ҳамоҳангсозии раванди ҷалб ва истифодаи кумаки беруна дар вилояти дахлдор бо роҳбарони ин ташкилотҳои байналмилалӣ мунтазам мулоқотҳо доир мекунанд. Шубаи сармоягузориҳо дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти манфиатдор ҷиҳати муайян намудани эҳтиёҷоти вилоят бо захираҳои берунӣ барои амалӣ сохтани лоиҳаю барномаҳо баҳри паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодиети вилоят равонагардида корҳоро сурат медиҳад.

Бо мақсади минбаъд роҳандозӣ кардани ин лоиҳаҳо шуъбаҳои вилоятии сармоягузорӣ якҷоя бо ташаббускорони пешниҳодҳои лоиҳавӣ иттилооти дахлдорро ба дастгоҳи марказии КДСИАД, ки ҷиҳати ҷустуҷуи манбаъҳои маблағгузорӣ номаҳои дахлдорро ба ташкилотҳои гуногуни донорӣ ва намояндагиҳои дипломатии кишварҳои хориҷӣ ирсол менамояд, пешкаш мегардонанд.

Дар айни замон аз ҷониби КДСИАД ҷиҳати такмили ҳамоҳангсозии минтақавии кумаки беруна, такмили тарзу усул ва расмиёт дар сатҳи вилояту ноҳия, ки ба афзоиши ҳаҷми кумаки берунаи ҷалбшаванда мусоидат менамояд, баланд бардоштани дараҷаи истифодаи мақсадноку пурсамари он бевосита дар минтақаҳо тадбирҳо андешида мешаванд.

**Ҳамоҳангсозии рафти амалӣ сохтани захираи маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

Истифодаи пурсамари кредит ва грантҳо аз донорҳо ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ гирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалигардонии лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ вазифаи муҳими раванди ҷалб ва истифодаи кумаки беруна мебошад.

Ҳамоҳангсозии захираи маблағҳои қарзӣ фаъолияти гуногунсоҳаи КДСИАД-ро иборат аз омилҳои зерин дар назар дорад:

- ҳамоҳангсозии равандҳои омодасозӣ ва татбиқи лоиҳаҳо дар доираи захираи маблағҳои сармоягузории қарзҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ;
- таҳлили гузоришҳо ва дигар иттилооте, ки аз вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, ташкилотҳои донории байналмилалӣ, ҳамчунин марказҳои татбиқи лоиҳаҳо, истифодаи захираҳои кредитии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасшаванда, ворид мегарданд;
- ҳамкорӣ бо намояндагиҳо ва ҳайатҳои (миссияҳои) ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ дар бобати шарҳу баҳодиҳии истифодаи захираи маблағҳои қарзгирифта, таҳияи нақшаи амалиёт бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ сохтани он;
- мониторинг ва арзёбии лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ.

Нақши КДСИАД дар бобати мониторинги ҷараёни амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки ташкилоту агентиҳои давлатӣ иҷро менамоянд аз он иборат аст, ки таҳлили мунтазам ва баҳодиҳии рафти татбиқи лоиҳаи таҳти амал ва натиҷаҳои фаъолияти марказҳои татбиқи лоиҳаҳо сурат дода, дар ин хусус ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дастрас карда, ҷиҳати ҳалли масоили дар ҷараёни иҷрои лоиҳа пешомада чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Барои ин КДСИАД доир ба ҳамаи ҷиҳатҳои лоиҳаҳои сармоягузории таҳти амал ва фаъолияти марказҳои татбиқи лоиҳаҳо мунтазам маълумот ҷамъ оварда коркард менамояд, ба ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо, саривақт ва хушсифат иҷро шудани тадбирҳои нақшагиришуда назорат анҷом медиҳад.

**Фаъолияти иттилоотӣ ва омодасозии ҳисоботҳо**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Барои таъмини озодбаёнӣ ва шаффофияти раванди пешниҳоди кумаки беруна КДСИАД дар бобати ба Ҳукумат, ташкилотҳои байналмилалӣ ва аҳли ҷомеа дастрас намудани маълумот оид ба вазъи ҷалби захираҳои беруна ва натиҷаҳои ноилгардида корҳоро сурат медиҳад.

Дар асоси дастур КДСИАД дар ҳар се моҳ ва аз руи натиҷаҳои ҷамъбасти сол ба Ҳукумат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти агентиҳои татбиқкунанда ва иҷроияи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ маълумот пешниҳод менамояд.

Маълумотномаи «Ҳамкорони рушд» ҳар сол барои интишор омода карда ва нашр мегардад, ки дар он иттилоот дар бораи ҳамкорони рушд, самтҳо ва хусусияти фаъолияти онҳо, ҳамчунин «Ҳисобот дар бораи кумаки беруна» дар асоси иттилооти таҷдидшудаи дар НИИКБ ҷойгиршуда ва вазъи пешниҳоди кумаки беруна ба Тоҷикистон дастрас карда мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи огоҳии иштирокчиёни ҳавасманд ва шаффофияти раванди кумаки берунӣ соли 2007 сомонаи (сайти) расмии КДСИАД www.investcom.tj ташкил карда шуд.

Дар сомонаи мазкур маълумоти муфассал дар бораи мамлакат ва КДСИАД, ҳуҷҷатҳои стратегии Ҳукумат ва донорҳои асосӣ, маълумотномаи Ҳамкорони рушд ва Ҳисобот дар бораи кумаки беруна, заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоот дар бораи мулоқотҳои Гуруҳи машваратии донорҳо оид ба Тоҷикистон ва форумҳои рушд, мониторинги рафти татбиқи захираи маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ғайра фароҳам омадаанд. Сомона саҳифаи навгониҳо дорад, ки дар он хабарҳо дар бораи фаъолияти рузмарраи КДСИАД таҷдид мешаванд. Дар сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ ба НИИ кумаки беруна, ки қисми муҳими таркибии он Харитаи кумаки берунаи Тоҷикистон мебошад, таъмин гардидааст. Харитаи мазкур имкон медиҳад, ки истифодабарандагон тасаввуроти аёнӣ роҷеъ ба тақсимоти ҷуғрофии кумак ҳосил кунанд. Дар сомона ҳамчунин озмунҳо ва ҷойҳои холии корӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ эълон мегарданд.

Барои амалӣ гардонидани самтҳои асосии фаъолияти худ ва вазифаҳои пешистода Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба дараҷаи сифатан нав баланд бардоштани ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи ташкилотҳои ҳавасманд ҷиҳати боло бурдани самаранокӣ ва истифодаи мақсадноки кумаки беруна кушиш ба харҷ дода, иқдомҳои мушаххасро амалӣ мегардонад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Манбаъ: Махзани маълумоти Низоми ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна ва мониторинги лоиҳаҳо
©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

# IV. ҲАМКОРОНИ РУШД

Эзоҳ: Номи ҳамкорони рушд, ки маълумотро оид ба самтҳои фаъолияти хеш нав накардаанд бо нишонаи * зикр шудаанд.

Манбаъ: Махзани маълумоти Низоми ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна ва мониторинги лоиҳаҳо
©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Агентии ҳамкории байналмилалии Япония

Тамос: Ҷ-би Киёши Ишии
Намояндаи доимӣ
Тел: (+992 37) 881 26 33/34/35
Почтаи электронӣ: tj_oso_rep@jica.go.jp, Ishii.Kiyoshi@jica.go.jp
Сомона: www.jica.go.jp
Суроға: 734013, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 14, ошёнаи 4-ум ва 5-ум.

**Самтҳои асосии фаъолият**

Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) агентии мустақили давлати буда, ҳамоҳангсозии ҷараёни Кумаки расмӣ барои рушдро (КРР) аз номи Ҳукумати Ҷопон дар амал татбиқ менамояд. Вазифаи аосии JICA ин кумак намудан ба давлатҳои ру ба инкишоф ҷиҳати тараққиёти иқтисодию иҷтимоии онҳо ва мусоидат кардан ба ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. JICA яке аз калонтарин ташкилотҳои дуҷониба оид ба рушд дар ҷаҳон гардид, ки дар маҷмуъ 97 намояндагӣ дар мамлакатҳои хориҷ ва лоиҳаҳои гуногун дар 150 давлати дунё дорад.

JICA ҳамкориҳои техникии худро бо Тоҷикистон дар соли 1993 бо даъват намудани 21 нафар хизматчиёни давлатии Тоҷикистон барои омузиш дар Ҷопон оғоз кард. Шумораи кули хизматчиёни давлатии Тоҷикистон, ки дар барномаҳои омузиши дар Ҷопон иштирок намудаанд, зиёда 1896 нафарро аз оғози соли 1993 то апрели соли 2014 дарбар мегирад. Дар оғози ҳамкорӣ фаъолияти асосӣ ба таъмини амният ва сулҳу суббот равона шуда буд. Омузиши хизматчиёни давлатии Тоҷикистон дар Ҷопон қисми зиёди ҳамкориҳои техникиро фаро мегирифт ва соли 2003 лоиҳаҳо дар асоси кумаки грантӣ ба амал бароварда шуда, соли 2006 дар шаҳри Душанбе намояндагии JICA кушода шуд.

Айни замон JICA барномаҳои зеринро дар ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузори ва амали мегардонад: барнома оиди ҳифзи саломатии модар ва кудак; барнома оиди таъминоти об; барнома оиди коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ тавассути рушди хоҷагии қишлоқ; барнома оиди беҳтар намудани инфрасохтори роҳ, авиатсия ва энегетика; барнома оиди идоракунии сарҳад ва барнома оиди рушди потентсиал. Ба ҳолати соли 2014 маблағи умумии кумаки грантӣ 213.67 миллион доллари амрикои (ва кумаки умумии техникӣ 54.02 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад (* ин кумаки грантии аз тарафи Ҳукумати Ҷопон пешниҳодшударо ҳам дар бар мегирад).

JICA диққати асосиашро ба вилояти Хатлон равона кардааст, чунки ин минтақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камбизоаттарин минтақа эътироф гардида, сатҳи пасттаринро дар Индекси рушди потентсиали инсонӣ (ИРПИ) ишғол менамояд, ва инчунии дар наздикии Афғонистон воқеъ мебошад.

**Лоиҳаҳои татбиқшуда**

Лоиҳа оид ба беҳтар кардани системаи хизматрасонии тиббӣ барои модар ва кудак дар вилояти Хатлон;
Лоиҳа оид ба беҳтар кардани таҷҳизоти тиббӣ ва системаҳои обтаъминкунию канализатсионӣ дар муассисаҳои ҳифзи саломатии модар ва кудак;
Лоиҳа оид ба беҳтарсозии системаи таъминоти оби нушокӣ дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон (марҳилаи 1ва 2);
Лоиҳа оид ба расонидани кумаки озуқаворӣ барои фермерҳои камбизоат (2KR) ( марҳилаи 1 ва 2);
Барномаи кумаки озуқаворӣ барои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Барномаи Умумиҷаҳонии Озуқаворӣ;
Лоиҳа оид ба беҳтар намудани роҳи Дустӣ-Панҷи Поён (марҳилаи 1 ва 2);
Лоиҳа оид ба таҷдиди роҳи Қурғонтеппа-Дустӣ (марҳилаи 1 ва 2);
Лоиҳа оиди беҳтар намудани дониш роҷеъ ба хоҷагии қишлоқ тавассути баланд бардоштани потенсиали ташкилотҳои хоҷагидорӣ;
Лоиҳа оид ба таъминкунӣ бо таҷҳизоти махсуси тиббӣ барои назорати бемориҳои сироятӣ (EPI) (марҳилаи 1 ва 2);
Лоиҳа оид ба харидории доруворӣ мутобиқи дастури давлатӣ барои ҳифзи саломатии кудакон (марҳилаи 1 ва 2);
Лоиҳаи омузишӣ оид ба истифодабарӣ ва идоракунии системаи таъминоти оби нушокӣ дар ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон;
Лоиҳаи омузиши парвариши устувори гиёҳҳои давой;
Ташаббуси Тоҷикистону Афғонистон роҷеъ ба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ;
Лоиҳа оид ба рушди деҳот дар ноҳияҳои наздии сарҳадии Тоҷикистону Афғонистони Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон;
Лоиҳа оид ба беҳтар кардани таҷҳизот барои нигоҳдории роҳҳо дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ;
Таҳқиқоти ибтидой оид ба парвариши ширинбия.

**Лоиҳаҳои ҷорӣ:**

Лоиҳа оид ба беҳтар кардани таҷҳизот барои нигоҳдории роҳҳо дар вилояти Суғд ва қисми шарқии вилояти Хатлон;
Лоиҳа оид ба рушди потенсиал барои нигоҳдории роҳҳо;
Лоиҳа оид ба истеҳсоли қувваи барқи тоза бо роҳи ҷорӣ намудани системаи генератори электрикии офтобӣ (барномаи кумак барои муҳофизати табиат);


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Лоиҳаи стипендиявӣ оид ба ташаккули неруи инсонӣ (стипендия барои 7 нафар барои таҳсил дар магистратура дар Япония);

Барномаҳои омузишӣ дар Ҷопон (зиёда аз 80 нафар хизматчиёни давлатӣ ҳарсола ба Ҷопон барои хондан дар курсҳои кутоҳмуддат даъват мешаванд (курсҳои гуруҳӣ, минтақавӣ, махсус ва барномаи барои роҳбарони ҷавон);

Барномаи кутоҳмуддат оиди даъват намудани ихтиёриёни калон (омузгорони забони ҷопонӣ) ба донишгоҳҳои Тоҷикистон;

Лоиҳаи омузиши истифодабарӣ ва малакаҳои идоракунии системаи обрасонӣ дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон;

Лоиҳаи барқарорсозии системаҳои таъминкунии оби нушокӣ дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон;

Лоиҳа оид ба беҳсозии некуаҳволӣ дар манотиқи назди сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон (LITACA);

Лоиҳаи беҳтарсозии идоракунии мубориза бар зидди малах дар Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;

Лоиҳа оид ба беҳтар намудани Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе;

Лоиҳа оид ба рушди потенсиал барои хизматрасонии ҳаракати ҳавоӣ;

Лоиҳаи мусоидат ба ҳамкории байнисарҳадӣ тавассути идоракунии самараноки сарҳади Тоҷикистону Афғонистон.

**<u>Самти барномаҳои оянда</u>**

1. Рушди деҳот дар вилояти Хатлон;
2. Беҳтарсозии системаи оби нушокӣ дар вилояти Хатлон;
3. Беҳтар намудани ҳифзи саломатии модар ва кудак дар вилояти Хатлон;
4. Фароовардани ҷоиҳои кори холӣ тавассути рушди деҳот;
5. Беҳтар намудани инфрасохтори нақлиёт дар Хатлону Суғд;
6. Беҳтар намудани инфрасохторҳои электроэнергетикӣ;
7. Беҳтар намудани соҳаи авиатсия;
8. Рушди потенсиали кормандони давлатӣ.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Агентии ҳамкорӣ ва рушди Туркия

Тамос: Ҷ-би Тарик Мете
Хамоҳангсози барномаи ТИКА дар Душанбе
Тел: (+992 37) 221 90 41 Факс: 251 01 22
Почтаи электронӣ: dusanbe@tika.gov.tr
Сомона: www.tika.gov.tr
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Абдулло Командир 7

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Ҳадафи асосии Агентии ҳамкорӣ ва рушди Туркия дастгирӣ ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои ру ба тараққӣ мебошад. АҲРТ дар доираи барномаи худ як қатор барномаҳо ва лоиҳаҳои идораҳои ҳамоҳангсозиро амалӣ месозад. Идораҳои ҳамоҳангсозии АҲРТ дар 50 кишварҳои ҷаҳон, се қитъа, Осиё, Аврупо ва Африқо ҷойгир мебошанд. Агентии ҳамкорӣ ва рушд дар давоми солҳои 1992 – 2014 барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 18,419,111 млн. доллари ИМА кумаки расмӣ расонидааст.

**Барномаҳои пешина ва амалкунанда**

Кумаки расмии рушди (КРР) Туркия асосан тавассути АҲРТ ба роҳ монда мешавад. Айни ҳол, дар соҳаҳои афзалиятноке, ки АҲРТ дар Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ мондааст, инҳо мебошанд:

- Рушди инфрасохтор дар соҳаи маориф;
- Рушди инфрасохтори тандурустӣ;
- Омодагии касбӣ.

**Лоиҳаҳои асосии ҷорӣ:**

Соҳа: Идора

Ном: Маркази матбуоти ҷумҳуриявӣ.

Ҷойгиршавӣ: Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Фаъолият: Барқарорсозии бино, ва таъмин намудани таҷҳизоти техникӣ.

Соҳа: Тандурустӣ

Ном: Таъмири маркази ташхису табобатӣ.

Ҷойгиршавӣ: Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи А. Сино шаҳри Душанбе.

Фаъолият: Барқарорсозии бино.

Соҳа: ВАО

Ном: Такомули омодагардонии касбии инфрасохтор.

Ҷойгиршавӣ: Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон (ХОВАР-и) назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе.

Фаъолият: Барқарорсозии бино, таъмин гардонидан бо таҷҳизоти техникӣ.

**Самти барномаҳои оянда**

АҲРТ мақсад дорад, ки фаъолияти худро дар Тоҷикистон мутобиқи афзалиятҳо ва ҳадафҳое, ки дар «Стратегияи миллии рушд дар давоми то соли 2020» оварда шудаанд, идома диҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Агентӣ оид ба ҳамкории техникӣ ва рушд

Тамос: Д-р Рано Мансурова
Ҳамоҳангсози шуъбаи АҲТР дар ҶТ
Тел: (+992 37) 224 64 25; 224 64 22 / Факс : 510112
Почтаи электронӣ: dushanbe.administration @acted.org
Сомона: www.acted.org
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Достоевский 7

**Самтҳои асосии фаъолият**

ACTED чун созмони ғайриҳукуматие, ки соли 1993 таъсис ёфтаасту идорааш дар Париж қарор дорад, дар 36 кишвари ҷаҳон фаъолияти хешро ба роҳ мондааст. Ҳамчун созмони хусусӣ, мустақил ва ғайритиҷоратӣ ACTED бетарафии ҷиддии сиёсиву мазҳабии худро нигоҳ дошта, тибқи муқаррароти шаффофият ва адами табъиз кор мекунад.

Рисолати ACTED аз дастгирии гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, ки дар натиҷаи ҷанг, офатҳои табиӣ ва/ё бухронҳои иқтисодиву иҷтимоӣ зарар дидаанд, ва расонидани ёрӣ ба онҳо барои ояндаи беҳтар ва расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола иборат аст.

Барномаҳое, ки аз тарафи ACTED дар Осиё, Африқо, Шарқи Наздик, Америкаи Лотинӣ ва ҳавзаи баҳри Кариб амалӣ мегарданд (бештар аз 480 барнома дар як сол), ба эҳтиёҷоти он сокинон равона гардидаанд, ки дар натиҷаи ҷангҳо, офатҳои табиӣ ва ё бухронҳои иқтисодиву иҷтимоӣ хисорот дидаанд. Фаъолияти ин созмон соҳаҳои сершумори кумаки башарӣ ва ошкор сохтани раванди бухронро тавассути муносибати байнисоҳавӣ дар бар мегирад, ки дар як вақт ҳам ба сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам маҳаллӣ тааллуқ дошта, ба ҳар як ҳолати мушаххас мутобиқ гардонида мешавад.

Бо мақсади он ки мунтазам меъёрҳои баланди таблиғотӣ ва истифодабарандагии худро нигоҳ дошта тавонад, ACTED ба як силсила созмонҳо шомил аст, ки дорои ҳадафу арзишҳои ҳамгун мебошанд. Иттиҳоди (Алянси) 2015 шабакае иборат аз ҳашт созмонҳои ғайриҳукуматии (СҒҲ) аврупоие мебошад, ки дар соҳаи ҳамкорӣ ба хотири рушд кор мекунанд ва фаъолияташон ба расонидани кумак барои амалӣ гаштани Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола равона гардидааст. ACTED *Узви Башардустонаи Ҳисоботдиҳандаи Ҳамкорист*, ки дар бораи ҷавобгуй буданаш ба ҳисоботдиҳандагӣ ва меъёрҳои сифати идоракунӣ шаҳодат медиҳад.

ACTED узви шабакаи Овоз мебошад, ки аз 85 созмони ғайриҳукуматии аврупоӣ иборат аст ва онҳо дар соҳаи кумаки башардустона дар саросари ҷаҳон , ҳамчунин дар самти Ҳамоҳангсозии шабакаи фаронсавии созмонҳо дар соҳаи расонидани кумак фаъолият мекунанд.

ACTED ҳамчунин яке аз созмонҳои пешбаре аст дар ташаббуси таъсиси *Форуми Ҷаҳонии Ковергенсия*. *Форуми Ҷаҳонии Ковергенсия*, ки соли 2008 оғоз гардида буд, дар Европа аввалин заминае буд, барои бунёди ковергенсияи нав байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ва ба ҳамдилии амалгарон барои пешбурди Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола асос ёфтааст, то ки сатҳи фақру бенавоӣ ва норасоӣ дар кишварҳои мутараққӣ ва ру ба инкишоф паст карда шавад.

**Барномаҳои қаблӣ ва ҷорӣ**

Барномаҳои глобалии ACTED ба се равияи стратегӣ такя мекунад: 1) Ба Ҳолатҳои Фавқулода аксуламал нишон додан ва баланд бардоштани устуворӣ ба офатҳои табиӣ, 2) Аз навсозии самаронокии сохторҳои идоракунӣ,3) Мусоидат ба рушти иклюзивӣ ва устуворӣ.

20 сол аст, ки дар Тоҷикистон мунтазам фаъолият мекунад ва дар соҳаи рушд дар самтҳои гуногун лоиҳаҳо ба анҷом расонидааст, аз он ҷумла дар самти худидоракунии маҳаллӣ, рушди кишоварзӣ ва идоракунии захираҳои табиӣ. Дар айни ҳол мудохилаи ACTED Тоҷикистон оид ба афзудани занчираи арзиши устуовр, баланд бардоштани идоракунии захираҳои табиӣ ва об, устувории рушди манотиқи деҳот тавассути мусоидат ба устувории соҳаи кишоварзӣ, идоракунии муштараки ҷомеаҳо, пешбарии технологияҳои каммасраф ва дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна ва ташкилотҳои миёнарави соҳибкорӣ равона карда шудааст.

Бо мақсади мудохилаи ҳар як барнома, ACTED дар 6 соли охир усули харитасозии REACH барои лоиҳаҳо ва тадқиқотҳои худ фаъолона истифода мебарад. REACH дар соли 2010 таъсис дода шуда буд, бо ташаббуси якҷояи ду ташкилоти ғайридавлатӣ (ташаббусҳои IMPACT ва ACTED) ва Институти Созмони Милали Муттаҳид барои барномаҳои омузишӣ ва тадқиқотӣ (UNITAR). Барномаи татбиқи фаъолияти системаи радифии (UNOSAT) ин олати навинест, ки дар худ фоидамандии технологияҳои муосири иттилоотиро ба монанди ВЕБ ва ГИС дар асоси хаританигорӣ бо усули босуръат ва хуб рушдёфтаи баҳогузорӣ ба ҳам пайвастааст.

Ҳадафи REACH мусоидат ва кумак ба рушди маҳсулоти иттилоотие мебошад, ки суръати қабули қарор ва банақшагирии захираҳои созмонҳои башардустонаро дар ҳолатҳои фавқулодда, барқарорсозӣ ва рушди ҳолатҳоро афзуда, фаъолиятро дар доираи равандиислоҳоти гуманитарӣ дастгирӣ менамояд.

**Самтҳои ояндаи Барномаҳо**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Барномаҳои ояндаи ACTED ба се муқаррароти асосии дар боло зикр шуда такя мекунанд: 1) Ба Ҳолатҳои фавқулода аксуламал нишон додан ва Устувор кардани имконоти мубориза бо офатҳо; 2) Мустаҳкам кардани ҷомеаи шаҳрвандӣ, идоракунии самарабахш ва муттаҳидии иҷтимоӣ; 3) Мусоидат ба рушди инклюзивӣ ва муназзам.

Гуруҳи якуми муқарраротu ACTED ин устуворӣ дар заминаи муносибати он ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ мебошад. ACTED эътироф мекунад, ки изтиробу фишорҳо яке аз омилҳои сершуморест, ки ба осебпазирӣ ва боло рафтани муқовимати аҳолии зарардида дар заминаи ҳамаҷониба мусоидат мекунад. Дар Тоҷикистон, кушишҳои барномаҳои оянда бо мақсади беҳтар намудани сифати об ва идоракунии захираҳои табиӣ, ки дар ҳар як сатҳ, ҳамчун механизми паст кардани басомад ва зарари офатҳои табиӣ дар минтақаҳои осебдидаи кишвар.

Дар чорчубаи принсипи дуюм мутобики Хадафхои Рушди Устувор, ACTED ба он нукта эътибори бештар медиҳад, ки ҷаҳон ва муътадилӣ, ҳамчунин, ошкоро будан, самарабахшӣ ва ҳисоботдиҳандагии ҳукумат ва мақомоти давлатӣ унсурҳои асосии мубориза бо камбизоатӣ, баланд бурдани сатҳи зиндагӣ ва афзудани натиҷаҳои рушд мебошанд. Дар доираи мусоидат ба истиқрори сулҳ ва муттаҳидии иҷтимоӣ дар доираи муқаррароти баъдина, нуқтаи воридшавии ACTED афзудани ҳамкории байнигуруҳӣ ва муколама дар заминаи эътибори бештар ба муносибати инсон ба инсон ва бунёди муҳити таҳаммулпазирӣ ва боварӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ядрои ҳар кадоме аз мудохилаи АКТЕД Тоҷикистон, ба беҳтар намудани худидоракунии маҳаллӣ ва ташкил ва мустаҳкам намудани платформа барои беҳтар намудани ҳамкорӣ байни ҷамоатҳо ва мақомоти дар ҳар як сатҳи ба даст гуногунандеш ва ваколатдор, ҷомеаи гражданӣ, институтҳои ҷамъиятии самаранок ва мутаассир, ва устувории ягонагии иҷтимоӣ нигаронида шудаанд.

Дар охир, принсипи сеюми мудохилаи ACTED, он аст, ки ба пешрафти инклюзивӣ ва устувори афзоиши, АКТЕД дар Тоҷикистон фаъолияти худро ба мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафти деҳот тавассути баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, рушди устувори занҷираи арзиши иловашудаи кишоварзӣ ва устувор гардонидани соҳаҳои гуногуни ҷомеа, ба монанди туризм равона хоҳад дод. Мудохила дар доираи ин гуруҳҳои аввал беҳтар намудани амнияти озуқаворӣ дар сатҳи хонавода, ба барқарорсозии воситаҳои зиндагӣ, ба таълими фаъолияти худтаъминкунӣ ва фаъолияти даромади-тавлид тавассути муносибати хонавода равона шудаанд, ки бо дастгирии он, ACTED оид ба пешбурди равиши ЭКО-системаи ба соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти бехатар, баландсифат, маҳсулоти кишоварзӣ, ҳамин тавр дар ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии деҳқонон ва ҷамоатҳои маҳаллӣ мебошад. Ғайр аз ин, баъди қаноатбахш гардидани талаботҳои асосӣ дар ҷамеаҳои мақсаднок, АКТЕД доир ба рушди бахши хусусӣ, махсусан корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ), ва самаранокӣ дар иқтисодиёти ғайрирасмӣ диққати худро ҷалб мекунад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Агроаксияи Олмон

Тамос: Хонум Роми Ленс
Директори минтақавӣ дар Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 2241362 Факс: (+992 37) 2241367
Почтаи электронӣ: romy.lehns@welthungerhilfe.de
Сомона: www.welthungerhilfe.de
С уроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Фирдавсӣ 16

**Профили ташкилот**

Deutsche Welthungerhilfe E.B. (Welthungerhilfe / WHH пештар Агроаксияи Олмон) яке аз калонтарин ташкилотҳои ғайридавлатии Олмон мебошад, ки соли 1962 дар зери ҳимояи ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ таъсис ёфтааст Welthungerhilfe фаъолияти худро дар Тоҷикистон аз соли 1994 оғоз кардааст.

Аз он лаҳза Ташкилоти Агроаксияи Олмон аз ташкилоти кумакрасони таъҷилӣ ба созмони рушди устувор табдил ёфтааст. Мудохилаи мо ба консепсияи Кумаки муттаҳид дар барқарорсозӣ ва рушд (КМБР) рост омада, бо ҷомеаи маҳаллӣ ва ташкилотҳои шарик ҳамкории зич ба роҳ мондан мебошад. Welthungerhilfe аъзои альянси Аврупой ташкилотҳои байналмиллалӣ аст, ки дар мустаҳкам кардани ҳамкорӣ кор мекунанд. Аъзоёни Альянс 2015 дар Тоҷикистон аз соли 2013 ташкилотҳои CESVI, ACTED, Helvetas ва WELTHUNGERHILFE мебошанд.

Аз соли 1994 инҷониб Агроаксияи Олмон зиёда аз 90 лоиҳаро барои осон гардонидан ва тараққӣ додани гардиши мол ба маблағи беш аз 90 млн. евро бомуваффақият татбиқ намудааст. Уҳдадории молиявии Агро Аксияи Олмон аз саршавии барномаи он дар Тоҷикистон 10 миллион евро-ро ташкил кард. Дар асл маблағи умумии лоиҳахо тақрибан 4 млн евро-ро ташкил кард. Шарикони асосии ААО дар Тоҷикистон ин Иттиҳоди Аврупо (ИА, ҳамчунин Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо) ва вазорати рушди иқтисодӣ ва ҳамкории Олмон мебошанд. Донорҳои дигар ҳам ба ААО дар амалкунии лоиҳа ёрӣ мерасонанд.

Ҳамкорони ААО бар зидди гуруснагӣ дар тамоми ҷаҳон, бехаратии озуқаворӣ ва ғизогирӣ мубориза мебаранд. Инчунин ба қитъаҳои муайяни кишоварзӣ кумак мерасонанд, аз он ҷумла дастрасӣ ба оби тоза, аз нигоҳи экологӣ таъмин намудан бо энергияи тозаи табиӣ, беҳтаркунии тандурустӣ ва маориф. ААГ асосан дар ноҳияҳои деҳот амалӣ мекунад. Ҳадафи умумии фаъолияти мо аз он иборат аст, ки захираҳои моддии онҳо самаранок истифода шуда, воридоти онҳо устуворона зиёд гардад. Мақсади ААО рузе нодаркор хоҳад шавад ва аз ин ҷиҳат бо дигарон дар ин масъала ба ҳам дидан дорад, то ки ҳавасмандон дар рущди ҳамкорӣ тавонанд ба худ коилан ёрӣ расонанд ва рузе ояд, ки дар муҳтоҷи ҳамкорӣ набошанд.

**Барномаҳои пешина ва амалкунанда**

Агроаксияи Олмон дар бахшҳои зерин ба таври устуворона фаъолият менамояд: кумаки фавқулодда, хоҷагии қишлоқи устувор, сохторҳои ҷамоаи шаҳрвандӣ, идоракунии захираҳои табиӣ ва истифодаи самараноки барқ дар хоҷагиҳо, инфрасохтори деҳот, омодагӣ ба камбизоатӣ, рушди минтақавии деҳот ва пешбурди иқтисоди маҳаллӣ.

Дар давоми давраи ҳисобот аз соли 2015/2016 ҳамагӣ 11 лоиҳа фаъолияти худро дар ноҳияҳои зерин ба роҳ мондаанд: Вилояти Суғд – водии Зарафшон, ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакент, инчунин Вилояти Хатлон, ноҳияҳои Балҷувон ва Темурмалик ва водии Рашт. Фаъолияти бисьёрии лоиҳаҳо аз тарафи ТШМ ба роҳ монда шудаанд. Ҳангоми татбиқи лоиҳаҳо сокинони вилоятҳои дар боло зикршуда истеҳсолоти маводи хоҷагии қишлоқро зиёд гардониданд, самаранокии истифодаи қувваи барқро такмил дода, инчунин, имконияти афзоиши даромад аз ҳисоби истифобадарии беҳтарин роҳи гирифтани даромад ба мисли коркарди асал. Фаъолият ба баланд бардоштани таъсирнокии энергия ва истифодабарии сарчашмаҳои барқароргаштаи энергия равона карда шудааст, ва инчунин идоракунии комплексии захираҳои табиӣ тавассути сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда шудааст. Зиёда аз 20 деҳоти водии Зарафшон ва Рашт бо системаҳои садамавии алоқа дар чорчубаи лоиҳа дар соҳаи хатари офатҳои табиӣ таҷҳизонида шудаанд.

**Самти барномаҳои оянда**

Барномаи Агроаксияи Олмон ҷамъиятҳои деҳотро дар такмили шароити зиндагии онҳо тавассути истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва таъсиси имкониятҳои алтернативии даромад дастгирӣ менамояд.

Барномаи мазкур барои фаъол кунонидани аҳолии деҳот нисбати таъмин намудани натиҷаҳои дарозмуддат дар соҳаи идоракунии захираҳои табиӣ равона карда шудааст. Агроаксияи Олмон стратегия оид ба захираҳои устувори такмили шароити зиндагӣ ва пойдории шароити иқтисодиро тарҳрезӣ намудааст. Дар нақши марказии бояд ба мустаҳкам намудани қобилияти худидоракунии дода мешавад. Вазифаи ташкилотҳои ҳамшарики маҳаллӣ аз иҷрои ҷараёни рушд дар якҷояги бо гуруҳҳои зерҳадаф иборат аст ва Агроаксияи Олмон устувории фаъолиятро кафолат медиҳад. Агроаксияи Олмон фаъолияти устувори худро дар бахшҳои зерин ба роҳ мемонад: идораи захираҳо (инчунин рушд ва ҷорӣ намудани истифодаи самараноки қувваи барқ, усулҳои маишӣ дар сатҳи хоҷагиҳо), хоҷагии қишлоқ, пешгирии офатҳо, ва муқаррар намудани имкониятҳои нави даромади ғайрикишоварзӣ. Ҷанбаи аз ҳама муҳим ин устувор намудани иқтидори шарикии маҳаллӣ ва ҷалби занҳо ба ҷараёни рушд ба ҳисоб хоҳад рафт.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Амрико / Барномаи волоияти қонун

Тамос: Ҷ-би Девид Рубино,
Директори АБА РОЛИ дар Тоҷикистон ва Гурҷистон
Тел: (+992 37) 221 15 02 Факс 227-17-14
Почтаи электронӣ: david.rubino@abaroli.org
Сомона: www.abanet.org
Суроға: 734024, Тоҷикистон, ш.Душанбе, куч. Истаравшан, хонаи 8

**Самтҳои асосии фаъолият**

Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони Америко /Барномаи Волоияти Қонун (АҲА/БВҚ) ташкилоти ғайритиҷоратиест, ки идораи асосии он дар шаҳри Вашингтон ҷойгир шудааст. Барномаи Волоияти Қонун соли 1990 ҳамчун Ташаббуси Ҳуқуқии Аврупои Марказӣ ва Аврупою Осиё таъсис ёфта, соли 1991 аввалин идораи он дар шаҳри Софияи Болгария кушода шуд. АҲА/БВҚ филиалҳои худро дар Осиё соли 1998, дар Африқо, Америкаи Лотинӣ ва баҳри Кариб соли 2000 таъсис додаст. Соли 2003 АҲА/БВҚ барномаҳоро дар Шарқи наздик оғоз намуд. Барномаҳои ин минтака ба наздикӣ ба як ташкилот таҳти унвони АҲА/БВҚ муттаҳид карда шуданд. Барномаи волоияти қонун ислоҳоти ҳуқуқиро дар беш аз 40 мамлакати дунё дар соҳаҳои зидди коррупсия, ислоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ, баробарии гендерӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, рафъи низоъ, ислоҳоти таҳсилоти ҳуқуқшиносӣ, ислоҳоти судӣ ва ислоҳоти касби ҳуқуқӣ дастгирӣ менамояд. Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда

Дар муддати якчанд соли охир АҲА/БВҚ дар Тоҷикистон диққати худро ба ислоҳоти адолати судӣ, барномаи зидди хариду фуруши одамон, сайқал додани касб ва иқтидори касби ҳуқуқшиносӣ ва беҳтар кардани ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон равона кардааст. Мақсади барномаҳои ҷории АҲА/БВҚ ин тақвият бахшидани институти адвокатура,барпо намудани ягонагӣ дар ҷомеаи адвокатӣ ва беҳсозии сифати хизматрасонӣ нисбати парвандаҳои ҳуқуқӣ ба аҳолии камбизоат тавассути тағйироти ҳуқуқию институтсионӣ ва рушди захираҳо мебошад. Фаъолиятҳои дахлдор баҳри таъсис додани Маркази Дастгирии Адвокатура, ташкил кардани системаи ҳамаҷонибаи идоракунии парвандаҳо барои ҳимоятгарон, таҳрезӣ намудани стандартҳои ягонаи касбӣ барои ҷомеаи адвокатӣ ва давом додани барномаи омузиши ҳуқуқӣ барои ҳимоятгарон равона шуданд. Инчунин, айни замон АҲА/БВҚ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии лоиҳаи ислоҳоти таҳсилоти ҳуқуқӣ ҳамкорӣ дорад. Дар доираи ин лоиҳа, АҲА/БВҚ бо Донишгоҳи Давлатии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Славяании Русӣ-Тоҷикӣ ҷиҳати мусоидат намудан дар робита бо дигар ҳамтоёни хориҷӣ ва таҳкими муносибатҳо ва ҳамкориҳо байни донишгоҳҳои ҳуқуқии зикршудаи тоҷик кор бурда истодааст. Фаъолияти лоиҳа ҳамчунин доир ба такмил додани мазмуни курсҳо ва усулҳои таълим тавассути таҳия ва таҷдиди китобҳои дарсӣ, таҷдиди маводҳои таълимӣ ва мусоидат дар васеъ намудани китобхонаҳои ҳуқуқии электронӣ ва анъанавӣ равона шудаст. Ғайр аз ин, АҲА/БВҚ барои таҳия ва ворид намудани барномаи таълимӣ оид ба такмили маҳоратҳо ва дигар фаъолиятҳои берун аз синфии донишҷӯёни хатмкунанда кумак мерасонад.

**Самти барномаҳои оянда**

АҲА/БВҚ нақша дорад, ки мусоидати техникӣ ва дастгирии амалисозии ислоҳоти соҳаи волоияти қонунро давом диҳад. Ташаббусҳои минбаъда ба беҳсозии сифати хизматрасонии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби ҳимоятгарон пешниҳод мегардад, пешниҳод намудани омузиш ба ҳимоятгарон ва ҳуқуқшиносон, беҳсозии дарки тағйироти нав дар Кодекси мурофиавию ҷиноятӣ дар байни ҳуқуқшиносон ва ҷомеа муттаҳид гардонда шудаанд. АҲА/БВҚ инчунин нақша дорад, ки ба Иттифоқи Адвокатҳо дар таъсиси як созмони пурсамар ва фаъолиятнок тавре, ки дар қонуни нави адвокатура пешбинӣ шудааст, мусоидат намояд. АҲА/БВҚ инчунин имкониятҳои барномавии ислоҳоти таҳсилоти ҳуқуқшиносиро барои минбаъд истифода бурдан ҳангоми дастгиркунии пешакӣ ва вусъат додани экспертизаи тиббиро дар парвандаҳои судӣ дида мебарояд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Ассотсиатсияи кумак ва дастгирӣ, Япония

Тамос: Ҷ-би Юки Сакураи
Директори минтақавӣ
Тел: (+992 37) 227 03 04
Почтаи электронӣ: aartajik@tajnet.com
Сомона: http://www.aarjapan.gr.jp/english
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Пушкин 16

**Самтҳои асосии фаъолият**

Ассотсиатсияи кумак ва дастгирии Япония (АКД Япония) – ташкилоти ғайридавлатӣ буда, ҳадафи он аз таъмини кумаки фавқулодда, кумак ба шахсони қобилияти маҳдуддошта, омузиши масъалаҳои хавфи ба кор даровардани мина ва ғайра иборат мебошад.

Ассотсиатсияи кумак ва дастгирии Япония соли 1979 ҳамчун ташкилоти ба масъалаҳои сиёсӣ, ғоявӣ ва динӣ мансубиятнадошта таъсис ёфтааст. АКД Япония ҳоло дар 8 кишварҳои ҷаҳон филиалҳои худро таъсис додааст.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

1) Лоиҳаи АКД Япония оид ба сохтмони беморхона ва таъмини ройгони таҷҳизоти техникии тиббӣ барои сокинони ноҳияи Нуробод дар солҳои 2006 – 2007. (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

2) Лоиҳаи АКД Япония оид ба замбуруғпарварӣ барои маъюбони ноҳияҳои Рашт ва Тавилдара дар солҳои 2006 – 2007 (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

3) Лоиҳаи АКД Япония оид ба таъмини ройгони таҷҳизоти техникии гуногуни тиббӣ ба Беморхонаи Ноҳиявии Маркизии ноҳияи Рашт дар солҳои 2007 – 2010. (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

4) Лоиҳаи АКД Япония – АИОН оид ба: а) пешниҳоди курсҳои дузандагӣ баҳри маъюбон, б) таъмини ройгони таҷҳизоти дузандагӣ, фойтунҳо барои маъюбон, ҳайвоноти чаҳорпой, асбобҳои масҳ барои маъюбон аз ноҳияҳои шаҳри Душанбе, Рудакӣ, Тоҷикобод, Турсунзода, Ҳисор, Шаҳринав, Данғара, Хуросон, Шуробод дар соли 2010. (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

5) Лоиҳаи АКД Япония оид ба таъминоти ройгони таҷҳизоти гуногуни техникии тиббӣ, сохтмони боми хонаҳо, таъмири зали варзишӣ ва гузаронидани омузишҳо / тренингҳо дар Институти миллии тадқиқотӣ дар соли 2010. (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

6) Лоиҳаи АКД Япония – АИОН- ХАКУХОКАИ-ФЕЛИСИМО оид ба: а) пешниҳоди курсҳои дузандагӣ барои маъюбон, ва б) таъминоти ройгони таҷҳизоти дузандагӣ ба муассисаҳое, ки бо маъюбон дар соли 2011 сару кор доранд. (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

7) Лоиҳаи АКД Япония оид ба пешниҳоди кумаки бебозгашт тавассути такомули махзани «Иттиҳоди миллии маъюбони Тоҷикистон» ва «Ҷамъияти маъюбони шаҳри Душанбе» (Сохтмони Маркази бисёрҳадаф бо элементҳои фазои бесангар баҳри маъюбон, инчунин гузаронидани семинарҳо ва курсҳои омодагии ихтисос) дар соли 2011. (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

8) Лоиҳаи АКД Япония оида ба таъмини бо мошинаҳои дузандагӣ барои Мактаб Интернати Ҷумҳуриявӣ барои кудакони маъюб дар ноҳияи Ҳисор дар соли 2011 (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

9) Лоиҳаи АКД Япония – ФЕЛИСИМО – Фонди Байналмиллалӣ оид ба Ҳамкории Япония - Курсҳои дузандагӣ барои шахсони маъюб (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

10) Лоиҳаи АКД Япония – ЧИСФ - Курсҳои пухтупаз дар соли 2012 (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта;

11) Лоиҳаи АКД Япония оид ба таъмири бом ва гармхона дар мактаб интернати ҷумҳуриявӣ барои кудакони маъюб дар ноҳияи Ҳисор дар соли 2012 (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

12) Лоиҳаи АКД Япония оид ба таъмир ва барқарорсозии корхонаи истеҳсоли аробачаҳои маъюбӣ дар ноҳияи Вахш, ва таъмини аробачаҳои маъюбӣ дар соли 2012 (Вазъи иҷроиш: анҷомёфта);

13) Барқарорсозии маркази ҷумҳуриявии барқароркунии кудакона дар шаҳри Ваҳдат (соли 2012-2013);

14) Барқарорсозии корхонаи истеҳсолӣ аробачаҳои маъюбӣ дар ноҳияи Вахш, ва таъмини аробачаҳои маъюбӣ (соли 2012-2013);

15) Рушди таҳсилоти фарогир дар шаҳри Душанбе дар солҳои 2014, 2015 ва 2016.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Барномаи Озуқавории Ҷаҳонӣ

Тамос: Ҷ-би Паоло Маттей
Намояндаи БОҶ
Тел: +992 44 6252001 Факс: (+992 37) 251 00 87
Почтаи электронӣ: Wfp.dushanbe@wfp.org
Сомона: www.wfp.org
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Л. Толстой 7

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Барномаи озуқавории ҷаҳонӣ (БОҶ) оҷонсии Созмони Миллали Муттаҳид буда, пешсафи мубориза ба зидди гуруснагӣ дар олам мебошад. Ҳамасола, БОҶ ба ҳисоби миёна ба 70 миллион нафар аҳолии 70 кишвари олам кумаки озуқаворӣ мерасонад.

БОҶ СММ фаъолияти худро дар Тоҷикистон соли 1993 бо расонидани кумак барои рафъи оқибатҳои ҷанги шахрвандӣ оғоз намудаст.

Фаъолияти БОҶ дар Тоҷикистон ба дастгирии ташшабусҳои Ҳукумати кишвар дар самти таъмини дастрасӣ ба озуқаворӣ ва беҳдошти ҳолати ғизой таввасути: сохтан ва таҳияи системаи шабакаи иҷтимоӣ бо тамаркуз ба амнияти озуқаворӣ ва ғизой, бо ҳадафгирии хонаводаҳои ниёзманд ва осебпазир аз назари амнияти озуқаворӣ; ва болобарии эътинои ҷомеъаҳои ниёзманд дар истодагарӣ ба хатароти офатҳои табии ва шокҳои иқтисодӣ, равона шудаанд.

БОҶ чунин фаъолиятҳоеро аз қабили таъмини хурока барои мактаббачагон, хурока ба ивази барқарор кардани дороиҳо, дастгирии маризони сил ва аъзои оилаи онҳо, расонидани маводҳои озуқаи серғизо барои кудакони то панҷсола ва таъмини маводи озуқаворӣ ба зарардидагони офатҳои таббии ва хонаводаҳое, ки аз таъсири болоравии нархҳо ва буҳронҳои иҷтисодӣ зарар дидаанд, амалӣ менамояд.

БОҶ бо туфайли саҳмгузориҳои ихтиёрии мамлакат ва ташкилотҳои донор ва дигар донорҳои инфиродӣ фаъолият мекунад.

**Барномаҳои қаблӣ ва ҷорӣ**

Аз соли 1999 то 2001, БОҶ Барномаи аввалини худ оид ба Кумаки дарозмуддат ва барқарорсозиро амалӣ намуда (PRRO 6087: «Кумаки озуқаворӣ ба гуруҳҳои осебпазир ва фаъолият оид ба барқарорсозӣ») ба беш аз ним миллион одамон тавассути барномаҳои худ: «Озуқа барои гуруҳҳои осебпазир» ва «Хурока барои барқарорсозии иншоот» кумаки озуқаворӣ расонидааст.

Бо расидагӣ ба муроҷиати Президенти кишвар ба ҷомеаи байналмилалӣ ҷиҳати кумак расондан ба аҳолии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи хушксолӣ зарар дидаанд, БОҶ соли 2000 Барномаи навро оид ба расонидани кумаки фаврӣ (EMOP 6288: «Кумаки фаврӣ ба зарардидагони хушксолӣ»)-ро таъсис дод. Мувофиқи ин барнома бо мақсади барқарор карани иншооти хоҷагии қишлоқ мебоист ба 1,2 миллион нафар аҳолии деҳот ба воситаи лоиҳаҳои «хурока барои гуруҳҳои осебпазир» ва «Хурока барои барқарорсозии иншоот» кумаки озуқаворӣ расонида шавад.

Шуруъ аз соли 2010, БОҶ диққати асосиро на ба барномаҳои барқарорсозӣ ва таҷдид балки ба Барномаҳои Рушд бо тамаркуз ба баланд бардории иқтидори шарикон равона намуд. Ду барномаи Рушд - «Таъмину дастрасӣ ба кудакон барои таҳсилот» ва «Дастгирии беморони сил ва аъзои оилаи онҳо" дар давраи 2010-2015 амалӣ гардиданд. Ин тағийрот аз афзалиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳалли устувор ва дарозмуддати масоили марбут ба амнияти озуқаворӣ ва ғизой равона гардиддаст, маншаъ мегирад.

Дар давраи солҳои 1993 то 2015 БОҶ ҳудуди 784.286 тонна маводи ғизоиро ба зиёда аз 1 миллион нафар одамон тақсим кардаас ва арзиши ин саҳмгузориҳо ба 297.065 милион доллари ИМА баробар аст.

Танҳо соли 2015, БОҶ 10.397 тонна маводи озуқавориро бо арзиши 11.461 миллион доллар дар тамоми мамлакат масраф намуд. БОҶ таввасути идораҳои худ дар вилояти Суғд, Хатлон, ВМКБ, ноҳияи Рашт ва шаҳри Душанбе фаъолият менамояд.

**Самти барномаҳои оянда**

Барномаи панҷсолаи кишварии БОҶ (2008-13) аз ҷониби Кумитаи Иҷроияи БОҶ моҳи августи соли 2016 тасдиқ гардидааст. Барнома бо буҷети 80,6 миллион доллари ИМА, моҳи апрели соли 2016 дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати ҶТ шуруъ гардида таввассути он 948.900 одамон дастгирӣ меёбанд. Ин барнома ду компоненти асоси иборат аст: системаи шабакаи иҷтимоӣ ва болобарии эътинои ҷомеъаҳо. БОҶ баҳри сохтан ва таҳияи системаи шабакаи иҷтимоӣ бо тамаркуз ба амнияти озуқаворӣ ва ғизоӣ, бо ҳадафгирии хонаводаҳои ниёзманд ва осебпазир аз назари амнияти озуқаворӣ таввасути барномаҳои ғизои мактабӣ, дастгирии маризон сил ва таъмини хурокаи серғизо амал менамояд. Бо мақсади болобарии эътинои ҷомеъаҳои ниёзманд дар истодагарӣ ба хатароти офатҳои табии ва шокҳои иқтисодӣ БОҶ фаъолиятҳои Хурока барои барқарорсозии дороиҳо, Паст кардани хавфи офатҳои таббии ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро амалӣ намуда таввасути онҳо ба масъалаҳои заминавӣ, ки боиси ноамнии озуқавории ҷомеъаҳо мешаванд, диққати хоса медиҳад.

БОҶ СММ дар якҷоягӣ бо шарикон - идораҳои давлатӣ ва ташкилотхои байналмилалӣ «Низоми Мониторинги Амнияти Озуқаворӣ» (НМАО) ва “Усули Фарогири гуруҳбандии Амнияти озуқаворӣ”-ро бо мақсади


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

муайян намудани ҳолати дастрасӣ ва таъминоти озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар ҷорӣ намуда, амалӣ менамояд. Таввасути НМАО ноҳияҳои афзалиятдор барои аз ҷониби БОҶ пешниҳод намудани кумак муайян карда мешаванд.

Вазорату идораҳои соҳавӣ ширикони асосӣ дар татбиқи Барномаи Кишварии барои солҳои 2016-2020 мебошанд. БОҶ бо Ҳукумат ва Широкон усули системавии баланд бардории зарфиятҳоро истифода бурда, мақсад дорад ба тақвияти иртибот, фарогирӣ ва ҳамкорӣ дар самти рушди устуворӣ иқтисодӣ ва кишоварзӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва паст кардани хавфи офатҳои таббии ҳамчун факторҳои асосӣ барои ноил гаштан ба ҳадафҳои амнияти озуқаворӣ ва ғизоии усутвор ноил гардад.

*Бисёрҷониба*

# Барномаи муштараки СММ оид ба ВНМБ/АНМБ

Тамос: Д-р Улугбек Аминов
Роҳбари БМСММ оид ба ВНМБ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992 44) 600 58 31
Почтаи электронӣ: aminovu@unaids.org
Сомона: www.unaids.org
Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Бохтар 37/1, ошёнаи 5, хуҷраи 506

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Барномаи муштараки Созмони Милали Муттаҳид оид ба ВНМБ/АНМБ (ЮНЭЙДС - UNAIDS) дар сохтори Созмони Милали Муттаҳид барномаи нави махсусеро намояндаги менамояд, ки тамоми кушишҳо ва захираҳои 11 барномаи СММ дар роҳи мубориза бо эпидемияи ВНМБ/АНМБ, дар самти пешгирӣ, табобат, парасторӣ ва паст бурдани зарари ин эпидемия, амалӣ менамояд.

Барномаи Муштараки СММ оид ба ВНМБ/АНМБ (СММ АНМБ) дар асоси қарори Шурои Иқтисодӣ ва Иҷтимоии СММ соли 1994 таъсис дода шуда буд ва он соли 1996 ба кор шуруъ намуд. UNAIDS ВНМБ/АНМБ амалу захираҳои 11 ташкилоти СММ - спонсорҳо - шарикон: Фонди кудакони СММ (UNICEF), Барномаи рушди СММ (UNDP), Фонди нуфуси СММ (UNFPA), ЮНЕСКО (UNESCO), СУТ (WHO), Бонки умумиҷаҳонӣ (WӢ), Раёсати СММ оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноятӣ (UNODC), Ташкилоти байналхалқии меҳнат (ILO), Барномаи умумиҷаҳонии озуқа (WFP) ва Раёсати комиссариати Олии СММ оид ба гурезагон (UNHCR)-ро муттаҳид месозад ва СММ ЗАНОН (UN WOMEN). UNAIDS дар доираи кишвар ба воситаи гурӯҳи соҳавии СММ оид ба ВНМБ/АНМБ кор мекунад. Гурӯҳи Соҳавии СММ оид ба ВНМБ/АНМБ барои дастгирӣ кардан ва густариш додани муқовимати бисёрҷониба ба эпидемияи ВНМБ/АНМБ дар доираи системаи Намояндагии Доимии СММ таъсис шуда, минбаъд механизми асосии ҳамоҳангсозӣ ва амалиёти якҷояи СММ дар доираи кишвар гардид.

**Нигоҳи UNAIDS:** Пурра пешгирӣ кардани ВИЧ-бемориҳои нав. Пурра барҳам додани табъиз. Набудани ягон ҳолати марг дар натиҷаи ВНМБ.

UNAIDS, Барномаи муттаҳидаи СММ оид ба ВИЧ/ВНМБ - ин ҳамкории инноватсиониест (навбунёдест), ки ҷаҳонро ба ноил гардидан ба дастрасии умумии пешгирӣ, табобат, муолиҷа ва дастгирии вобаста ба ВИЧ роҳбаладӣ ва раҳнамоӣ мекунад.

**ЮНЭЙДС вазифаи худро дар чаҳон бо чунин роҳҳо амалӣ мегардонад:**

- **Муттаҳид намудани кушишҳо** ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти маблағгузорони СММ, ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, одамоне, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд ва онҳое, ки аз ин вирус осеб мебинанд;
- **Дастгирии** шахсони бештар осебпазир, эҳтироми қадру манзалат, ҳуқуқи инсон ва баробарии гендерӣ;
- **Сафарбаркунии захираҳо** (сиёсӣ, техникӣ, илмӣ ва молиявӣ) ва назорати натиҷаҳои бадастамомада аз ҷониби худи барнома, шарикон ва ҳамчунин тақвияти корҳо дар самти мубориза бомуваффақона бар зидди ин эпидемия;
- **Пешниҳод намудани иттилооти стратегӣ** барои қабули карорҳои сиёсӣ, банақшагирии стратегӣ, ки ба самти ҷорӣ намудани барномаҳо барои мубориза бар зидди ин эпидемия равона гардидаанд;
- **Дастгирии ҳамаҷонибаи роҳбарии кишвар** дар таъмини ҳамаҷониба ва чораҳои устувор, ки дар барномаҳои миллӣ дар соҳаи тандурустӣ, рушд ва қисми ҷудонашавандаи ин барномаҳо мебошанд.

UNAIDS дар Тоҷикистон тақвияти чораҳои миллииро бар зидди эпидемияи ВИЧ/ВНМБ тавассути адвокатсия, пурзур гардонидани имконоти миллӣ, бунёди муҳити мувофиқ ва таъмини дастрасии ҳамагонии гуруҳҳои мақсаднок ба пешгирӣ, табобат ва нигоҳубин дастгирӣ менамояд.

Лоиҳаи муштараки СММ оид ба дастгирии соҳаи ВНМБ/АНМБ (UN JAP), ки онро чандин агентиҳои СММ (Барномаҳои СММ, СММ ВНМБ/АНМБ, Фонди нуфуси СММ, Хазинаи кудакони СММ) дастгирӣ менамоянд, дар Тоҷикистон аз соли 2005 амал мекунад. Сатҳои асосии лоиҳа инҳоянд: дастгирии бештар дастрас кардани хизмати пешгирии беморӣ, табобат ва нигоҳубин; татбиқ намудани «принсипҳои сегона», ки мақсад аз онҳо бештар ҳамоҳанг сохтан аст, банақшагирии стратегӣ ва системаи миллии мониторинг ва арзёбӣ; ва ҳамчунин баланд бардоштани дараҷаи хабардории аҳолӣ, аз ҷумла гуруҳҳои серхавф оид ба масъалаҳои пешгирии ВНМБ/АНМБ ва дастгирии гуруҳҳои ташаббускори одамони мубталои ВНМБ. Фаъолияти лоиҳаро гуруҳи соҳавии СММ ба ВНМБ/АНМБ дар Тоҷикистон ҳамоҳанг месозад. Фаъолияти лоиҳаи мазкур ба ҳамкории зичи сохторҳои давлатии секторҳои гуногун, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва воситаҳои ахбори омма асос меёбад. Лоиҳаи мазкур ёрӣ мерасонад, ки ба Муқовимати миллӣ ба эпидемия ва ба татбиқи тарзу усулҳои наве, ки ба огоҳонии ҳамаҷонибаи аҳолӣ ба мисли муколамаи кушодаи телевизионӣ ва «ток - шоу», истифодаи тарзҳои гуногуни реламаи иҷтимоӣ барои тарғиби чораҳои пешгирӣ ва технологияҳои нав равона гардидааст, ҳамкорони нав ба нав ҷалб карда шаванд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Намудҳои асосии фаъолият дастгирии техникии Ҳукумат дар густариши посухи миллӣ ба мушкилии АНМБ/ВНМБ мебошанд бо роҳи банақшагирии стратегӣ: таҳияи барномаи миллии мубориза бар зидди эпидемияи АНМБ/ВНМБ барои солҳои 2011-2015, нақшаи стратегии миллӣ ва нақшаи мониторинг ва баҳодиҳии он, ҳамоҳангсозӣ байни созмонҳои байналхалқӣ дар самти дастгирии посухи миллӣ (нақшаи муттаҳидаи кории ҳамкорони манфиатдор), равона кардани захираҳо (дастгирии техникӣ дар мавриди омода сохтани пешниҳоди лоиҳавӣ барои гирифтани грант аз Фонди Глобалӣ расонида шудааст), ҳимояи манфиатҳои гуруҳҳои махсусан осебпазир, дастгирии СҒҲ, ки дар самти АНМБ/ВНМБ фаъолият мекунанд бо ҷалби шахсоне, ки ба АНМБ мубтало ҳастанд, ва ҷалби гуруҳҳои ҳадафманд ба иҷрои барномаи мубориза бар зидди эпидемияи АНМБ/ВНМБ, дастгирии техникӣ ва молявӣ дар мавриди афзоиши захираҳои миллӣ барои иҷрои барномаи миллии мубориза бо АНМБ/ВНМБ, ошкору назорат кардани паҳншавии беморӣ ва андешидани чораҳо зидди он, дастгирии мониторинг ва баҳодиҳӣ, ки дар кишвар дар мавриди АНМБ/ВНМБ гузаронида мешаванд ва дастрас намудани маълумот, ки ба иттилооти стратегӣ асос ёфтааст. Ташкилоти ЮНЭЙДС баҳри расидан ба ҳадафҳои 90-90-90, яъне то соли 2020 решакан намудани ВНМО/БПНМ ҷидду ҷаҳд менамояд. Ҳадафҳои мазкур инҳо мебошанд: 90% гирифторони ВНМО оид ба бемории худ маълумот доранд, 90% онҳое, ки оид ба бемории худ бемори доранд, таботат мегиранд ва 90% нафароне, ки табобат мегиранд, сарбории вирусашон ниҳоят паст карда шудааст.

**Самти барномаҳои оянда**

Дастгирии Ҳукумат барои пешбурди кори бисёрҷониба бар зидди паҳншавии ВНМБ/АНМБ ва ҳамоҳангсозии фаъолият: таҳияи барномаҳои соҳавӣ оид ба ВНМБ/АНМБ; тайёр кардани ҳисоботи миллӣ оид ба ҷорӣ кардани Эъломияи СММ оид ба тарадорӣ кардани мубориза бар зидди АНМБ; расонидани кумаки техникӣ барои ҷорӣ кардани грантҳои Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди ВНМБ/АНМБ, бемории сил ва табларза. Шуруъ кардани кор оид ба Барномаи ҳифзи манфиатҳои гуруҳҳои шахсони ниҳоят осебпазир (маҳбусон, гомосексуалистҳо, муҳоҷирон). Оғоз ёфтани кор доир ба ҷорӣ намудани Барномаҳои баландбардории савияи иттилоотдории аҳолӣ ва паҳн кардани иттилоот бо истифодабарии васоити ахбори умум. Ҷамъияти шаҳрвандӣ: дастгирии ташаккули шабакаи Ташкилотҳои ғайридавлатии шахсони гирифтори ВНМБ; амалӣ намудани дастгирии техникӣ ва милиявӣ дар барқарорсозии системаи назорат (мониторинг) арзёбии ВНМБ дар Тоҷикистон; зиёд намудани миқдори коршиносони миллии соҳаҳои гуногун. Таҳкими низоми миллии мониторинг ва баҳодиҳии барномаҳо оид ба мубориза бо ВНМО / БПНМ, бо мақсади ба даст овардани иттилооти стратегӣ ба таври мунтазам, ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ. Ҳамчунин, рушди барномаҳои омузишӣ барои омузиши мунтазами коршиносон оид ба ВНМО / БПНМ, аз ҷумла, дар бораи мониторинг ва баҳодиҳӣ, бо роҳи иштирок дар курсҳои омузишӣ миллӣ ва минтақавӣ ва семинарҳои байналмилалӣ.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар Тоҷикистон

Тамос: Ҷ-би Ян Харфст
Роҳбари кишварии БРСММ
Тел: (+992 44) 600 56 13 Факс: 600 55 96
Почтаи электронӣ: registry.tj@undp.org
Сомона: http://www.undp.tj
Суроға: 734024, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Айнӣ 39

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

БРСММ шабакаи рушди глобалии СММ маҳсуб ёфта, мамолики чаҳонро дар соҳаҳои илм, таҷриба ва захираҳо муттаҳид намуда, ба мардум дар бунёди ҳаёти беҳтар кушиш ба харҷ медиҳад. Дар сатҳи глобалӣ, БРСММ раёсати Гуруҳи рушди СММ (ГРСММ), ки дар он муассисаҳои калидии СММ дар соҳаи рушди байналмилалӣ шомил мебошанд, ба уҳда дорад. БРСММ инчунин дар самти тақвияти иқдомҳои муштарак дар соҳаи рушд тавассути Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ва инчунин Асамблеяи генералии СММ кумак мерасонад. Мо дар 177 кишвари дунё фаъолият намуда, якҷоя бо онҳо бо назардошти андешаҳояшон дар пайгирӣ аз чолишҳои рушди глобалӣ ва миллӣ кор мебарем. Дар таҳкими иқтидори маҳаллии худ, онҳо аз таҷрибаи кормандони БРСММ ва дигар шарикони он истифода менамоянд.

Барномаи рушди СММ аз соли 1994 инҷониб дар Тоҷикистон фаъолият менамояд. Имруз сулҳу осоиш дар Тоҷикистон пойдор буда, иқтисодиёт бовусъат инкишоф меёбад. Ҳадафи Барномаи рушди СММ дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамоҳангсозии ташаббусҳо оид ба рушд, идоракунии молияи давлатӣ, пешниҳоди хизматҳои асосии давлатӣ ва банақшагириву қабули қарорҳо мебошад. Ҳадафу барномаҳои Барномаи рушди СММ бо афзалиятҳои рушди дар Ковенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба расонидани кумак (ЮНДАФ), Стратегияи миллии рушд (СМР) ва Ҳадафҳои устувори рушд (ҲУР) ифодагардида мувофиқ гардонида шудаанд. Гарчанде Индекси Инкишофи Иқтидори Инсон (ИИИИ) дар Тоҷикистон пасттарин дар минтақа боқӣ монад ҳам, дар кишвар афзоиши устувори он ба назар мерасад (129-юм ҷой дар байни 188 мамлакат). Тайи чанд соли охир аз татбиқи барномаю лоиҳаҳои Барномаи рушди СММ дар соҳаи маблағгузории хурд, машваратдиҳӣ оид ба бизнес-хизматҳо, рушди муассисаҳои тиббӣ ва хизматрасонӣ оид ба рушди деҳот тақрибан ба 500000 – 600000 шаҳрвандони Тоҷикистон фоида оварда шуд.

Бо вуҷуди ин, ҷумҳурӣ ҳоло ҳам мушкилоти давраи гузаришу пас аз низоъро паси сар накардааст. Фаъолияти БРСММ дар ҷумҳурӣ аз маҷмуи васеи чорабиниҳо дар доираи чор бахш иборат аст:

- Дастрасӣ ба адлия ва хизматрасонии сифатнок;
- Рушди иқтисодии устувор;
- Адолати иҷтимоӣ ва муҳофизати гуруҳҳои осебпазир;
- Устуворӣ ва пойдории экологӣ.

Ҳар сол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи Рушди СММ фаъолиятро барои соли оянда аз руи ҳар як барнома ва лоиҳа дақиқ муайян карда, Нақшаи солонаи кориро ба имзо мерасонанд. Тавре, ки қайд гардид, аксари лоиҳаҳои БРСММ дар Тоҷикистон ҳам ба самтҳои фаъолияти глобалии БРСММ ва ҳам ба Барномаи бунёдии СММ оид ба кумак барои рушд тааллуқ доранд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

**Барномаҳо/лоиҳаҳои амалкунанда:**

**Дастраси ба адлия ва хизматрасонии сифатнок:**

- Мусодиат ба ҳамкории байнисарҳадӣ ба воситаи идораи самараноки марзи Тоҷикистон бо Афғонистон;
- Дастгирии Шурои ҳамоҳангсозии рушд;
- Мусоидат ба рушди касбии кормандони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири вокуниши беҳтар ба масъалаҳои пешомадаи Сиёсати хориҷӣ, Мархилаи 4;
- Лоиҳаи «Дастрасӣ ба адлия дар Тоҷикистон»;
- Вусъати волоияти қонун ва ҳуқуқҳои инсон барои васеъ гардонидани имкониятҳои аҳолии Тоҷикистон;
- Дастгирии ислоҳоти САҲШ;
- Дастгирии устувори ҳамоҳангсозии кумаки беруна ва ҳамкории самаранок барои рушд;
- Тақвияти шароитҳои муфид ва тавсеаи пешгирӣ, табобат ва нигоҳубин барои пешгирии эпидемияи ВНМБ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Тақвияти барномаи мубориза бар зидди бемории сил ва пешгирии он дар доираи Ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

**Рушди иктисодии устувор:**

- Ташаббуси камбизоатӣ ва муҳити зист, Марҳилаи II;
- «Аврупои бузург: Дастгирии тиҷорат дар Осиёи Марказӣ, Қафқози ҷанубӣ ва шарқи ИДМ». Марҳилаи III (2014-2017);
- Вусъати ҳуқуқу имкониятҳои ҷамоатҳои деҳот бо беҳтар намудани некуаҳволӣ ва ҳифзи иҷтимоии мардум
- Лоиҳаи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон (LITACA);
- Беҳтар намудани некуаҳволии 1 000 000 аҳолии деҳот дар 9 ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Интиқоли технология ва рушди бозор барои неругоҳҳои хурди барқи обӣ дар Тоҷикистон;
- Лоиҳаи таъмини об ва беҳдошт дар Тоҷикистон, Марҳилаи 2;
- Мусоидат ба идоракунии якҷояи захираҳои обӣ ва тақвияти муҳовараи байнисарҳадӣ дар Осиёи Марказӣ;
- Мусоидат ба низоми самараноки идорасозӣ ва ҷалби бахши хусусӣ барои таъмини оби нушокӣ ва низоми беҳдошт дар Тоҷикистон.

**Адолати иҷтимоӣ ва муҳофизати гурӯҳҳои осебпазир аз хушунат ва табъиз:**

- Лоиҳаи муштараки СММ оид ба Адвокатсияи ВНМО/БПНМ ва масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Устувори ва пойдории экологи:**

- Ҳамкории байнисарҳадӣ бо мақсади таъмин намудани сулҳ ва рушди устувор, ташаббуси муштараки БРСММ Қирғизистон ва БРСММ Тоҷикистон;
- Дастгирӣ дар иҷро намудани Барномаи амалиётҳо зидди минаҳо дар Тоҷикистон;
- Дастгирӣ дар амалӣ намудани сиёсат ва таҷрибаи ягона ва мувофиқ карда шуда оид ба паст кардани хатари офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон;
- Чорабиниҳо оид ба барқарор ва таъмири иншоотҳо баъд аз обхезии моҳи июли соли 2015;
- Давраи аввали ба тадриҷ аз истеҳсолот ва истифода баровардани ГХВК (гидрохлорфторкарбон) дар кишварҳо бо иқтисодиёти дар давраи гузариш қарор дошта (минтакаи Осиеи Маркази);
- Баланд бардоштани иқтидор оид ба ҷорӣ намудани системаи идора ва мониторинги маълумоти экологӣ дар Тоҷикистон;

Грант барои омода намудани лоиҳа "Нигоҳ доштан ва истифодаи устувори системаҳои экологии Помиру Олой ва Тяншан бо мақсади ҳифзи шумораи палангон ва таъмин намудани манбаҳои устувори даромад дар сатҳи ҷамоатҳо".

**<u>Барномаҳо/лоиҳаҳои қаблӣ</u>**

**Паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ноил гаштан ба ҲРҲ:**

- Тақвият бахшидани иқтидор дар самти идоракунии низоъҳо барои гузаронидани муколама дар ноҳияҳои Тоҷикистон, ки дар онҳо низоъ ҷой дорад;
- Пешниҳоди хизматрасониҳои зарурии касбӣ ба аҳолии камбизоати деҳот;
- Аврупои бузург: Дастгирии тиҷорат дар Осиёи Марказӣ, Қафқози ҷанубӣ ва шарқи ИДМ. Марҳилаи 1 ва 2;
- Ташаббуси камбизоатӣ ва муҳити зист, Марҳиллаи 1;
- Барномаи рушди иқтисодии деҳот (БРИД) дар вилояти Суғд;
- Тақвияти идоракунӣ ва мониторингу арзёбии СМР/СПКСК;
- Беҳтар намудани бехатарии санитарӣ, фитосанитарӣ ва байторӣ барои таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани рақобатнокӣ дар бозорҳои беруна;
- Дастгирии ҳамоҳангсозии самараноки миллии кумаки беруна ва мониторинги иҷроиши Стратегияи милли рушд (СМР) барои солҳои 2007-2013 ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 (СБНМТ), Марҳиллаи 2;
- Тақвияти идоракунӣ ва мониторингу арзёбии СМР/СПКСК.

**Коҳиши бори бемориҳои ВНМО/БПНМ, вараҷа ва сил:**

- Кумак ба иҷроиши барномаи БРСММ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои ВНМО, сил ва вараҷа;
- Тақвияти муҳити зисти муносиб ва тавсеаи пешгирӣ, табобат ва нигоҳубин барои пешгирии эпидемияи ВНМБ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Бартараф кардани бемории вараҷа дар Тоҷикистон барои солҳои 2009-2014;

- Тақвияти барномаи мубориза бар зидди бемории сил ва пешгирии он дар доираи Ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Лоиҳаи таблиғотии муштараки СММ оид ба ВНМО.

**Идоракунии самаранок:**

- Идоракунии сарҳад дар Осиёи Марказӣ, Марҳилаи 6, 7 ва 8);
- Кумак ба ҳамоҳангсозии самараноки миллии кумаки беруна ва пешбурди сармоягузорӣ;
- Татбиқи консептсияи рушди инсон дар Тоҷикистон, Мархилаи 1 ва 2;
- Ислохоти идоракунии чамияти/таҳкими институтсионалӣ;
- Мусоидат ба рушди касбии кормандони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мархилаи 1, 2 ва 3.

**Пешгирии буҳрон ва барқарорсозӣ:**

- Омодагии аҳолии минтақаҳои хатарноктарини Тоҷикистон ба офатҳои табиӣ;
- Ташкили чораҳои беҳтар барои коҳиши офатҳои табиӣ дар водии Зарафшон;
- Идораи хатарҳои офатҳои табиӣ, баланд бардоштани иқтидор оид ба нақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии (координатсияи) корҳо дар ҳолати офатҳои табиӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ; Таҳкими ҳамоҳангсозӣ, Барқарорсозии саривақтӣ ва мониторинг/Огоҳсозии бармаҳал дар Тоҷикистон;
- Кумак ба пурзуркунии иқтидори миллӣ дар вокуниш ба хатари офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон;
- Кумак баҳри таҳкими иқтидор дар ҷустуҷу ва наҷот дар маҳалҳои шаҳрнишин дар Душанбе;
- Таҳкими иқтидор дар барқарорсозии бармаҳал дар Тоҷикистон;
- Нақша-чорабинии шашуми DIPECHO: Пурзуркунии иқтидор дар коҳиши хатари офатҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ;
- Амалиётҳои ҷавобӣ ба сели моҳи майи соли 2010 дар Кулоб;
- Вокуниши изтирорӣ ба заминларзаи Рашт;
- Рушди иқтидор барои пешгирии оқибатҳои хатари офатҳои табиӣ бо сабаби тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон.

**Муҳити зист ва рушди устувор:**

- Намоиши усулҳои нав дар минтақаҳои ҳифзшаванда ва идоракунии биогуногунии кӯҳҳои Ҳисор;
- Намоиши амалиётҳои ҷавобӣ ба муборизаи зидди деградатсияи замин ва мукаммалгардонии идоракунии устувори захираҳои замин дар ҷанубу ғарби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Пешбурди муносибатҳои маҷмуӣ ба идоракунии хавфҳои иқлимӣ дар Тоҷикистон;
- Дастгирии гуногунии кишоварзӣ бинобар тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон;
- Кумаки техникӣ барои арзёбии иқтидори ирнститутсионалӣ ва баланд бардоштани маърифат оид ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон – барномаи озмоишӣ оид ба мутобиқгардонӣ ба тағйирёбии иқлим;
- Фаъолият оид ба омода сохтани Тоҷикистон ба Ҷаласаи сеюми миллӣ (ҶСМ) дар доираи Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим;
- Кумак ба Конфронси байналмилалии сатҳи боло оид ба арзёбии комплексии миёнамуҳлати раванди иҷроиши Даҳаи байналмилалӣ барои амал, "Об барои ҳаёт" 2005-2015;
- Кумак ба Конфронси байналмилалии илмию техникӣ "100 солагии кули Сарез" – чолишҳо, вокуниш ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ;
- Лоиҳа оиди гузаронидани маърака оид ба баланд бардоштани бохабарии аҳолӣ дар бораи татбиқ намудани принсипҳои ҳуқуқи инсон (ТПҲИ) оид ба ҳуқуққо ва уҳдадориҳо барои об;
- Омузиши экологӣ ва иштироки тарафҳои манфиатдор, ҳамчун усулҳои таъсири глобалии экологӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ;
- Лоиҳа оид ба обтаъминкунӣ ва санитария дар Тоҷикистон, давраи 1;
- Мусоидат намудан дар идораи ҳамгирошудаи захираҳои об (ИҲЗО) ва гузарондани мусоҳибаи байнисарҳадӣ дар Осиёи марказӣ;
- Истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва истифодаи устувори энергия барои рушди ноҳияҳои деҳоти Тоҷикистон;
- Лоиҳаи байни якчанд кишварҳо оиди баланд бардоштани иқтидор оид ба идораи устувори захираҳои замин.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

**Самти барномаҳои оянда**

Дар чорчубаи марҳилаи нави нақша-чорабинии барномаи кишварӣ (2016-2020), Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон кумаки худро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи афзалиятҳои асосии рушд, ки дар Стратегияи миллии рушд (2016-2030) ва Стратегияи миёнамуҳлати рушд (2016-2020) идома хоҳад дод. Дар соли 2016 Барномаи рушди СММ диққати хешро ба якчанд самтҳои афзалиятнок, аз қабили нуфуз ва натиҷаҳо; густариши ҳамкориҳои нав; сафарбаркунии захираҳо; диққати махсус ба самараноки, навсозӣ ва навоварӣ; тақвияти бештари тамомияти раванди корӣ дар асоси принсип ва арзишҳои асосии умумӣ, равона месозад.

Барномаи рушди СММ бо истифода аз муносибатҳои шарики устувори худ бо муассисаҳои давлатии ҳамаи зинаҳо пайваста ва босубот ислоҳот гузаронида, ҷиҳати афзун намудани иқтидор ва вусъати фаъолият барои ҳалли масъалаҳои афзалиятноки барномавӣ корҳоро ба сомон хоҳад расонд. Фаъолияти Барномаи рушди СММ ба дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти оид ба Ҳадафҳои устувори рушд, гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ва демократӣ, беҳтар намудани муҳити зист ва пешбурди иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷараёнҳои рушд дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ равона гардида, ба таъмини баробарии гендерӣ ва вусъати ҳуқуқу имкониятҳои занон ҳамчун омили дигаргуниҳо ва пешсафи ҷараёни рушд мусоидат хоҳад кард. Барномаи рушди СММ ба вусъат бахшидани соҳаву миқёси ҳамкории Ҷануб-Ҷануб ва ҳамкории сеҷониба ҷиҳати пешбурди дурнамои рушд, ба хусус дар чунин соҳаҳо, ба монанди идоракунии маҳаллӣ, дастрасӣ ба адлия ва ҳамгироии иҷтимоӣ кушиш ба харҷ медиҳад.

Мутобиқи нақшаи стратегии Барномаи рушди СММ (солҳои 2014-2017) барнома ба натиҷаҳои назарраси рушд дар соҳаҳои зерини афзалиятнок равона хоҳад шуд: (а) беҳтар намудани идоракунии давлатӣ, волоияти қонун ва дастрасӣ ба адлия, ки Барномаи рушди СММ дар ин замина сиёсату имкониятҳоро барои ҳукумати самаранок, шаффоф, ҳисоботдеҳ ва таъсирпазир ҷиҳати расонидани фоидаи бештар ба шаҳрвандон ва баланд бардоштани боварии онҳо ба муассисаҳои ҷамъиятӣ дастгирӣ хоҳад кард; (б) рушди устувору объективии иқтисодӣ дар заминаи дастгирии минбаъдаи рушди бахши хусусӣ аз ҷониби Барномаи рушди СММ тавассути фароҳам овардани муҳити мусоид барои пешбурди соҳибкорӣ, тиҷорат ва ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ; (в) адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ аз зуроварӣ ва поймолкунии ҳуқуқ бо дастгирии Ҳукумат аз ҷониби Барномаи рушди СММ дар ҳалли масъалаҳои хизматрасониҳои ичтимоӣ ба нафарони осебпазир (аз чумла маъюбон ва гирифторони ВНМО) ва суръат бахшидани ислоҳоти глобалӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ; ва (г) тағйирпазирӣ ва устувории экологӣ, ки дар ин замина Барномаи рушди СММ ба пешбурди муносибатҳои маҷмуии рушд, бо дарназардошти ҷанбаҳои гендерӣ, уствории ҷамоатҳо ба тағйирёбии иқлим ва хатарҳои бо иқлим алоқадошта мутобиқи Нақшаи стратегии Барномаи рушди СММ мусоидат хоҳад кард.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Ташкилоти бисёрҷониба*

# Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд

Тамос: Хонум Айтен Рустамова
Роҳбари намояндагии БАТР дар ҶТ
Тел: (+992 37) 221 35 43, 221 07 63 Факс: 251 01 78
Почтаи электронӣ: jonesr@ebrd.com
Сомона: www.ebrd.com
Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 34

## Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот

Бонки аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) соли 1991 ҳамчун чораи ҷавобӣ ба дигаргуниҳои назаррас дар фазои сиёсӣ ва иктисодии Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ созмон дода шуд. БАТР муассисаи байналмилалиест, ки қароргоҳи асосии он дар шаҳри Лондон, Британияи Кабир воқеъ мебошад.

БАТР муассисаи байналмилалии молиявӣ буда, аз Аврупои Марказӣ то Осиёи Марказӣ лоиҳаҳои гуногунро сармоягузорӣ мекунад. Муассисони БАТР 64 кишвар, инчунин Иттиҳоди Аврупо ва Бонки Сармоягузории Аврупо мебошанд. Бонк дар навбати аввал дар бахши хусусӣ, ки талаботҳои онро бозор ба пуррагӣ қонеъ гардонида наметавонад, сармоягузорӣ карда, дар раванди гузариш ба иқтисодиёти бозаргонии демократӣ мусоидат мекунад. Дар ҳама амалиёти худ, мо стандартҳои олии идоракунии корпоративӣ ва рушди устуворро риоя мекунем. Ҳадафи БАТР аз мусоидат ба рушди иқтисодиётҳои бозаргоние иборат аст, ки дорои хусусиятҳои зерин мебошанд: фаъолияти хуби иқтисоди бозаргонӣ, рақобатпазирии корхонаҳо, ҳавасмандкунии навовариҳо, даромадҳои оилавӣ, ки инъикоскунандаи баландшавии сатҳи шуғли аҳолӣ ва истеҳсолот мебошад, шароити экологӣ ва иҷтимоии инъикоскунандаи талаботи аҳолӣ.

БАТР ягона сармоягузори калонтарин дар минтақа мебошад ва ба ғайр аз ҷудо намудани маблағҳои худ, ҳаҷми калони сармоягузории мустақими хориҷиро ҷалб менамояд. Новобаста аз он ки саҳмдоронаш аз бахши давлатӣ мебошанд, БАТР асосан дар якҷоягӣ бо ҳамкорони тиҷоратии худ корхонаҳои хусусиро сармоягузорӣ мекунад. БАТР ба бонкҳо, корхонаҳо ва ширкатҳо, чи дар фаъолияти нав ва чи дар барномаҳои корхонаҳои мавҷуда маблағ ҷудо менамояд. Он инчунин ҷиҳати дастгирии раванди хусусигардонӣ, азнавташкилдиҳии корхонаҳои давлатӣ ва такмилдиҳии хизматрасониҳои коммуналӣ бо корхонаҳои давлатӣ ҳамкорӣ мекунад. БАТР аз муносибатҳои зичи худ бо кишварҳои минтақа ҷиҳати пешбурди сиёсате, ки ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мусоидат мекунад, истифода мебарад.

Стратегияи нави БАТР оид ба Тоҷикистон аз ҷониби Шурои директорони бонк 22-юми июли соли 2016 тасдиқ гардид. Фаъолияти БАТР дар ҷумҳурӣ ба соҳаҳои зерин равона карда мешавад:

**Мусоидат намудан ба рушди ботавозун ва устувори иқтисодӣ тариқи дастгирии тавсиаи сектори хусусӣ, рушди инфрасохтори бонкӣ ва муоидат намудан ба беҳтаргардонии муҳити соҳибкорӣ**; Баландравии сатҳи иқтисодиёт ба таври номутаносиб аз ҳисоби интиқоли маблағҳо таъмин карда мешавад, рушди сектори хусусии рақобатпазир бошад, бо сабаби заифии сектори молиявӣ мушкил гардидааст. Бонк рушди соҳибкории хусусиро тариқи якҷоякунии сармоягузории мақсаднок ва хизматрасониҳои машваратӣ ва омузиши тахассусӣ, инчунин мусоҳиба оид ба сиёсати беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ дастгирӣ менамояд. Ин расонидани кумаки муайян ба занҳои соҳибкор, ва рушди бисёртарафаи фаъолияти Бонкро дарбар мегирад. Бонк ҷиҳати минбаъд устувор гардонидани сектори бонкӣ ва тавсиаи дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва таҷрибаву донишҳо барои соҳибкории хурду миёна тариқи воситаҳои гуногун, аз ҷумла рушди МММ бо роҳи дастгирӣ намудани маблағгузориҳои хурд ва пешниҳод намудани маблағҳо бо асъори маҳаллӣ, инчунин машваратҳои соҳибкорӣ ҷаҳд мекунад.

**Мусоидат намудан ба беҳтаргардонии хизматрасониҳои коммуналӣ, инчунин самаранокии истеҳсолӣ ва иқтисодии онҳо аз ҳисоби тиҷоратӣ ва корпоративӣ гардонидани онҳо**. Тоҷикистон аз норасонии мавсимии неруи барқ азият мекашад, ки ин боиси талафоти калони иқтисодӣ мегардад, дар ҳоле ки дар бахши об ва хадамоти дигари коммуналӣ корхонаҳои бесамар ва аз ҷиҳати молиявӣ ноустувори коммуналӣ бартарӣ доранд, ки аз инфрасохтори фарсуда вобаста буда, ба тағйиротҳои иқлимӣ сахт осебпазир мебошанд. Бонк бо корхонаҳои давлатии коммуналӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҷмуъ дар бахшҳои муниципалӣ, энергетикӣ ва нақлиётӣ ҳамкорӣ менамояд, то ин ки ба сохтмон ва барқарорсозии инфрасохтор кумак расонад ва ба тиҷоратӣ гардонидани онҳо бо мақсади ноил шудан ба беҳтаргардонии нишондиҳадаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасониҳо мусоидат менамояд, инчунин омилҳои дахлдори алоқамандии умумиро баррасӣ менамояд.

**Мусоидат ба пайвастшавӣ ва ҳамроҳшавӣ ба иқтисодиёти минтақавии васеътар**. Тоҷикистон аз ҳама тараф бо хушкӣ иҳота карда шудааст, ва имкониятҳои тиҷорати байнисарҳадии онро бо ҳамсояҳо шароитҳои мураккаби логистикӣ ва алоқавӣ маҳдуд гардонидаанд. Паси сар кардани чунин шароитҳои номуносиб боз бо сабаби набудани инфрасохтори нақлиётӣ мураккабтар гардонида шудааст. Аз ҳамин сабаб, пайвасткунии босамартари мамлакат бо бозорҳои берун аз ҳудуди мустақими он вазифаи аввалидараҷаи ҳукумати нав мебошад. Бонк сармоягузориҳои мустақими хориҷии босифатро ҳавасманд ва дастгирӣ намуда, барои сармоягурӣ намудани савдо ва машваратҳои соҳибкорӣ бо мақсади расонидани кумак ба ширкатҳои воридкунандаи молу маҳсулот маблағҳо пешниҳод мекунад, инчунин дар мусоҳиба оид ба масъалаҳои сиёсати паст кардани сатҳи монеаҳо ҳам дар сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳам дар содирот иштирок мекунад. Бонк инчунин барои дастгирӣ намудани лоиҳаҳои алоҳида оид ба пайвасткунии инфрасохторҳое, ки метавонанд дар доираи ваколатномаи гузарандаи он ва дар сурати маблағгузории кофии якҷоя аз тарафи донорҳо ҳангоми зарурат ва дар сурати асоснок будан татбиқ карда шаванд, имкониятҳоро ҷустуҷу менамояд. Бонк ҷиҳати дастгирӣ намудани рушди ботавозуни иқтисодиёт ва пайвастагӣ дар тамоми минтақаҳои Точикистон ҷаҳд мекунад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Дар доираи чунин самтҳои асосии стратегӣ Бонк барои мусоидат намудан ба **мутобиқат ба тағйирёбии иқлим ва баробарҳуқуқии гендерӣ** талош мекунад. Ба Тоҷикистон тағйиротҳои иқлимӣ дар пиряххои он, ки манбаҳои обро ташкил медиҳанд, сахт таъсир мекунанд, ва Бонк кушиш мекунад, ки усулҳои навоваронаро барои мутобиқ шудан ба тағйирёбии иқлим дар лоиҳаҳои худ оид ба инфрасохторҳои коммуналӣ роҳандозӣ намояд.

То моҳи июни соли 2016 БАТР ба 103 лоиҳа ба маблағи умумии 604 миллион евро қарз ва маблағгузории шарикӣ пешниҳод намудааст.

**<u>Лоиҳаҳои ҷорӣ аз рӯи соҳаҳо</u>**

**Энергетика** (аз ҷумла захираҳои табиӣ ва қувваи барқ)
**Муассисаҳои молиявӣ** (сармоягузории корхонаҳои хурду миёна тавассути миёнаравони молиявиро дар бар мегирад)
**Саноат, савдо ва агробизнес** (истеҳсолот ва хизматрасониҳо, моликияти ғайриманқул, туризм ва телекоммуникатсияро дар бар мегирад)
**Инфрасохтор** (инфрасохтори мунисипалӣ, экологӣ ва нақлиётро дар бар мегирад)

**<u>Самти барномаҳои оянда</u>**

Рушди корхонаҳои хурд дар афзудани ҷойҳои корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад. Бо мақсади рушди бахши хусусӣ пеш аз ҳама бояд рушди корхонаҳои хурд бо истифода аз маблағгузории хурд ва воситаҳои гузариши барвақтӣ, хатҳои қарзӣ ва Барномаи мусоидат ба тиҷорати БАТР дастгирӣ карда шавад. Моҳи апрели соли 2011 БАТР низоми қарзгузорриро бо пули миллӣ ба роҳ монд, ки тибқи он Бонк бо пули сомонӣ ба бонкҳо, созмонҳои микрофинансӣ ва қарзгирандагони муштарак қарз медиҳад. Соли 2015 Бонк барномаи нави **CLIMADAPT** (маблағгузорӣ бо асъори миллӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ бо мақсади сармоягузорӣ намудани корхонаҳо барои баланд бардоштани устуворӣ бар зидди тағйиротҳои иқлимӣ)-ро оғоз намуд.

Дар бахши инфрасохторӣ Бонк иштироки бомуваффақияти худро дар рушди инфрасохторҳои коммуналӣ ва экологӣ идома дода истода, ду Лоиҳаи навро дар шаҳрҳои Хучанд ва Хоруг ба имзо расонид.. Ба шарофати маблағгузории муштарак ба шакли грант аз тарафи Фонди Швейтсария оид ба хамкорихои иктисодӣ (“SECO”) Лоиҳа ба натиҷаҳои беҳтарин ноил гардидааст. Бонк инчунин ҳамкории худро дар бахши партовҳои сахти маишӣ васеъ намуда истода, лоиҳаи партовҳои сахтро дар шаҳри Норак ба имзо расонид, ки он аз ҳисоби фонди махсуси муассисониБАТР («SSF») маблағгузорӣ карда мешавад. Моҳи апрели соли 2016 Бонк Лоиҳаи Партовҳои Сахт-2-ро дар шаҳри Хуҷанд ба имзо расонид. Моҳи декабри соли 2015 Бонк инчунин Лоиҳаи Нақлиёти Ҷамъиятиро дар шаҳри Хуҷанд ба имзо расонид ва лоиҳаҳои аллакай имзошудро татбиқ намуда истода, густариши дигар лоиҳаҳоро дар қисмҳои ҷанубӣ ва шимолии кишвар якҷоя бо донорҳои байналмилалӣ идома дода истодааст. Бонк ҳамчунин имконияти иҷроиши лоиҳаҳоро оид ба идора кардани партовҳои сахт, об ва корез дар шаҳрҳои начандон калон баррасӣ менамояд.

Дар бахши нақлиёт Бонк лоиҳаи аввалинро бе кафолати давлатӣ бо ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии ш. Хуҷанд» ба имзо расонид, ки дар доираи он насб кардани системаи таҷҳизотии нишаст маблағгузорӣ карда шуд. Соли 2014, Бонк лоиҳаи хизматрасонии техникии роҳҳоро оид ба хариди таҷҳизот барои хизматрасонии техникии роҳҳо ва дастгирӣ намудани ислоҳот дар соҳаи роҳдорӣ ба имзо расонид. Моҳи июни соли 2016 Бонк сармоягузориҳоро аз Бонки Осиёии Сармоягузорӣ дар Инфрасохтор барои давраи дуюми лоиҳа оид ба барқарорсозии роҳи сарҳадии Душанбе-Узбекистон сафарбар намуд.

Дар бахши саноат, тиҷорат ва агробизнес Бонк соли 2015 се лоиҳаи навро ба имзо расонид: Ашан (ҳисса дар сармояи оинномавӣ, якумин гипермаркет дар Тоҷикистон), Кока-Кола (маблағгузаорӣ дар сохтмони заводи нав), ва Интерфитнес (маблағгузаорӣ дар сохтмони бинои маркази фитнес).

Дар бахши энергетика Бонк дар якҷоягӣ бо БСА (Бонки Сармоягузории Аврупо) ва IFCA Лоиҳаи кам кардани талафоти нерӯи барқ дар вилояти Суғдро ба имзо расонд, ки айни ҳол иҷроиши он идома дорад. Соли 2014 Бонк якҷоя бо Барномаи пилотӣ оид ба мутобиқат ба тағйирёбии иқлим Лоиҳаи барқарорсозии НБО-и Қайроқум (фазаи 1)-ро ба имзо расонд. Соли 2015 Бонк лоиҳаи CASA 1000 (маблағгузорӣ ба лоиҳаи минтақавии байналмиллалӣ)-ро имзо намуд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Бонки Осиёии рушд

Тамос: Ҷ-би Прадип Сривастава
Намояндаи доимии БОР дар Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 221 05 58 Факс: (+992 37) 2289128
Почтаи электронӣ: adbtjrm@adb.org
Сомона: www.adb.org/tajikistan
Суроға: 734001, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Советский 45

**Самтҳои асосии фаъолият**

БОР, ки соли 1966 таъсис дода шудааст, моҳи декабри соли 2016 50-солагии шарикиро оид ба рушди Осиё ва минтақаи уқёнуси Ором таҷлил хоҳад кард. Аз лаҳзаи таъсисёбиаш БОР ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар минтақа мекушад. Мақсади БОР аз қашшоқӣ озод дидани Осиё ва минтақаи Уқёнуси Ором мебошад. БОР баҳри паст кардани сатҳи камбизоатӣ тавассути рушди иқтисодӣ ба манфиати ҳамаи қишрҳои аҳолӣ, бо дарназардошти суботи экологӣ ва ҳамгироии минтақавӣ кушиш ба харҷ медиҳад. Қароргоҳи асосии (Штаб квартира) БОР дар Манила ҷойгир шудааст. Роҳбарони бонк аз 67 кишварҳои руи ҷаҳон ҳастданд, ки 48 -тои онҳо аз худи ҳамон минтақа мебошанд. Асбобҳои асосии БОР барои кумак расонидани кишварҳои ру ба тариққӣ ин аст: муколамаи сиёсӣ, қарзҳо, сармоягузорӣ дар сармояи саҳомӣ, кафолатҳо, грантҳо ва кумаки техникии лоиҳаҳо. Соли 2015 ҳаҷми умумии кумаки БОР 27,2 миллиард доллари ШМА, аз ҷумла ҳаммаблағгузорӣ ба андозаи 10,7 миллиард доллари ШМА-ро ташкил дод.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

БОР бо Тоҷикистон аз соли 1998 инҷониб ҳамкорӣ менамояд. Дар давраи то охири соли 2014, БОР дар маҷмуъ маблағи тақрибан 1,3 млрд. доллари ШМА-ро дар шакли қарзҳои имтиёзнок, грантҳо ва кумакҳои техникӣ барои кишвар тасдиқ намуд. Фаъолиятҳои БОР ба аҳолӣ мусоидат менамоянд то изолятсия коҳиш дода шавад, иртибот (коммуникатсия) афзояд, дастрасӣ ба неруи барқ густариш ёбад, хадамоти иҷтимоӣ такмил ёбад ва имкониятҳо оид ба пешбурди фаъолиятҳои даромадҳо фароҳам оварда шаванд. Тоҷикистон бо сабаби сатҳи камбизоатӣ, хавфи сатҳи қарзҳо ва нишондиҳандаҳои нисбатан пасти иҷтимоию иқтисодиаш қарзгиранда аз Хазинаи Рушди Осиё мебошад. Дар давраи аз соли 2008 то соли 2015 ба андозаи 100% маблағҳо аз ҷониби ХРО ба кишвар дар шакли грант ҷудошударо мегирифт. Вале аз соли 2015 ХРО ба 50% маблағгузории грантӣ ва 50% қарзӣ гузашт.

Стратегияи ҳамкории кунунии БОР бо Тоҷикистон ба ҳамкории такмилёфта, амнияти қувваи барқ ва рушди бахши хусусӣ равона шудааст.

**Самти барномаҳои оянда**

Ҳоло стратегияи нави ҳамкории БОР бо Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 таҳия шуда истодааст. Ба нақша гирифта мешавад, ки дар доираи стратегияи нав ба Ҳукумат барои ноил гардидан ба рушди устувор ва фарогири иқтисодӣ кумак расонида мешавад, то ин ки нисбати таъсири омилҳои беруна устувортар бошад ва ҷойҳои кории бештари хуб пардохтшаванда таъсис дода тавонад. Интизор меравад, ки кумак тавассути идомаи сармоягузорӣ ҷиҳати барқарорсозии инфрасохтор ва дастгирии ислоҳот оид ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ расонида мешавад. БОР ҳамчунин дастгирии беҳтар намудани амнияти озуқаворӣ, идоракунии захираҳои об ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро ба нақша гирифтааст.Дар назар аст, ки ҳаҷми умумии барномаи кумаки фарогири БОР ба Тоҷикистон дар соли 2016-ум 90 миллион доллари ШМА-ро ташкил хоҳад дод. Аз онҳо 65 миллион доллари ШМА ба таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе – Қурғонтеппа равона карда мешавад. БОР ҳамчунин лоиҳаро ба андозаи 25 миллион доллари ШМА барои беҳтар намудани идоракунии захираҳои об ва тақвияти устуворӣ ба тағйирёбии иқлим дар минтақаи Чубе омода намуда истодааст, ки он барои зиёд гардидани даромади кишоварзон мусоидат хоҳад кард.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Бонки Исломии рушд

Тамос: Ҷ-би Ҳишам Толиб Маъруф
Директории идораи минтақавӣ дар Алмаато
Тел: (+7 7272) 727000 Факс: (+7 7272) 501 303
Почтаи электронӣ: idbroa@isdb.org
Сомона: www.isdb.org
Суроға: Қазоқистон, ш. Алмата, П.Я. 194, куч. Айтеке би 67

**Профили ташкилот**

Бонки Исломии рушд созмони байналмилалии молиявӣ буда, тибқи Изҳорот дар бораи мақсадҳо таъсис ёфтааст, ки онҳо дар ҷамъбасти Конференсияи вазирони молияи кишварҳои исломӣ дар Ҷидда моҳи зулҳиҷҷаи соли 1393 ҳиҷрии қамарӣ мутобиқ ба декабри соли 1973 таҳия ва қабул гардидаанд. Ҷаласаи аввалини Шурои мудирон дар моҳи раҷаби соли 1395 ҳиҷрӣ мутобиқ ба июли соли 1975 баргузор гардида, Бонк дар таърихи 15 моҳи шавволи ҳиҷрӣ мутобиқ ба 20 октябри соли 1975 расман ифтитоҳ гардид. Ҳадафи Бонк мусоидат ба пешрафти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии кишварҳои аъзо ва ҷомеаҳои исломӣ ҳам аз тариқи инфиродӣ, ҳам бо кушиши якҷоя тибқи муқаррароти шариат, яъне қонунҳои исломӣ мебошад. Ба вазифаҳои Бонк, ба иловаи расонидани кумаки молиявӣ ба кишварҳои аъзо, ки дар марҳалаҳои дигари рушди иқтисодиву иҷтимоӣ қарор доранд, иштирок дар сармояи худӣ ва қарзҳои грантӣ барои лоиҳаҳо ва муассисаҳои истеҳсолӣ дохил мешавад. Ба иловаи таъсиси фондҳои боварӣ (трастӣ), Бонк бояд барои мақсадҳои мушаххас фондҳои махсус таъсис диҳад ва идора намояд, аз он ҷумла, фонди кумак ба ҷамоаҳои мусулмоние, ки дар кишварҳои ғайриаъзои Бонки Исломии рушд қарор доранд. Бонк ҳуқуқ дорад амонатҳо қабул намояд ва захираҳои молиявии худро бо роҳҳои мутобиқ ба қонунҳои Шариат мавриди истифода қарор диҳад. Бонк барои расонидани кумак ба рушди тиҷорати беруна байни кишварҳои аъзо, хусусан дар мавриди молҳои инвеститсионӣ, расонидани кумаки техникӣ ба кишварҳои аъзо масъул аст. Ҳамчунин Бонк барои вусъат додани имконоти таълими ҳайати кормандоне, ки дар фаъолияти марбут ба рушди кишварҳои мусулмонӣ тибқи Шариат ширкат мекунанд, масъулият бар душ дорад. Дар айни замон 56 кишвар аъзои Бонки Исломии рушд ҳастанд. Шарти асосии узвият он аст, ки кишвари талабгори узвият бояд узви Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) бошад, ба сармояи Бонк саҳм гузорад, барои қабули шартҳо ва муқаррароте, ки бо қарори Шурои мудирони Бонки Исломии рушд пазируфта шудаанд, омода бошад. То охири соли 1412 ҳиҷрӣ (июни соли 1992) сармояи оинномавии Бонки Исломии рушд 2 млрд. динори исломиро (ДИ) ташкил медод (воҳиди пулии ҳисобии БИР мутаносиб аст ба як ҳаққи қарзи махсуси (SDR) Фонди байналмилалии асъор (ФБА).

Мутобиқи қарори ҷаласаи ҳарсолаи 38-уми Шурои Мудирон сармояи оинномавии БИР ба 100 млрд.ДИ ва сармояи саҳҳомии он ба 50 млрд.ДИ зиёд карда шуд. Идораи асосии Бонк дар Ҷиддаи Арабистони Саудӣ қарор дорад. Чор шуъбаи минтақавӣ дар Работ, Марокаш (1994), Куала-Лумпур, Малайзия (1994), Олмаато, Қазоқистон (1997) Дакар, Сенегал (2008) кушода шуд. Он ҳамчунин ду шуъба дар Анқара (Туркия) ва Ҷакарта (Индонезия) намояндагиҳо дар маҳал дар 14 кишвари аъзо (Афғонистон, Озарбойҷон, Бангладеш, Буркина-Фасо, Гвинея, Эрон, Мали, Пакистон, Судон, Туркменистон, Узбекистон, Яман, Мавритания и Либия). Соли молиявии Бонк соли ҳиҷрии қамарӣ мебошад, аммо аз 1-уми январи соли 2016 инҷониб, Бонк соли Грегориро барои амалиёти молявӣ ва ҳисоббаробаркунӣ қабул намудааст. Забони расмии Бонк арабӣ буда, ба ғайр аз он инчунин забонҳои англисӣ ва франсузӣ ба сифати забонҳои корӣ истифода карда мешаванд.

**Барномаҳои пешина ва имрӯза.**

Тоҷикистон ба БИР соли 1996 бо ҳиссаи сармоя дар ДИ 4960000 (0.04%) шомил гардид.Ба ҳолати то 1 июли соли 2016 маблағи умумии тасдиқнамудаи гуруҳи БИР барои фаъолият дар Тоҷикистон **447.7 млн.доллари ШМА-ро** ташкил медиҳад, ки он маблағи тасдиқгардидаи БИР ба андозаи **334.9 млн.доллари ШМА,** Корпоратсияи исломии рушди бахши хусусӣ (КИРБХ) - **58 млн.доллари ШМА,** Корпоратсияи исломии тиҷоратию молиявӣ – 54 **млн.доллари ШМА** ва Барномаи Махсуси Кумак – 0.84 **млн.доллари ШМА** дар бар мегирад. БИР 52 лоиҳа ва фаъолияти амалиётиро дар соҳаи тандурустӣ ва маориф, бахшҳи инфрасохтори роҳ, энергетика, кишоварзӣ ва маблағгузории хурд маблағгузорӣ намуд. Сарфи назар аз он, ки бисёри лоиҳаҳо ба анҷом расиданд, сандуқи лоиҳаҳои амалкунанда то ҳол назаррас буда, 9 лоиҳаро бо маблағгузории 157,6 млн. доллари ШМА-ро дар бар мегирад. Аз ҷумлаи лоиҳаҳо инҳо мебошанд: Сохтмони роҳи Кулоб – Қалъаихумб, (20 млн.доллари ШМА), лоиҳаҳои Обёрии водии Данғара, марҳилаи III (26,7 млн.доллари ШМА), Таҷдиди зеристгоҳи барқии Равшан (13.07 млн. доллари ШМА), таҷдиди мактабҳои таҳсилоти умумӣ, марҳилаи III (17,5 млн.доллари ШМА), барномаи омузиши касбии техникӣ (9,9 млн.доллари ШМА), лоиҳаи CASA-1000 (70 млн.доллари ШМА), кумаки техникӣ барои таҳкими иқтидори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (0.25 млн.доллари ШМА), кумаки техникӣ барои Дастгирӣ намудани пешгирии гузариши инфексияи ВНМО аз модар ба кудак (0,4 млн.доллари ШМА) ва лоиҳаҳои дигар. Лоиҳаҳои анҷомёфта муваффақ баҳогузорӣ шуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири устувор доранд.

Дигар муассисаҳои зери тобеияти Бонки Исломии рушд низ дар Тоҷикистон фаъолона иштирок менамоянд. ICD ба як қатор бонкҳои тиҷоратӣ дар Тоҷикистон маблағгузорӣ пешниҳод кардааст ва мустақиман якчанд лоиҳаҳоро маблағгузорӣ намудааст. ITFC Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар харидории таҷҳизоти кишоварзӣ оид ба ҷамъоварии пахта дастгирӣ кардааст.

Дар моҳи маи соли 2013 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вохурии 38-уми Шурои мудирони Гуруҳи Бонки Исломии рушд баргузор гардид, ки мансабдорон ва иштирокгарони сатҳи баландро аз 56 кишвари аъзои Бонки Исломии рушд гирд овард. Дар вохурӣ ҳамчунин доираҳои корӣ ва аҳли илм ширкат варзиданд, ки дар баргузории машваратҳо ва семинарҳои гуногун

саҳм гирифтанд. Дар Вохурии ҳарсола Президенти Бонки Исломии Рушд доктор Аҳмад Муҳаммад Алӣ кишварҳои аъзоро аз минтақаи Осиёи Марказӣ даъват намуд, ки баҳри рушди иқтисодӣ ба фаъолияти якҷоя камар банданд. Пас аз он, ки моҳи майи соли 2016 дар ҷаласаи ҳарсолаи гуруҳи БИР дар Ҷакарта, Индонезия аз ҷониби Бонки исломии рушд Барномаи махсус барои Осиёи Марказӣ (БМОМ) таҳия ва қабул гардид, ки рушди энергетика, нақлиёт, инфрасохтор, инчунин паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар минтақаи Осиёи Марказиро фаро мегирад, Гуруҳи БИР уҳдадориҳоро аз руи бастаи иборат аз 6 миллиард доллари ШМА барои амалӣ намудани БМОМ ба зимма гирифт.

Дар чорабиниҳои дар боло зикргардида БИР ба тариқи самаранок кушиш мекунад, ба кишварҳое кумаки молиявӣ расонад, ки ба он эҳтиёҷ доранд, то ки онҳо мушкилоти фаврӣ ва буҳронии худро ҳал намоянд. Бо ин мақсад БИР бо Фонди Билл ва Мелинда Гейтс созишнома ба имзо расонид, то маблағгузории он ба лоиҳаҳои марбут ба бахши иҷтимоӣ ва амнияти озуқаворӣ дар баъзе кишварҳои иштирокчии БИР равона карда шавад. Минтақаи Осиёи Марказӣ, ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон тибқи созишномаи фавқуззикр гирандагон хоҳанд буд.

**<u>Самти барномаҳои оянда</u>**

Дар давраи оянда дар назар аст, ки Бонки Исломии рушд рисолати барномавии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳад, то ки самтҳои имконпазири ҳамкориро муайян кунад ва номгуи лоиҳаҳои имконпазири Бонки Исломии рушдро таҳия созад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Ташкилоти дуҷониба*

# Вазорати Британияи Кабир оид ба рушди байналмилалӣ (DFID)

Тамос: Ҷ-би Питер Фернандес Карди
Роҳбари DFID дар Осиёи Марказӣ
Тел: (+992 37) 224 22 21 Факс: (+992 37) 227 17 26
Почтаи электрони: P-FernandesCardy@dfid.gov.uk
Website: www.dfid.gov.uk
Адрес: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Мирзо Турсунзода 65

## Профили ташкилот

Вазорати Британияи Кабир оид ба рушди байналмилалӣ (ВРББК), дар Британияи Кабир амал мекунад, ки ба кам кардани камбизоатӣ, татбиқи ҳадафҳои ҷаҳонӣ, ва ба ҳалли мушкилоти глобалӣ бо стратегияи Бритониё кумаки худ мерасонад.

ВРББК дар Тоҷикистон 13 соли охир фаъолият дорад. Дар муддати ҳамин солҳо ВРББК маъмурияти давлатиро ва гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ дастгирӣ намуд. Ин дастгирӣ барои Ҳукумат кумак намудаст, ки таъсиси соҳибкорӣ дар кишвар мусоидат кунад, кумак барои фермерҳо ва соҳибкорон ва ба рушди зиндагонии онҳо ба воситаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва замонавӣ идоракунии молияи давлатӣ ва идоракунӣ мусоидат менамояд.

## Барномаҳои амалкунанда

Барномаҳои ВРББК аз руи ду самти асоси фаъолият менамояд: аввалан, мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва рушди бахши хусусӣ, барои таъмини ҷойҳои нави корӣ ва даромад барои маблағгузории барномаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимой дар Тоҷикистон; ва дуюм, маъмурияти давлатии молияи давлатӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ, ҳисоботдиҳӣ ва шаффофияти молияи давлатӣ.

1. **Рушди иқтисодӣ:**

- Барнома ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ - кам кардани монеаҳои танзимкунанда ба соҳибкорон ва такмили идоракунии бахши хусусӣ бо мақсади сарфакори ва сармоягузории бештар аз ҷониби ширкатҳои маҳаллӣ ва бахши хусуси;
- Лоиҳаи тавоноӣ ва дорои зан – беҳтар намудани некуаҳволии ва дорои барои 65.000 занон дар 17 ноҳияи деҳоти Тоҷикистон;
- Болоравии иқтисодиёти кишоварзи дарТоҷикистон - дастгирии рушди иқтисод дар ноҳияҳои деҳот тавассути беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ; баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ ва дастрас ба захираҳои молиявӣ ва баланд бардоштани даромад аз тиҷорати наздисарҳадӣ.

2. **Самти Идоракунии давлатӣ:**

- Лоҳияи Ислоҳоти молияи давлатӣ - дастгири дар таҳияи буҷети давлатии беҳтар гардонидашуда ва ба таври самаранок ба нақша гирифташуда, ки бештар шаффоф буда ҷавобгуи талабот аст ва ба шаҳрвандон ҳисоботдеҳ мебошад.

## Барномаҳои оянда

Дар 2016/17 ВРББК лоиҳаҳои рушди иқтисодӣ ва идоракунии давлатиро давом хоҳад дод.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Глобал Партнерс, Британияи Кабир

Тамос: Ҷ-би Грегори Ли Гэмбл
Директор
Тел: (+992 37) 224 33 14
Почтаи электронӣ: gpdushanbe@gmail.com
Сомона: www.globalpartnersinternational.com
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Зайнаб-бибӣ 184

**Самти асосии фаъолият**

«Глобал Партнерс» (ГП БК) – ташкилоти британиягии ғайридавлатии башардустона ва ғайрисиёсӣ мебошад. Қароргоҳи асосии он дар Редхил (Британияи Кабир) ҷой гирифтаанд.

Мақсади асосии ГП БК – рушди маориф ва сабук намудани машаққати одамон мебошад. Глобал Партнерс лоиҳаҳоро дар қаламрави ҷумҳурӣ оид ба расонидани кумак ба одамоне, ки дар ҳолати камбағалӣ ва нодор қарор доранд, амалӣ месозад.

Соли 1998 ГП БК ҳамчун ташкилоти башардустона дар Вазорати корҳои хориҷии ҶТ таҳти рақами № 049 ба қайд гирифта шудааст ва инчунин аз нав дар соли 2009 таҳти рақами № 1112 дар Вазорати адлияи ҶТ ҳамчун Шуъбаи ширкати башардустона ба қайд гирифта шудааст.

ГП БК дар давлатҳои зиёд, аз он ҷумла дар Тоҷикистон, Афғонистон ва Хитой ва гайра фаъолият мекунад.

**Лоиҳаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

**Лоиҳаҳои ГП дар Душанбе:**

- Лоиҳаи чоҳсозӣ
- Ёрӣ ба беморхонаи Махавиҳо
- Лоиҳаи оби нушокӣ I
- Лоиҳаи оби нушокӣ II
- Лоиҳаи чархаи оббарорӣ дар Душанбе

**ВМКБ:**

- Барқароркунии каналҳои обёрикунанда Фасли - II
- Лоиҳаи соҳилмустаҳкамкунии дар деҳаи Курговад
- Сохтмони меҳмонхона
- Лоиҳаи таъмир ва барқароркунии хонаҳои зист
- Лоиҳаи таъмири роҳҳои автомобилгарди ВМКБ Фасли - II

**Панҷакент:**

- Лоиҳаҳои оби нушокӣ
- Лоиҳаи хуроктаъминкунӣ

**Самти барномаҳои оянда**

- Лоиҳаҳои оби нушокӣ
- Лоиҳаҳои ВМКБ
- Обтаъминкунӣ
- Лоиҳаи хуроктаъминкунӣ дар ш. Панҷакент


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ

Тамос: Ҷ-би Ян-Петер Олтерс
Намояндаи доимӣ дар кишвар
Тел: (+992 48)701 5800, 701 5810 Fax: (+992 48)701 5837
Почтаи электронӣ: pveeverscarter@worldbank.org
Сомона: www.worldbank.org/en/country/tajikistan
Суроға: 734024, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Айни 48, Маркази Соҳибкории "Созидание"

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ иборат аз панҷ ташкилот мебошад, аз ҷумла: Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд (ББТР), Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АББ), Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (КБМ), Агентии бисёрҷониба оид ба кафолати сармоягузориҳо (АБКС) ва Маркази байналмилалии ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ (МБҲБС). Ҳадафи асосии Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ дастгирии паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб меравад.

ББТР ва АБР ба кишварҳои аъзо барои татбиқи лоиҳа ва барномаҳое, ки ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунанд тавассути кумак дар баланд бардоштани маҳсулнокӣ ҷиҳати беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ қарз пешниҳод мекунад. Дар баробари қарзҳо/кредитҳо, Бонки умумиҷаҳонӣ машварат оид ба масоили сиёсат ва кумаки техникӣ пешниҳод мекунад ва дар сафарбар намудани захираҳои зарурӣ кумак мерасонад.

ББТР соли 1945 ташкил шуда айни замон 188 кишвар шомили он мебошанд. АБР бошад соли 1960 ташкил гардида айни замон 172 кишвар шомили он мебошанд. АБР ба кишварҳои нодортарин, ки ба талаботҳои ББТР ҷавобгу намебошанд кумак пешниҳод мекунад. Кумаки АБР аз пешниҳоди грантҳо ва қарзҳо иборат аст. Кишварҳои узви АБР ба қарзҳои имтиёзнок дастрасӣ доранд: муҳлати пардохти онҳо аз 40 сол иборат аст, бо 10 соли муддати имтиёз ва меъёри фоизи сифрӣ (бо ҳаққи хизматрасонии иборат аз 0.75%).

Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 июни соли 1993 аъзои Бонки умумиҷаҳонӣ шуд. Дафтари алоқаи Бонк моҳи октябри соли 1996 ташкил шуда, баъдан моҳи декабри соли 1998 ба намояндагии мукаммали Бонк дар кишвар табдил дода шуд.

Тоҷикистон соли 2002 ба узвияти Агентии байналмилалии кафолатҳои сармоягузорӣ (АБКС) шомил гардид. АБКС то ҳануз барои лоиҳаҳои сармоягузоории Тоҷикистон ягон кафолат аз хавфҳои сиёсӣ надодааст.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Ассотсиатсияи байналмилалии рушд аз соли 1996 ба Тоҷикистон дар шакли қарзу грантҳо ва Фонди трастӣ тақрибан 1,11 млн.доллари ШМА пешниҳод намуд, аз ин маблағ 858 млн. доллари ШМА пардохта шудааст. Портфели БУ лоиҳаҳои аз ҷониби Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (АБР) маблағгузоришаванда ва фондҳои трастии аз ҷониби АБР маъмуришавандаро дар бар мегирад. Тақсимоти портфел аз руи бахшҳо чунин аст: идоракунии давлатӣ, сиёсати иқтисодӣ ва молия (26%), сипас, кишоварзӣ (16%), обтаъминтаъминкунӣ (13%), энергетика (12%), тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (10%), маориф (8%), рушди шаҳр ва деҳот (8 %), нақлиёт ва ТИК (4%), муҳити зист (2%) савдо ва рақобатпазирӣ (1%).

Тибқи Стратегияи нави шарикӣ бо кишвари (СШК) Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ барои солҳои 2014-2018 ба мусоидат ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии умум дар Тоҷикистон идома дода мешавад. СШК-и нав гузариш ба модели нави рушдро, ки ба сармоягузорӣ ба бахши хусусӣ ва содирот асос ёфта, барои беҳтар намудани имкониятҳо ҷиҳати даромад ба даст овардани 40 фоизи аҳолии камбизоат равона гардидааст, дастгирӣ менамояд. Дар СШК ба се самти асосӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода мешавад:

- Мусоидат ба рушди бахши хусусӣ тавассути беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва баланд бардоштани рақобатнокии бахшҳои асосӣ оид ба ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ;
- Мусоидат ба ҳамгироии иҷтимоӣ тавассути вусъат бахшидани дастрасӣ ба хизматрасонии иҷтимоӣ, аз он ҷумла маориф, тандурустӣ, кумакҳои иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсия;
- Вусъат бахшидани робитаҳои минтақавӣ бо мақсади васеъ кардани дастрасӣ ба бозорҳои минтақавӣ ва иттилооту донишҳои глобалӣ.

Ҷорӣ намудани барномаҳо ва ҷанбаҳо оид ба тағйирёбии иқлим, такмили идоракунӣ ва ихтисори фарқияти гендерӣ ҳамчунин тадбирҳои муҳим дар тамоми бахшҳои СШК боқӣ мемонанд.

Ҳоло портфели амалкунандаи Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон аз 23 лоиҳа (бо шумули лоиҳаҳои минтақавии АБР) бо маблағи умумии уҳдадориҳо ба андозаи 355.23 млн.доллари ШМА иборат мебошад. Ҳиссаи калонтарин дар портфел ба обтаъминтаъминкунӣ (24%), сипас энергетика (14%), нақлиёт (13%), идоракунии давлатӣ (9%), маориф (9%), рушди шаҳр ва деҳот (9 %), тандурустӣ (8%), кишоварзӣ (6%), муҳити зист ва захираҳои табиӣ (4%), савдо ва рақобатнокӣ (3%), ҳифзи иҷтимоӣ ва меҳнат (1%) рост меояд. Фаъолияти фонди мақсаднок такмили барномаи Бонки ва маблаггузории доираи васеи лоиҳаҳо дар соҳаҳои стратегии асосӣ, аз ҷумла маориф, энергетика, кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ.

Тоҷикистон соли 1994 узви АБР - воҳиди Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба бахши хусусӣ гардид. Соли 1997 АБР барои дастгирии 52 лоиҳа дар бахши хусусӣ дар соҳаҳои молия, гидроэнергетика, савдои чакана, туризм ва бахши истеҳсолӣ 192,5 млн.доллари ШМА сармоягузорӣ намуд.

**Самтҳои барномаҳои минбаъда**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Барномаи тахминӣ барои лоиҳаои нав дар солҳои молиявии 2016-2017 соҳаҳои зерини фаъолиятро оид ба рушд фаро хоҳад гирифт:

- Маблағгузории иловагии Лоиҳаи тиҷоратикунонии бахши кишоварзӣ;
- Саҳмгузорӣ ба лоиҳаи CASA-1000;
- Рушди доираи сиёсӣ дар Тоҷикистон – 1: Таҳкими инфрасохтори муҳим барои таъмини муқовимат ба офатҳои табиӣ;
- Лоиҳа барои барқарорсозии НБО-и Норак марҳилаи I;
  Барқарорсозии обёрикунӣ ва идоракунии ҳавзаи дарёи Зарафшон.

*ТҒД*

# Гурух оид ба ҳифзи муҳити зист, манбаъҳои барқароршавандаи неру (энергия) ва ҳамраъйӣ (ГЕРЕС)

Тамос: Ҷ-би Арман Блондо
Сарвари Миссия
Тел: (+992) 93 55511 08
Почтаи электронӣ: a.blondeau@geres.eu
Сомона: www.geres.eu
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Академик Раҷабовҳо 7

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

ГЕРЕС - Гуруҳ оид ба ҳифзи муҳити зист, манбаъҳои барқароршавандаи неру (энергия) ва ҳамраъйӣ - ташкилоти ғайридавлатии фаронсавӣ буда, дар соли 1976 баъд аз Буҳрони якуми нафтӣ барпо гардидааст. Муҳити атроф, паст кардани ивазшавии иқлим, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми камбизоат - фаъолияти асосии ГЕРЕС мебошад. Кормандони ГЕРЕС бо ҳамкории тарафҳои ҳавасманд ва ҷамъиятҳо барои рушд ва таъмин намудани таҷрибаи муайяни техникӣ мебошанд ҷалб карда шудаанд.

Фаъолияти ГЕРЕС аз гузаронидани лоиҳаҳои сарфаҷуии неру, таъмин намудани хизматрасонии энергетикӣ барои рушди иқтисоди маҳаллӣ, дастгирӣ намудани манбаъҳои барқароршавандаи неру ва пеш бурдани роҳбарии истифодаи партовҳо.
Имруз, беш аз 238 нафар кормандони ГЕРЕС аз руи 71 лоиҳаҳои рушди инноватсионӣ ва устувор дар Фаронса ва дар 14 кишварҳо ру ба тараққӣ кор мекунанд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Лоиҳаи ИА "Рушди устувори кишоварзӣ " (2011-2013);

Лоиҳаи Агентии рушди Франсавӣ «кам сарф кардани қувваи барқ дар хоҷагиҳои Тоҷикистон барои баланд бардоштани рушди иқтисодӣ ва такмили шароити зиндагӣ» (2012-2015);

Лоиҳаи GIZ "Паҳн намудани ҳалли қувваи каммасрафи барқ тавассути бахши хусусӣ" (2013-2015);

Лоиҳаи Фонди Аббе Пер "Ташаббусҳои пилотӣ барои хонаҳои сабз дар Тоҷикистон" (2015-2017).

**Самти барномаҳои оянда**

Стратегияи фаъолияти ГЕРЕС дар Тоҷикистон аз се самт асос меёбад:

1. Мусоидат дар истифодаи қарорҳои каммасрафи қувваи барқ:

- бо роҳи ташкили талаботи устувор, ва паҳн намудани иттилоот тавассути Маркази иттилоотии энергетикӣ;
- бо роҳи тақвияти бахши хусусӣ ва рушди хонаи сабз дар бахши сохтори биноҳо.

2. Барои баланд бардоштани устуворӣ ба тағйироти иқлим дар маҳалҳо:

- дар рушди малакаи аҳолӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ оид ба муайянсозӣ ва шиносоии тағйироти иқлим;
- бо роҳи ҳавасмандкунӣ ва тақвияти практикаи истифодабарии устувори замин.

3. Барои тақвияти иқтисоди аграрӣ:

- аз ҳисоби зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- бо роҳи пешниҳоди дастгирӣ баҳри васеъгардонии дастрасӣ ба бозорҳо;
- бо роҳи таъмини таҷрибаи заминистифодабарии устувор.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

Тамос: Д-р Богдан Кравченко
Директори генералӣ
Тел: (+996 312) 910 822
Факс: (+996 312) 910 835
Email: info@ucentralasia.org
Сомона: www.ucentralasia.org
Суроға: 720040, Қирғизистон, ш. Бишкек, куч. Панфилов 207

**Самтҳои асосии фаъолият**

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (ДОМ) соли 2000 дар доираи созишномаи байни ҳукуматҳои Қазоқистон, Қиризистон, Тоҷикистон ва Волоҳазрат Оғо Хон бо мақсади мусоидат намудан ба рушди иҷтимоию иқтисодии Осиёи Марказӣ умуман ва аз ҷумла ҷомеаҳои куҳистони минтақа таъсис дода шудааст. Шартномаи таъсисӣ ва Оинномаи ин Донишгоҳи хусусии дунявӣ аз ҷониби президентони се ҷумҳурӣ ба имзо расонда шуда, аз ҷониби парлумонҳои се кишвар тасдиқ гардида, дар Созмони Милали Муттаҳид ба қайд гирифта шудаанд. Президентони се ҷумҳурӣ мақоми Ҳомии Донишгоҳро дороянд, Волоҳазрат Оғо Хон бошад, мақоми Ҳомӣ- Муассис ва Канслерро дорост.

Донишгоҳ ҳамчун муассисаи таълимӣ барои пешниҳоди маълумоти олии сатҳи байналмилалӣ дар Осиёи Марказӣ, ҳамзамон ҳамчун ташкилот оид ба рушд таъсис дода шудааст, аз ин ру дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳ агентиҳои фаръӣ аз Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд фаъолият мекунанд. Донишгоҳ муассисаи таълимии дар саросари ҷаҳон эътирофгардида дар Осиёи Марказӣ хоҳад буд. Заминаи консептуалии (ғоявии) Донишгоҳ ва қарор дар мавриди таъсиси он ба ҳайси донишгоҳи минтақавӣ аз тавсияҳои дар рафти фаъолияти солҳои 1995-1998 таҳияшудаи Комиссия оид ба таъсиси мактаби олии байналмилалӣ, ки мутахассисони шинохтаи хориҷӣ ва минтақавӣ шомили он буданд, маншаъ мегирад.

Рисолати ДОМ аз таконбахшии рушди иҷтимоию иқтисодии Осиёи Марказӣ ва бахусус ҷомеаҳои манотиқи куҳистони он, ҳамзамон кумакрасонӣ ба халқиятҳои мухталифи минтақа дар ҳифзи анъанаҳо ва мероси фарҳангӣ ва истифодаи онҳо ба сифати захираҳо барои рушди оянда иборат аст. Донишгоҳ маҳсулот ва барномаҳои муосири таълимиро пешниҳод хоҳад кард, ки дар доираи онҳо омодасозии мутахассисони дорои тафаккури эҷодӣ ва баландихтисос амалӣ мегардад. Ин мутахассисон қобилияти саҳмгузории назаррас тавассути роҳбарӣ, ғояҳо ва навовариҳо дар рушди иқтисодиёт ва ҷомеаҳои минтақаро доранд.

Донишгоҳ аз Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (аввалин зерсохтори амалкунандаи Донишгоҳ); ва Мактаби илмҳои гуманитарӣ ва дақиқ (бакалавриат), инчунин Мактаби такмили таҳсилот (рушд) (магистратура ва докторантура) иборат мебошад, ки дарҳои худро пас аз анҷоми сохтмони шаҳракҳои донишгоҳӣ (кампусҳо) дар шаҳрҳои Хоруғ, Нарин ва Текели боз хоҳанд кард.Дар баробари ин, Донишгоҳ се иқдомро дар самти рушди имкониятҳои таълимӣ ва тадқиқотӣ дар минтақа амалӣ месозад – Барномаи омодасозии ҳайати профессорону омузгорон, Лоиҳаи «Инсоншиносӣ»-и Оғо Хон ва Барномаи таҳқиқоти илмӣ.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

**Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (ММКД)**

Мақсади Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (ММКД) мусоидат намудан ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва қонеъ кардани талаботи ҷомеъаҳоест, ки дар шаҳракҳои Донишгоҳ ҷойгир мешаванд. Чунин муносибат барои Донишгоҳ имкон медиҳад, ки шунавандагони зиёдтарро фаро гирад. Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор дар Осиёи Марказӣ пешқадам муассисаи таълимист, ки ба ҷавонон ва калонсолон баъди мактаби миёна таҳсили кутоҳмуддат ва гирифтани маълумоти касбҳои техникиро пешниҳод мекунад ва имкони бо кор таъмин будану зиёд намудани даромади шунавандагонро афзун мегардонад. Марказҳои таълимии ММКД дар шаҳрҳои Хоруғу Душанбе (Тоҷикистон), Нарин ва Бишкек (Қирғизистон), Текели (Қазоқистон) ва вилояти Бадахшон (Афғонистон) ҷойгир мебошанд. ММКД барномаҳои омузиши забони англисии корӣ (барномаи Палатаи савдо ва саноати Лондон), баҳисобгирии муҳосиботӣ (CAP ва CIPA), технологияи иттилоотӣ (Академияи ТИ-и Microsoft) ва «Оператори туризми куҳӣ»-ро пешниҳод мекунад, ки пас аз хатми онҳо шаҳодатнома дода мешавад.

Дар Мактаб ҳамчунин барномаи маълумоти касбҳои техникӣ мавҷуд аст, ки дар доираи он омузиш аз руи як қатор ихтисосҳои сохтмонию техникӣ сурат мегирад. Ба ғайр аз ин, аз тарафи Мактаб якчанд курсҳои кутоҳмуддат гузаронда мешаванд, ки бо дарназардошти дархосту талаботи сокинони ҷомеаҳое, ки дар он ҷо кампусҳои ДОМ ҷойгиранд, таҳия шудаанд. Дар байни онҳо курсҳо оид ба туризм, соҳибкорӣ ва технологияҳои иттилоотӣ амал мекунанд. Мактаб инчунин нашири асосии адабиёти таълимӣ мебошад – дар доираи барномаҳои худ ММКД зиёда аз 250 номгуи китобҳои дарсиро ба нашр расондааст.

Мактаб ҳамчунин барнома оид ба кор бо ҷомеаҳои маҳаллиро таҳия карда, мавриди татбиқ қарор додаст, ки он имкон медиҳад аҳолии деҳаҳои дурдастро, ки дастрасии бевосита ба захираҳои ММКД надоранд, фаро гирад. Бо ёрии чунин барномаҳо, аз қабили «Забони англисӣ дар деҳот», «Математика дар деҳот» ва «Технологияи иттилоотӣ дар деҳот» мутахассисони Мактаб барои ҳалли мушкилоте, ки дар натиҷаи аз даст рафтани мутобиқати барномаҳои таълимӣ ва методологияи фанҳои мазкур дар мактабҳои давлатӣ эҷод шудаанд, мусоидат намуданд. Ин мушкилот дар мактабҳои деҳот бештар эҳсос мешавад.

Ҳамаи барномаҳои ММКД бо шаҳодатномаи хатм мавриди муқоисаи мунтазам бо барномаҳои беҳтарини ҷаҳонии ҳамсон (ба истилоҳ бенчмаркинг) қарор дода мешаванд. Интихоби омузгорони ММКД аз ҳисоби сокинони маҳаллӣ, ки баъдан омузиш дида, соҳиби шаҳодатномаҳои эътирофи байналмилалӣ мегарданд, амалӣ мешавад. Раҳёфти ММКД дар самти таъмини сифати маҳсулоти таълимии худ яке аз беҳтаринҳо эътироф гардидааст ва мутахассисони Мактаб ба муассисаҳои маълумоти давомдор дар Осиёи Марказӣ, Миср ва Покистон кумак мерасонанд: табодули таҷриба ва маводҳои таълимӣ мекунанд, омузгоронро омода месозанд ва худашон ба ҳайси баҳодиҳандагони мустақил дар доираи раванди «ММКД иҷозат додаст» хизмат мекунанд.

Аз замони таъсиси ММКД дар соли 2006, зиёда аз 85,000 донишомузон дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла зиёда аз 46,000 донишомузони он дар Тоҷикистон ба таълим фаро хонда шуданд.Хатмкунандаҳои ММКД дараҷаи баланди қаноатмандӣ аз барномаҳои ММКД-ро қайд мекунанд: 97 дарсади хатмкардаҳо аз таҳсил дар Мактаб қаноатманданд ва ММКД-ро барои дигарон тавсия медиҳанд; 86 дарсад қайд мекунанд, ки курсҳо «бениҳоят» ё «ба андозаи муассир» ба талаботашон мувофиқанд. Муҳимтар ин аст, ки аксарияти хатмкардаҳо қайд мекунанд, ки барномаҳои ММКД омилест, ки ба беҳтарсозии сатҳи иқтисодии онҳо, пайдо кардани ҷойи кори нав, афзоиши даромад, оғози фаъолияти нав ва ё тавсеаи фаъолияти мавҷуда мусоидат намудааст (2015).

Бо мақсади таконбахшии рушди соҳибкорӣ дар байни хатмкунандаҳои худӣ ва дар ноҳияҳое, ки ба эҳтиёҷоташон Донишгоҳ расидагӣ мекунад, ММКД Маркази соҳибкорӣ ва қарздиҳии хурдро боз мекунад, ки вазифаи он аз роҳандозии робитаҳо байни муассисаҳои қарздиҳии хурд ва бизнеси хурд иборат мебошад. Мутахассисони ММКД дар таҳияи маҳсулоти қарздиҳӣ, курсҳо барои омузгорон бобати банақшагирии бизнес ва молиёт, инчунин дар гузарондани таҳқиқот дар соҳаи соҳибкорӣ ва қарздиҳии хурд бо мақсади таҳияи тавсияҳои амалӣ барои ташаккули сиёсат ва стратегия дар Осиёи Марказӣ ширкат хоҳанд кард.

Зиёда аз ин, ММКД 4 намуди барномаҳоро барои соҳибкорон пешниҳод мекунад: 1) Барномаҳои кутоҳмуддат барои соҳибкорони ҷавон бо мақсади кумак баҳри дарёфти ҳалли мусбати проблемаҳои мубрам дар ҷамоаҳои онҳо. 2) Барномаҳои кутоҳмуддат барои соҳибкорони калонсол, ки бо мақсади расондани кумак ба онҳо баҳри оғози соҳибкориашон ташкил шудаанд.3) Барномаҳои кутоҳмуддати соҳибкории хурд барои занон, ки бо мақсади таъмини банақшагирии бизнес, саводи молиявию роҳбарӣ ва малакаҳои муошират ташкил шудаанд ,ва 4) Барномаҳои сертификатсионӣ дар бахши бизнеси хурду миёна баҳри ҷонибдорӣ намудани соҳибкороне, ки майли оғози бизнеси истеҳсолию коркардро бо истифода аз технологияи камхарҷ доранд. ММКД бо бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд баҳри таъмин намудании дастрасии хатмкунандагони худ ба маблағузорӣ, ки тасмими оғоз ё васеъ намудани бизнеси хешро доранд, ҳамкорӣ мекунад. ММКД инчунин бо Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ қарор дорад, то ки тавассути барномаҳои сертификатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёти маҳаллӣ ва ҷамоаҳо хизматчиёни давлатиро омузонад. Ин барнома аз якчанд қисму модулҳо оид ба иқтисодиёти маҳаллӣ, маъмурияти ҷамъиятӣ ва менеҷмент иборат аст.

**Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғо Хон (БИО)**

Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғо Хон (БИО) соли 1997 бо мақсади таҳқиқоти масъалаҳо бо дурнамои гуманитарии байнириштаӣ, ки дар пешоруи фард ва ҷомеъа қарор доранд, инчунин бо мақсади рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва навиштори академикӣ таъсис дода шудааст. Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғо Хон соли 2007 ба ихтиёри Донишгоҳ аз Муассисаи Оғо Хон доир ба фарҳанг гузашт. Барнома бо олимон ва муҳаққиқон дар ҷумҳуриҳои минтақа ва кишварҳои хориҷи дур робитаи зич барқарор ва идома дода, бо мактабҳои олии ҳар се Давлати-муассис шартномаҳои шарикӣ (ҳамкорӣ) ба имзо расондааст.

Лоиҳа барои рушди барномаҳои алтернативӣ ва инноватсионии мактабҳои олӣ дар бахши илмҳои дақиқ мусоидат мекунад. Ҳадафҳои барномаҳои мазкур: кумак дар ҳалли мушкилоти марбут ба халои идеологӣ ва коҳишёбии сифати таҳсилот дар фазои таҳсилотии пасошуравӣ, кумак дар рушди гуногунандешӣ (плюрализм) ва эҷоди дарки фарқиятҳо ва арзишҳои фарҳангӣ, кумак дар манзури кишварҳои дунё сохтани фарҳанги халқиятҳои Осиёи Марказӣ, кумак барои ташаккули ҳисси ҳуввияти миллӣ ва минтақавӣ, ки бар «эҳсоси ғамхорӣ дар ҳаққи тамоми инсоният» асос ёфтааст ва кумак барои рушди малакаҳои таълиму тадрис ва тафаккури интиқодӣ дар заминаи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, идроки фарҳангӣ ва зебопарастӣ.

Маводҳои таълимии Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғо Хон воҳид, байнириштаӣ буда, аз эҷодкориҳои классикии муаллифони Шарқу Ғарб, анъанаҳои бойи фарҳанги шифоҳию хаттии халқиятҳои Осиёи Марказӣ маншаъ мегиранд. Дар маҷмуъ дар доираи лоиҳаи мазкур ҳашт китоби дарсӣ: «Муқаддимаи илмҳои гуманитарӣ», «Фард ва ҷомеа», «Анъанаҳо ва тағйирот», «Хусусиятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ», «Адолати иҷтимоӣ», «Табиати инсон», «Дарки зебопарастии (эстетикии) санъат» ва «Вазн ва ҳаракат» ба нашр расидаанд. Китоби нуҳум дар ҳоли омодасозӣ ба нашр аст, ки дар он куллияи мусиқии халқиятҳои Осиёи Марказӣ фароҳам оварда шудааст. Китоби мазкур дар ҳамдастӣ бо Ибтикори Оғо Хон дар бахши санъати мусиқӣ дар Осиёи Марказӣ омода шуда истодааст. Ин муассиса аз ҷониби Волоҳазрат Оғо Хон бо мақсади дастгирии ромишгарон ва ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ дар самти ҳифз, рушд ва ба наслҳои оянда мерос гузоштани анъанаҳои санъати мусиқӣ, ки унсури муҳими мероси муштараки фарҳангӣ ба ҳисоб меравад, таъсис дода шудааст.

Дар ҷавоб ба дархости ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ оид ба расондани кумаки таълимӣ-методӣ, мутахассисони Барномаи «Иносншиносӣ»-и Оғо Хон соли чандум аст, ки барои омузгорони мактабҳои олии Осиёи Марказӣ курсҳо доир ба шиносоии шунавандагон бо усулҳои инноватсионӣ, интерактивӣ ва донишҷугироии таълим гузаронда истодаанд. Дар ҳудуди Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон аз руи курсҳои тарҳрезишудаи Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғо Хон126 мутахассисон дар 49 донишгоҳҳо, 25 колеҷҳо ва 1 литсей курсҳоро мегузаронанд. Ҳамасола зиёда аз 13,400 донишҷуён ба омузиш фаро гирифта мешаванд.(2015). Дар Тоҷикистон 126 дастурдиҳандагон маводҳои дарсомузии барномаи "Инсоншиносӣ"-ро дар байни 18 муассиса тақсим намуданд, ки ҳамасола зиёда аз 4,400 донишомузон фаро гирифта мешаванд (2015) .


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Дар баробари курсҳо Барномаи «Инсоншиносӣ»-и Оғо Хон марказҳои захиравӣ ташкил кардааст, ки маҷмуи ғании китобҳо бо забонҳои англисӣ ва русӣ, рузномаҳо, нашрияҳои даврӣ ва маводҳои аудиовизуалиро фаро гирифта, дастрасӣ ба Интернет фароҳам оварда шудааст. Лоиҳа ҳамчунин намоиши кушоди кинофилмҳо ва лексияҳои оммавиро бо мақсади таҳрики минбаъдаи мубоҳисаҳо ва табодули андеша миёни шунавандагон ва оммаи васеъ роҳандозӣ менамояд.

**Барномаи таҳқиқоти илмии ДОМ**

Барномаи таҳқиқоти илмӣ соли 2008-ум бо мақсади ташаккули мақоми ДОМ ҳамчун маркази пешбари таҳқиқотҳои илмӣ дар Осиёи Марказӣ таъсис дода шудаст. Аз рузи таъсис то боз кардани барномаҳои бакалаврӣ ва магистрии ДОМ ҳадафҳои асосии Барнома аз таҳкими зарфиятҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар минтақа ва ташаккули бизнес – аз ҳисоби донишҳо, кадрҳо, маҳсулоти илмӣ таҳқиқотӣ ва маводҳои таълимӣ – барои доираи васеи барномаҳои нақшарезишудаи ДОМ иборат хоҳад буд.

Аз руи самти якум Барномаи таҳқиқоти илмии ДОМ ба олимони пешбар аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва хориҷи дур кумак мерасонад, ки аз руи мавзуҳои дорои авлавияти кадмеикӣ барои ДОМ таҳқиқоти илмӣ мебаранд. Дар доираи барномаи махсуси идрорпулиҳо барои таҳқиқоти илмӣ Донишгоҳ кумаки молиявию ташкилӣ расонда, ҷиҳати дастгирии таҳқиқотчиён дар анҷом додани мушоҳидаҳои сафарӣ, иштирок дар конфронсу семинарҳо ва нашри рисолаҳо дар маҷаллаҳои илмӣ ба захираҳои худ дастрасӣ фароҳам меорад. Мутахассисони Барнома дорандаи дараҷаи илмии доктори фалсафа мебошанд, ки аз ҷониби мактабҳои олии пешбари ҷаҳон қадр карда шудаанд ва таҷрибаи таълиму тадрис дар мактабҳои олӣ дар хориҷа доранд. Самтҳои таҳқиқоти илмӣ инҳоянд:

- **Донишкадаи тадқиқоти ҷамоаҳои кухистон (ДТҶК)** : *Иқтисоди манотиқи кухистон*, аз ҷумла кишоварзӣ дар шароити баландкуҳ ва пасторализм (чорводории хонагӣ), силсилаи бозорӣ дар шароити куҳистон, муҳоҷирати меҳнатӣ, туризм ва эко-туризм; *Тағйирёбии муҳити зист ва танзими истифодаи захираҳои табиӣ* ,аз ҷумла истифодабарии устувори замин, тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба равандҳои муҳоҷират, ҳифзи гуногунии биологӣ;*офатҳои табиӣ – пешгирӣ ва рафъи оқибатҳо,* аз ҷумла таҳқиқи ниёзмандӣ ва рафъи оқибатҳои офати табиӣ ҳамчун хавфҳои зилзила, обхезӣ ва ярч;сиҳатӣ ва тандурустӣ, аз ҷумла амнияти озуқаворӣ, проблемаҳои ғизои хуб, мушкилоти тандурустӣ дар манотиқи дурдаст; *энергетика дар манотиқи куҳистон,* аз ҷумла манбаъҳои гуногуни энергия, ҳавасмандгардонии истифодаи манбаъҳои эҳёшавандаи энергия,таҳқиқи иҷтимоию экологии энергетика.
- **Донишкадаи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ.** Танзими иқтисодӣ, инчунин муносибатҳои минтақавии иқтисодӣ ва тиҷорат, иқтисодиёти рушд, сиёсати танзим ва сиёсати микроиқтисодӣ; *Хароҷотҳои самарабахш ва идоракунии хизматрасонии бахши давлатӣ* дар се самт, ки барои беҳдошти инсон ва буҷети давлат муҳим мебошанд: маориф, тандурустӣ ва дастгирии иҷтимоӣ; ва идоракунии самаранок, инчунин рушди тадбирҳои асосбунёд тавассути равандҳои самарабахш ва фарогир.
- **Мероси фарҳангӣ ва таърихи ҷомеа**: Таҳқиқи эҷодиёти шифоҳӣ ва мусиқии халқҳои Осиёи Марказӣ. дин, фалсафа ва нақши анъанаҳои фарҳангӣ дар ташаккули ҳисси ҳуввияти миллӣ.

Барномаи ДОМ оид ба таҳқиқи масъалаҳои ҷамоаҳои куҳистон барои муҳақиқоне, ки ба масоили ҷамоаҳои куҳистон машғуланд, босуръат ба занҷири асосии пайванд табдил меёбад.Барномаи мазкур мунтазам маркази байналхалқии дорои вазифаҳои омузиши ҷанбаҳои тағйирёбии экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии манотиқи куҳистон ва маркази корошиносӣ оид ба таҳияи тавсияҳо бобати сиёсат ва стратегия барои ҷамоаҳо, ҳукуматҳои алоҳида ва созмонҳои бахши хусусӣ мегард. Тадқиқоте, ки Донишгоҳ ба роҳ мондааст, дар як қатормаводи чопии солҳои охир дарҷ мегарданд. Донишкадаи идоракунии давлат ва сиёсат дар қайдҳо ва маърузаҳои хеш зиёда аз 35 кори илмиро дар мавзуъи ҳамкории минтақавӣ ва тиҷорат, инчунин дар мавзуъи равандҳои таҳияи сиёсати давлат нашр намудааст. Муаллифҳо коршиносони минтақавӣ аз Осиёи Марказӣ ва Афғонистон мебошанд. Силсилаи корҳои тадқиқотии Донишкадаи тадқиқоти ҷамоаҳои куҳистон аз тадқиқотҳои фарогир оид ба мавзуҳои калидӣ иборат буда, зимнан донишҳои мавҷуда ва масъалаҳои мубрамро ошкор месозанд. Ҳоло оид ба Пасторализм ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар куҳистони Осиёи Марказӣ, Истифодабарии устувори замин дар ҶумҳурииҚирғизистон ва Тоҷикистон, Туризм дар қуҳсор ва Рушди устувор дар ҶумҳурииҚирғизистон ва Тоҷикистон дар баробари дигар тадқиқотҳо мавҷуданд. Донишгоҳ дар доираи лоиҳаи оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ барои чопи зиёда аз 10 китоби муаллифони минтақавӣ, аз ҷумла *"Харитаҳои бостоншиносии Помири Шарқӣ* (2015) ва *Харитаҳои бостоншиносии Помири Ғарбӣ* (2008), муаллиф Мира Бубнова ва *Санъати мусиқии Помир: ҷилди I-V* (2005), муаллифон Низом Нурҷонов, Файзулло Кароматов ва Баҳринисо Қобилова кумак расонд.

Дар доираи барнома ба ташаккули робитаҳои ҳамкорӣ (шарикӣ) бо муассисаҳо ва муҳақиқон аз кишварҳои мухталифи ҷаҳон, ки барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ дар Осиёи Марказӣ алоқаманданд, бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Дар баробари иштироки муҳақиқони хориҷӣ, ҳамкорони (шарикони) ДОМ дар рушди имкониятҳои олимони ҷумҳуриҳои минтақа, бо пешниҳоди дастрасӣ ба донишҳо ва таҷрибаи худ, тамос ва механизмҳои нақди илмӣ нақши муассир доранд. Дар заминаи ДОМ идрордорони барномаи Фулбрайт, донишҷӯёни барномаҳои магистрӣ ва муҳаққиқони мустақил фаъолият мебаранд. Донишгоҳ барои муассисаҳои таълимии дигар, аз ҷумла Донишгоҳи славянии Қирғизистону Россия, Гуруҳи илмҳои ҷангаломузии Норвегия, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, Донишгоҳи Карлтон, Донишгоҳи иёлати Мичиган, Донишгоҳи Торонто, Маркази илмии рушд ва муҳити зисти донишгоҳи Берн, Донишкадаи Байналхалқии Тадқиқоти Проблемаҳои Ҷаҳон , Донишгоҳи Алберт, Донишгоҳи Колумбияи Британия ва Донишгоҳи Торонто мақоми шарикӣ (ҳамкорӣ) илмиро дорад.

Донишгоҳ ба ҳайси маркази таҳқиқоти илмӣ оид ба мушкилоти манотиқи куҳистон эътироф гардид ва барои Дафтари ҳамоҳангсозӣ оид ба Осиёи Марказии Барномаи швейцариёии таҳқиқоти илмии «Шимол-Ҷануб» ва намояндагии мушорикати куҳӣ ва Анҷумани куҳӣ дар Осиёи Марказӣ ҳамчун пойгоҳ қарор дода шуд. Донишгоҳ узви фаъоли ташкилотҳои зиёди таҳқиқотӣ ва муҷовир, ба монанди Eurasia Pacific Uninet (иттиҳодияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки дар назди Вазорати федеролии илм ва таҳқиқоти Австрия фаъолият доранд), Консорсиуми Ҳимолойии Донишгоҳҳо – шабакаи


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

мактабҳои олӣ дар ноҳияҳои ҳавзаи Ҳимолой, ки ба таҳқиқот дар бахши рушди устувор дар манотиқи кӯҳистон машғуланд ва Ҷомеаи кӯҳии байналмилалӣ мебошад.

**Барномаҳои академикии ДОМ**

Нуктаи марказии татбиқи дидгоҳи ДОМ таъсиси муассисаи таълимии сатҳи олӣ мебошад, ки дар он донишҳо тавлид ва мавриди амал қарор дода мешаванд. Барномаҳои академикӣ дар худ муҳити донишҷӯгирой, ки барои мактабҳои олии пешбари санъати озод хос аст ва муҳити зеҳнии донишгоҳи таҳқиқотиро якҷоя кардаст. Барномаҳои академикӣ ба анъанаҳои умумии маълумоти гуманитарӣ ва техникӣ асос ёфтаанд. Ҳамзамон хатмкунандаҳо соҳиби малакаҳое мегарданд, ки бозор тақозо мекунад ва аз принсипҳои кунҷковӣ, ахлоқи ҳирфаӣ ва рушди иқтисодӣ маншаъ мегиранд. Интихоби чунин намунаи таҳсилот бо он маънидод карда мешавад, ки маҳз он беҳтар аз ҳама ба рисолати Донишгоҳ – омодасозии дастпарварони шоисати роҳбарӣ дар муҳити илмӣ, академикӣ, сиёсӣ ва эҷодӣ мутобиқат мекунад.

Омузиши барномаҳои бакалаврӣ ва магистрӣ бо забони англисӣ сурат мегиранд, ҳамзамон ҳамаи донишҷӯёни барномаҳои бакалаврӣ бояд бо забони модарӣ ва русӣ озод суҳбат кунанд. Аксарияти довталабонро ба эҳтимоли зиёд лозим меояд, ки аз руи фанҳои навиштори академикии англисӣ, технологияҳои компютерӣ ва тафаккури миқдорӣ омодагии ибтидой гиранд. Ба донишҷӯёни тозавориди бакалавриат барномаи яксолаи омодагӣ, барои довталабони магистратура омодагии семоҳа пешбинӣ гардидааст.

**Барномаҳои бакалаврӣ**

Барномаҳои чорсолаи бакалаврӣ дар доираи Мактаби илмҳои гуманитарю дақиқ амалӣ мегарданд;донишҷӯён унвони бакалаври илм (BSc)-ро гирифта метавонанд. Ҳар як донишҷӯ аз курсҳои базавие мегузарад, ки аз руи принсипи муносибати байниириштавӣ таҳия шудаанд ва мақсади онҳо равнақ додани малакаю одатҳои ҳирфаӣ, тафаккури миқдорӣ, мукотибот ва соҳибкорӣ мебошад. Барои донишҷӯён имконияти гирифтани таҳсили амалӣ фароҳам оварда шуда, дар доираи барнома ба таҷрибаомузии истеҳсолӣ фаро гирифта мешаванд, ки аз ҷониби Донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо корхонаю созмонҳои шарик дар тамоми минтақа ташкил мегардад. Инчунин ҳар як донишҷӯи барномаҳои бакалаврӣ уҳдадор аст лоиҳаи байнириштавиро супорад, ки дар доираи он гузарондани тадқиқоти илмиии аслӣ дар бахши яке аз масъалаҳои рузмарраи фанни хеш дар назар дошта шудааст.

Донишгоҳ барои таъмини мувофиқати сифату дониши хатмкунандагон бо барномаҳои академӣ дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои пешбари байналхалқӣ оид ба тадқиқоти маркетингии «Nielsen» тадқиқоти доманадори бозори таҳсилотро доир намуд. Дар рафти тадқиқот бо лидерони ҷамъиятию роҳбарони корхонаҳои пешбари Осиёи Марказӣ зиёда аз 55 вохурӣ гузаронда шуда, инчунин фокус-гуруҳҳо ва пурсишҳо доир гардиданд, ки зиёда аз 800донишҷӯён ва волидайнро фаро гирифтаанд.

Ҳар як шаҳраки донишҷӯён самтҳои тахассусии барномаҳои бакалаврии худро хоҳад дошт. Дар шаҳраки Донишҷӯёни Нарини (Ҷумҳурии Қирғизистон) Донишгоҳ, ки ифтитоҳи он тирамоҳи соли 2016 дар назар аст, дар ибтидо ду барномаи бакалаврӣ- : 1) «Улуми компютерӣ» ва 2) «Фарҳанг, коммуникатсия ва васоити иттилоотӣ» -ро пешниҳод мекунад. Шаҳраки Донишҷӯёни Хоруғ (Тоҷикистон), ки мутобиқи нақша соли 2017 ифтитоҳ меёбад, барномаҳои бакалавриро дар соҳаҳои: «Иқтисодиёти байналмилалӣ» ва «Илм дар бораи Замин ва муҳити атроф» ва «Иқтисодиёт ва тиҷорати байналхалқӣ» пешниҳод карда мешаванд. Шаҳраки Текелӣ (Қазоқистон) дар нақша аст, ки соли 2020 ифтитоҳ мешавад, ки барномаҳои «Бизнес ва соҳибкорӣ» ва «Илмҳои муҳандисию техникӣ» пешниҳод карда мешаванд.

Ба тамоми донишҷӯён, сарфи назар аз интихоби тахассуси онҳо, имконияти гузарондани таҳсилоти яке аз семестрҳо дар шаҳраки дигари донишҷӯёни ДОМ фароҳам оварда мешавад, ки ин баҳри шиносоии донишҷӯён бо фарҳанги нав ва кор карда баровардани идея(ғояҳо)и инкишофи минтақа мусоидат хоҳад кард.

**Барномаҳои магистрӣ**

Дар Мактаби олии рушди ДОМ барномаи магистри илм (MSc) дар соҳаи рушди иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад.Барномаи мазкур дар Бишкек барои хатмкунандагони нави мактабҳои олӣ ва хоҳишмандони идома додани таҳсилоти хеш пешбинӣ шудааст. Дар Мактаби олӣ се самт-«Сиёсати давлатӣ», «Соҳибкорӣ» ва «Иқтисодиёти манотиқи кӯҳистон» пешниҳод хоҳад шуд.

**Ҳайати муаллимон**

Муаллимони барномаҳои бакалаврию магистрии ДОМ шаҳрвандони ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва профессорони байналхалқӣ хоҳанд буд. Ҳоло Донишгоҳ Барномаи тайёр намудани ҳайати муаллимону профессоронро амалӣ месозад, ки дар доираи он муҳаққиқони умедбахши ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз гирифтани кумаки таҳсилоти барномаҳои докторӣ дар мактабҳои олии пешбари ҷаҳон бархурдор хоҳанд шуд.Хатмкунандагони барномаи мазкур баъд аз хатми таҳсил ба фаъолияти муаллимию муҳаққиқӣ ба Донишгоҳ бармегарданд.

**Назари ДОМ ба таҳсилот**

- **Шаҳраки академӣ ҳамчун ҷамоаи донишгоҳӣ:**_таҳсилотро ҳам дар дохили синфхонаҳо ва ҳам берун аз он ҳавасманд мегардонад ва равобити иҷтимоиро якмра барқарор месозад.
- **Муҳити созгори донишҷӯӣ:**_ малакаю дониш бо дарназардошти нуқтаи назари донишҷӯён, тафовут дар тарзи дарк ва таҷрибаи зиндагӣ омузонда мешаванд.
- **Таҳсилоти заминавӣ:** таҳсилот бо дарназардошти_заминаи экологӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ӣқтисодӣ, ва иҷтимоии сиёсии Осиёи Марказӣ.
- **Раванди таҳсиле, ки кори мустақилонаи тадқиқотӣ дар он нақши муҳим дорад**:_ин муҳаббатро ба дониш афзун намуда, ба бархурди ҳамаҷониба ва серҷабҳаи ҳал намудани проблемаҳо мусоидат мекунад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- **Таҳсилот тавассути таҷриба:**таҳсилоти таҷрибавие, ки дар муҳити аудиторӣ бо мутобиқшавӣ бо дунёи воқеъӣ тавҳам буда, барои рушди минтақавӣ мусоидат мекунад.
- **Салоҳиятҳои асосӣ:** тафаккури интиқодӣ, этика,муносибати тадқиқотӣ,тафаккури миқдорӣ,мукотибот ва соҳибкориро дар бар мегирад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Дафтари ҳамкории Швейтсария/ Консулгарӣ дар Тоҷикистон

Тамос: Хонум Валбурга Роос
Сардори идора/Консул
Тел: (+992 37) 224 73 16, 224 38 97 Факс: 44 600 54 55
Почтаи электронӣ: dushanbe@eda.admin.ch
Сомона:https://www.eda.admin.ch/countries/tajikistan/en/home/representations/cooperation-office.html
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Л. Толстой 3

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Дафтари ҳамкории Швейтсария дар асоси созишномаи дуҷониба дар бораи ҳамкорӣ ва кумаки башардустона миёни Ҳукуматҳои Швейтсария ва Тоҷикистон, ки 19 декабри соли 1999 имзо гардидааст, ташкил ёфтааст.

Ин дафтар мақоми дипломатӣ дошта, намояндагии дипломатии Швейтсарияро, ки Ҳукумати Швейтсария онро барои идомаи ҳамкорӣ ва мушоҳидаи барномаи Швейтсария дар Тоҷикистон таъин намудааст, сарварӣ мекунад. Дафтари ҳамкории Швейтсария аз соли 2001 ба ин ҷониб Агентии консулгарии Швейтсарияро, ки намояндагии сафорати Швейтсария дар Қазоқистон ва Тоҷикистон мебошад, дарбар мегирад.

Дафтари ҳамкории Швейтсария чор раёсати донории ҳукуматӣ: Раёсати Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC), Бахши кумаки башардустона, ва Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт (SECO) дар назди Департаменти федералии умури иқтисодиёти Швейтсарияро намояндагӣ мекунад. Ғайр аз ин, Дафтари ҳамкории Швейтсария дар Тоҷикистон аз дигар шуъбаҳои федералии Швейтсария, ҳамчунин Сафири Швейтсария, ки дар Қазоқистон муқимӣ ва дар Тоҷикистон ваколатдор гардидааст, намояндагӣ менамояд. Ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Швейтсария ба он асос меёбад, ки Тоҷикистон ба гуруҳи намояндагии Швейтсария дар институтҳои Бреттон-Вуд ворид мебошад. Дафтари ҳамкории Швейтсария бо мақомоти давлатии Тоҷикистон дар соҳаҳои тандурустӣ, иқтисод, захираҳои обу энергетика, волояти қонун ва дигар мақомоти марбут фаъолият мекунад. Дар ин соҳаҳо Дафтари ҳамкории Швейтсария ҳамчунин бо ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ, институҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, агентиҳои СММ, Бонкҳои Рушд, институҳои байналмилалии молиявӣ, агентиҳои консалтингӣ ва созмонҳои байналмилалии ғайридавлатие, чун Каритаси Швейтсария, Ҳелветас Интеркоопераийшн, ГОПА Консалтантс, Созмони ёрии башардустонаи Фокус, Фонди Оғо Хон, Маркази байналмилалии саломатии Швейтсариягии Институти тандурустии омма ва тропикии Швейтсария кор мекунад.

Лоиҳаҳои аз тарафи Ҳукумати Швейтсария маблағгузоришавандаро шариконі Дафтари ҳамкории Швейтсария - созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои давлатии Тоҷикистон ва танҳо дар ниҳояти кор худи Дафтар татбиқ мекунанд.

Лоиҳаҳои аз ҷониби Швейтсария маблағгузоришаванда вобаста ба барномаҳои миллии рушди Ҳукумати Тоҷикистон дар асоси созишномаҳои дутарафа бо давомнокии на камтар аз 2-3 сол таҳия мешаванд. Маблағгузории лоиҳаҳо дар шакли грантҳо сурат мегирад. Дафтари ҳамкории Швейтсария дар умум дар муносибат бо Ҳукумати Тоҷикистон вобаста ба лоиҳаҳои муайян ва иҷрои барномаи ҳамкории Швейтсария бо Тоҷикистон масъул аст. Он ҳамчунин барои гирифтан ва таъмини баҳодиҳии пешакии пешниҳодҳои марбут ба расонидани кумакҳо уҳдадор мебошад. Қарори ниҳоии маблағгузорӣ метавонад, аз ҷониби Дафтари ҳамкории Швейтсария сурат гирад ё ба яке аз агентиҳои донории масъули ҳукумати Швейтсария барои баррасӣ ва тасдиқ ирсол гардад.

**Барномаҳои пешина ва амалкунанда[1]**

- Лоиҳаи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ва тибби оилавӣ;
- Лоиҳаи тибби оилавӣ барои дастгирии маҳалҳо;
- Лоиҳиа ислоҳоти маорифи тиббии пеш аз дипломӣ;
- Беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ дар Водии Рашт ба воситаи ҳамбастагии барномаҳои об таъминкунӣ ва тиб;
- Лоиҳаи автоматикунонии каналҳо;
- Ҳамгироии идораи захираҳои обӣ -водии Фарғона;
- Лоиҳаи энергетикии хусусии Помир;
- Лоиҳаи обтаъминикунии шаҳри Хуҷанд;
- Лоиҳаи минтақавии таъмини оби нушокӣ ва санитария;
- Лоиҳаи эҳёи системаҳои обии шаҳрҳои шимоли Тоҷикистон;
- Таъмини оби нушокӣ ва санитария дар Тоҷикистон;
- Мустаҳкам намудани потенсиал дар идораи хафвҳо;
- Лоиҳаи баҳодиҳӣ ва мониторинги хавфҳои дуршуда;
- Идораи ҳамбастаи захираҳои обӣ;
- Лоиҳаи беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;
- Лоиҳаи мустаҳкамгардонии инфрасохтори молиявӣ дар Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон;
- Лоиҳаи рушди институти волоии аудити беруна;
- Барномаи пешрафти тиҷорат;
- Дастгирии дохил шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат;

[1] Рӯйхати умумӣ ва маълумоти муфассал дар бораи лоиҳаҳо дар нишонии зер мавҷуд аст: https://www.eda.admin.ch/countries/tajikistan/en/home/international-cooperation/projects.html


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- Дастрасӣ ба адолат ва ислоҳоти низоми судӣ;
- ислоҳоти низоми бақайдгирии САҲШ;
- Пешгирии зӯроварӣ дар хонавода;
- БаБарномаи фарҳанг ва маданият;
- Барномаи грантҳои хурд (Хазинаи Дафтари ҳамкории Швейтсария).

Дар соли 2015 буҷет тақрибан 15,8 миллион доллари ИМА (ҳамчунин барномаҳои минтақавӣ)-ро ташкил кард.

**Самти барномаҳои оянда**

Дар доираи стратегияи нав барои солҳои 2012-2015 Швейтсария ҳимояти молии худро ба чунин соҳаҳои Тоҷикистон – тандурустӣ, волоияти қонун, таъмини об ва санитария, рушди бахши хусусӣ муттамарказ мекунад. Мақсади умумии ҳамкории Швейтсария дар Тоҷикистон дар доираи стратегияи нав дар расонидани кумак ба раванди гузариши ин кишвар ба воситаи мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва бунёди институтҳо ва системаҳое, ки ба эҳтиёҷоти аҳолӣ посух мегуянд, ифода меёбад.

Буҷети нақшавӣ барои соли 2016 ҳудуди 17,8 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Идораи байналмилалии назорати маводи мухаддир ва тартиботи ҳуқуқӣ

Тамос: Ҷ-би Кристофер Грин
Мудири шуъба (INL)
Тел: (+992 37) 229 2111 Факс: (+992 37) 229 2950
Почтаи электронӣ: greencl2@state.gov
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. И.Сомонӣ 109 А

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Идораи байналмилалии назорати маводи мухаддир ва тартиботи ҳуқуқии Вазорати умури хориҷии ИМА (INL), дар тараққӣ додани сиёсат ва барномаҳои мубориза байналмилалии зидди маводи мухаддир ва ҷиноят, нақши асосиро мебозад. Бахшида ба тақвияти услуби\сохтори ҳуқуқи ҷиноятӣ, мубориза гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ва каминсозии ҷинояти байналмилалӣ, INL, нақши пешвоиро дар тараққиёт ва ҳамоҳангсозии сиёсати байналмилалии татбиқи қонуният ва ҳамдастӣ, иҷро мекунад. Вазифаи INL, каминсозии таъсири ҷинояти байналмилалӣ ва маводи мухаддир ба Иёлоти Муттаҳида ва шаҳрвандони он, ба воситаи таъмини ҳамдастии хориҷии самаранок варивоҷи ҳамкории ҷаҳонӣ мебошад.

**Барномаҳои ҷорӣ ва қаблӣ**

Дафтари INL дар Душанбе, Тоҷикистон соли 2003 барпо шуд. Ин дафтари сафоратхона барномаҳои татбиқи қонун, бехатарии сарҳад ва ҳуқуқи ҷиноятиро дастгирии фаннӣ ва ҳамоҳангсозӣ мекунад, ки аз тарафи Вазорати умури хориҷии ИМА, дар асоси созишномаи дутарафаи ИМА\Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад. Дафтари INL бо Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати умури дохилӣ, Вазорати адлия, Дафтари додситони кулл, Агентии назорати маводи мухаддир, Вазорати корҳои хориҷӣ, Хадамоти гумрук ва дигар сохторҳои мубориза бо терроризм, ҷиноятҳои мутташакил, маводи мухаддир, фасод, хариду-фуруши инсон барои мусоидати ислоҳоти соҳаи адлия ва волоияти қонун, ҳамкорӣ мекунад.

Иборат аз:

- Ҳамдастии рушди ҳифзи ҳуқуқ, бехатарии сарҳад, назорати маводи мухаддир, волоияти қонун, мубориза бо хариду-фуруши инсон;
- Таъмини инфрасохтор, ҳамдастии фаннӣ тавассути идораи барномаҳои маблағгузоштаи Вазорати умури хориҷии ИМА-INL;
- Ҳамдастӣ ё таъмини машварат дар рушди муқарароти касбии сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, барномаҳои таълимӣ, забонҳои хориҷӣ ва донишкадаҳои касбӣ, дар чорчубаи ахлоқи демократӣ ва волоияти қонун;
- Кушоиш додани муносибатҳои боваринок ва ҳамкории пулис бо ҷамъият, тавассути фалсафа ва таҷрибаҳои барномаҳои INL;
- Ҳамчун аъзои фаъол ва комили ҷомеаи атокунандаҳои байналмилалии соҳаи ҳифзи ҳуқуқ хизмат кардан

Иҷрокунандагони асосии лоиҳаҳои INL дар Точикистон, Раёсати Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ, Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, Филиали Ассотсиатсияи Ҳуқуқшиносони Амрико ва мисли он дигар ташкилотҳои ғайридавлатии маҳаллӣ мебошанд.

INL дигаргунии воридсозро тавассути машғулкунии омузгори тараққиёт ва ислоҳоти барнома дар институтҳои омузишии давлати Тоҷикистон таъмин кард. Барномаи Ҳифзи тартибот бо ҳамкории ҷомеа, аъзоёни ҷомеа ва кормандони ҳифзи тартибот дар ҷомеаҳои қаламрави кишвар барои беҳтар кардани амнияти мардум ва сухан кардани масъалҳхои дахлдори мардум, якҷоя меорад. INL ҳамчунин ба Қуушунҳои сарҳадӣ ва дигар идораҳо барои такмил додани инфраструктураи моддии онҳо ва тренингҳои гуногун ва кумаки техникӣ пешкаш карда шуда ба кормандони ҳифзи тартибот ва сектори адлия барои ҷиҳозонидани онҳо бо маҳорати зарурӣ барои мубориза зидди ҷиноят ва ҳимоят кардани волоияти қонун кумак кард.

**Самти барномасозии оянда**

Барномаҳоиояндаи INL диққати худро ба кушишҳо барои тараққӣ додани қобилияти Точикистон барои пешгирӣ кардани ҷараёни ғайриқонунии амвол ва одамон дар он тарафи сарҳад ҳангоме, ки кушиш кард барои тиҷорати қонунӣ, муҳоҷират ва мусофират; тақвият додани идораҳои тартиботи ҳуқуқии Тоҷикистон тавассути тренингҳо ва таъминоти таҷҳизот барои кумак ба барномаи ислоҳоти муфассали полиси Тоҷикистон; кумак кардан ба мубориза бар зидди хариду фуруши одамон (TIP) тавассути тренингҳои ҷорӣ; кумак кардан барои кушишҳо бар зидди маводи мухаддир; ва мусоидат кардан ба волоияти қонун тавассути ёрӣ ба адвокатураи кишвар ва институтҳои дигари сектори адлия ва кумаки техникӣ барои равиши ислоҳоти қонунбарор равона мекунад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Созмони дуҷониба*

# Иттиҳоди Аврупо

Тамос: Ҷ-би Ҳидает Бишчевич
Роҳбари Намояндагӣ/Сафир
Тел: (+992 37) 221 74 07 Факс: (+992 37) 221 43 21
Почтаи электронӣ: Delegation-Tajikistan@eeas.europa.eu
Сомона: http://deltjk.ec.europa.eu
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Адҳамов, 74

## Нимрухи созмон

Иттиҳоди Аврупо (ИА) аз 28 давлатҳои демократӣ, ки барои сулҳ ва пешрафт якҷоя кор мекунанд, иборат аст. Давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ташкилотҳои умумиро, яъне Комиссияи Аврупо ва Хадамоти корҳои хориҷии Аврупоро таъсис карда, онҳоро вазифадор намуданд, ки дар ҳудуди ваколати худ қарорҳоро оиди масъалаҳои гуногун қабул кунанд. Ин қарорҳо бояд ба таври демократӣ, аз нигоҳи манфиатҳои тамоми ИА дар як ташкилот қабул карда шаванд.

Дар ИА ба ҷараёни қабули қарорҳо се ташкилоти асосӣ ҷалб шудаанд:

- Парлумони Аврупо, ки бевосита аз ҷониби кишварҳои аъзои ИА интихоб мегардад ва манфиатҳои шаҳрвандони ИАро пеш мебарад;
- Комиссияи Аврупо, ки фаъолияташ дар маҷмуъ ба ҳифзи манфиатҳои ИА равона гардидааст;
- Шурои Аврупо, ки аз кишварҳои мустақили аъзои ИА иборат мебошад.

Ин ташкилотҳо бевосита ба қабули санадҳои меъёрӣ ва қонунгузорӣ, ки баъд дар ҳамаи давлатҳои ИА татбиқ мешаванд, машғул ҳастанд.

Комиссияи Аврупо (КА) инчунин мақоми иҷроияи ИА ва ё ба ибораи дигар ин мақом қарор ва қонунҳои аз ҷониби Парлумон ва Шурои ИА қабулшударо дар амал татбиқ мекунад. Он масъули иҷрои фармону қонунҳо, амалисозии барномаҳо ва хароҷоти маблағҳое, ки барои татбиқи ин барномаҳо ҷудо шудааст, мебошад.

Вазифаҳои асосии Комиссияи Аврупо инҳоянд:

1. Пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба Парлумон ва Шурои ИА;
2. Иҷрои сиёсат ва буҷети ИА;
3. Татбиқи қонунҳои Аврупо (якҷоя бо Суди ИА).
4. ИА-ро дар арсаи байналхалқӣ намояндагӣ кардан, аз ҷумла манфиатҳои онро дар музокирот бо дигар мамлакатҳо пеш бурдан мебошад.

Намояндагии ИА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро соли 2004 дар ш. Душанбе оғоз намудааст. То соли 2009 Намояндагӣ дар тобеияти дафтари Намояндагии ИА дар Қазоқистон қарор дошт. Дар охири соли 2009 ваколати Намояндагӣ афзуд ва он ба Намояндагии комилҳуқуқ табдил ёфт, ки роҳбари он ҳоло ҷаноби Ҳидает Бишчевич, Сафир ва Роҳбари Намояндагӣ мебошад ва феълан бевосита тобеъи Саридораи ИА мебошад.

Баъди эътибор пайдо кардани Шартномаи Лиссабон оиди ворид намудани тағйирот ба «Шартнома дар бораи ИА» аз 1 декабри соли 2009 Хадамоти корҳои хориҷии Аврупо (ХКХА) фаъолияти худро аз 1 декабри соли 2010 шуруъ намудааст. ХКХА аз дигар сохторҳои Иттиҳоди Аврупо мустақил буда, сиёсати ягонаи хориҷии ИА-ро, аз ҷумла амният ва дигар масъалаҳои марбут, амалӣ мекунад. ХКХА таҳти роҳбарии Намояндаи Олӣ оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати амният мебошад. Ин вазифа баъд аз ба имзо расидани Шартномаи Лиссабон ба вуҷуд омад. ХКХА бо ИА дар баъзе масъалаҳои муштараки дар салоҳияти ҳар ду ташкилот буда, ҳамкорӣ менамояд.

ИА ҳадафҳои стратегии худро нисбати ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳуҷҷатҳои зайл муайян кардааст: "Стратегияи ИА барои ҳамкории нав бо кишварҳои Осиёи Марказӣ" ва "Шарҳи иҷрои стратегия ва самтҳои фаъолияти оянда", ки аз тарафи Шурои Аврупо моҳи июни соли 2012 қабул шуданд ва ҳамчунин дар "Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ (СШҲ)", ки байни ИА ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004 ба имзо расида аз 1 январи соли 2010 ба эътибор даромадааст.

## Барномаҳои қаблӣ

ИА барномаҳои ҳамкорияшро бо Тоҷикистон дар сатҳҳои марказӣ, минтақавӣ, зериминтақавӣ ва миллӣ амалӣ месозад. Ин барномаҳову лоиҳаҳо аз тарафи идораҳои воқеъ дар шаҳрҳои Брюссел, Остона, Бишкек ва Душанбе идора карда мешаванд.

Санади ҳамкории ИА ин "Механизми маблағгузории ҳамкорӣ ба хотири рушд" аст. Ин механизм низоми нави ИА барои банақшагирӣ ва пешкаши кумаки он буда, ба зиёдшавии самаранокии барномаҳову лоиҳаҳо мусоидат мекунад. Инчунин, механизми мазкур тибқи арзишҳои ИА масъулияти кишварҳои шарикро баланд бардошта, ба коҳиши камбизоатӣ, ислоҳоти бахши иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, идоракунии беҳтар ва тағйироти институтсионалӣ ёрдам мерасонад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Самтҳои афзалиятноки ҳамкории минтақавӣ дар "Дурнамои ИА барои Осиёи Марказӣ: дурнамои шарикии нав" муайян карда шуданд. Фаъолият дар чорчубаи мазкур Муколама оид ба ҳуқуқи инсонро (ки дар заминаи он 11 июни соли 2015 дар ш. Брюссел ҷаласаи ҳафтуми Муколамаи ҳарсолаи оид ба ҳуқуқи инсон паси Семинари ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба озодии васоити ахбори омма, ки дар шаҳри Душанбе моҳи ноябри соли 2014 гузаронида шуда буд) дар бар мегирад. Инчунин тариқи барномаи ташаббусҳои Шурои Аврупо дар Осиёи Марказӣ замина доир ба гузаронидани муколама дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои об, маориф ва волоияти ҳуқуқ барпо гашт.

*Ҳамкорӣ тавассути муколама ва барномаҳои минтақавӣ:*

**Энергетика ва ҳамгироии нақлиётӣ, рушди иқтисодӣ**

Ҳамкории Комиссияи Аврупо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин самт тавассути барномаҳои зайл ба беҳтар намудани роҳҳои ҳалли масоил дар сатҳи минтақавӣ роҷеъ ба сиёсати энергетикӣ ва ҳамгироии тадриҷии бозори энергетикии ин кишварҳо ба бозори Аврупо мебошад.

Масалан, дар чаҳорчубаи барномаи "Созишнома оид ба интиқоли газу нафт ба Аврупо (INOGATE)" Комиссияи Аврупо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ лоиҳаҳоро дар соҳаи энергетика дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ амалӣ месозад. Лоиҳаҳои мазкур ба ҳалли масъалаҳои сарфаи неру ва бехатарии интиқоли он, инчунин ташаббусҳои ба беҳтар намудани ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи танзими бозори энергетика, якшавии бозорҳои энергетикӣ, ҷалб намудани сармоягузорӣ, паст кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист, равона карда мешаванд.

Барномаи дигар "Гузаргоҳи нақлиётӣ байни Аврупо, Кафқоз ва Осиё (TRACECA)" мебошад. Он ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ, савдо ва алоқаҳои нақлиётӣ тариқи сохтани шоҳроҳи нақлиётӣ байни Аврупо, Кафқоз ва Осиё нигаронида шудааст.

Барномаи сеюм ин "ИФКА" (IFCA) аст. Он механизми хоси ИА барои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика ва муҳити зист буда (се лоиҳа дар ин самт алакай амалӣ шуда истодаанд), низ рушди соҳибкории хурду миёнаро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дастгирӣ мекунад.

"Осиёи Марказӣ – Инвест" (Central Asia-Invest) ин барномаи махсусе, ки ҳадафи асосии он дастгирии соҳибкории хурду миёна ва ҳамкории минтақавист.

**Муҳити зист**

Барномаҳои ҳифзи муҳити зист дар Осиёи Марказӣ, ки аз тарафи Комиссияи Аврупо маблағгузорӣ мешаванд, ба идоракунии захираҳои об, аз ҷумла ба ҳалли мушкилоти истифодабарии обҳои байнисарҳадӣ ва таъсиси низоми идораи захираҳои об дар майдонҳои обпарто, аз ҷумла дар сатҳи байнидавлатӣ, равона шуданд.

Ҳамкории судманд байни ташкилотҳои гуногуни маҳаллӣ, ташкилотҳои донории байналхалқӣ дар соҳаи идораи захираҳои об ба роҳ монда шудааст.

Дигар ҳамкориҳо дар ин самт ин назорати аҳволи муҳити зист, зиёд кардани тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим, коҳиши таъсири бади он ба муҳити зист, рушди иқтисодиёти аз нигоҳи экологӣ тоза,ривоҷи ҷангалпарварӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ мебошанд.

**Маориф**

Барномаи таълимии "Эразмус +" (барномаҳои собиқи "Темпус" ва "Эрасмус Мундус"ро дар бар мегирад) навсозиро дар ин соҳа тариқи фаъолияти мақсадноке, ки ба навсозии барномаҳои таълимӣ, усулҳои таълим ва баланд бардоштани дониши босифат нигаронида шудааст, дастгирӣ мекунад. "Эрасмус +" тавассути лоиҳаҳое аламисозӣ мешавад, ки асосан донишҷӯёну кормандони илмии мактабҳои олиро барои таҷрибаомузӣ ба хориҷа мефиристад ва иқтидори тамоми сатҳҳои мактабҳои олиро пурзур мегардонад.

"Шабакаи илмӣ ва таълимии Осиёи Марказӣ" (CAREN) ба донишгоҳҳову марказҳои тадқиқотии панҷ давлати Осиёи Марказӣ имконияти дастрасӣ ба шабакаи Интернети босуръат медиҳад. Ба туфайли ин лоиҳа олимон ва донишҷӯён метавонанд ба марказҳои илмӣ ва тадқиқотии байналмилалии Комиссияи Аврупо ҳамкорӣ дошта бошанд. Ин лоиҳа аз шабакаи интернетии Аврупо ба номи "ҶИАНТ" (GEANT) истифода мебарад.

**Идораи сарҳадот ва мубориза алайҳи маводи мухаддир**

Комиссияи Аврупо маблағҳои зиёдро ба Осиёи Марказӣ ҷиҳати беҳшавии идоракунии сарҳадоти давлатӣ тариқи ду барномаи алоҳида ва марбут ҷудо намудааст.

Як барнома "БОМКА" (BOMCA) барои идораи сарҳадот аст ва дигаре "КАДАП" (CADAP), ки мақсадаш мубориза бар зидди қоҷоқи маводи мухаддир, гузаронидани муолиҷа ва идоракунии стратегии маълумот мебошад.

Ин барномаҳо ба беҳтар намудани иқтидори мақомотҳои маҳалии ҳифзи ҳуқуқ тариқи пешниҳоди таълим, тақвияти иқтидори кормандони соҳа, таъмини таҷҳизот, сохтани инфрасохтор, инчунин азнавсозии низоми идораи сарҳадот ва дастгирии савдои наздисарҳадӣ равона шудаанд.

Ғайр аз "Механизми маблағгузории ҳамкорӣ ба хотири рушд", кумаки Комиссияи Аврупо ба Тоҷикистон асосан тариқи барномаҳои зерин расонида мешавад: "Барномаи мусоидати техникӣ ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ТАСИС)", "Барномаи бехатарии озуқаворӣ (FSP)", "Барномаи кумаки молиявӣ (EFA)", "Ташаббуси Аврупо оид ба демократикунонӣ ва ҳуқуқи инсон (EIDHR)".


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

**Кумаки башардустона**

Аз соли 1992 инҷониб, Раёсати генералии Комиссияи Аврупо оид ба ҳифзи аврупоии шаҳрвандон ва амалиёти кумаки башадустона "ЭКО" (ECHO) барои татбиқи лоиҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон, Қирғизистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ беш аз 228 миллион евро ҷудо намуд ва аз он маблағ тақрибан 182 миллион евро барои Тоҷикистон ҷудо карда шуд.

Аз соли 2003 инҷониб "ЭКО" диққати худро ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар доираи барномаи ба истилоҳ "ДИПЭКО" (DIPECHO), ки бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи шаҳрвандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамёрон аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ, Созмони милали муттаҳид, Ҷамъияти Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва инчунин дигар ҳамёрон дар Осиёи Марказӣ ҳамкорӣ мекунад, равона месозад. Лоиҳаҳои аз ҷониби "ДИПЭКО" маблағгузоришуда тавассути дастгирии стратегияҳое, ки ба онҳо дар самти омодагии беҳтар, кам кардани таъсир ва эътино ба офатҳои табиӣ имконият фароҳам меоваранд дар баланд бардоштани дараҷаи мутобиқат ва паст кардани осебпазирии ҷомеаҳои маҳаллӣ ва муассисаҳо мусоидат мекунанд. Аз соли 2003, "ЭКО" зиёда аз 110 лоиҳаро тавассути нуҳ давраи "ДИПЭКО" дар Осиёи Марказӣ бо буҷети умумии тақрибан 42,8 миллион евро маблағгузорӣ намуд. Дар давоми давраи охирини "ДИПЭКО" IX, аз моҳи марти соли 2015 то декабри соли 2016, "ЭКО" 10 лоиҳаи аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ, байналмилалӣ ва СММ амалишавандаро маблағгузорӣ карда истодааст. Диққати лоиҳаҳо асосан ба сахт ва институтсионалӣ кардани дастовардҳо дар соҳаи коҳиши хафви офатҳои табиӣ (КХОТ) ва ҳамчунин татбиқи муносибати ҳамбаста ҷиҳати устувор кардани КХОТ ва баланд бардоштани иқтидори давлатҳои Осиёи Марказӣ, хусусан Тоҷикистон, дар ҷодаи КХОТ. Ҳаҷми умумии маблағгузорӣ барои "ДИПЭКО" IX (ҳамроҳи кишварҳои Қавқози ҷанубӣ) 5,8 миллион евро аст ва аз он 2 миллион евро дар Тоҷикистон, ки баҳрабарандаи бузургтарини маблағҳои "ДИПЭКО" дар минтақа аст, сарф мешавад.

Ғайр аз ин, солҳои 2015 ва 2016, "ЭКО" тавассути Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар вокуниши таъҷилиро барои қурбониёни тармаҳо ва ярчҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон (ВМКБ) ва водии Рашт дар моҳи июни соли 2015, зилзила дар ВМКБ дар моҳи декабри соли 2015 маблағгузорӣ кард ва ҳамчунин ба хонаводаҳои аз селобаҳои моҳи майи соли 2016 дар вилоятҳои Суғду Хатлон зарари бисёр дида, кумаки башардустона расонид. Ҳамаи ин лоиҳаҳо аз ҷониби Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон амалӣ карда шуданд.

**Самти барномаҳои ҷорӣ ва оянда дар ҳамкории дуҷониба**

Дар доираи Стратегияи нави ҳамкории ИА ва Осиёи Марказӣ барои солҳои 2014 – 2020, ки моҳи августи соли 2014 ба тасвиб расид, паст кардани сатҳи камбизоатӣ вазифаи асосӣ боқӣ мемонад ва барномаи индикативии бисёрсолаи Иттиҳоди Аврупо низ барои ин давра ба мақсад ва вазифаҳои ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ мувофиқ мебошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳамкории дуҷонибаи Иттиҳоди Аврупо асосан ба фаъолияти бахшҳои зерин нигаронида шудааст:

1. Тандурустӣ

- Таҳкими иқтидори идоракунӣ ва роҳбарӣ дар соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла механизмҳои маблағузории тандурустӣ ва системаҳои иттилоотии соҳаи тандурустӣ;
- Тавсеаи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасонии тиббие, ки хусусан барои аҳолии осебпазир ва дар сатҳи кумаки аввалия дастрас, мувофиқ, одилона, арзон ва сифатнок бошад.

Илова бар ин, Иттиҳоди Аврупо аз дастовардҳои кумаки пешинаи худ, таҳкими низоми идоракунӣ ва беҳшавии идоракунии молияи давлатӣ истифода бурда, кумаки навро дар соҳаи тандурустӣ пешниҳод хоҳад кард.

2. Маориф

- Тақвияти тартиб, раванд ва иқтидори банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва идоракунии молиявӣ дар вазоратҳое, ки барои таҳсилоти миёна ва омузиши касбию техникӣ масъул ҳастанд;
- Бо назардошти ниёзҳои ҳаррузаи ҷомеа беҳтар намудани сифати маълумоти миёна ва омузиши касбию техникӣ, ки ин ба хатмкунандагони мактабҳо имкон медиҳад, ки барои кору зиндагӣ беҳтар омода шаванд.

**3.** Рушди деҳот

- Таҳкими низоми идоракунӣ дар сатҳи вилоят, ноҳияю маҳалла ва тақвияти иқтидори деҳот дар таъмини рушди фарогир ва мухтор;
- Баланд бардоштани тобоварии хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ дар муқобили хатарҳои табиӣ ва маҳдудияти маводу захираҳо;
- Сабук кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим тавассути таъсиси низоми ҳамбаста барои идоракунии об ва дигар захираҳои табиӣ ва ҷорӣ намудани низоми мудирият дар ҳудуди ҳавза(ча)ҳои дарёҳои интихобшуда.

Кумаки бебозгашт ба Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 дар доираи "Механизми маблағгузории ҳамкорӣ ба хотири рушд" ба маблағи умумии 251 миллион евро мерасад, яъне соле кишвар ба ҳисоби миёна 35 миллион евро хоҳад гирифт. Ин маблағ ба соҳаҳои рушди деҳот (110 миллион евро), тандурустӣ (62,2 миллион евро) ва маориф (75 миллион евро) равона мешавад ва 3,8 миллион евро бошад барои чораҳои дастгирӣ пешбинӣ шудааст. Ҳамаи қарордодҳо тахти Барномаи аввалини рушди деҳот, ки буҷаи он ба 35 миллион евро баробар аст, бо ширкатҳои иҷрокунанда баста шуданд ва ҳамаи лоиҳаҳо моҳи июли соли 2016 шуруъ шуданд ва ҳоло Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат бо буҷаи 15 миллион евро (барои таҳсилоти миёна ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ) дар марҳилаи гузарондани тендер буда, баҳори соли 2017 амалӣ хоҳад гашт.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, нақлиёт, энергетика, об ва муҳити зист, бехатарии сарҳадот, ҳуқуқи инсон (барномаи EIDIHR) таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ (барномаи сохторҳои ғайридавлатӣ) ва волоияти қонун дар сатҳи миллӣ,


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

минтақавӣ ва марказонидашуда (Саридора дар Брюссел) идома дода мешавад. Ба замми он, Намояндагии Иттиҳоди Аврупо "Дурнамои муштараки ҳамкории кишвар (СМҲК)"-ро имзо кардааст, ки мақсади ин ҳуҷҷат иҷрои иқдомҳои муҳим барои ҷорӣ намудани принсипҳо ва арзишҳои Баёнияи Париж ва Нақшаи амали Аккра мебошад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Каритас Олмон дар Тоҷикистон

Тамос: Хонум Парвина Тадҷибоева
Директор
Тел: (+992 44) 600-51-04 Факс: (+992 44) 600-51-04
Почтаи электронӣ: Parvina.Tadjibaeva@caritas.de
parvina@caritas-germany.tj
Сомона: http://www.caritas-international.de/
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш.Душанбе, куч. Павлов 20

**Самтҳои асосии фаъолият**

Каритас Олмон дар Тоҷикистон филиали Ассотсиатсияи Каритас Олмон мебошад, ки соли 1897 таъсис ёфта, яке аз калонтарин ассотсиатсияҳо оид ба таъмини иҷтимоӣ дар Олмон ба ҳисоб меравад. Ассотсиатсияи Каритас Олмон дар фаъолияти байналмилалии худ дар якҷоягӣ бо шабакаи 162 ассотсиатсияҳои миллии мустақили «Каритас» ба таъмини кумак ба зарардидагони ҷаҳонии офатҳои табиӣ машғул буда, ба лоиҳаҳои кумаки наврасон, калонсолон, беморон ва шахсони имконияташон махдуд дар тамоми қитъаҳои ҷаҳон маблағгузорӣ менамояд.

Асоси барномаи кишварии Каритас Олмон дар Тоҷикистон лоиҳаҳои иҷтимоие ба ҳисоб меравaнд, ки дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои пуртаҷрибаи маҳаллӣ таҳия ва бештар аз ҷониби онҳо бо маблағгузории Ассотсиатсияи Каритас Олмон ё дигар ташкилотҳое, ки ионат медиҳанд, амалӣ карда мешаванд. Каритас Олмон дар Тоҷикистон соли 2015 бо Вазорати Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ меморандум дар бораи ҳамкорӣ дар рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки ба муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ пешниҳод мегарданд, ба имзо расонид.

**Барномаҳои қаблӣва амалкунанда**

Каритас Олмон дар Тоҷикистон чаҳор самти асосии фаъолият дорад:

- кори иҷтимоӣ бо наврасон ва ҷавонон;
- дастгирии одамони дорои имконияти маҳдуд тавассути тавонбахшӣ дар сатҳи ҷомеа;
- кори иҷтимоӣ бо пирон;
- ҳамдастӣ ба корҳои иҷтимоии тахассусӣ ва таъсиси иқтидори маҳаллӣ баҳри таълими тахассусии коргарони иҷтимоии таҷрибавӣ;
- кумак ва офият ҳангоми офатҳои табиӣ.

**Самти барномаҳои оянда**

Каритас Олмон нақша дорад, ки фаъолияти худро дар ҳама бахшҳои барномаҳои дар боло зикршуда рушд ва идома диҳад. Ва низ ният дорад бо Вазорати Маориф меморандум дар бораи ҳамкорӣ дар рушди лоиҳаҳои маориф имзо кунад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Каритас Тоҷикистон

Тамос: Ҷ-би Холов Ёрмаҳмад
Директор
Тел: (+992 37) 226-38-50, 6202174
Почтаи электронӣ: caritas.tj@ive.org
Сомона:
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Титов 10, гузаргоҳи 21

**<u>Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот</u>**

Каритас Тоҷикистон ин шуъбаи Каритас Интернасионализ дар Тоҷикистон мебошад. Каритас Интернасионализ ин созмони 162 муассисаи кумакдиҳанда, рушд ва хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад, ки дар 200 мамлакати дунё бо мақсади ҷаҳони комил, махсусан барои камбизоатон ва дармондагон фаъолият мебаранд. Каритас дар фаъолияти худ сарфи назар аз эътиқод, нажод, ҷинс ва мансубияти этникӣ кор бурда яке аз калонтарин шабакаи гуманитарӣ ба ҳисоб меравад.

Ваколати ташкилот рушди комил, пешниҳоди кумак дар ҳолатҳои фавқуллода, дастгирӣ, рушди сулҳ, риояи ҳуқуқҳои инсон ва дастгирӣ вобаста ба мудирияти муҳити зист ва манбаҳои оламро дарбар мегирад.

Фаъолияти Каритас дар таълимоти иҷтимоии калисо асос меёбад, ки ба номуси инсон нигаронида шудааст.

Фаъолияти Каритас бо он ягона аст, ки дар ҷамоат то, дар давом ва баъди ҳолатҳои буҳрон фаъолият мебарад. Инчунин муҳим аст, ки як қисми ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, барои камбизоатон дурнамо амалӣ намудан, Каритасдар ин ҳолат метавонад дар муддати дароз стратегияро ба шароити доимо тағйирёбанда мутобиқ намояд.

**<u>Барномаҳои пешина ва амалкунанда</u>**

Сандуқи барномаҳои Каритас дар Тоҷикистон дар гузашта ва ҳоло лоиҳаҳоро дар самти об ва санитария, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ба кудакон нигаронидашуда бо ниёзҳои махсус, нафарони куҳансол, ки ба кумак ниёз доранд, дарбар мегирад.

Барномаи Каритас дар соли гузашта чунин лоихаҳоро дарбар мегирифт:

- Лоиҳаи кумаки иҷтимоӣ ба нафарони куҳансол ва танҳомонда, Душанбе;
- Лоиҳаи таъминоти оби тоза, дар ноҳияи Ҷомӣ;
- Ифтитоҳ ва дастгирии шуъбаи кудаконаи кардиохирургия (қисми 3);
- Реинтеграсиякунонии нафарони бе ҷои зист дар Душанбе.

**<u>Самти барномаҳои оянда</u>**

Стратегияи рушди барномаҳои кумаки Каритас самтҳои номбаршударо дарбар гирифта инчунин кумак дар ҳолатҳои фавқуллода мебошад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Каритас Швейтсария дар Тоҷикистон

Тамос: Ҷ-би Марк Глоклер
Каритас Швейтсария дар ҶТ
Тел: +992 (44) 6005108
Почта иэлектронӣ: ukhojaev@caritas.ch sostonaqulova@caritas.ch
Сомона: http://web.caritas.ch
Суроға: Таджикистан, ш.Душанбе, куч. Павлова 20

**Самтҳои асосии фаъолият**

Каритас Швейтсария ин ташкилоти ғайридавлатии Швейтсария мебошад, ки идораи асосии он дар соли 1901 дар шаҳри Люсерни Швейтсария таъсис ёфтааст. Ташкилоти Каритас ҳам дар худи Швейтсария ва ҳам дар хориҷ аз он ба камбизоатони 50 кишвар кумак ва дастгирӣ менамояд. Ташкилоти Каритас хазинаи хусусии худро доро мебошад, ки қисми зиёди он аз нисороти шахсони хусусӣ ё институтҳои хусусӣ буда, инчунин аз ҷониби ҳукумати Швейтсария низ дастгирӣ меёбад. Ташкилоти Каритас дар иҷроиши бисёре аз лоиҳаҳо оид ба рушд ва омодагӣ/пешгирии офатҳои табиӣ дар тамоми ҷаҳон ҷалб гардидааст.

Ташкилоти Каритас аз соли 1994 дар Тоҷикистон фаъолият менамояд. Дар ҳамбастагӣ бо Ташкилотҳои Каритас Люксембург ва Каритас Олмон, Каритас Швейтсария идораи минтақавии худро дар шаҳри Душанбе барпо намуд. Дар Тоҷикистон, Ташкилоти Каритас Швейтсария ба татбиқи лоиҳаҳои вобаста ба амнияти ҳаёт (рушди аҳолӣ, обтаъминсозӣ барои аҳолӣ ва идораи маҳаллӣ), адолати иҷтимоӣ ва ҳолати фавқулодда ҷалбгардида, инчунин оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон фаъолият намуда, инсонҳо ва ташаббуси онҳоро дар мақоми аввал қарор медиҳад. Институтсионалӣ гардонидани таҷрибаҳои беҳтарини маҳаллиро ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ Каритас дастгирӣ менамояд.

Каритас дар Тоҷикистон бо маблағгузории аслӣ аз ҷониби Оҷонсии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ (SDC) ва маблағгузории лоиҳаҳо аз ҷониби Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид, Комиссияи Аврупо оид ба расонидани кумакҳои башардустона (DIPECHO), фонди барномаи рушди кишоварзӣ (IFAD), Шуъбаи кумакҳои башардустонаи Иттиҳоди Аврупо (*ECHO*) ва ташкилоти олмонӣ (GIZ) инчунин бисёр маблағгузорони хурд, аз ҷумла фондҳои Швейтсария ва маблағгузорони хусусӣ фаъолиятҳои худро амалӣ мегардонад. Каритас ҳоло ду мандатҳои лоиҳаҳои бисёрмиллионаро низ амалӣ менамояд. Яке аз ин лоиҳаҳо аз ҷониби Раёсати Рушди Швейтсария (SDC) ва дигаре аз ҷониби Бонки Рушди Олмон (KfW) маблағгузорӣ мешаванд. Каритас дорои як идораи корӣ дар шаҳри Душанбе мебошад ва ҳамчунин аксари фаъолиятҳои барномаҳо дар идораи саҳроии Муъминобод амалӣ мешаванд. Ташкилот инчунин дорои сохторҳои идораи муваққатӣ хурд дар ноҳияҳои Фархор, Шурообод ва Ховалинг мебошад. Дар маҷмуъ, ҳайати кормандон 55 нафарро ташкил мекунад, ки аз инҳо 5 нафараш мутахассисони хориҷиро дарбар мегирад.

**Барномаҳои қаблӣ**

Ташкилоти Каритас лоиҳаҳои худро дар якчанд самтҳо амалӣ намудааст:

А) Амният дар ҳаёт: Ин соҳаи фаъолият дар татбиқи Лоиҳа оид ба тараққиёти маҳаллии ноҳияи Муъминобод дар солҳои 2000 то 2010 ба роҳ мондашуд, кионгоҳ Каритас рушди фаъоли ба нақшагирӣ ва идораи маҳаллиро дар сатҳи ноҳияҳо бо ҷалби аҳолӣ ва мақомоти маҳаллӣ, мардҳо ва занҳо баробар тарғибу ташфиқ мебурд. Аз моҳи июли соли 2010 татбиқи лоиҳаи Тақвияти даромадҳои занҳои камбизоат оғоз гардид, ки ҳадафи он паст кардани сатҳи камбизоатӣ байни занҳо ва афзудани иштироки онҳо дар банақшагирӣ ва идораи ҷараёнҳои рушд иборат мебошад.

Б) Пешгирӣ ва омодагӣ ба офатҳои табиӣ: Каритас ҷомеаҳое, ки бо офатҳои табиӣ ру ба ру шудаанд тавассути сохтмони биноҳои ба заминларза тобовар ва такмили дониш тақвият мебахшад. Дар ин бахш, Каритас татбиқи лоиҳаи Идораи хатари офатҳои табииро дар давраи аз соли 2007 то соли 2010 ба роҳ монда буд.

В) Ҳуқуқи инсон ва адолати иҷтимоӣ: Каритас дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои ҳамшарик баҳри тарғиботи чорабиниҳо оид ба пешгирии поймолкунии ҳуқуқи инсон лоиҳаиТаҳсилотифарогир ва офияти наврасони дорои қобилияти маҳдудро амалӣ менамояд.

Г) Вокуниш ба офатҳои табиӣ ва муҳориба: Ташкилоти Каритас лоиҳаҳои оид ба сохтмон ва таҷдиди хонаҳои истиқоматиро дар ноҳияҳои зарардидаи Рудакӣ, Рашт, Хуросон ва Ванҷ амалӣ менамояд ва дар оянда низ идома хоҳад дод.

Д) Рушди иқтисодиёт ва кишоварзӣ дар деҳот (РИКД): Каритас лоиҳаи мазкурро бо ташкилотҳои маҳаллӣ ҷиҳати рушди иқтисодиёт дар минтақаҳои деҳот тавассути пешниҳоди хизматрасониҳо ва имкониятҳои тиҷоратӣ, ки ба рушди хоҷагии деҳот мусоидат мекунанд, амалӣ намуда истодааст.

Е) Идораи муштараки ҷангал (ИМҶ) лоиҳаи мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим, ки масъалаҳои идораи устувори ҷангал ва ҳифзи гуногунии биологиро ҳал менамояд, мебошад. Он ба рушди сарчашмаҳои таъмини зиндагӣ тавассути нақшаҳои нави дарахтзоркунӣ ё барқарор намудани ҷангалҳои харобшуда ва ё амалӣ намудани идораи устувори ҷангал мусоидат мекунад.

Ё) Сарфанамудани энергия: тавассути лоиҳаи мазкур оташдонҳои каммасраф барои пухтупаз ва гарм намудани хона ба мардуми маҳал пешниҳод карда шуд, ки дар натиҷа харҷи сузишворӣ кам ва ҳамчунин таъсир ба ҷангалҳои мавҷуда коҳиш меёбад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Ж) Лоиҳаҳои об: Каритас ҳануз аз соли 2009 лоиҳаҳои таъмин намудани обро бо иштироки ҷомеа тавассути идоракунии самаранок ва рушд амалӣ намуда истодааст. Маҳаллаҳои кумакгиранда дар идораи оби ошомидани тавассути ташкил кардани кумитаҳои об, ки онҳо дар ҷамъ кардани пардохт барои истифодабарии об дар асоси обҳисобкунаҳо уҳдадор мебошанд, иштирок карда истодаанд.

**Барномаҳои амалкунанда**

Барномаи ташкилоти Каритас дар Тоҷикистон асосан дар Шарқи Хатлон ҷойгир аст. Айни замон барнома панҷ лоиҳаҳоро дарбар мегирад:

1) Идоракунии Ҳамгироишудаи Ҳавзаҳои Обҷамъшав. Максади лоиҳа: "Мусоидат намудан ба паст кардани хавфи офатҳои табиии аҳоли дар ҳавзаҳои Обишур ва Чуқураки ноҳияи Муъминобод ба воситаи таъмини босуботи ҷораёни Идоракунии Ҳамгироишудаи Ҳавзаҳои Обҷамъшав".

2) Мусоидат намудани ба устувории кишоварзӣ дар Шарқи Хатлон (PROSAKH). Мақсади умумии лоиҳа чунин аст: "Баланд бардоштани вазъи шароити зиндагонии сокинони деҳот ва ҳифзи муҳити зист дар Шарқӣ Хатлон".

3) Мутобиқат ба тағъирёбии иқлим тавассути устувории хоҷагии ҷангал дар самтҳои муҳими соҳилмустаҳкамкунии дарё дар Тоҷикистон (CAFT/JFM). Мақсади умумии лоиҳа чунин аст: Барқарорсозии, нигоҳдорӣ ва истифодаи устувори чангал ба мутобиқгардонии кишвар ба тағйирёбии иқлим ва нигоҳдории гуногунии биологи, инчунин ба баланд бардоштани вазъи шароити зиндагонии сокинони аҳолии маҳаллӣ дар минтақаҳои лоиҳа.

4) Тобоваркунонии Хатлон (ДИПЕКО) - Мақсади умумии лоиҳа чунин аст, «Мусоидат намудан ба кам кардани талафот ва зарар аз офатҳои табий дар минтақаҳои хавфноки Тоҷикистон дар робита ба маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷаҳонӣ (GDP) соли 2030, мувофиқи Консепсияи Sendai барои паст кардани хавфи офатҳои табий».

5) Таҳсилоти фарогир ва тавонбахшӣ барои кудакони имконияташон маҳдуд. Мақсади асосии лоиҳа чунин аст: "Ташкил кардани муҳите ки ба кудакони имконияташон маҳдуд имконияти фароҳам меоварад, ки ҳамчун шахсони ба худ боваридошта ва ҳар қадаре ки имконпазир аст, дар робитаи зич бо шахсони дигар дар ҷомеа зиндаги кунанд".

6) Занҳои осебпазир даромади худро ба даст оварда, вазъи иҷтимоию иқтисодии худро дар оила ва ҷомеа беҳтар менамоянд. Ин ташаббусҳо аз руи андоза гуногун буда ва ба самти ду барномаҳо саҳмгузорӣ менамоянд. А) Коҳиш додани хатарҳои офатҳои табий ва мутобиқати тағйирёбии иқлим ва б) Амнияти озуқаворӣ ва фаъолиятҳои даромадовар. Лоиҳаи ДИПЕКО инчунин як қисмати ҷудонашавандаи барномаи коҳиш додани хатарҳои офатҳои табий ва мутобиқат ба тағйирёбии иқлим мебошад, аммо ба барномаи амнияти озуқаворӣ ва фаъолиятҳои даромадовар низ саҳмгузорӣ менамояд. Ин лоиҳа бо лоиҳаҳои дигар ҳамчун нақши функсионалӣ дошта, барои барномаи Каритас муҳим аст.

**Самти барномаҳои оянда**

Дар оянда низ Ташкилоти Каритас Швейтсария ният дорад, ки самтҳои мавҷудаи фаъолияти худро дар соҳаҳои амният дар сарчашмаҳои таъмини зиндагӣ, пешгирӣ ва омодагӣ ба офатҳои табий, ҳимояи ҳуқуқи инсон ва адолати иҷтимоӣ ва ҷавоб ба офатҳои табий, рушди кошоварзӣ, идораи чарогоҳ ва чорводорӣ идома диҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, узви Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ

Тамос: Хонум Манижа Мамаднабиева
Намояндаи КБМ дар Тоҷикистон
Тел: (+992 48) 7011447 Факс: (+992 48) 7011448
Почтаи электронӣ: Mmamadnabieva @ifc.org
Сомона: http://www.ifc.org/eca
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Айнӣ, № 48, ошёнаи 3

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (КБМ), ки ба Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ дохил мешавад, муассисаи бузургтарини молиявии рушд мебошад, ки фаъолияти худро танҳо дар бахши хусусӣ дар кишварҳои ру ба тараққӣ ва иқтисодиёти дар марҳилаи гузариш қарордошта равона месозад. Мо ба рушди устувори кишварҳои ру ба тараққӣ тавассути сармоягузорӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ ба ширкатҳо ва ҳукуматҳо ва ҷалби сармоя дар бозорҳои байналмилалии молиявӣ мусоидат мекунем. Соли 2015 сармоягузории дарозмуддати мо 17.7 млн.доллари ШМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 17 фоиз зиёд буда, ин иқтидори бахши хусусиро барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва ҳалли мушкилоти нисбатан мубрами ҷаҳонӣ дар соҳаи рушд баланд бардошт.

**Хизматрасонии сармоягузорӣ**

КБМ доира васеъи маҳсулоти молиявӣ ва хадамотро, кӣ барои таъмини рушди иқтисодӣ муайян шудааст ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунад, вогузор менамояд. Дар тули якчанд солҳои қаблӣ КБМ имкониятҳои барномаҳои сармоягузории худро дар Тоҷикистон бо сармоягузории 60 миллион доллари ИМА барои лоиҳаҳои дар бахши бозорҳои молиявӣ, истеҳсолот ва рушди инфрасохтор васеъ намудааст.

**Хадамоти машваратӣ**

Рушди бахши хусусӣ на фақат дастгирии молиявӣ, балки таваҷҷуҳи зиёдро талаб мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, кӣ пешкаш намудани хадамоти машваратӣ бо мақсади вусъат додани ҳаҷми сармоягузорӣ нақши зиёдро бозида, барои васеъ намудани соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ, мусоидат менамояд. Дар соли 2015 харҷи лоиҳа оид ба вогузор намудани хадамоти машваратӣ 202 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Дар Тоҷикистон КБМ бо муштариёне ҳамкорӣ мекунад, кӣ бахши хусусӣ, Ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандиро муаррифӣ менамоянд. Тавассути чунин ҳамкорӣ, КБМ таҷрибаи кордониро, кӣ аҳамияти ҷаҳонӣ дорад вогузор менамояд. КБМ ба банкҳо ва ширкатҳои тоҷикӣ ҷиҳати тақвият бахшидани амалиёт тавассути такмили идораи хавфу хатарот, рушди назорати дохилӣ ва такмили фаъолияти тиҷоратӣ, кумаки худро мерасонад. Барои такмили фазои самоягузорӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири рушди бахши хусусӣ, КБМ ҳамчунон дар сатҳи миллӣ кору фаъолият менамояд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд лоиҳа, ки хусусияти машваратӣ доранд мавриди иҷроиш қарор дорад.

- **Лоиҳа оид ба рушди инфрасохтори молиявӣ** бахше аз барномаи минтақавӣ оид ба рушди инфрасохтори молиявӣ дар Осиёи Марказӣ (Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон ) ва Озорбойҷон (лоиҳаи ACAFI) буда, бо дастгирии молиявии Ҳукумати Швейтсария амалӣ мегардад. Мақсади лоиҳа беҳтар намудани дастрасии соҳибкорони инфиродӣ, соҳибкории хурду миёна (СХМ) ба маблағгузорӣ тавассути инкишофи низоми самараноку устувори мубодилаи иттилооти қарзӣ ва низоми замонати амволи манқул, инчунин гузаронидани омузиши стандартӣ барои кормандони муассисаҳои молиявӣ дар минтақа ва додани шаҳодатномаҳо оид ба идоракунии хавфҳо ва барномаи саводнокии молиявӣ барои аҳолӣ мебошад. Барнома айни ҳол дар марҳилаи сеюм (ACAFI) амалӣ мешавад, ки моҳи январи соли 2016 оғоз гардида ва хотимаи он соли 2018 ба нақша гирифта шудааст;
- **Лоиҳаи хизматрасониҳои молиявии электронӣ ва рақамӣ** қисми барномаи минтақавие мебошад, ки ба фарогирии аҳолии бо хизматрасониҳои бонкӣ бонкӣ фаро гирифтанашуда ё ба ба қадри кофӣ фаро гирифтанашуда, инчунин афзоиши интиқоли пулӣ ба низоми расмии молиявӣ тавассути ташкил намудани хизматрасониҳои самараноку устувори молиявии электронӣ ва рақамӣ дар кишварҳои иштирокчӣ равона гардидааст. Ин хизматрасониҳои молиявии электронӣ ва рақамӣ метавонанд корти пешпардохт, ҳамёнҳои мобилӣ, банкинги мобилӣ, пардохтҳои мобилӣ, интернет-пардохтҳо ё намудҳои дигари пардохтҳои тавассути каналҳои алтернативӣ бо истифодаи технологияҳои замонавӣ анҷомшавандаро дар бар гиранд. Лоиҳа ба бунёди шакли устувори соҳибкорӣ ва хизматрасонии барои ҳамаи шарикон қобили қабул, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди соҳибкорӣ ва рушди тиҷоратии хизматрасониҳои молиявии электронӣ ва рақамӣ мусоидат хоҳад кард. Сохтори Лоиҳа аз се сатҳ иборат мебошад: сатҳи меъёрӣ, ки ба дастгирии танзимгар барои ташкили заминаи самараноки меъёрию ҳуқуқӣ; сатҳи бахш, ки ба кор бо бахшҳо ва шарикон бо мақсади дарки умумии бартариятҳои хизматрасонӣ нигаронида шудааст, инчунин сатҳи институтсионалӣ, ки дар он ба таҳвилгарони эҳтимолӣ барои инкишоф ва ба кор андохтани хизматрасониҳо кумак расонида мешавад. Маҳсулоти M-money ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи ин шакли хизматрасонӣ. Татбиқи барнома моҳи январи соли 2016 оғоз ёфта, то моҳи декабри соли 2020 бояд ба анҷом расонида шавад;


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- **Лоиҳа оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ (июли соли 2012 –соли 2017**) аз тарафи Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт (SECO) ва Вазорати рушди байналмилалӣ маблағгузорӣ мешавад. Дар чаҳорчубаи лоиҳа чунин кушишҳо ба харҷ дода шудаистодаанд: (1) кам кардани харҷи риояи қонунгузорӣ ва бартараф намудани монеаҳо дар соҳаи танзими санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тавассути гузаронидани ислоҳот дар қонунҳои асосӣ ва татбиқ намудани тартиби батанзимдарорӣ; (2) такмил додани устувории ислоҳоти иҷрошудаистода тавассути эҷоди тавонмандии кормандони қабати миёна ва бартараф намудани тафовут байни уҳдадориҳо ва иҷрои онҳо тавассути гузаронидани чорабиниҳое, кӣ барои коҳиш додани тафовути ислоҳоти дэ-юре ва дэ-факто равона карда шудаанд; (3) такмили сиёсати сармягузорӣ ва пуштибонии сармоягузорон; (4) баланд бардоштани сатҳи огоҳии намояндагони соҳибкории хурду миёна барои таъмини устувори иҷроиши ислоҳот ва иштироки бештари бахши хусусӣ дар раванди қабули тасмимоти сиёсӣ;
- **Лоиҳа оид ба идоракунии андоз дар Осиёи Миёна (июли соли 2012 – июни соли 2017**) бахше аз Барномаи митанқавӣ оид ба фазои сармоягузорӣ (Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон) махсуб меёбад ва барои (i) кам кардани харҷи риояи қонунгузории андоз барои соҳибкорон; (ii) қонунигардонӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ мавриди ҳадаф қарор дода шуда тавассути анҷом додани вазифаҳои зерин амалӣ мегардад (1) такмили идоракунии андоз дар сатҳи манотиқ тавассути ҷорӣ намудани тағйиру иловаҳои ба ҳуҷҷатҳои дахлдори ҳуқуқӣ оид ба андозбандӣ, реҷаи андозбандӣ ва тартиби ҳамроҳикунанда; (2) бунёди тавонмандии идораҳои андоз тавассути мустаҳкам гардонидани барномаҳои омузишӣ ва истифодаи васеътари интиқоли дониш аз ҷониби як корманди мақомоти андоз ба дигар корманд; ва (3) **такмили шаффофият ва такмили дониш дар бораи тартиби андозбандӣ. Лоиҳа аз тараф**и Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт (SECO) ва Вазорати рушди байналмилалӣ маблағгузорӣ мешавад;
- **Лоиҳа оид ба инфрасохтор дар Тоҷикистон (июли соли 2012 –соли 2017**) ифодакунандаи бахшҳои асосии тахассуси КБМ дар гузаронидани ислоҳоти фазои сармоягузорӣ, вогузории дастгирии машваратӣ барои амалисозии Шарикии давлат ва бахши хусусӣ, маблағгузории лоиҳа бо мақсади мусоидат ба бахши хусусӣ ва санъати сармоягузорӣ дар бахши инфрасохтор дар Тоҷикистон мебошад. Лоиҳа ҳадафҳои зеринро дорад: (1) мусоидат барои иштироки бахши хусусӣ дар амалисозии Лоиҳаҳои сохтмони неругоҳҳои хурд дар Тоҷикистон дар асоси талаботи санадҳои мукаммали меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маълумоти муфассал барои сармоягузорон ва аз нигоҳи ҳуқуқӣ мақсаднок будани Лоиҳаҳои сохтмони неругоҳҳои хурд, кӣ ба системаи марказии энергетикӣ пайваст нестанд; (2) мусоидат ба рушди сармоягузорӣ тавассути қабули қонуни нав дар бораи Шарикии давлат ва бахши хусусӣ. Лоиҳа аз тарафи Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт (SECO) ва Вазорати рушди байналмилалӣ маблағгузорӣ мешавад;
- **Барномаи идоракунии корпоративӣ дар Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон II (2013-2017)** оғоз гардида аз ҷониби IFC аз моҳи маи соли 2013 бо дастгирии молиявии DFID ва SECO амалалӣ мегардад. Ба туфайли маблағгузории донорҳо барномаи CACGP II то охири соли 2017 тамдид карда шуд.Мақсади барнома иборат аст аз (i) расонидани кумак ба ширкатҳои маҳаллӣ барои беҳтар намудани таҷрибаи CG тавассути расонидани хизматҳои CG, аз ҷумла арзёбӣ, машваратдиҳӣ ва тренингҳо, (ii) афзоиши иқтидор ва тақвияти миёнаравони CG ва инфрасохтори бозор тавассути гузаронидани тренингҳо барои тренерон, тренингҳои инфиродӣ оид ба хизматрасонӣ аз руи CG, инчунин амалҳои дигари ба васеъ гардонидани фарогирии ширкатҳо бо ниҳодҳо ва миёнаравони бозор, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи худкифоии онҳо, (iii) таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқии CG тавассути мусоидат дар тартиб додани лоиҳаи қонунҳо ва навсозии қонуну кодексҳо, инчунин машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ, (iv) баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар хусуси бартариятҳои таҷрибаи пешқадами CG тавассути иштирок дар ташаббусҳои алоҳида оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва интишори мавод оид ба таҷрибаи CG;
- **Лоиҳаи маблағгузории соҳаи кишоварзии Осиёи Марказӣ** аз ҷониби Вазорати федералии молияи Австрия маблағгузорӣ карда мешавад. Ҳадафи ниҳои лоиҳа иборат аст аз (a) беҳтар намудани дастрасӣ ва захираҳои молиявӣ ва (b) баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва дастрасии кишоварзон/истеҳсолкунандагони 4 канали молрасонӣ дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон ба бозорҳо мебошад. Лоиҳа масъалаи дастрасии маҳдуди кишоварзон/истеҳсолкунандагонро ба захираҳои молиявӣ аз ду нақтаи назари зерин баррасӣ хоҳад кард: малака/дониши кофӣ надоштани ниҳодҳои молиявӣ (дар бораи хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва мавҷудияти воситаҳои дахлдор) ва ҷолибияти пасти молиявии кишоварзон/истеҳсолкунандагон бинобар надоштани имконияту воситаҳо барои инкишофи ин иқтидор. Барои ҳалли ин мушкилот дар миқёси ниҳодҳои молиявӣ ва каналҳои молрасонии интихобшуда Лоиҳа ҳам бо ниҳодҳои молиявӣ ва ҳам бо каналҳои молрасонӣ (кишоварзон, истеҳсолкунандагон, иштирокчиёни дигар) ҷиҳати беҳтар намудани иқтидори онҳо ва ташкил кардани робитаи мустаҳками байни ҳамаи тарафҳо ҳамкорӣ мекунад.
- **Лоиҳа оид ба транформатсияи ташкилотҳои молиявии хурд дар Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон**. Дар чаҳорчубаи лоиҳа бо шумораи интихобшудаи муассисаҳои молиявии хурд дар Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Тоҷикистон барои дастгирӣ ба раванди трансформатсияи онҳо ба ташкилотҳои қарздиҳанда ва бонкҳо, тақвият бахшидан ва васеъ гардонидани фаъолияти онҳо ҳамкорӣ ба роҳ монда шуд. Лоиҳа барои рушди доираи васъеи хадамоти молиявӣ тавассути вогузории бастаи ягонаи машваратҳои пулакӣ оид ба баланд бардоштани дастёбии соҳибкории хурд ва умуман аҳолии минтақа ба молия, кумак мерасонад. Лоиҳа ҳамчунон бо сиёсатмадорон ва корхонаҳои саноатӣ бо мақсади такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои рушди маблағгузории хурд, ҳамкорӣ ба роҳ мондааст. Ба наздикӣ дар чаҳорчубаи лоиҳа кор дар заминаи ҷорӣ намудани қарздиҳии бомасъулият бо иштироки ташкилотҳои молиявии хурд оғоз шуд;
- **Лоиҳа оид ба логистикаи савдо дар Осиёи Марказӣ**, ки аз Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир (DFID) маблағгузорӣ мешавад, бо муассисаҳои назорати сарҳадӣ (хадамоти гумрукӣ, санитарӣ ва фитосанитарӣ, агентии стандартизатсия) ҷиҳати кам кардани миқдори ҳуҷҷатҳое, ки барои фаъолияти тиҷоратӣ заруранд, содда гардонидани расмиёти барасмиятдарории мол, аз ҷумла тавассути беҳтар намудани равандҳои бизнес, идоракунии қатъитари хавфҳо ва инкишофи барномаи ҳифзи савдогар (trusted trader program) кор бурда, ба Ҷумҳурии Қирғизистон ва Тоҷикистон дар содда гардонидани чараёни барасмиятдарории молҳо кумак мерасонад, то ин ки тоҷирон молҳои худро нисбат ба ҳозира дида, тезтар ва бо хароҷоти камтар ба бозор расонида тавонанд. Натиҷаҳои тадқиқот дар мавриди вақти сарфшаванда барои барасмиятдарории мол, ки дар ҳарду кишвар гузаронида мешавад, барои муайян намудани самти чараёни ислоҳот маълумоти заминавӣ пешниҳод хоҳад кард.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

То имруз Лоиҳа Идораи гумруки Тоҷикистонро дар таҳияи  Номгуи нахустини миллии мол дастгирӣ намуд, инчунин котиботи Кумитаи миллиро оид ба мусоидат барои савдо дар ҳарду кишвар дастгирӣ менамояд, ки вазифаи он  таъмини аз ҷониби Тоҷикистон иҷро гардидани шартҳои созишномаи СУС оид ба соддагардонии расмиёти савдо хоҳад буд;

- **Лоиҳа оид ба рушди маблағгузории кишоварзӣ дар Осиёи Марказӣ** аз ҷониби Вазорати федералии молияи Австрия маблағгузорӣ карда мешавад. Ҳадафи лоиҳа беҳтар намудани (а) дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва (б) маҳсулнокиву дастрасии фермерони/ истеҳсолкунандагони 4 занҷири молрасонии таъминкунандаи истеҳсоли маҳсулот дар Қирғизистон, Узбекистон ва Тоҷикистон ба бозорҳо мебошад. Лоиҳа ба омузиши 2 ҷанбаи зерини дастрасии маҳдуди фермерон/истеҳсолкунандагон ба маблағгузорӣ равона гардидааст: нарасидани малака/дониш (марбут ба хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва мавҷудияти воситаҳои дахлдор)  дар байни созмонҳои молиявӣ ва ҷозибияти пасти молиявии  фермерон/истеҳсолкунандагон бинобар надоштани иқтидор ва норасоии самтҳо оид ба беҳтар намудани ин иқтидор. Бо мақсади ҳалли ин мушкилот дар миқёси созмонҳои молиявӣ ва занҷирҳои молрасонии интихобшуда, дар Лоиҳа ҳамкорӣ ҳам бо созмонҳои молиявӣ ва ҳам бо намояндагон аз ҷумлаи занҷири молрасонӣ (агрегаторҳо, истеҳсолкунандагон, иштирокчиёни дигар) бо мақсади вусъати иқтидор ва барқарор намудани равобити мустаҳкам миёни онҳо дар назар дошта шудааст;
- **Лоиҳа оид ба ҷорӣ намудани станрдартҳо дар агробизнес дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ** кумак мерасонад, ки корхонаҳои маҳаллӣ стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, инчунин стандартҳои амнияти озуқавориро дар тамоми силсилаи истеҳсолу фуруш ҷорӣ намоянд, инчунин тахассуси машваратчиёни маҳаллӣ дар ин соҳа баланд бардошта шавад. Стандартҳои замонавӣ ба корхонаҳои агробизнес имконият медиҳанд, ки ба талаботи бозорҳои маҳаллӣ ва содиротӣ мутобиқ бошанд, барои ҷалби сармоягузорӣ замина мегузоранд ва ба соҳа кумак мерасонанд, ки иқтидори худро амалӣ намояд. Барнома аз ҷониби Вазорати молияи Австрия маблағгузорӣ карда мешавад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (намояндагии КБСС дар ҶТ)

Тамос: Ҷ-би Томас Але,
Сардори Намояндагии КБСС дар Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 2216823 (+992 37) 2211762,
(+992 37) 2218214, (+992 37) 2218660,
(+992 37) 2247636 Факс: (+992 37) 2510053
Почтаи электронӣ: dus_dushanbe@icrc.org
Сомона: www.icrc.org
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, гузаргоҳи 1, куч. Н. Муҳаммад 6А

**Самтҳои асосии фаъолият**

Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх (КБСС) созмони беғараз, бетараф ва мустақил буда, вазифаи ягонаи инсондустонаи он аз ҳимояи ҳаёт, шаъну эътибори қурбониҳои ҷанг ё ин ки вазъияти зуроварӣ дар дохили кишвар ва ба онҳо кумак расонидан иборат аст. Дар раванди низои ҳарбӣ, КБСС фаъолияти байналмилалӣ ҳаракат ва ёрии онро равона ва равия менамояд. Бо тарғибот ва баланд бардоштани сатҳи қонунгузории башардустона ва асосҳои универсалии инсондустӣ, Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх саъю кушиши худро барои пешгирии кулфатиҳои инсон равона месозад. КБСС дар соли 1863 таъсис ёфта, дар саргаҳи ташкилшавии Ҳаракати Байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар истодааст.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Ҳамкорӣ бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, ҳамкорӣ бо қувваҳои мусаллаҳ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ оид ба ҳуқуқи байналмилалии башардустона ва меъёрҳои ҳуқуқҳои байналмилалии инсон, барномаҳои маълумотӣ ва ҳуқуқӣ дар паҳнкунӣ ва баамалбарории ҳуқуқи байналмилалии башардустона, инчунин сарватҳои инсондустӣ, фаъолият дар соҳаи тиб (баланд бардоштани иқтидори табибон дар ҳолатҳои фаврӣ ҳангоми ҷароҳатҳои васеъ), дар соҳаи хатари минаҳо ва дигар маводи ҷангии нотаркида (дастгирии барномаи таълимии хатари минаҳо, ки аз ҷониби ҶҲАТ амалӣ мешавад ), фаъолият дар соҳаи ҳимоя (фаъолият ба нафъи қурбониён ҳолатҳои хушунатомез, оилаҳои афроди бедаракшуда, хонаводаи боздоштшудагон, ва барқарории дубораи пайвандҳои хонаводаӣ).


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Намояндагии Hilfswerk Austria International дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тамос: Ҷ-би Умед Асланов
Сардори Ташкилот дар Ҷумхурии Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 228 93 85
Почтаи электронӣ: aslanov@hilfswerk.tj
Сомона: www.hilfswerk.tj
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Турсунзода 156

**Самтҳои асосии фаъолият**

Ташкилоти байналмилалии Hilfswerk Austria International - ташкилоти башардустона, ғайриҳизбӣ ва аз ҷиҳати мансубияти динии муайян номаҳдуд буда, ба зарардидагони ҷанги шаҳрвандӣ ва садамаҳои экологӣ кумак расонда, дар лоиҳаҳои муштарак оид ба рушд дар тамоми ҷаҳон иштирок менамояд. Ташкилоти мазкур дар Тоҷикистон аз соли 2001 фаъолият мекунад.

**Самтҳои асосии фаъолият**

- Кумак ба шахсони бар асари садамаҳои табиӣ зарардида;
- Рушди деҳот ва соҳаи кишоварзӣ;
- Дастгирии корхонаҳои хурд ва афзун намудани даромади аҳолӣ;
- Рушди ташкилотҳо ва таъсис додани ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин самтҳои дигари фаъолият.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

- Лоиҳаи "Барномаи интегратсионӣ оид ба такмили бахши иҷтимоӣ дар Тоҷикистон", ки аз ҷониби ИА маблағгузорӣ мегардад;
- Лоиҳаи "Барномаи интегратсионӣ оид ба таҳияи модели замонавии хизматрасонии иҷтимоӣ", ки аз ҷониби ИА маблағгузорӣ мегардад;
- Лоиҳаи "Дастгирии корхонаҳои хурд оид ба коркарди маҳсулоти меваю сабзавот", ки аз ҷониби ИА маблағгузорӣ мегардад;
- Лоиҳаи "Паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи поён бурдани хавфҳои баландкуҳ", ки аз ҷониби ИА маблағгузорӣ мегардад;
- Лоиҳаи “Рушди иқтисодиёт дар Осиёи Миёна тавассути рушди ташкилотҳои соҳибкории миёнарав ва КХМ дар соҳаи коркарди маҳсулот”;
- Лоиҳаи “Дидгоҳи ҳамгароӣ нисбати пешбарии КХМ Осиёи Марказӣ оид ба коркарди чормағз, хушк мева ва асал”.

**Самти барномаҳои оянда**

- Рушди босуботи деҳот;
- Рушди соҳибкории хурду миёна.

*Бисёрҷониба*

# Намояндагии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон

Тамос: Д-р Игор Поканевич
Сардори намояндагии ТУТ дар Тоҷикистон
Тел: (+992 48) 701 14 72 Факс: (+992 48) 701 14 84
Почтаи электронӣ pokanevych@who.int
Сомона: http://www.euro.who.int/en/where-we-work/member-states/tajikistan
Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Бохтар 37/1, ошёнаи 6, хонаи 603,605,606

**Маълумот дар бораи ташкилот.**

Ташкилоти умумиҷаҳонии тандрустӣ расман 7-уми апрели соли 1948 ҳамчун агентии махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) таъсис дода шуд. Ҳарчанд дар самти тандурустӣ ташкилотҳои зиёди СММ фаъолият доранд, танҳо Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дорои мандати махсуси дар ин самт фаъолият карданро дорост. Ташкилот ҳайати роҳбарикунанда, аъзоён ва буҷети худро дорад. Созишномаи расмӣ бо СММ мубодилаи маълумоти зарурӣ ва амалиётҳои умумии маъмуриро фароҳам месозад.

Ҳадафи асосии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ, ки аз 194 давлати аъзо иборат аст, ин мусоидат дар ноил шудан ва муҳайё сохтани шароит ва хизматрасонии имконпазири босифати тибби барои солимии тамоми одамон мебошад. Конститутсияи ТУТ соли 1946 қабул карда шуд ва расман 7-уми Апрели соли 1948 мавриди амал карор дода шуд, ки ҳар сол ин рӯзро ҳамчун Рӯзи байналмилалии тандурустӣ ҷашн мегиранд. Ассамблеяи умумиҷаҳонии тандурустӣ сохтори асосии роҳбарикунандаи ташкилот мебошад. Ассамблея ҳар сол моҳи Май дар ш. Женеваи Швейтсария баргузор мегардад, ки сардафтари ташкилот дар он ҷо ҷойгир шудааст. Дар Ассамблеяи мазкур ҳайати намояндагиҳои ҳукумати тамоми давлатҳои аъзо иштирок менамоянд ва дар асоси қарорҳои дастаҷамъона қабулкардаи онҳо самтҳои минбаъдаи асосии фаъолияти ТУТ муайян карда мешаванд. Давлатҳои аъзо ҳаққи узвиятро ба буҷети доимии ташкилот месупоранд. Ҳар як давлати аъзо новобаста аз ҳаҷми ҳаққи узвият, як ҳуқуқи овоздиҳиро дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи овоздиҳиро соли 2006-ум ба даст овард. Аммо, Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти минбаъд пардохт кардани ҳакки узвиятро пайдо накард ва аз соли 2010-ум инҷониб аз ҳуқуқи овоздиҳӣ маҳрум гашт ки танҳо баъди пардохт кардани ҳаққи узвият барқарор карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи майи соли 1992 ба ТУТ ҳамроҳ шуд ва дар байни 53 давлати аъзо ки шомил ба идораи минтақавии ТУТ воқеъ дар ш. Копенгагени Дания мебошад, ҳамроҳ шуд. Намояндагии ТУТ-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори он муаррифӣ намуда фаъолият, пешбурди коргузорӣ ва татбиқи барномаҳои намояндагиро роҳандозӣ менамояд. Фаъолияти зиёди намояндагии ТУТ дар кишвар бо дастгирӣ ва кумаки техникии коршиносон тибқи Созишномаи дусола оид ба ҳамкорӣ (СДҲ) байни Вазорати Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ ва ТУТ, ба роҳ монда шудааст. Созишномаи дусола оид ба ҳамкори ҳар сол бо назардошти самтҳои афзалиятноки соҳаи тандурустии кишвар таҳия карда мешавад. Дар чорчубаи татбиқи СДҲ, ТУТ дар асоси дархости Вазорати тандурустӣ дар ҳолатҳои фавқулодда, офатҳои табиӣ, тағйирёбии шадиди обу ҳаво ё хуруҷи бемориҳо, ҳаргуна ёрии техникиву молиявӣ низ мерасонад. Дархостҳои вобаста ба дастгирии дарозмуддат, ки ба масъалаҳои тандурустӣ вобастагӣ доранд тавассути Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар татбиқ карда мешаванд. Вазорат аз ҷониби худ ин дархостҳоро ҷиҳати вобастагӣ ва алоқаманд буданашон ба вазифаҳои афзалиятноки соҳа баррасӣ намуда, роҳандозӣ менамояд. ТУТ қарз (кредит) ё грант ҷудо намекунад, аммо дар чорчубаи СДҲ сохти иқтидори мутахассисони соҳаи тандурустиро ба воситаи гузаронидани машварат, семинарҳо, дастгирии гуруҳҳои корӣ, барномаҳои идрорпулии ТУТ дар самтҳои гуногун нигоҳ дошта, онро тақвият медиҳад.

**Барномаҳои каблӣ ва амалкунанда.**

Барномаҳои зерин аз ҷониби намояндагии ТУТ дар ҶТ амалӣ шудаанд: ҳамоҳангсозии барномаҳои расонидани кумаки башардустона аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ дар бахши тандурустӣ, ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, беҳдошти саломатии модару кудак, аз ҷумла саломатии репродуктивӣ, иммунизатсия, барнома оид ба мубориза бар зидди вараҷа, бемории сил ва ВНМБ/АНМБ, бехатарии хун, бемориҳои ғайрисироятӣ ва саломатии руҳӣ, амнияти озуқаворӣ ва бехатарии ғизо, маҳсулоти хурокворӣ, омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда.

**Барномаҳо ва самтҳои фаъолият барои солҳои 20164-2017:**

Самтҳои асосии фаъолияти ТУТ дар ҶТ барои солҳои 2016-2017 инҳоянд:

1. **Бемориҳои сироятӣ.**
   - Дастрасии умумӣ ба кумаки тиббии босифат барои нигоҳубини беморони сил тибқи ҳадафҳои стратегияи глобалии мубориза бо бемории сил пас аз соли 2015-ум;
   - Васеъ намудани дастрасии аҳолии зери хавф қарордошта ба барномаҳои профилактикӣ ва табобати бемории вараҷа аз руи сафи аввали доруворихо барои ҳодисаҳои тасдиқшудаи ин беморӣ;

- Таъмини дастрасии васеъ ва устувор барои назорати бемориҳои тропикӣ ва чорабинӣ;
- Васеъ кардани сатҳи фарогирии аҳолии дурдаст ва ҷамоатҳо бо иммунизатсия.

2. **Бемориҳои ғайрисироятӣ.**
   - Васеъ кардани дастрасӣ ба барномаҳои пешгирӣ ва идора кардани бемориҳои ғайрисироятӣ, хатар ва омилҳои онҳо;
   - Васеъ кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои вобаста ба мушкилоти солимии равонӣ ва истифодаи маводҳои токсикӣ;
   - Беҳтар ва васеъ кардани хизматрасониҳо оид ба тавонбахшии маъюбон;
   - Паст кардани теъдоди омилҳои хатар вобаста ба ғизо.
3. **Таҳкими саломатӣ дар тули ҳаёт.**
   - Васеъ кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббию санитарӣ бо мақсади таҳким додани саломатии занон, навзодон, кудакон ва наврасон;
   - Густариши сиёсат ва чорабиниҳои байнисоҳавӣ бо мақсади баланд бардоштан ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар соҳаи тандурустӣ тавассути ҳалли нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ саломатӣ;
   - Коҳиш додани хатарҳои экологӣ ба саломатӣ;
   - Васеъ намудани дастрасӣ ба об, беҳдошти он ва назорати самарноки сифати об дар деҳот.
4. **Системаи тандурустӣ.**
   - Тақвияти ҳамаҷонибаи сисёсати миллӣ дар самти танлдрустӣ, стратегия ва нақшаҳои миллӣ, ки баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои фарогирии умумии тандурустӣ сафарбар карда шудаанд;
   - Таҳкими сиёсати тандурустӣ, маблағгузорӣ ва захираҳои инсонӣ баҳри таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббии ба одамон нигаронидашуда;
   - Беҳтар намудани дастрасӣ ва истифодаи оқилона, сифатнок ва бехатарии доруворӣ ва технологияҳои тиббӣ.
5. **Таъмини омодагӣ, дидбонии эпидемиологӣ, эътино ва чораандешӣ.**
   - Тақвият додани иқтидори кишвар ҷиҳати таъмини устувор ва дар сатҳи лозима нигоҳ доштани омодагӣ барои эътинои фаврӣ, пешгуйкунанда ва самаранок ба эпидемия ва пандемияи мавҷеашон бузург;
   - Ноил шудан ба уҳдадориҳои Қоидаҳои баналмилалии тиббӣ (2005);
   - Таҳким додани омодагӣ ва вокуниш ба пандемия зуком;
   - Таҳким додани сифати хизматрасониҳои лабораторияи системаи тандурустӣ.

**<u>Дастовардҳои асосии намояндагии ТУТ дар ҶТ:</u>**

1. дар самти **Бемориҳои сироятӣ**.

- Гузаронидани рузҳои миллии иммунизатсия бо мақсади баланд бардоштани иммунитети кудакон бар зидди бемории фалаҷ;
- Дастгирии ВТХИА ҶТ оид ба анҷом додани таҳияи "Барномаи миллӣ оид ба ВНМО барои солҳои 2016-2020";
- Расонидани дастгирӣ баҳри таҳким додани системаи электронии маълумотҳо оид ба бемории сил;
- Дастгири кардани таҳия ва татбики Барномаи милли оид ба гузариш аз истифодаи tOPV ба bOPV соли 2016;
- Расонидани кумаки техникӣ дар таҳияи Барномаи милии бисёрсолаи иммунизатсия барои солҳои 2016-2020, ва таҳияи дастурамал «Иммунизатсия дар амал» ва минбаъд гузаронидани тренингҳо барои кормандони КАТС;
- Расонидани дастгирӣ дар бораи ҷалби шарикон ба таҳия, тасдиқ ва ҳамоҳансозии лоиҳаи ГАВИ-2;
- Дастгирии маъракаи бекирмгардонии кудакон (5-14 сола);
- Дастгирии ВТХИА ҶТ оид ба дидбонии ротавирус барои соли 2016;
- Расонидани дастгирӣ дар баргузоршавии машварати ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳамкориҳои наздисарҳадӣ дар самти маҳви вараҷа ва мубориза бо лейшманиоз дар ноҳияҳои наздисарҳадии Афғонистон ва Тоҷикистон;
- Расонидани дастгирӣ дар бораи беҳтар кардани дидбонӣ ва маълумотҳои эпидемиологии бемории лейшманиоз.

2. дар самти **Бемориҳои ғайрисироятӣ**.

- Дастгирӣ кардани таҳия ва татбиқи Стратегияи миллӣ ва нақшаҳои амал оид ба Ғизо ва Фаъолияти ҷисмонӣ (барои солҳои 2015-2024), таҳия ва татбиқи дастурамалҳои миллт оид ба пешбурди камғизой шадид, дастурамал оид ба ғизодиҳии навзодону кудакон ва машваратдиҳӣ, дастурамал оид ба муайянкунӣ ва пешгирии камғизой тибқи стандартҳои ТУТ оид ба рушди кудак;
- Тақвият додани иқтидори кормандони тиб дар беморхонаҳо ва КАТС оид ба таҳким додани пешгирӣ ва назорати ҳамаи намудҳои камгизой, синамакони ва гизои иловагии кифоя, гизои солим ва пешбурди фаъолияти чисмони дар асоси дастру тавсияҳои аз чиҳати илми асоснокшудаи ТУТ;
- Дастгирии ВТХИА ҶТ дар бораи тақвият додан ва такмили механизмҳои назоратӣ маводи ғизой ва системаи дидбонӣ;
- Тақвият додани ҳамкориҳои байнисоҳавӣ ва робита байни Вазорати тандурустӣ, Вазорати хоҷагии қишлоқ, Вазорати маориф ва илм ва дигар тарафҳои манфиатдор дар самти бехатарии ғизо ва амнияти озуқаворӣ, баҳодиҳии ҳолати ғизо ва мушкилиҳо ва таъсири он саломатии одамон бо таваҷҷуҳ ба рушди кудак ва таъсиси платформаи байнисоҳави баҳри таҳия ва татбиқи сиёсат ва нақшаи амали байнисоҳавии тавассути расонидани дастгирии техникӣ, мушовиратӣ, кумаки техникии аз ҷониби коршиносон ва тавсияҳо Гузаронидани омузиш бо мақсади муайян кардани мавҷудияти транс-чарбҳо ва намак дар таркиби ғизоҳои омода барои истеъмол дар бозорҳои ш.Душанбе бо таваҷҷуҳ ба омилҳои хатари онҳо, ки ба бемориҳои ғайрисироятӣ мусоидат мекунанд, дар муқоиса бо кишварҳои Осиёи Миёна ва Қавқоз бо мақсади таҳия намудани тавсияҳо ва нақшаҳои амалӣ барои тавсифу ташвиқ бурдани ғизои дурусту солим ва бехатар ба аҳолӣ;


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- Таҳия ва татбиқи нақша оид ба пешгирии фарбеҳшавии занон ва кудакон;
- Татбиқи ташаббуси ТУТ оид ба дидбонии фарбеҳии кудак дар кишвар;
- Барномаи давлатии ҳимояи солимӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони маъюб дар Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки аз ҷониби ВТХИА дар ҳамкории зич бо шарикон таҳия карда шуд ва ба Ҳукумати кишвар барои тасдиқ пешниҳод карда шуд;
- Таҳияи ҳуҷҷати шаш сола оид ба "Тандурустии беҳтар барои шахсони маъюб ва интеграцияи маъюбон дар ҷомеа";
- Омузонидани ду нафар духтур дар сатҳи байналмилалӣ оид ба "тибби ҷисмонӣ ва тавонбахшӣ" ва ҷудо кардани идрорпулӣ барои чор нафар донишҷу барои таҳсил дар курси бакалавриати байналмилали "Физиотерапия ва терапияи касбӣ";
- Иштирок ва омузонидани 946 духтурон, ҳамшираҳои шафкат ва кормандони соҳаи тавонбахшӣ дар тренинги бахшида ба мавзуи маъюбон ва тавонбахшии онҳо, ки бо мақсади беҳтар кардани сифати хизматрасонии тавонбахшӣ ба шахсони маъюб тибқи стандартҳои байналмилалӣ, баргузор гардид;
- Дастгирии ВТХИА дар самти ҳалли эҳтиёҷоти тавонбахшии 422 кудакони маъюб, ки дар натиҷаи хуруҷи бемории фалаҷ соли 2016 маъюб шуданд. Ҳамчунин расонидани дастгирӣ бо мақсади пурзур намудани хизматрасонӣ дар самти таъмини маъюбон бо курсиҳои маъюбӣ;
- Дастгирии ВТХИА дар ифтитоҳи барномаи "Тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат", дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар бист ноҳияҳои кишвар;
- Дар самти бемориҳои ғайрисироятӣ: татбиқи нақшаи амали миёнамуҳлат барои солҳои 2013-2015 ва таҳияи нави нақшаи амали бисёрмуҳлат барои солҳои 2016-2023. Мутобиқгардонӣ, тасдиқ ва татбиқи ҳуҷҷати "Маҷмуи бемориҳои асосии ғайрисроятӣ дар сатҳи КАТС;
- Такмил додани иқтидори КАТС дар ноҳияҳои пилотӣ тавассути муаррифии ҳуҷҷати "Маҷмуи бемориҳои асосии ғайрисрояти бо назардошти маҳдудияти захираҳо. Гузронидани тренингҳо барои духтурон ва ҳамшираҳои оилави дар ноҳияҳои пилотӣ. Дастгирӣ дар гузаронидани тренинг ва мониторинг барои Хадамоти давлатии назорати фаъолияти тиббӣ;
- Муколама бо ВТХИА ва донишгоҳҳои тиббӣ бо максади интитусионаликунонии ҳуҷҷати Маҷмуи бемориҳои асосии ғайрисроятӣ тавассути аз нав дида баромадани барномаҳои таълимӣ;
- Муколама ва банақшагирӣ бо ВТХИА оид ба бақайдгирииии бемории саратон, табобати паллиативӣ ва маълумкунии барвактӣ;
- Омодагӣ ба татбиқи барномаи "Усули марҳила ба марҳила"-и ТУТ (STEPS) оид ба назорати эпидемиологии омилҳои хатари бемориҳои музмини;
- Таҳияи ҳуҷҷат "Қонун дар бораи назорати тамоку ва кодекси маъмурӣ" ва пешниҳод намудан ба Ҳукумат барои барассӣ ва тасдиқ;
- Уҳдадориҳои Ҳукумат оид ба таҳия ва татбиқи стратегияи миллӣ дар бораи бемориҳои ғайрисироятӣ ва иштироки фаъол дар лоиҳа, мусоидат карда шуд. Гузаронидани тренингҳо байни шахсони масъули қабули қарор ва коршиносони самти бемориҳои ғайрисироятӣ барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва сохти иқтидор мусоидат кард, ки бо мақсади пешгирӣ ва таботати бемориҳои ғайрисироятӣ ва самаранок чорабинӣ кардани нисбати ин гуруҳи бемориҳо.

**3.** дар самти **Таҳкими саломатӣ дар тули ҳаёт.**

- Беҳтар кардани сифати нигоҳубини кудакони гирифтор бо бемориҳои кудаконаи маъмули тавассути мутобиққунӣ ва тасдиқи китобчаи кисагӣ "Расонидани кумаки тиббӣ ба кудакон дар беморхона. Дастурамал оид ба пешбурди бемориҳои маъмул дар шароити маҳдудияти захираҳо", сохти иқтидори беш аз 300 духтурон-менеҷерон, таъмини беморхонаҳо бо 340 адад таҷҳизоти ҳаётан наҷотбахш ва 700 адад лавозимоти таъмини, дастгирӣ дар таъмини назорат, гузаронидани чорабиниҳо дар самти пурзур намудани эҳтироми ҳуқуқҳои кудак дар беморхонаҳо, таъсиси маркази захиравии маълумотҳо ва институтсионаликунонии тарзҳои дар асоси далелҳо асосёфтаи кор дар педиатрияи илмӣ ва клиникӣ;
- Таҳкими иқтидори кумитаи миллӣ оид ба таҳқиқоти махфии ҳодисаҳои фавти модарон, дастгирӣ дар нашри нахустин гузориш дар бораи таҳқиқи махфии фавти модарон дар соли 2013 ва татбиқи тавсияҳо оид ба ҳифзи ҳаёти модару кудак, коҳиш додани мураккабиҳо ва беҳтар кардани сифати хизматарсонӣ ба модарон баҳри беҳбудии тамоми занони ҳомиладор, навзодон ва аъзоёни оила;
- Таҷдиди воситаҳои коркарди маълумот, тренингҳо оид ба методологияи амалиётҳои тадқиқотӣ ва бизнес / забони илмии англисӣ, оғози аввалин соли таҳсили тадқиқоти дар чорчубаи барномаи грантии ТУТ оид ба Рушди институсионалии дарозмуддат;
- Татбиқи чорабиниҳо оид ба тақвият додани системаи ҳисоботдиҳии вобаста ба солимии занон ва кудакон тавассути мониторинги натиҷа ва захираҳо, таҳкими назорати фавти модарон ва вокуниш, таҳкими механизми миллӣ оид ба шарҳдиҳӣ ва масъулиятнокӣ ва тарғиботӣ таҳти дастгирии Комиссия иттилоотӣ ва ҳисоботдиҳии ТУТ.

4. дар самти **Системаи тандурустӣ**.

- Дастгирии ВТХИА дар таҳия кардани Накшаи стратегӣ оид ба рушди тибби оилавӣ, сатҳи КАТС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. дар самти **Таъмини омодагӣ, дидбонии эпидемиологӣ, эътино ва чораандешӣ.**

- Дар чорчубаи барномаҳои худ, ТУТ муасиссаву марказҳои тандурустиро бо маводу таҷҳизотҳои зерин дастгирӣ менамояд: таҷҳизотҳои лабораторӣ (tubes, reagents), реагент ва таҷҳизот барои лабораторияи вирусологи, таҷҳизотҳои лабораторииташхисӣ дар чорчубаи барномаи Expand TB: таҷҳизотҳои технологияи иттилоотӣ, таҷҳизотҳои тибби барои пурзур кардани муасиссаҳои тиббии ноҳиявӣ, IEHKs, маводҳои иловагӣ, КИТ – асбобу лавозимот барои ҷароҳатбардорӣ дар чорчубаи татбиқи барномаи бехатарии беморхонаҳо: лавозимоти тиббӣ барои наҷотдиҳӣ дар беморхонаҳои таъҷилӣ: таҷҳизотҳои тиббии педиатрӣ,

гузаронидани рузҳои байналмилалии тандурустӣ, сохти иқтидор оид ба масъалаҳои бехатарии ғизо ва амнияти озуқаворӣ, таҳким додани иқтидори лабораторӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ ва ғайр;

- Дастгирии иштироки кишвар дар нақшаву барномаҳои амалии минтақавию ҷаҳонӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ тавассути сохти иқтидор ва ҷалби тарафҳои манфиатдор дар сатҳи баланди чорабиниҳои гуногуну бисёрсоҳавии минтақавӣ, мубодилаи маълумоту ҳисобот оид ба масъалаҳои муқовимати зиддимикробӣ
- Дастгирии кишвар дар таъсиси комиссия миллии байнисоҳавӣ/гуруҳи корӣ барои арзёбии вазъ, рушд, мониторинг ва ҳамоҳангсозии татбиқи нақшаҳои миллии амал баҳри пешгирӣ ва пайгирию ҳалли масъалаҳои муқовимати зиддимикробӣ дар Тоҷикистон;
- Дастгирӣ дар самти сохти иқтидор оид ба таҷдид ва таъсиси кор ва системаи лабораторӣ тавассути мутобиққунонӣ ва татбиқи протоколҳои байналмилалӣ ва дастурамалҳо бо мақсади тақвияти назорат ва дидбонии муқовимати зиддимикробӣ;
- Назорати тамоюли муқовимати зиддимикробӣ кишвар тавассути ҷамъоварии маълумотҳои дидбонии дурусти миллӣ оид ба муқовимати зиддимикробӣ;
- Дастгирии иштироки ВТХИА дар шабакаи муқовимати зиддимикробии Осиёи Марказӣ ва Аврупои шарқӣ, истифодаи даструамали Кумитаи Аврупо оид ба муқовимати зиддимикробӣ, санҷиш дар лабораторияҳои микробиологӣ, ва иштирок дар марҳилаҳои CAESAR-EQA бо мақсади таҳким ва тақвият додани системаи миллии дидбонии муқовимати зиддимикробӣ;
- Расонидани кумаки техникӣ дар таҳияи Стратегияи миллӣ оид ба бехатарии ғизо, таҳкими иқтидор ва ҳамкории байнисоҳавӣ байни ВТХИА ва Вазорати хоҷагии қишлоқ, Вазорати рушд, иқтисод ва савдо, Тоҷикстандарт, Вазорати маориф ва илм ва дигар тарафҳои манфиатдор дар самти бехатарии ғизо тавассути машварат расони, кумаки техникб ва тавсияҳо бо мақсади пешгирӣ ва назорати бемориҳои зоонотики ва аз ғизо пайдошаванда ва муқовимати зиддимикробӣ;
- Дастгирӣ дар татбиқи дастурамали милли оид ба пешгирии бруселлоз, хориш ва сухтанӣ, шарҳ ва таҷдиди он дар асоси дастурамалҳои ТУТ ва тавсияҳо, дастгирӣ дар татбиқи маводи коммуникатсиони оид ба бехатарии ғизо (ба монанди 5 калиди бехатарии ғизо, 5 калиди парвариши ғизо ва сабзавоти бехатар, пешгирии ботулизм);
- Тақвияти иқтидори ошкоркунии лабораторияҳо оид ба бехатарии ғизо, назорат ва дидбонии бемориҳои аз ғизо пайдошаванда бо таваҷҷуҳ ба Salmonellas ва Campylobacter дар одам, чорво ва хурокворӣ, ва муқовимати зиддимикробии онҳо тавассути ташкили вохуриҳои байнисоҳавӣ, тренингҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ;
- Такмили дониши кормандони КАТС ва баланд бардоштани сатҳи веқофияти аҳолӣ оид ба бехатарии ғизо ва масъалаҳои муқовимати зиддимикробӣ тавассути гузаронидани тренингҳо, вохуриҳои байнисоҳавӣ ва маъракаҳои миллӣ;
- Идомаи дастгирии ТУТ дар бораи иштирок кишвар дар Codex Alimentarius бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои байнисоҳавӣ ва фаъолият дар самти мутобиққунӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ ва қоидаҳои дахлдоштаи самти бехатарии ғизо;
- Расонидани кумаки техникӣ бо мақсади ташвиқи амнияти озуқавории бехатар дар кишвар, тавассути иштирок дар вохуриҳо ва семинарҳо ва бо ҷалби комитети минтақавии ҳамоҳангсозии Codex Alimentarius;
- Беҳтарсозии системаи ошкоркунӣ ва вокуниш ба вируси зуком, новобаста аз мавсими, зоонотикӣ ё пандемия, микроорганизмҳои патогении роҳи нафас, дастгирии татбиқи барномаи омодагӣ ба пандемияи зуком;
- Дар чорчубаи ташаббуси "Лабораторияҳои замонавӣ барои саломатии беҳтар", беҳтарсозии сифати хизматрасониҳои лабораторӣ.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Олмон/Бонки Олмонии рушд

Тамос: Хонум Кристин Лаабс
Директори идораи КфВ дар Тоҷикистон
Тел: +992 44 600 6823 Факс: +992 44 6005204
Почтаи электронӣ: kersitn.laabs@kfw.de
Сомона: https://www.kfw-entwicklungsbank.de
Суроға: 734042, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Айнӣ / Назаршоев

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

КфВ яке аз бонкҳои давлатии пешбар ва ботаҷриба дар ҷаҳон мебошад. Соли 1948 ҳамчун муассисаи давлатӣ таъсис ёфта 80% он ба Ҳукумати федералии Олмон ва 20% он ба ҳукуматҳои заминҳои федералии Олмон тааллуқ дорад.

КфВ Бонки рушд ҷузъи гуруҳи бонкии КфВ ба ҳисоб меравад. Бо дастури Ҳукумати Олмон КфВ Ҳамкории молиявии Олмонро (ҲМ) бо кишварҳои ру ба тараққӣ амалӣ мекунад. КфВ Бонки рушд аз як қатор воситаҳои молиявӣ оид ба пешбурд дар якҷоягӣ бо таҷрибаи фаъолияти бонкӣ ва тамоюл ба сиёсати рушд истифода мебарад. Мо дар саросари ҷаҳон маблағгузорӣ мекунем, машварат медиҳем ва дар татбиқи лоиҳаҳои рушд мусоидат мекунем. Илова бар он, ки мо ба рушди бахши молиявӣ ва ҳифзи муҳити зист ва иқлим афзалият медиҳем, барои мо соҳаи тандурустӣ ва маориф низ нақши муҳим доранд, азбаски инфрасохтори ҷамъиятӣ бевосита дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳим мебозад.

КфВ Бонки рушд кушиш дорад бо ҳамшарикони Олмонӣ ва байналмилалӣ барои минбаъд баланд бардоштани самаранокии фаъолияти худ ба хотири рушд ҳамкорӣ мекунад. КфВ машваратчии босалоҳият ва стратегӣ оид ба масоили имрузаи рушд ба ҳисоб меравад. Фаъолияти КфВ Бонк инъикоскунандаи эътиборнокӣ, эътимод ва бовиҷдонӣ мебошад. Мо тарафдори ҳамкории дар эътимод асосёфта мебошем.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Ҳамкории дуҷонибаи молиявӣ байни Олмон ва Тоҷикистон соли 2002 оғоз гардид. Аз он замон, ҳукумати федералии Олмон дар доираи ҳамкории молиявӣ беш аз 196,2 миллион Евро барои сармоягузорӣ ва чораҳои иловагӣ, аз он ҷумла фаъолияти машваратдиҳӣ ва омузишӣ ҷудо намуд. Ҳамкории молиявии Олмон ба ду бахш ҷиҳати таҳкими рушди устувор, ислоҳот ва беҳсозии хизматрасонӣ ба аҳолӣ нигаронида шудааст:

Рушди устувори иқтисодӣ (рушди низоми молиявӣ):

- Хизматрасониҳо дар самти қарздиҳии хурд бо истифода аз дороиҳо, хати қарздиҳӣ, машваратҳо ва омузишҳо (Бонки аввалии қарздиҳии хурд, Аксесс Банк)
- Маблағгузории кишоварзӣ (Барномаи маблағгузории соҳаи кишоварзӣ, Марҳилаи 1 ва 2)
- Маблағгузории манзил (Барномаи Бахши молиявӣ оид ба Тоҷикистон, Марҳилаи 1 ва 2)
- Мубориза бо полиомиелит (барқарорсозии бинои беморхона, таҷҳизот, омузиш ва машваратдиҳӣ)

Дигар бахшҳо

- Инфрасохтори шаҳрӣ ва хазинаи НСИФТ (сохтмони мактаб ва дигар инфрасохтори хурд, омузиш ва машваратдиҳӣ
- Барқарорсозии неругоҳи хурди барқи обӣ дар Мурғоб
- Мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим тавассути истифодаи устувори ҷангал дар ҳавзаҳои муҳимми обгирии Тоҷикистон

**Самти барномаҳои оянда**

Ҳукумати федералии Олмон ният дорад ҳамкории дуҷонибаро дар бахшҳои рушди устувори иқтисодӣ ва тандурусти идома диҳад ва нақшаҳои сармоягузориро барои лоиҳаҳои оянда ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлим тартиб диҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ дар Тоҷикистон

Тамос: Хонум Кейт Кроуфорд
Директори USAID дар ҶТ
Тел: (+992 37) 229 26 08 Факс: (+992 37) 229 26 10
Почтаи электронӣ: kacrawford@usaid.gov
Сомона: www.usaid.gov
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Исмоили Сомонӣ, 109 А
(Сафорати Амрико дар Тоҷикистон)

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) аз номи халқи Амрико бо мақсади беҳтар намудани зиндагии одамон дар тамоми ҷаҳон амал менамояд.

USAID - ин номи мухтасари ташкилоти Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ мебошад. Тасодуфӣ нест, ки ин ҳарфҳо дар тарҷума аз англисӣ ҳамчунин маънии «Кумак аз ИМА»-ро ифода менамоянд. USAID аз ҷониби Ҳукумати ИМА соли 1961 ҷиҳати ба кишварҳои хориҷӣ дастрас намудани мусоидати иқтисодию иҷтимоӣ таъсис дода шудааст. Дар айни замон, USAID ба бештар аз 100 кишвари олам дар Африко, Осиё, Шарқи Миёна, Америкаи Лотинӣ ва Кариб, Аврупою ЕврОсиё кумак мерасонад.

USAID сулҳу суботро дастгирӣ менамояд; ба болоравии иқтисодиёт, бехатарии озуқаворӣ ва савдо ривоҷ медиҳад; ба нигоҳдории тандурустӣ мусоидат мекунад;, сифат ва дастрасӣ ба омузиши ибтидоиро беҳтар менамояд; дар мавридҳои фавкулодда кумакҳои башардустона мерасонад, дар кишварҳои ру ба инкишоф низоъҳоро пешгирӣ ва демократияро таҳким мебахшад. Ҳамаи ин кушишҳо ба беҳсозии зиндагии миллионҳо одамони ҷаҳон равона гардидаанд ва манфиатҳои ИМА-ро баҳри сулҳ ва шукуфоӣ таҷассум менамоянд.

USAID соли 1992 ҳамоно баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ба расонидани кумак оғоз кард. Дар ин муддат халқи Амрико аз тариқи барномаҳои USAID барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ, нигоҳдории тандурустӣ, маориф ва ниҳодҳои демократии мамлакат зиёда аз 380 миллион доллари ИМА дастрас намуд. Барномаҳои USAID бо вазоратҳо, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ, ширкатҳои хусусӣ ва иттиҳодияҳо дар соҳаҳои такмил додани қонунгузорӣ, муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ, афзоиш додани даромад, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва ҳарчи пурсамар гардондани идоракунии захираҳои мавҷуда ҳамкорӣ мекунанд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Рушди иқтисодиёт (буҷети соли 2016 6,63 млн доллари ИМА барои иҷрои лоиҳаҳои рушди иқтисодӣ): Ташаббуси Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ “Озуқаворӣ ба хотири оянда” – ин барномаи 5 сола дар соҳаи амнияти озуқаворӣ буда, барои устувор баланд бардоштани даромад ва беҳтар намудани маводи ғизоии беш аз 38,000 хонаводаҳо (беш аз 200,000 нафар) дар 12 ноҳияҳои ғарбии вилояти Хатлон, ва, инчунин, барои хубтар намудани сатҳи дониш оиди ғизои солим, дастрасии ғизо ва истеъмоли оқилонаи он дар оила мебошад. Илова ба ин, “Озуқаворӣ ба хотири оянда” дар Тоҷикистон ба ташвиқу тарғиб ва ҷоринамоии тарзи ҳаёти солим бо мақсади муайянкунӣ ва бартараф намудани сабабҳои бевосита ва ниҳоии норасоии ғизо мусоидат намуда, ба беҳтар намудани вазъи саломатии модару кудак кумак мерасонад. Барои амалисозии ин ҳадафҳо, “Озуқаворӣ ба хотири оянда” дар Тоҷикистон ба хонаводаҳо ва хоҷагиҳои хурди тиҷоратӣ бо мақсади баланд бардоштани даромад ва истеҳсоли маводи ғизоӣ барои истеъмоли оилавӣ кумак мерасонад. Ин барнома дар беҳбудии маводи ғизоӣ ва саломатӣ ёрӣ расонда, зарфияти ниҳодҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои маҳаллиро устувор мегардонад, ва барои амалӣ гардонидани реформаи аграрӣ дар Тоҷикистон дар ислоҳоти бахшҳои обёри ва истифодаи замин, ба воситаи пешкаш намудани ёрии техникӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон, кумак мерасонад.

USAID ба беҳтар гардидани кори бозори минтақавии барқ мусоидат карда, ба Ҳукумати Тоҷикистон дар бобати ислоҳоти бахши энергетикии мамлакат, ташкили бозори шаффофу ба рақобат тобовар, ҳамзамон афзоиш ёфтани фуруши барқ кумак мерасонад.

Рушди соҳаҳои нигоҳдории тандурустӣ (буҷети соли 2016 7,0 млн доллари ИМА ба лоиҳаҳои нигаҳдории тандурустӣ): USAID ба Тоҷикистон дар бобати татбиқи Стратегияи миллии солимии аҳолии ҶТ барои солҳои 2010-2020 барои таъмини фароҳам гардидани хизматрасониҳои хушсифати ба мизоҷон равонагардида ва дастрас сохтани кумаки тиббию санитарӣ ва амалияи тиббии асоснокгардида мусоидат мекунанд. Ба Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи Барномаи миллии мубориза зидди бемории сил ва боло бурдани дараҷаи малакаю маҳорати кормандони тиббӣ ва неруи соҳаи тандурустӣ дар бобати табобат беҳдошт (профилактика) ва назорати бемории сил мусоидат карда мешавад. USAID бо Фонди глобалии мубориза зидди АНМБ, сил, вараҷа, ҳамкории зич довад; ва ба гузаронидани таълими кормандони тибб ва роҳбарони соҳаи нигаҳдории тандуруст оид ба ҷиҳатҳои беҳдошт ва табобати АНМБ кумак мерасонад. USAID инчунин дар фаъолиятҳои саломатии модару кудак кумак мерасонад, ки дар чорчубаи он таваҷҷуҳи махсус ба ғизо дода шуда ба талошҳои “Озуқаворӣ ба хотири оянда” равона карда шудааст.

Маориф (буҷети соли 2016 3,8 млн доллари ИМА ба лоиҳаҳои маориф): USAID ба Вазорати маориф ва илми ҶТ дар бобати татбиқи Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф (2010-2020) ва Мушорикати умумиҷаҳонӣ дар соҳаи маориф (МУМ-4) дар бахши омузиши ибтидоӣ барои тақвияти малакаи муаллимон ва таҳкими сатҳи хониш ва дарки кудакон мусоидат мекунад. USAID дар баланд бардоштани дараҷаи сатҳи тахасуси муаллимони синфҳои аз 1 то 4 оиди техникаи


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

хониш; дар афзоиши маводи хониш; дар таҳкими фаъолияти корҳои берун аз синф оиди хониш ва устувор намудани дастгирӣ ба Ҳукумат дар бобати хониш мусоидат мекунад. Ҳамчунин USAID оиди амалисозии Омузиши Релевантӣ дар 80 мактаби Вилояти мухтори куҳистони Бадахшони Тоҷикистон ва 16 мактаби ноҳияи Шурободи вилояти Хатлон мусоидат мекунад. USAID барои пешгирии тарки мактаб аз тарафи хонандагон дар вилояти Хатлон ба 82 иттиҳоди ҳадафноки мактабӣ ро дастгирии худро давом мекунад.

Рушди равандҳои демократӣ ва идоракунӣ (буҷети соли 2016 2,44 млн доллари ИМА барои лоиҳаҳои рушди демократия ва идоракунӣ): USAID саъю кушишҳои Тоҷикистонро оид ба ғайримутамарказ намудани уҳдадориҳои давлатӣ, беҳтаркунонии хадамоти давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва тақвият додани потентсиали ҳукуматҳои маҳаллӣ ёрӣ мерасонад.

USAID ҳамчунин бо мақсади таҳким ёфтани ҷомеаи шаҳрвандӣ, ва осон сохтани дастрасии аҳолӣ ба иттилоот таълим ва кумаки техникӣ пешниҳод менамояд. Зимни барномаи мубориза зидди фуруши одамон фаъолият барои барҳам додани чунин амалҳо равона сохта, онҳое, ки ба чунин ҳодиса гирифтор шудаанд, ҳифз карда мешаванд.

**Самти барномаҳои оянда**

Ҳарчанд барномаҳои минбаъда ҳануз мушаххасан муайян нашудаанд ва аз дастрасии буҷа вобастагӣ доранд, USAID идома додани корҳоро дар соҳаҳои дар боло зикрёфта дар назар дорад.

*Бисёрҷониба*

# Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон

Тамос: Ҷ-би Вито Трани
Намояндаи Раёсат
Тел: (+992 37) 221 83 78, 221 82 46 Факс: (+992 37) 251 00 39
Почтаи электронӣ: TJKDU@UNHCR.ORG
Сомона:
Суроға: 734024, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Айнӣ 39

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон (РКО СММ оид ба гурезагон) ташкилоти низоми СММ мебошад, ки ба ваколати СММ амалҳои байналхалқиро оид ба ҳимояи гурезагон дар тамоми ҷаҳон, инчунин ҳалли мушкилоти онҳоро танзим ва сарварӣ мекунад. Мақсади асосии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон пеш аз ҳама ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини беҳбудии гурезагон мебошад. Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон саъю кушиши худро ба он равона мекунад, ки ҳар як инсон аз ҳуқуқи хеш барои ҷустуҷу намудан ва гирифтани паноҳгоҳ дар давлати дигар, инчунин ҳуқуқи ихтиёрона ба хона баргаштанро истифода бурда тавонад. РКО СММ оид ба гурезагон баҳри баргаштан ба ватан ё сокини кишвари дигар шудан ба гурезагон кумак расонда, барои ҳалли дарозмуддати мушкилоти онҳо кушиш ба харҷ медиҳад. Роҳномаи фаъолияти РКО СММ оид ба гурезагон Оиннома, Конвенсияи СММ оид ба мақоми гурезагон аз соли 1951 ва Протоколи он аз соли 1967 мебошад. Асоси усули фаъолияти башардустонаи раёсатро меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқии марбут ба гурезагон ташкил медиҳад.

Раёсат бе ягон ғараз, новобаста ба нажод, мансубияти динӣ, эътиқоди сиёсӣ ва ҷинс, гурезагон ва дигар шахсонро ҳимоя карда, фақат бо назардошти эҳтиёҷоташон ба онҳо кумак мерасонад. Дар тамоми фаъолияти худ Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон диққати асосиро ба талаботи кудакон дода, кушиш мекунад, ки баробарҳуқуқии занон ва духтаронро таъмин намояд. Дар фаъолияти хеш оид ба ҳимояи гурезагон ва мусоидат баҳри таъмини баробарҳуқуқии занон ва духтарон Рёсат бо ҳукуматҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатӣ ва мардуми маҳаллӣ ҳамчун шарик ҳамкорӣ менамояд. Раёсат на фақат ба гурезагон, балки ба дигар категорияҳои кучидашудагон ва ё дар хатар будагонро кумак расонда, онҳоро ҳимоя мекунад. Ба ин категория шахсони ҷуяндаи паноҳгоҳ, гурезаҳое, ки ба ватан баргаштаанд, вале ба бозсозии ҳаёташон муҳтоҷанд, ҷомеаи маҳаллии шаҳрвандӣ, ки кучонидашавии гурезаҳо ба он бевосита таъсир расонидааст, инчунин шахсони маҷбуран кучонидашуда ва шахсони бешаҳрвандӣ дохил мешаванд.

Ассамблеяи Генералии СММ аз соли 1995 инҷониб ба РКОГ барои ошкор намудани шахсони бе шаҳрвандӣ, пешгирӣ ва коҳиш додани ҳолатҳои шаҳрвандӣ надоштани мардум дар саросари дунё, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсони бешаҳрвандӣ ваколати расмӣ додааст. Ҳамчунин Ассамблеяи Генералии СММ ба РКОГ ҷиҳати мусоидат намудан барои ҳамроҳшавӣ ба конвенсияҳои коҳиш додани ҳолатҳои бешаҳрвандӣ ва таъмини татбиқи пурраи онҳо ваколат додааст. Бо дарназардошти ин, РКОГ ба давлатҳо кумаки техникию машваратӣ ва оперативӣ мерасонад, инчунин барои дарки мушкилоти марбут ба бешаҳрвандӣ, ки муколамаи байни давлатҳои манфиатдорро дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ осон мегардонад, инчунин эҳтиёҷоти шахсонро дар ҳолатҳои тулкашидаи бешаҳрвандӣ ба эътибор мегирад, мусоидат менамояд.

Раёсати комиссари олии Созмони милали муттаҳид оид ба паноҳандагон (UNHCR) дар самти баланд бардоштани тавонмандии шахсони мансабдори вазоратҳои дахлдор, судяҳо, ҳуқуқшиносон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шарикони маҳаллӣ ва кормандони илмӣ, пешниҳоди дастгирии техикӣ, таҳия намудани воситаҳои ҳуқуқии ҷавобгуи меъёрҳои байналмилалӣ ва пешбурди ҷораҳои муҳофизатӣ дар низомҳои идоракунии сарҳад ва дастрасӣ ба паногоҳ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич дорад. UNHCR ҷиҳати ҳалли масъалаи набудани шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ҳолате, ки дар он сокинон аз сабаби пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ, никоҳҳои фаромарзӣ ва тамдиди сукунат берун аз Тоҷикистон бе шаҳрвандӣ ё ҳуҷҷатҳо мондаанд низ бо Ҳукумат ва дигар шарикон кор мекунад.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Соли 1993 Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон барномаи ба ватан баргардонидан (репатриатсия), барқарор намудан ва бо ҳамватанони худ омехта шуданро (реинтеграция) барои гурезаҳои тоҷик, ки Тоикистонро дар ҷанги шаҳрвандӣ тарк намуда буданд  шуруъ намуд. Дар солҳои 1990-ум беш аз  53000 нафар аз Афғонистон, Покистон, Туркманистон, Қирғизистон, Узбакистон ва Қазоқистон ба ватан баргардонида шуданд. Барои тақвият бахшидани имкони фарогирӣ дар маконҳои бозгашт лоиҳаҳои барқарорсозии зербиноӣ амали карда шуданд. Лоиҳаҳо ҳамчунин таъмири мақсади барқарор сохтани инфрасохтори вайроншуда дар вилояти Хатлон зиёда аз 25000 хонаҳои вайроншуда, 9 мактаб, 11 касалхона, 4 системаи обтаъминкуниро дарбар гирифт ӣ ва 3048 насосҳои дастӣ дар вилояти Хатлон таъмир шудаанд. Ғайр аз ин Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон инчунин барномаҳоро оид ба таъмири 23 истгоҳи насосҳои обёрикунанда, мусоидат ба иораи замин (2204 га), лоиҳаи тоза кардани каналҳои обёрӣ (26, 772 км), тақсими тухмӣ ва нурӣ ва сохтмони 22 осёбро маблағгузорӣ кард, истеҳсоли орд ва биринҷ, тақсими тухмӣ, нурӣ ва чорво ва (1585)1585 сар чорвои калон тақсим ва бо ёрии байторӣ таъмин карда шуд.

Соли 2001 РКО СММ оид ба гурезагон барои гурезаҳои ба Тоҷикистон баргаштаистода лоиҳаи хурдро таъсис намуд. Ин лоиҳаҳо ба гуруҳҳои дигар инчунин ба сокинони маҳаллие, ки ҳангоми низоъ кишварашонро тарк накардаанд, низ фоида оварданд. Лоиҳаҳо ниҳоят бобарор буданд ва 99 фоизи қарз баргардонида шуд. Соли 2006 идораи Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон оид ба дохил намудани ин лоиҳаҳо ба стратегияи рушд қарор қабул намуд ва 20 декабри соли 2006 бо Барномаи Рушди СММ Меморандум - Созишнома ба имзо расид, ки тибқи он аз 1 январи соли 2007 лоиҳаҳои мазкур ба ихтиёри ин агентии СММ супорида шуданд.

Таи солҳои сипаришуда, UNHCR бо мақсади мутобиқ кардани расмиёти дохилии Муқаррар намудани мақоми паноҳанда (ММП) бо меъёрҳои байналмилалӣ ба мақомоти дахлдори Тоҷикистон дастгирии техникӣ пешниҳод карда истодааст. Ғайр аз ин, UNHCR дар омузонидан ва таҳкими муассисаҳое, ки бо паноҳандагон сару кор доранд, кумак пешниҳод мекунад. РКОГ СММ дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимият, шарикон ва ҷомеаҳои қабулкунанда барои худкифоӣ ва ҳамгироии маҳаллии гурезагон дар Тоҷикистон мусоидат менамояд. Корҳои зиёде бояд анҷом расонида шаванд, аммо UNHCR ба ҳамкории бардавом бо мақомоти дахлдор дар руҳия ҳамёрӣ омода мебошад.

UNHCR дар баргардонидани ихтиёрии паноҳандагони Афғон ба кишвари худ низ мусоидат намуд. Аз соли 2002 инҷониб, зиёда аз 10,000 паноҳандаи Афғон бо дастгирии UNHCR ба кишвари худ баргаштанд. Аз соли 2006, шароит дар Афғонистон умуман бадтар шуд ва имкониятҳои бозгашт ба ватан маҳдуд шуда истодааст. Бо дарназардошти марҳилаи гузариши сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодӣ дар Афғонистон, UNHCR назорати  вазъиятро идома медиҳад. Бо вуҷуди он ки UNHCR ба бозгашти ихтиёрӣ мусоидат намекунад, муассиса дар бозгардонидани он паноҳандагони Афғоне, ки қарори мустақилона ва асоснок оиди бозгашт қабул мекунанд, дастгирии худро идома медиҳад.

Соли 2014 Ҳукумати Тоҷикистон ва РКОГ ба татбиқи лоиҳаи миллии пилотӣ оид ба беҳтар намудани дарки миқёси ҳолати бешаҳрвандӣ дар Тоҷикистон оғоз намуданд. Дар давраи аз охири соли 2014 то 30 июни соли 2016 дар се минтақаи мақсаднок (ноҳияҳои Шаҳритуз ва Қубодиёни вилояти Хатлон, шаҳри Истаравшан, ноҳияҳои Шаҳристон ва Ғончии вилояти Суғд ва шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Шаҳринави ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)дар доираи ваколатномаи РКОГ 21 623 афари бе шаҳрванд, аз ҷумла собиқ шаҳрвандони ИҶШС, ки шаҳрвандиашон танзим нашудааст, ба қайд гирифта шуданд. Аз 21 623 нафар 3 514 нафарашон шаҳрвандиашон тасдиқ намуда, 4 888 нафарашон барои тасдиқи шаҳрвандӣ дархост пешниҳод намуданд. Шумораи парвандаҳои то имрӯз ба қайд гирифташуда танҳо як миқдори камшумори аҳолии шаҳрвандӣ надоштаро ташкил медиҳад, зеро бо се минтақаи пилотии бақайдгирӣ ва ҳолатҳои нисбатан содда маҳдуд гардидааст.

**Самти барномаҳои оянда**

Мутобиқи стратегияи РКОГ оид ба муҳофизати бисёрсола ва қарорҳо оид ба гурезагон ва шахсони бе шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (201602018) афзалиятҳо дар оянда инҳоро дар бар хоҳанд гирифт:

(1) Ҳамкорӣ бо Ҳукумат бо мақсади таҳкими низоми миллии паноҳ, таъмини муҳофизати муносиб ба шахсоне, ки паноҳ меҷуянд ва ба гурезаҳое, ки дар Тоҷикистон истиқомат доранд, таъмин ва эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқои асосии онҳо тибқи Созишномаи соли 1951 оид ба гурезаҳо ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таваҷҷӯҳи махсус барои таъмини он зоҳир карда мешавад, ки заминаи ҳуқуқии миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ ва мувофиқа шуда бошад; дастрасӣ ба ҳудуд ва расмиёти пешкаш намудани паноҳгоҳ беҳтар гардида, дар доираи таъмини ҳифзи расмиёти қабул дар сарҳад механизмҳои супоридан таҳия ва ҷорӣ карда шаванд; ва расмиёти миллии пешкаш намудани паноҳгоҳ ба стандартҳои ҳадди ақали байналмилалӣ мутобиқат намояд.

(2) Ҳамкорӣ бо ҳукумат, СММ ва иштирокчиёни дигари ҷараёни рушд дар самти беҳтар намудани шароити нигаҳдошти шахсони паноҳҷӯ ва гурезагон дар Тоҷикистон ба ҳамгироии маҳаллӣ ва ҳамзистии осоишта мусоидат менамояд. Ба баланд бардоштани сатҳи худкифоии гурезагон бо дастрасии беҳтар ба имкониятҳои ба даст овардани даромад, хадамоти кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва маориф;  имконияти гурезагон барои қабули қарори асоснок дар бораи бозгашт ба Ватан,дар асоси иттилооти нав дар хусуси шартҳои бозгашт, инчунин дастгирии дастрас барои бозгашт ва ҳамгироӣ; ва мусоидат тавассути механизмҳои алтернативӣ барои будубош бо додани кафолатҳои дахлдор барои гурезагоне, ки тасмим гирифтаанд дар Тоҷикистон монда, шаҳрвандии онро қабул намоянд ва ноил гардидан ба ҳамгироии маҳаллии онҳо таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад.

(3) Ҳамкорӣ бо Ҳукумат дар ҳалли масъалаи бешаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. UNHCR ба ислоҳот дар Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи шаҳрвандӣ», ки ба қарибӣ тағйир дода шудааст, нашри қонун дар бораи авф барои шахсони бе шаҳрванд ва дар бораи ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба конвенсияҳо дар бораи коҳиш додани бешаҳрвандӣ; ҳалли масъала тавассути тасдиқ намудани шаҳрвандӣ ё осон гардонидани гирифтани иҷозат барои истиқомат ва ниҳояд шаҳрвандӣ барои шахсони бе шаҳрвандӣ мутобиқи Нақшаи миллии амалҳо оид ба ҳалли масъалаи бешаҳрвандӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад. Зимнан Ҳукумат ва шарикони дахлдор ӯҳдадор мешаванд, ки ҳолатҳои ташхиснашударо ба қайд гирифта, инчунин дастрасиро ба шаҳодатнома дар бораи таваллуд ва ҳуҷҷатҳои шаҳрвандӣ барои ҳамаи кӯдакони дар Тоҷикистон таваллудёфта таъмин намоянд, то ки хавфҳоиояндаи марбут ба бешаҳрвандӣ коҳиш дода шаванд.

(4) Кор бо ҳамёрон аз ҳукуматӣ ва байнивазоратӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагӣ дар самти кучидани эҳтимолии паноҳандагон ба Тоҷикистон дар оянда. Бо вуҷуди ин ки UNHCR умед дорад, ки вазъият дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон дарояндаи наздик дигар мешавад, муассиса бояд ба ҳолатҳое, ки дар он кучидани паноҳандагон метавонад рух диҳад, омода бошад. Дар шароити мазкур, UNHCR дастгирии талошҳои банақшагирии ҳолатҳои ғайричашмдош ва дигар чораҳои омодагиро дар Тоҷикистон бо диққати махсус ба омодагӣ ба ҳолатҳои убури фаромарзии паноҳандагон, идома хоҳад дод.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Раёсати СММ оид ба маводи нашъадор ва ҷинояткорӣ, намояндагии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ

Тамос: Хонум Амелия Ханнафорд
Роҳбари дафтари барномавии РСММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ
Тел: (+992 37) 227 04 12; 227 03 72
Факс: (+992 37) 221 33 67
Почтаи электронӣ: unodc.roca@unodc.org
Сомона: www.unodc.org/centralasia
Суроға: 734024, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч Дехлави 44.

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Фаъолияти Намояндагии минтақавии Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ (UNODC) дар Осиёи Марказӣ соли 1993 бо кушодани намояндагӣ дар шаҳри Тошканд, Ҷумҳурии Узбекистон, оғоз гардид.

Фаъолияте, ки аз ҷониби UNODC дар минтақа амалӣ мегардад лоиҳаҳои миллиро дар самти назорати сарҳадӣ бо лоиҳаҳои минтақавии оид ба рушди низомҳои иттилоотию таҳлилӣ ва амалиётҳои муштарак муттаҳид мекунад. Ба онҳо дохил мешаванд: Маркази минтақавии иттилоотию ҳамоҳангсозии Осиёи Марказӣ (ММИҲОМ) амалиёти; «таҳвилҳои назоратшаванда»; агентиҳои миллӣ оид ба назорат аз болои маводи мухаддир ва тақвияти идораҳои ҳамкории наздисарҳадӣ. Ҳамаи ин кор дар ҳамкории зич бо ҳамёрони миллӣ ва байналмилалӣ ва донорон амалӣ мегардад.

Таи солҳои охир, тағйироти назаррас дар фаъолияти Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ тағйири диққат аз лоиҳаҳои алоҳида ба самти равиши барномавӣ ба ҳисоб меравад. 5 майи соли 2015 РМНҶ СММ ва панҷ кишвари Осиёи Марказӣ дар шаҳри Ашқободи Туркманистон дар доираи Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкории байниминтақавӣ дар соҳаи назорати маводи мухаддир, ки соли 1996 ба имзо расидааст, Барномаи нави РМНҶ СММ-ро ба имзо расонида, расман мавриди татбиқ қарор доданд.

Барнома дар ҷараёни машваратҳои густурда дар сатҳи миллӣ ва митақавӣ таҳия гардид. Барномаи нави РМНҶ СММ барои давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳам ба дастгирии иқтидори миллии кишварҳо ва ҳам барои мусоидат ба тадбирҳои минтақавӣ дар посух ба чолишҳои марбут ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ, инчунин ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувор, ба хусус дар мавриди идоракунӣ ва волоияти ҳуқуқ равона гардидааст. Барнома ба таҷрибаи собиқи мусоидати техникии РМНҶ СММ ва амалӣ намудани муносбати ҳамгирои маҷмуии ба ҳалли масъалаҳои марбут ба ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ, маводи мухаддир ва терроризм равонагардида асос меёбад. Барнома дорои буҷети 70 млн.доллари ШМА барои давраи панҷсола буда, ҳам таҳкими иқтидори миллӣ ва ҳам рушди минбаъдаи ҳамкории байниминтақавӣ ва минтақавиро дастгирӣ менамояд. Он ҷузъи бунёдии муносибати байниминтақавӣ дар соҳаи назорати маводи мухаддир буда, посухи муносибест ба мушкилоти ҷойдошта ва наве, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ бо онҳо ру ба ру мешаванд.

Барномаи нави РМНҶ СММ бо Барномаи минтақавӣ барои Афғонистон ва кишварҳои ҳамсоя тавъам хоҳад буд ва дар доираи он ба кишварҳои иштирокчӣ барои ҳамкорӣ ва таҳкими саъю талошҳо дар соҳаи муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухадди дар минтақа заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Заминаи қонунгузории эътиборномаи РМНҶ СММ дар соҳаи ҷинояткорӣ аз Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид ба муқобили ҷинояткории муташаккилонаи трансмиллӣ ва протоколҳо ба он, инчунин Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия ва санадҳои ҳуқуқии СММ оид ба мубориза бар зидди маводи мухаддир ва терроризм сарчашма мегирад. Ҷаҳду талошҳои ҷиддӣ ба мусоидат ба давлатҳо ҷиҳати ҳамроҳ шудан ба конвенсияҳои мазкур ва бо онҳо мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ равона гардидаанд. РМНҶ СММ ба таҳкими ниҳодҳои адолати ҳуқуқии ҷиноӣ тавассути омузиш ва ҷиҳозонидани шариконӣ миллӣ бо воситаҳои марбута барои такмили заминаи қонунгузорӣ мусоидат менамояд.

Ҳамкории самарабахши минтақавӣ ва байналмилалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷузъи муҳимми муқовимат бар зидди таҳдидҳои байналмилалӣ, ба монанди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, савдои инсон ва ҷиноятқории муташаккил арзёбӣ мегардад. Айни замон, UNODC то ҳадди имкор фаъолияти худро оид ба ҳифзи ҳуқуқ дар ҳамаи самтҳои зикргардида васеъ карда истодааст.

Айни замон, савдои инсон яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад ва иқтисоди бисёрмиллиардаи афюни Афғонистони ҳамсоя дар якҷояӣ бо зарфияти маҳдуди институтсионалӣ шароитеро фароҳам меоварад, ки дар он кишварҳои Осиёи Марказӣ ба воридшавии маблағҳои ғайриқонуние, ки дар натиҷаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳо ба даст меоянд, осебпазир мешаванд. Яке аз паёмадҳои дигар наздикӣ бо Афғонистон дар афзоиши бемориҳои ВМНО/СПИД, ки бо истифодаи маводи мухаддир тавассути рагҳои варид алоқаманд аст, инъикос меёбад. UNODC ҳамчун яке аз спонсорҳои муштараки Барномаи муттаҳиди СММ оид ба ВМНО /СПИД (ЮНЭЙДС), ташкилоти пешвар дар минтақа мебошад, ки дар самти муқовимат алайҳи ВМНО/СПИД, ва дастгирии истеъмолкунандагони маводи мухаддири инъексионӣ ва дигар намуди он, аз он ҷумла онҳое, ки дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ мебошанд, фаъолият мебарад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

UNODC фаъолиятро дар ҳамкории зич бо шарикони минтақавӣ ва миллӣ ки ба таҳкими амният дар кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд, идома медиҳад.

**Шарикони миллӣ дар Осиёи Миёна:**

- Кумитаҳои гумрукӣ;
- Вазоратҳои корҳои хориҷӣ;
- Хадамоти миллии амниятӣ;
- Кумитаҳои парлумони оид ба мудофиа ва амният;
- Агентиҳо оид ба назорати маводи мухаддир;
- Хадамоти амнияти миллӣ;
- Додситониҳо;
- Судҳои Олӣ
- Вазоратҳои адлия;
- Вазоратҳои тандурустӣ;
- Бемористонҳои наркологӣ;
- Марказҳои табобатии СПИД;
- ТҒД;

**Шарикони байналмилалӣ**

- Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ);
- Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР);
- Созмони байналмилалии милитсия бар зидди ҷинояткорӣ;
- Сохтори минтақавии зидди террористӣ/Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ);
- Созмони шартнома ва амнияти якҷоя (СШАЯ);
- Маркази зидди террористии ИДМ;
- Созмони ҳамкорӣ ва амният дар Аврупо (САҲА);
- Созмон оид ба манъи бунёди яроқи кимиёвӣ;
- Муассисаи иҷроияи Кумитаи зидди террористӣ (МИКЗТ) / Кумитаи зидди террористӣ;
- ХКСММ;
- ХНСММ;
- ТМИФСММ;
- СУТ;
- СММ оид ба БНМО;
- Бонки умумиҷаҳонӣ.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# CESVI ҲАМКОРӢ ВА РУШД

Тамос: Ҷ-би Ҷузеппе Бонати
Роҳбари ташкилот дар Тоҷикистон
Тел: (+992) 44 600 63 02
Почтаи электронӣ: dushanbe@cesvioverseas.org
Сомона: www.cesvi.eu
Суроға: Тоҷикистон, ш.Душанбе, куч. М. Турсунзода 124

**Самтҳои асосии фаъолият**

CESVI Ҳамкорӣ ва Рушд соли 1985 таъсис дода шуда, ташкилоти ғайридавлатиест, ки мақсади асосиаш созмони ҳамкории байналмилалӣ ва тараққии ҷаҳонӣ мебошад.

Яке аз арзишҳое, ки CESVI ба роҳбари мегирад, ин Принсипи маънавии ҳамраъйии инсонь, инчунин идеали ҳамраъйии иҷтимоӣ мебошанд. CESVI ба амалии муайян ба инобати принсипҳо тараққии устуворро табдил медиҳад.

Cesvi бовари дорад, ки аз ҳама бештар дастгирии бебаҳра кардашудагон самарабахш буда, ба бомуваффақият будани ҳамаи мо дар саёра, "хонаи умумӣ" мебошад ва барои дастгирии насли оянда ёрӣ мерасонад.

Аз номи ихтисоршудаи ташкилоти CESVI калимаҳои COOPERAZION E SVILUPO, ки маънои ҲАМКОРӢ ва РУШДРО доранд, омилеро таъкид менамоянд, ки CESVI муносибати фалсафии худро нисбат ба ҳаёт ба пешниҳоди нақши асосӣ ба гирандагони кумак асоснок мекунад ва ҳангоми кор бо онҳо барои ноил шудан ба фоидаи ҳақиқии худи онҳо диққат медиҳад.

CESVI аз соли 2001 фаъолияти худро дар Тоҷикистон оғоз карда, дар соҳаи об ва санитария, ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои табиӣ, тағирёвии иқлим, ҳамчун баланд бардоштани маҳорат ва малака, пешгирии зуроварии хонаводагӣ. Принсипҳои гендерӣ яке аз талаботҳои барномаҳои Cesvi мебошад.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Дар давоми 13 соли фаъолияташ дар Тоҷикистон CESVI зиёд аз 30 барнома бо буҷҷаи зиёд аз 15 миллион евро иҷро кард.

Соли 2001 фаъолиятҳои CESVI дар соҳаи об ва санитария равона шуда буд.

Солҳои 2005-2006 бо дигаргунихои дар мамлакат сар шуда, CESVI стратегияи кории худро дигар кард ва аз кумаки гуманитарӣ ба барномаҳои рушд гузашт. Дар соли 2008 барномаҳои нав оиди бехтар намудани соҳаи хоҷагии қишлоқ ва дастгирии фаъолияте ки ба шахсон фоидаовар мебошад шуруъ кард.

Солҳои 2011 ва 2012 CESVI бо гуруҳи мукамали худ мавқеи худро ёфта боз дар дигар соҳаҳо аз ҷумла хунармандии дастӣ, мусиқӣ, малақа ва маҳорат барои худ роҳ кушод. Ҳамаги дар ин мудат 8 барномаро иҷро кард (аз ин 2 барнома бо маблағгузирии якҷоя амали карда буданд).

Дар соли равон CESVI дар ҳудуди Вилояти Хатлон, Суғд ва ВМКД бо як намуд фаъолиятҳои дар арсаи миллӣ амалӣ карда истодааст. Барномаи нав соли 2014 оғоз гардид, ки вай фаъолитҳои ҳунармандии дастиро дар байн гирифт ва дар самти тараққии иқтисодии маҳдуднок амалӣ карда шуд. Фаъолиятҳои ҳамгирой инчунин дар Ҷумҳурии Қирғизистон амалӣ карда шуд.

Маблағгузорони CESVI Иттиҳоди Аврупо, GIZ, Вазорати корҳои хориҷии Итолиё, DFID,DIPECHO ва KFW мебошанд.

Шарикони ассосии Cesvi ташкилотҳои маҳаллӣ мебошанд (**Ассотсиатсияи Миллии Соҳибкории Хурд Ва Миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Хунармандони Тоҷикистон дар соҳаи хунармандӣ, Зарзамин, Азал, АТО ва АТАК дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва рушди иқтисод, фонди Рупании дар соҳаи коркарди сангҳои қиматбаҳо дар ВМКД**, Фародис ва Занони Шарқ дар пешгирии зуроварии хонаводагӣ.

**Самти барномаҳои оянда**

Мақсади асосии CESVI ин давом додани ҳамкорӣ бо Вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ (хоҷагии қишлоқ, дар соҳаи хусусӣ ва иҷтимой, хизматрасонӣ)

Таъминоти хуби обёрӣ ва обтаъминкунӣ барои хоҷагиҳои маҳаллӣ яке аз самтҳои асосӣ барои рушди мамлакат мебошад. Бо назардошти барномаи бо оби нушокӣ таъмин кардан дар солҳои 2007-2020, фақат 52% аҳолӣ бо оби нушокӣ таъмин мебошанд ва танҳо 3% онҳо ба обукорезӣ пайваст мебошанд. Инчунин барои CESVI захираҳои табиӣ ва тағирёвии иқлим яке аз самтҳои асосӣ оиди пешгирӣ намудани муноқиша мебошад.

Мақсади асосии мустаҳкамкунии секторҳои маҳаллӣ новобаста аз дастовардҳои болоравии нишондодҳои макроиқтисодӣ ва беҳтаршавии нишондодҳо балки дастгирии занон ва гуруҳи аҳолии камбизоатон ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Дар лоиҳаи пешгирии зуроварии хонаводагӣ CESVI ба фарохшавии имкониятҳо, зиёдкардани малақаи занон ва духтаронро кор мекунад.

Инчунин CESVI анъанаҳои миллиро дар Тоҷикистон ва давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳимоя ва рушд медиҳад, фавқулода соҳаи хунармандӣ, чи потенсиали калон барои тарраққии иқтисоди дорад. Ба ғайр аз ин CESVI ва алоқаҳои

фарҳангӣ ва соҳибкорӣ байни давлатхои Осиёи Маркази ва Аврупо дастгирӣ мекунад, ва бо ин мақсад ба мардуми тоҷик имкон медиҳад, ки қисми самти мусбии раванди ҷаҳонишавӣ бошад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# «СММ-Занон»

Тамос: Хонум Зайтунбибӣ Наимова
Мутахассис оид ба барномаҳо, намояндагии «СММ-занон» дар Тоҷикистон
Тел: (+992 44) 600 55 24 Факс: 600 55 96
Почтаи эл.: zaitunbibi/naimova@unwomen.org
Сомна: www.unwomen.org
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Бохтар 37/1, ошёнаи 9, утоқи 902

**Риштаи тахассуси созмон**

«СММ-занон»-Сохтори Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва тавсеаи ҳуқуқҳо ва имкониятҳои занон - <http://www.unwomen.org> бо мақсади суръат бахшидан ба ҷараёни таъмини талаботи занон ва духтарон дар тамоми ҷаҳон таъсис дода шудааст. Дар доираи рузномаи СММ оид ба ислоҳот ҳадафи он муттаҳид кардани захираҳо ва эътиборномаҳои муассисаҳост, ки дар оянда бояд куллан ба таъсиргузории дарозмуддат ба ҷомеа боис шавад.

Дар ҳоли ҳозир «СММ-занон» муносибатҳои мутақобила ва шарикии худро бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимият дар ноҳияҳои ҳадафнок, Агентии омор, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ густариш медиҳад. «СММ-занон» ҳамкории худро дар асоси шарикӣ бо мақсади мубориза бо қолабҳо ва меъёрҳои падаршоҳӣ, ки осебпазирии занон ва мақоми пасти онҳоро дар ҷомеа тақвият медиҳад, тавсеа мебахшад. Идораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Парламент ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини мониторинги самарабахши зарурии татбиқи қонунгузории дохилӣ дар соҳаи зуровари ва кори пурсамар оид ба барҳам додани зуроварӣ нисбати занон шарикони муҳим мебошанд. Барои пешбурд ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи паст кардани хатари фалокатҳо ва таъмини баробарии гендерӣ, дастгирии истифодаи муносибатҳои ояндадор ва нановарона бо мақсади таъмини оғози фаврии корҳои барқарорсозӣ баъди офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон таъсиси шарикии нав ба нақша гирифта шудааст.

Барномаи «СММ-занон» барои солҳои 2016-2020 барои Тоҷикистон ба кори оид ба рушд дар се соҳа сурат мегирад:

- аз байн бурдани зуроварӣ нисбати занон;
- тавсеа бахшидани ҳуқуқҳо ва имкониятҳои иқтисодии занон;
- занон, сулҳ ва амният.

**Барномаҳои қаблӣ ва ҷорӣ**

### АЗ БАЙН БУРДАНИ ЗУРОВАРӢ НИСБАТИ ЗАНОН ВА ДУХТАРОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Зуроварӣ нисбати занон дар Тоҷикистон махсусан ташвишовар аст, зеро 20 фоизи занони шавҳардор аз ҷониби шавҳарҳояшон мавриди зуроварии эҳсосотӣ, ҷисмонӣ ва/ё шаҳвонӣ қарор мегиранд ва танҳо ҳар панҷум нафари қурбонӣ аз руйдод хабар медиҳад ва/ё барои ёрӣ муроҷиат мекунад. Ҳам дар байни аҳолӣ ва ҳам дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сатҳи ниҳоят пасти огоҳӣ аз меъёрҳои қонунгузории нави миллӣ, инчунин ноогоҳии занон аз усулҳои ҳимоя ва таъмини риояи ҳуқуқҳои худ ба назар мерасад.

«СММ-занон» Ҳукумати мамлакатро дар кори оид ба тақвияти чорабиниҳои пешгирие, ки ба мубориза алайҳи зуроварӣ нисбати занон нигаронида шудаанд, расонидани ёрӣ ба қурбониёни зуроварӣ ва ҳалли масъалаҳои мушкили вобаста ба адолати судӣ ва беҷазоӣ барои ҷинояти содиркарда дастгирӣ менамояд. Мақсади вусъат додани кори шарикӣ пешбурди маъракаи оид ба пешгирии зуроварӣ дар байни аҳолии мамлакат мебошад. Дар ҳоли ҳозир оид ба густариши ҳуқуқҳо ва имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои суръат бахшидани татбиқи чорабиниҳо, мониторинг ва ҳисоботдиҳии вобаста ба масъалаҳои сиёсат ва қонунгузории миллие кор бурда мешавад, ки ба барҳам додани зуроварӣ нисбати занон равона гардидааст. «СММ-занон» дар фаъолияти худ истифодаи донишҳои васеъро идома медиҳад, ки ҳам дар доираи низоми муассисаҳо ва ҳам дар ҷараёни ҳамкории Ҷануб-Ҷануб дар соҳаи барҳам додани зуроварӣ нисбати занон ба даст овардааст, мақсад аз ин татбиқи самарабахши таҷрибаи пешқадам ва сабақҳоест, ки ҳангоми амалисозии барномаҳо андухта шудаанд.

«СММ-занон» ҳамчунин ба занони камбизоат ва аз лиҳози иҷтимоӣ осебпазир дар пешниҳод кардани дастрасии одилона ба хизматрасонии иҷтимоӣ (дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва ғ.) ёрӣ мерасонад. Барномаи «СММ-занон» ба он нигаронида шудааст, ки низомҳои судӣ ва ҳуқуқӣ, институтҳои ҷамъиятӣ адолатпеша, ҳисоботдиҳанда ва барои ҳама дастрас бошанд. Ба татбиқи барномаи барҳам додани зуроварӣ нисбати занон инчунин қисми мардинаи аҳолӣ фаъолона ҷалб карда мешаванд. Намояндагии «СММ-занон» дар Тоҷикистон ба пешбурди ҳуқуқҳои занону духтарон ба зиндагии бидуни зуроварӣ машғул аст. Ҳамчунин баргузор намудани чорабиние оид ба танвири афкори занону духтарон аз гуруҳҳои осебпазир дар масъалаҳои қайди асноди ҳолати шаҳрвандӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ дар никоҳ ба нақша гирифта шудааст.

### ГУСТАРИШИ ҲУҚУҚҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН (ГҲИИЗ)

Дар Тоҷикистон сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа мавҷуд аст. Тибқи арзёбии коршиносӣ қариб 1,5 миллион тоҷик дар хориҷа кор мекунанд. Соли 2014 пули интиқолии муҳоҷирон 41,7%-и Маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил дод, ки баландтарин нишондиҳанда дар ҷаҳон ва сарчашмаи асосии даромади оилаҳои камбизоат (маълумоти Бонки ҷаҳонӣ) буд. Чораҳои амалкунандаи ҳимояи занони муҳоҷирони меҳнатӣ аз зуроварӣ ва хариду фуруши одамон кифояткунанда нестанд. Тибқи арзёбиҳо занони партофташуда тақрибан 300 000 хоҷагии хонаро сарварӣ мекунанд (70% кудакдор). Занони партофтаи муҳоҷирони меҳнатӣ ногаҳон сарварони воқеии оилаҳо мегарданд, барои таъмини даромадҳо

масъул мешаванд, агарчи ҳамзамон дастёбии онҳо ба имкониятҳо таҳсил, шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ, хусусан дар ноҳияҳои деҳотӣ, ҳамчунин ба захираҳое чун замин ва қарзҳои хурд ҳамоно ниҳоят маҳдуд боқӣ мемонад.

«СММ-занон» дар Тоҷикистон фаъолияти худро ба дастгирии занони осебпазири деҳот дар доираи ҷамъиятҳои онон тавассути гурӯҳҳои худёридиҳӣ равона кардааст. Вазифаи асосии ин кор тағйир додани мақоми зан аст: аз бенефитсиарҳои (ҳавасмандони) муқаррарӣ ба пешбарандагони фаъоли дигаргуниҳо табдил додани онҳо. Ҳадафи барнома баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба занони деҳот аст. Илова ба чорабиниҳои вобаста ба тавсеаи ҳуқуқҳову имкониятҳои иқтисодии занон оид ба танвири афкор дар соҳаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон бо таваҷҷуҳи махсус ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, амволӣ ва вобаста ба замин, инчунин оид ба таъмини дастёбӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ кор бурда мешавад. Интизор меравад, ки дар натиҷаи амалӣ гардонидани фаъолияти бештар самарабахше, ки даромаднокиро таъмин мекунад, 15 000 зан аз лиҳози иқтисодӣ нисбатан ҳифзшуда мегарданд; 5000 зани осебпазир ба гирифтани маводи қарзии имтиёзнок барои рушди фаъолияти соҳибкории худ бо дархост муроҷиат мекунанд; 50 корхонаи навро занон идора /сарварӣ менамоянд; дар ноҳияҳои ҳадафманд сатҳи 30 фоизаи намояндагии занон дар равандҳои вобаста ба банақшагирӣ ва буҷетсозии маҳаллӣ ба даст оварда мешавад. «СММ-занон» бо мақсади таҳия намудани пешниҳодҳои усулан аниқ оид ба мониторинги сиёсати иқтисодӣ ва арзёбӣ бо назардошти омилҳои гендерӣ гузаронидани мониторинги ҳендерии ҳадафмандро аз руи татбиқи сиёсат дар соҳаи шуғл ба нақша гирифтааст.

### СУЛҲ, АМНИЯТ ВА БАҲИСОБГИРИИ ОМИЛҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР ЧОРАБИНИҲОИ БАШАРДУСТОНА (ЗСА)

«СММ-занон» бо мақсади таъсиррасонӣ ба сиёсати маҳаллӣ оид ба пешгирии низоъҳо дар мавзеъҳои наздисарҳадии байни Тоҷикистон ва Қирғизистон ба тарафдорони фаъоли баробарии гендерӣ дастгирӣ ва кумак пешниҳод менамояд. «СММ-занон» ба фаъолзанони маҳаллӣ барои гузаронидани арзёбии ҳолати корҳо дар масъалаҳои амнияти инсонҳо дар сатҳҳои хоҷагидории хона, ҷамоат ва фаросарҳадӣ ёрӣ мерасонад. Бо ин мақсад дар ҳоли ҳозир барои таҳлили натиҷаҳои ин арзёбӣ дастгирии зарурии коршиносӣ расонида мешавад. Мо ба таъмини иштироки ҳендерии ҳадафманди занони фаъоли ҷонибдори сулҳ дар мубоҳисаҳои оид ба истифодаи захираҳои табиӣ, дар гуфтушунидҳову равандҳои осоиштаи вобаста ба пешгирии низоъҳо дар сатҳҳои минтақавӣ, миллӣ ва маҳаллӣ мусоидат менамоем. «СММ-занон» ҳамчунин баназаргирии омилҳои гендерӣ дар сиёсат ва василаҳои оид ба идоракунии хатарҳои офатҳои табиӣ ёриву дастгирии коршиносиро таъмин мекунад. Дар натиҷа дар кори таҳия намудани нақшаҳои маҳаллии оид ба омодагӣ занон торафт бештар ширкат меварзанд. «СММ-занон» таҳия ва татбиқи ташаббусҳои сатҳи маҳаллиеро ба нақша мегирад, ки ба густариши дастёбии занону духтарони ҳангоми офатҳои табиӣ ҷабрдидаи маҳалҳо нигаронида шудааст.

**<u>Самти фаъолияти барномавии минбаъда</u>**

### ГУСТАРИШИ ҲУҚУҚҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН (ГҲИИЗ)

Барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии занон аз ҳуқуқҳои худ ба соҳибиву назорати захираҳои иқтисодӣ, рушди имконоти онҳо, густариши ҳуқуқҳо ва имкониятҳояшон барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои иқтисодӣ ба ҳайси татбиқгарони дигаргуниҳо «СММ-занон» дар фаъолияти худ тамоюли дастгирии онҳоро пеш мегирад. Ин иқдом бо дастгирии гузаронидани мониторинги хизматрасонӣ (додани қарзҳои хурд, бақайдгирии ҳуқуқҳо ба замин ва амвол, машваратҳо оид ба пешбурди бизнес ва ғайра) аз нигоҳи омилҳои гендерӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам дар соҳаи хизматрасонӣ оид ба густариши ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занон такмил дода мешавад. Натиҷаҳое, ки интизорашон меравад, на ба шаклҳои маъмулӣ/анъанавии фаъолияти соҳибкории занон, балки бояд бештар ба корхонаҳои муваффақи сарварҳояшон занон нигаронида шаванд.

### БАРҲАМ ДОДАНИ ЗУРОВАРӢ НИСБАТИ ЗАНОН ВА ДУХТАРОН ДАР ТОҶИКИСТОН

«СММ-занон» ҷалби таваҷҷуҳро ба фаъолгардонии иштироки мардон ва писарбачагон дар чорабиниҳои миллии оид ба мубориза алайҳи зуроварӣ нисбати занон ҳамчун ба иштирокчиёни калидӣ ва шахсоне, ки ба ташаккули модели (намунаи) мусбати муносибатҳои мутаносиби оилавӣ саҳми ҳалкунанда мегузоранд, ба нақша мегирад. Ҳамчунин имконоти сохторҳои давлатӣ оид ба густариши дастёбӣ ба василаҳои ҳимоя ва чораҳои марбут ба ҳалли мушкилот тақвият дода мешавад ва кушишҳои вобаста ба танзими фаъолияти мутасаддиёни (провайдерҳои) хизматрасонӣ дастгирӣ меёбанд. Илова бар ин ба занони аз зуроварӣ ҷабрдида дастгирӣ зоҳир карда мешавад, то онҳо аниқ бидонанд, ки барои истифода аз хизматрасонӣ ба куҷо бояд муроҷиат кунанд. Қисми асосии ин кор дар ҳамшарикӣ бо Гуруҳи Мавзуии Гендерӣ (ГМҲ) амалӣ карда мешавад.

### СУЛҲ, АМНИЯТ ВА БАҲИСОБГИРИИ ОМИЛҲОИ ГЕНДЕРӢ ДАР ЧОРАБИНИҲОИ БАШАРДУСТОНА (ЗСА)

Дар татбиқи чорабиниҳои ҷамъиятии муштараке, ки ба ташаккули боварии миёни ҷамъиятҳо равона гардидаанд, ба занони фаъоли маҳаллие, ки дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ иқомат доранд, мусоидат карда мешавад. Ба занони пешоҳанги маҳаллие, ки дар ҳарду тарафи сарҳад зиндагӣ мекунанд, дастгирии зарурӣ зоҳир карда мешавад, то ақидаву таҷрибаи онҳо оид ба пешгирии низоъҳо дар муколамаҳое, ки дар сатҳҳои миллӣ ва маҳдуди минтақавӣ баргузор мегарданд, ба эътибор гирифта шавад. Кори марбут ба масъалаҳои занон, сулҳ ва амният боз ҳам ба дастгирии давлат дар роҳи такмили чорабиниҳое равона карда мешавад, ки ба паст намудани хатари офатҳо (ПХО) аз лиҳози наҷот додани ҳаёти занону духтарон ва таъмини иштироку саҳми назарраси онҳо дар ПХО ба ҳайси татбиқкунандагони дигаргуниҳо алоқаманданд. Дар се ноҳияи таҷрибавӣ занони фаъол ташхиси ҳендерии нақшаҳои/буҷетҳои оид ба ПХО-ро мегузаронанд ва барои дохил намудани талаботи/афзалиятҳои махсуси гендерӣ мубориза мебаранд. Дар сиёсат ва фаъолияти амалии гуруҳи оид ба арзёбии фаврии ҳолати фавқулода ва танзим омилҳои гендерӣ бо назардошти арзёбии оқибатҳои офати табиӣ ва ғ. ба эътибор гирифта мешавад. Имконоти шарикони маҳаллӣ дар ноҳияҳои таҷрибавӣ дар кори расонидани ёрии ҳендерии ҳадафманди равонӣ дар ҳолатҳои фавқулода тақвият дода мешавад.

Манбаъ: Махзани маълумоти Системаи ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна ва мониторинги лоиҳаҳо
©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

Тамос: Ҷ-би Фабио Пиана
Роҳбари Дафтари САҲА дар Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 226 50 14/15/16/17 Факс: 226 50 19
Почтаи электронӣ: OiT@osce.org
Сомонаи интернетӣ: http://www.osce.org/dushanbe/
Суроға: 734012, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Аҳмади Дониш 18а

**Самтҳои асосии фаъолият ташкилот**

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) бузургтарин созмони амниятии минтақавӣ дар ҷаҳон мебошад, ки ба он 57 кишвар-иштирокчӣ шомиланд. Аз лиҳози ҷуғрофӣ САҲА тамоми Аврупо, Осиёи Марказӣ ва Амрикои Шимолиро (ИМА ва Канада) фаро гирифтааст. Ин созмон нақши як форумеро барои баргузор намудани гуфтушуниди сиёсӣ ва қабул гардидани қарорҳо дар соҳаи огоҳии пешакӣ, пешгирии низоъҳо, танзими бухронҳо ва барқароршавии баъд аз низоъ мебозад ва иродаи сиёсии кишварон-иштирокчиёни худро тавассути шабакаи намояндагиҳои минтақавӣ амалӣ месозад. Фаъолияти созмон дар асоси бархурди фарогиранда ба амният сурат мегирад, ки аз ҷанбаҳои ҳарбию сиёсию, иқтисодиву экологӣ ва ҳуқуқи башар иборат мебошад. Аз ин лиҳоз созмон масоили мухталифи марбут ба амниятбударо, аз он ҷумла масоили марбут ба назоратбарии аслиҳа, чорабиниҳои дар мавриди таҳкими эътимод ва амният, ҳуқуқи башар, ақаллиятҳои миллӣ, демократикунонӣ, стратегияҳои фаъолияти милитсия, мубориза бар зидди терроризм ва фаъолиятҳои иқтисодӣ ва муҳитзистиро баррасӣ менамояд. Кишварҳои аъзои САҲА уҳдадор гаштанд, ки ин арзишҳоро қабул намоянд ва барои мусоидат ва ҷонибдорӣ аз амалигардонии ин арзишҳо сохтори амалиётӣ эҷод карданд. Ҳар яке аз 57 кишвар-иштирокчии САҲА аз мавқеияти баробар бархурдор мебошад ва қарорҳо дар асоси консенсус қабул мешаванд, ки иҷроиши онҳо на аз ҷиҳати ҳуқуқӣ балки аз ҷиҳати сиёсӣ ҳатмӣ аст.

САҲА дар Тоҷикистон намояндагии худро бори нахуст бо ифтитоҳи Миссияи САҲА дар Тоҷикистон дар соли 1994 таъсис дод. Моҳи октябри соли 2002 намояндагии мазкур номи худро ба Маркази САҲА дар Тоҷикистон тағйир дод ва ваколати он низ таҷдиди назар гардид ва фаъолияташ густариш ёфта дар се андозагирии САҲА роҳандозӣ шуд, яъне андозагириҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологӣ ва инсонӣ. Моҳи июни соли 2008 Марказ номи худро ба Дафтари САҲА дар Тоҷикистон иваз намуд.

Ваколати таҷдидгардидаи Дафтар имкониятҳои бештареро барои ҳал намудани чолишҳои мавҷуда барои пешрафти Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Ваколат аз масоили мусоидат намудан ба татбиқи принсипҳо ва уҳдадориҳои САҲА, кумак расондан дар ташаккул додани тартиботи ҳуқуқӣ ва институтҳо ва равандҳои демокративу сиёсӣ, осон намудани робита ва мусоидат намудан барои таҳвили ахбор бо дафтарҳо ва институтҳои САҲА ва давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки бевосита иштирокчиёни САҲА мебошанд ва ба роҳ гузоштан ва дастгирӣ намудани муносибатҳо бо аъзоёни ҳокимияти миллӣ, донишгоҳҳо, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад. Дафтар дар татбиқи ваколати худ бо Ҳукумати ҶТ дар асоси ҳусни тафоҳум ва тавофуқи тарафайн ҳамкории зич дорад. Инчунин, Дафтари САҲА корҳои машваратӣ ва ҳамоҳангсозиро бо муассисаҳои САҲА ва дигар тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи илмӣ ва донорҳо, ки дар Тоҷикистон фаъоланд анҷом медиҳад.

**Барномаҳои пешина ва амаликунанда**

Сохтори кунунии Дафтари САҲА дар Тоҷикистон аз қисмҳои зерин иборат аст: Шуъбаи Роҳбари Дафтар, се барномаи тематикӣ, ки ба се департамент мувофиқат мекунанд (барномаҳои мазкур дар с. 2008 таъсис ёфтанд), Шуъбаи идораи молия ва панҷ намояндагиҳои минтақавӣ.

**1. Барнома: Ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният**

Ин Барнома уҳдадориҳои САҲА-ро дар соҳаҳои муколамаи сиёсӣ, идоракунӣ ва бехатарии сарҳадҳо, мусоидат ба милитсия, мубориза бар зидди терроризм, чорабиниҳо дар мавриди таҳкими эътимод ва амният, аслиҳаи пиёданизом ва муҳимоти ҷангии маъмулӣ ва поксозии минаҳо баррасӣ менамояд. Ин Барнома дар иҷрои Қарори Вазирони корҳои хориҷии САҲА оид ба ҳамкорӣ бо Афғонистон, бо дастгирии кишвари пазиранда, тавассути ташкил намудани фаъолиятҳои муштарак байни Тоҷикистон ва Афғонистон дар омузонидан ва баланд бардоштани зарфият дар идоракунии сарҳадҳо, мусоидат ба милитсия ва дар мубориза бар зидди терроризм ва дигар масоили марбут ба амниятбуда иштирок менамояд. Дар соҳаи ислоҳоти полис барнома оид ба ташкили иқтидори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар фанҳои махсуси таълимӣ корҳоро идома дод, аз ҷумлаба ВКД барои вусъати иқтидори он оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо бетартибиҳо ва идоракунии издиҳом бо таваҷҷуҳ ба ҳуқуқи инсон ва принсипҳои демократии таъмини тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат намуд. Дар доираи лоиҳа барномаи самараноки расонидани кумак ба полис ташкил карда шуд, ки маҷмуи равандҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ, техникӣ ва истифодабарии ба ноил гардидани бомуваффақият ба натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи кутоҳмуддат ва дарозмуддат равонагардидаро амалӣ менамояд.

**2. Барнома: Фаъолиятҳои иқтисодӣ ва экологӣ**

Чолишҳои барои амният дар сохторҳои иқтисодӣ ва экологиро баррасӣ намуда, Дафтар дар соҳаҳои мухталиф фаъол аст. Қонун «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» моҳи декабри соли 2012 тасдиқ карда шуд ва созмон ба ҳукумат дар татбиқи беҳтари қонун мутобиқи Стратегияи зиддикоррупсионӣ барои солҳои 2013-2020 кумак мерасонад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Дастгирии рушди тиҷорат, беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ ва мусоидат ба муколамаи иқтисодии байни ҳукумат ва бахши хусусӣ дар маркази фаъолияти иқтисодии созмон қарор дорад. Афзалиятҳои дигари созмон пешбурди идоракунии дурусти захираҳои об дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ ва баланд бардоштани амнияти энергетикӣ тавассути мусоидат ба бахши гидроэнергетикаи хурд ва дастгирии амалӣ намудани ислоҳоти соҳаи об. Созмон ҳамчунин ба муколамаи фаромарзии Тоҷикистону Афғонистон оид ба оби қад-қади дарёи Панҷ бо таваҷҷуҳ ба анҷоми муколамаи дуҷониба бо Афғонистон оид ба захираҳои об ва муҳити зист мусоидат менамояд. Дафтар инчунин Ҳукумати пазирандаро дар ташуккул ва такмил додани қонунгузории экологии он ва дар татбиқи Конвенсияи Орҳус дастгирӣ менамояд.

**3. Барнома: Фаъолиятҳо дар робита ба Андозагирии инсонӣ**

Дар чаҳорчуби андозагирии инсонӣ, Дафтар кумаки худро дар сатҳи сиёсӣ ва тавассути таҳияи барномахо оид ба шаш ҷузъҳои калидии мавзуӣ, мерасонад ба манзури дастгирии кишвари пазиранда дар масъалаҳои марбут ба ислоҳоти сохтори адлия ва марбут ба волоияти қонун, огоҳонӣ ва такмил додани тавоноии сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, донишҷуён ва омма дар бораи принсипҳои ҳуқуқи башар ва уҳдадориҳо ба воситаи зиёд кардани иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии давлат; ривоҷу равнақ додани воситаҳои ахбороти оммавии плюралистӣ, озод, мустақил ва рақобатнок; дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳукумат барои иҷро кардани уҳдадориҳо ва вазифаҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи баробарии гендерӣ ва мубориза бурдан бар зидди зуроварӣ дар оила; ва мусоидат намудан ба ҳокимияти миллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар иҷро намудани уҳдадориҳои марбут ба мубориза бар зидди хариду фуруши одамон ва тавсеаи иштироки занон дар зиндагии сиёсӣ.

<u>**Самти барномаҳои оянда**</u>

**1. Барнома: Ҷанбаҳои низомӣ-сиёсии амният**

Ниёзи доимӣ барои таҳким ва тақвияти устуворӣ дар Тоҷикистон тавассути ривоҷу равнақ додани муколамаи сиёсӣ, плюрализм ва рушди сиёсӣ дар асоси принсипҳо ва арзишҳои демократӣ, вуҷуд дорад. Минаҳо ҳануз барои аҳолии минтақаҳои зиёд таҳдидомез ҳастанд ва барои истифодаи замини корам монеа мешаванд. Дар зимни ин ки пешрафт ба даст оварда шудааст, мушкилот дар таъмини амнияти захираи яроқу силоҳ, муҳимот ва маводҳои тарканда ҳануз ҳам вуҷуд дорад. Дафтар аз имкониятҳое, ба мисоли имзо ва қабул гаштани Ёддошти тафоҳум оид ба ислоҳоти милитсиябарои мусоидат кардан дар амалигардонии нақшаҳои ислоҳотии Ҳукумати пазиранда, истифода хоҳад кард. Ин барнома уҳдадориҳои САҲА-ро дар соҳаи муколамаи сиёсӣ, роҳбарии сарҳадӣ, кумак ба милитсия, мубориза бар зидди терроризм, пешгирии низоъҳо, кушишҳо барои мубориза бо ифротгароии хушунатомез ва тундравие, ки ба терроризм оварда мерасонанд, чораҳои баланд бардоштани эътимод ва устуворӣ, аслиҳаи сабук ва муҳимоти ҷангии маъмулӣ ва минатозакунӣ баррасӣ мекунад. Ин Барнома имкониятҳои хосро барои дастгирии иҷроиши қарорҳои Шурои вазирон таҳти № 4/07 ва № 04/11 оид ба ҳамкорӣ бо Афғонистон, хусусан тавассути ба омузищ ҷалб намудани иштирокчиён аз Афғонистон ва ташкил додани иқтидор барои роҳбарии сарҳад, кумак ба милитсия ва мубориза бар зидди терроризм, минатозакунӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба амният дар Тоҷикистон, пешниҳод менамояд. Дар давоми солҳои минбаъда барнома ба тақвияти иқтидори мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон бо мақсади самаранок ҷорӣ намудани ислоҳоти полис идома хоҳад дод. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, таҳким ва инкишофи малакаю дониши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар асоси таҷрибаю муносибатҳои беҳтарини байналмилалӣ зоҳир карда мешавад.

**2. Барнома: Фаъолиятҳои иқтисодӣ ва экологӣ**

Экспертизаи зиддикоррупсионии (лоиҳаҳои) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қисми ташаббуси бисёрсолаи созмон оид ба таҳияи модули таълими экспертизаи зиддикоррупсионӣ мебошад, ки ба барномаҳои ҳатмии таълимии хизматчиёни давлатӣ дохил карда мешавад. Созмон ба пешбурди принсипҳои поквиҷдонӣ мутобиқи санадҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо коррупсия, ба монанди Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия (UNCAC) ва Шабакаи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд оид ба мубориза бо коррупсия (ACN), Истанбул идома хоҳад дод.

Созмон ба расонидани кумак ба мақомот ҷиҳати беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ ва хизматрасониҳо барои бахши хусусӣ идома хоҳад дод. Мақсад аз он иборат аст, ки ба мақомоти маҳаллӣ ва марказӣ ҷиҳати муайян намудани эҳтиёҷоти нисбатан муҳими сармоягузорӣ ва муқаррар намудани афзалиятҳои рушди иқтисодӣ дар сатҳи маҳал кумак расонида шавад. Ин муколама кумак мерасонад, ки афкори омма дар бораи мушкилоти сохторӣ муайян гардида, онҳо тавассути пешбурди сиёсати дуруст дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳал карда шаванд. Бо ҳамин монанд созмон фаъолияташро оид ба дастгирии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии хуби давлатӣ, идоракунии захираҳои об, таҳсилоти экологӣ, қонунгузорӣ ва сиёсати экологӣ идома хоҳад дод.

**3. Барнома: Фаъолиятҳо дар робита ба Андозагирии инсонӣ**

Дафтар нақши худро дар мусоидат кардан дар муколамаи сиёсии байни ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар хусуси уҳдадориҳои асосии ҳуқуқи башар идома хоҳад дод ва барои мусоидат намудан дар татбиқи Стратегияи давлатӣ оид ба таълими ҳуқуқи башар кор хоҳад кард. Дар волоияти қонун, Дафтар ба нақша гирифтааст, ки иҷрошавии Барномаи давлатӣ дар соҳаи ислоҳоти ҳуқуқии судӣ (барои солҳои 2015-2017), қабул кардани чораҳои қонунӣ ва гузаронидани чораҳои амалӣ дар ислоҳоти системаи пенитенсиарӣ ва ривоҷу равнақ додани ҳамкорӣ байни ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба масъалаҳои волоияти қонун, хусусан пешгирии шиканҷаро дастгирӣ намояд. Дар соҳаи ВАО бошад, Дафтар фаъолияти худро мувофиқи талошҳои қаблӣ дар тақвият додани кафолати дастрасӣ ба иттилоот, инкишофи профессионализми рузноманигорон, мусоидат ба ташаккули системаи худтамзимкунии ВАО ва ҳал кардани баҳсу мунозираҳо бо тарзи алтернативӣ ва барномасозии масъалаҳои умумичамиятӣ иҷро хоҳад кард. Дафтар ҳамкории хешро бо Вазорати корҳои дохилии ҶТ, ки соли 2010 оғоз гардида буд, дар бобати ташкил намудани идораҳои милитсия бо назардошти омили гендерӣ бо мақсади баланд бардоштани иқтидори онҳо дар бурдани кор бо ҷабрдидагони зуроварӣ дар оила ва тақвият додани шабакаҳои ҷамъиятии равонасозӣ, давом хоҳад дод. Дафтар дастгирии талошҳои ҳамоҳангсохтаро барои кумак расондан ба кори Комиссияи давлатии байниидоравӣ оид ба мубориза бар зидди хариду фуруши одамон давом хоҳад дод. Фаъолияти Дафтар ба тақвият бахшидани иқтидори миллӣ барои мусоидат намудан дар иштироки занон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо таваҷҷуҳи махсус ба ташаккули шабакаҳои миллӣ ва минтақавие, ки иштироки занонро дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дастгирӣ мекунанд, ва инчунин ба ташаккули платформа барои ҷалби насли ояндаи занони ҷавони


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

роҳбар, нигаронида мешавад. Дафтар талошҳои худро дар баланд бардоштани дониши ҷавонон тавассути кор бо мардум ва лоиҳаҳои граждани̇̄ дар соҳаи маориф дар оғози демократӣ давом медиҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Созмони байналмилалии муҳоҷират

Тамос: Ҷ-би Драган Алексоски
Роҳбари идораи СБМ дар ҶТ
Тел: (+992 37) 221 03 02; (992 48) 700 02 02; (992 48) 700 03 03
Факс: (992 37) 251 00 62
Почтаи электронӣ: dushanbeinfo@iom.int
Сомона: www.iom.tj
Суроға: 734013 Тоҷикистон, ш. Душанбе, гузаргоҳи 2-уми куч. Азизбеков 22А

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Созмони байналмилалии муҳоҷират (СБМ), ки соли 1951 таъсис дода шудааст, созмони фаъоли байниҳукуматӣ дар соҳаи муҳоҷират мебошад, ки бо ташкилотҳои ҳамкори ҳукуматӣ, байниҳукуматӣ ва ғайридавлатӣ дар ҳамкории зич қарор дорад. 165 кишвар аъзои ин ташкилот буда, 8 давлати дигар дар ташкилоти мазкур дорои мақоми нозир ҳастанд. СБМ дар беш аз 100 кишвар беш аз 470 идораи саҳрой дорад ва фаъолияти худро ба мусоидат намудан ба муҳоҷирати инсондустона ва танзимшаванда барои фоидаи умум ва хизматрасонию машваратдиҳӣ ба ҳукумат ва муҳоҷирон равона месозад. СБМ дар таъмини идораи ба тартибандохташуда ва инсондустона дар соҳаи ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират, расонидани ёрӣ дар ҷустуҷуи роҳи ҳалли мушкилоти соҳаи муҳоҷират ва таъмин намудани муҳоҷирон, аз ҷумла гурезагон ва шахсони дар дохили кишвар ҷойивазнамудаи эҳтиёҷманд бо кумаки башардустона мусоидат менамояд.

Созмони байналмилалии муҳоҷират фаъолияти худро дар Тоҷикистон соли 1992, пас аз ба даст овардани истиқлолият оғоз намудааст. Соли 1994 Тоҷикистон узви СБМ гардид ва худи ҳамин сол байни Ҳукумати Тоҷикистон ва СБМ созишнома оид ба ҳамкорӣ ба имзо расонда шуд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Таҳкими иқтидори идоракунандаи муҳоҷират;

Пешниҳод намудани маълумот ва омузондани муҳоҷирон ба малакаҳои муайян;

Мустаҳкам намудани идораи сарҳад;

Мубориза бар зидди хариду фуруши одамон;

Саломатии муҳоҷирон ВНМБ/АНМБ;

Муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди инсонӣ.

**Барномаҳои қаблӣ:**

Барнома оид ба омодагии аҳолӣ ба офатҳои табиӣ;

Кумакрасонӣ ба бозгашти ихтиёрӣ ва ҳамроҳшавӣ ба ҷамъият;

Таҳқиқ ва мубоҳисаҳо оид ба самтҳои сиёсат дар соҳаи муҳоҷират.

**Самти барномаҳои оянда**

СБМ нақша дорад фаъолияти худро дар ин соҳаҳо бо ҳамкоронаш дар соли 2016 давом диҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Ташкилоти байналмилалии меҳнат

Тамос: Ҷ-би Собир Аминов
Ҳамоҳангсози Миллии ТБМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел: (+992 44) 600-55-97/98 (раками дохилӣ - 273)
Почтаи электронӣ: aminov@ilo.org
Сомона: www.ilo.org, www.ilo.ru
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Айнӣ 39

**Самти фаъолияти ташкилот**

“Мақсади асосии Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат – васеъ гардонидани имкониятҳо барои занон ва мардон дар пайдо кардани шуғли арзанда ва сермаҳсул дар шароити озодӣ, адолат, муътадилӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсон мебошад”.

**Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ТБМ)** – муассисаи махсусгардонидашудаи системаи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) буда, ба худ мақсад гузоштааст, ки принсипҳои адолати иҷтимоиро, ки ҳамчун ҳуқуқи инсон аз тарафи ҷомеаи Байналхалқӣ эътироф шудааст, пеш барад. СБМ соли 1919 таъсис ёфта, соли 1946 якумин ожонсии махсусгардонидашудаи СММ гардид. Дафтари асосии ТБМ дар шаҳри Женева, Швейтсария ҷойгир аст.

**СБМ чор мақсади стратегӣ дорад:**

- пешбарӣ ва дар амал татбиқ гардонидани принсипҳои асосӣ дар соҳаи меҳнат;
- васеъ гардонидани имкониятҳо барои занон ва мардон дар пайдо кардани шуғли арзанда;
- васеъ кардани имконияти иҳота ва самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ барои хама;
- мустаҳкам гардонидани хамкории сеҷониба ва гуфтугуи иҷтимоӣ.

Гуруҳи ёрирасони техникӣ оид ба масъалаҳои меҳнати арзанда ва Бюрои ТБМ барои давлатҳои Аврупои шарқӣ ва Осиёи Марказӣ дар шаҳри Маскав аз соли 1959 фаъолият дорад. Ин Бюро фаъолияти ТБМ-ро дар 10 давлат – Федератсияи Россия, Тоҷикистон, Озарбойҷон, Арманистон, Беларус, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Узбакистон ҳамоҳанг месозад.

Дар системаи Созмони Милали Муттаҳид, ТБМ дорои сохтори фарққунандаи сетарафа мебошад. Намояндагони корфармоён ва кормандон – “шарикони иҷтимоӣ” дар фаъолияти иқтисодӣ буда, мисли намояндагони ҳукумат дар муайян кардани сиёсат ва барномаҳо овози баробарҳуқуқ доранд. ТБМ ҳам инчунин ҳамкории сеҷонибаро дар дохили давлатҳо-аъзоён дастгирӣ карда, дар “гуфтугуи иҷтимоӣ” байни иттифоқи касаба ва корфармоён дар омодакунӣ ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар соҳаҳо мусоидат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 аъзои ТБМ буда, тарафдори меъёрҳо ва принсипҳои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат мебошад ва дар пайдарпай татбиқ кардани меъёрҳои асосӣ ва ҳуқуқҳо дар соҳаи меҳнат дар сиёсати давлатии худ аҳамияти махсус медиҳад. 51 Конвенсияи ТБМ, ки ба онҳо 8 Конвенсияи асосӣ дохил мешавад аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Дар чорчубаи **«Барномаҳои ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба Меҳнати Арзанда барои солҳои 2011-2013 ва солҳои 2007-2009»** ва бо кумаки техникӣ ва молиявии ТБМ ва кишварҳои донорҳо дар ҷумҳурӣ як қатор лоиҳаҳо ва чорабиниҳои самаранок амалӣ гаштанд, ба монанди: «Шарикии муътадил дар идораи босамари муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Русия, Кавкоз ва Осиёи марказӣ», «Пешгирии хариду фуруши инсон таввассути ташкил додани ҷойҳои кории нав ва беҳтар идоракунии муҳоҷират», «Мубориза алайҳи меҳнати кудакон дар Осиёи Марказӣ - сатҳи 1 ва 2», «Оқибатҳои иҷтимоии муҳоҷират дар Тоҷикистон», “Идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун асбоби ҳамкории байни давлатӣ ва рушд дар Осиёи марказӣ”, “Аз буҳрон суи меҳнати арзанда ва бехатар” ва “ВИЧ/СПИД ва олами кор дар Тоҷикистон”.

Лоиҳаҳои техникии навбатӣ ҳоло дар раванди иҷроишанд: “Мубориза алайҳи меҳнати кудакон дар Осиёи Марказӣ - сатҳи 2”, “Аз буҳрон суи меҳнати арзанда ва бехатар - сатҳи 2” ва “Амали гардонидани стратегияи омузиши касбии Гуруҳи 20” .

**Самти барномаҳои оянда**

«Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат оид ба Меҳнати Арзанда барои солҳои 2015-2017» аз самтҳои афзалиятноки зерин иборат аст:

1. Қавӣ гардонидани иқтидори шарикони сетарафа дар ҳалли масъалаҳои афзалиятноки меҳнат бо воситаи мушоракати иҷтимоӣ;
2. Рушди имконияти шуғли арзандаи мардон ва занон, аз он ҷумла барои муҳоҷирони меҳнатии бозгашта;
3. Беҳтар намудани шароити меҳнат ва вусъатбахшии ҳифзи иҷтимоӣ.

Самтҳои дигари фаъолияти ТБМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

- Пешбарии меъёрҳои байналхалқӣ дар соҳаи меҳнат;
- Фаъолият бо корфармоён ва иттифоқҳои касаба;


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ;
- Баробарҳуқуқии ҷинсӣ дар соҳаи меҳнат;
- Бехатарии меҳнат;
- Ҳифзи иҷтимоӣ;
- Барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кудакон.

*ТҒД*

# Ташкилоти ОКСФАМ Британияи Кабир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тамос: Ҷ-би Давиде Коста
Директори кишварӣ
Тел: +992701 51 21 (22) Факс: +992 372 24 76 42 701 51 23
Почтаи электронӣ: bkolundzija@oxfam.org.uk
Сомона: www.oxfam.org.uk/what_we_do/where_we_work/tajikistan
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Айнӣ 48.

**Мухтасар оиди Ташкилот**

Оксфам конфедератсияи иборат аз 18 ташкилот мебошад. Ташкилотҳои мазкур дар ҳамкорӣ бо шарикон ва ҷамоаҳои маҳаллӣ дар зиёда аз 90 кишвари ҷаҳон фаъолият менамоянд. Аз се як нафар одам дар ҷаҳон дар шароити фақр умр ба сар мебарад. Оксфам азм дорад то ин, ки чунин шароити зистро тавассути сафарбар намудани қувваи одамон алайҳи камбизоатӣ тағйир диҳад. Дар саросари олам Оксфам дар самте кушиш ба харҷ медиҳад, ки роҳҳои амалӣ ва инноватсиониро барои одамон пайдо намояд ва онҳо тавониста бошанд, ки худро аз вартаи камбизоатӣ наҷот дода, ру ба инкишоф биёранд. Мо ҳаёти одамонро наҷот медиҳем ва барои барқарор намудани ҳаёт дар мавриди ҳамлаи буҳрон мусоидат менамоем. Мо маъракаҳо барпо менамоем то ин, ки шахсони камбизоат дар қабули қарорҳо дар сатҳи кишварҳо ва ҷаҳон бар манфиати худ иштирок карда бошанд. Дар тамоми ташаббусҳои худ Оксфам бо мақсади хотима додани беадолатӣ, ки боиси камбизоатӣ мегардад якҷоя бо ташкилотҳои шарик дар ҳамбастагӣ бо занону мардони осебпазир кор мебарад.

**Барномаҳои ташкилоти Оксфам дар Тоҷикистон.** Барномаҳои ташкилоти Оксфам дар Тоҷикистон дар се самти зерин фаъолият мебарад: **Об ва санитария, барномаи рушди иқтисодӣ** ва **гендер.**

Мавзуъҳои дигари барномаҳо аз **коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ /тағйирёбии иқлим, гендер** ва **идоракунии хуб** иборат мебошанд.

**Барномаи об ва санитария**

Ташкилоти Оксфам тавассути ба роҳ мондани шабака, даъват намудан ва миёнаравӣ амал менамояд ва он намунаҳои инноватсиониро дар ноҳияҳои алоҳида таҳия намуда дар амал ба тарзи санҷиш татбиқ мекунад. Пасон барои маблағгузорӣ ва дар тамоми кишвар ба муддати тулонӣ амалӣ намудани онҳо кумак менамояд. Аз ин лиҳоз Оксфам дар Тоҷикистон ба ҳайси такшилоти асосие, ки дар самти оби нушокӣ ва санитария фаъолият мебарад шинохта шудааст. Оксфам иштироки занонро дар қабули карорҳо ва роҳбарият дар тамоми сатҳу зинаҳо дастгирӣ менамояд. Минҷумла, он ба ҷалби ҷамъият ва шаҳрвандонро дар пешбарии бахши мазкур мусоидат менамояд, ки ҳадафаш аз таъмини дарназрадошт ва амалӣ намудани фикру мулоҳизаи мардуми деҳот ва истифодабарандагон иборат аст. Ташкилоти Оксфам ҷамоаҳоро барои даровардани ислоҳот ваамалишавии минбаъдаи онҳо намояндагӣ менамояд. Оксфам ҷонибҳои асосии манфиатдорро дар атрофи иҷрои ухдадориҳо муттаҳид месозад ва маблағгузории амалишавии натиҷаҳоро дар сатҳи баланд пиёда мегардонад.

**Барномаи рушди иқтисодӣ**

Барномаи рушди иқтисодии ташкилоти Оксфам дар Тоҷикистон бо занону мардон аз ҷамоаҳои деҳотӣ кор мебарад, ки ҳадафи он тақвият бахшидани сатҳи зиндагии онҳо тавассути тиҷорати устувори кишоварзӣ, рушди даромад ва шуғли одилона аст.

Муҳайё намудани муҳити мусоид ва сохторҳое, ки иштироки занону мардони камбизоатро дар равандҳои иқтисодӣ дастгирӣ менамоянд дар мадди аввал қарор мегиранд, ки ба системаи устувори бозорӣ ва ташкилотҳои иқтисодии занон мусоидат менамоянд.

Оксфам намунаҳои тиҷорати кишоварзиро бо истифода аз усули занҷираҳои арзишӣ таҳия ва амалӣ намудааст, ки талаботҳои мардуми камбизоат, махсусан занонро қонеъ мегардонанд. Давра ба давра ин сабаби баланд гаштани сатҳи зиндагии занону мардон – деҳқонони камзамин мешавад. Дар натиҷа, намунаи барномаҳо ба миён меоянд ва онҳоро бо мақсади ташаббусҳои самаранок, устувор ва рушди одилона дар бахшҳои кишоварзӣ ва рушди деҳот ҳуҷҷатгузорӣ, таҷриба, такроран амалинамоӣ ва дастгирӣ мeёбанд. Оксфам нақша дорад омузишу далелҳои худро барои ҷалби дигар бахшҳо ба рушди деҳот мавриди истифода қарор диҳад то ин, ки онҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ дар амал татбиқ карда шаванд. Ташкилот кушиш ба харҷ медиҳад то ин, ки муҳити мусоидро фароҳам созад, яъне дастгирии сохторҳои марбута, рушди низоми бозорӣ ва мувофиқи имконот тамдид намудани хизматрасониҳои машваратӣ, баланд анмудани сатҳи иқтисодӣ ва роҳбарияти деҳқонони камзамин ва занон, тақвияти ҳаҷму сифати истеҳсолот ва инчунин дастрасӣ ба маблағҳои пулӣ тавассути пиёда намудани низоми пасандозҳо ва қарзҳо ҳангоми зарурат.

**Гендер**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Ташкилоти Оксфам дар Тоҷикистон барномаи мустақили адолати гендериро амалӣ менамояд, ки ҳадафи он аз байн бурдани нигарониҳои бамиёномада нисбати мавқеи занон дар кишвар ва дарки нақши занон дар ҷомеа мебошад. Гарчанде фаъолони давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар тақвият бахшидани қонунгузорӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта бошанд хам, дастовардҳо дар самти ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта, тағйири дарку фаҳмиш ва табъиз аз тарафи низоми идоракунанда дар сатҳи маҳал камтар дида мешаванд. Тавассути тақвият бахшидани сатҳи донишу малакаҳо шумораи зиёди занон зиндагии хешро беҳтар ба роҳ мемонанд ва дар ҳаёти иҷтимоӣ фаъолона иштирок варзида саҳмгузор хоҳанд буд. Хамаи ин беҳбудиҳо бо истифода аз тағйири рафтору эътиқодҳо оиди нақши занон ва саҳми онҳо дар самтҳои иҷтимоиёт, сиёсат ва иқтисодиёт мебошад, ки ҳамзамон ба он мусоидат менамоянд.

**Самтҳои ояндаи барнома**

Дар назар аст, ки ташкилоти Оксфам дар оянда фаъолиятҳояшро вобаста ба эҳтиёҷот ва маблағҳои бадастоварда ба роҳ мемонад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд

Тамос: Ҷ-би Акбар Алӣ Песнанӣ
Намояндаи дипломатии Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд
Тел: (+ 992 37)224-65-00, Факс: 251-00-66
Почтаи электронӣ: akbar.pesnani@akdn.org
Сомона: www.akdn.org
Суроға: Тоҷикистон, Душанбе, куч. Ҳамза Ҳакимзода 21

**Самти фаъолияти ташкилот**

Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд (АКДН) – аз як гуруҳ созмонҳои хусусӣ, байналхалқӣ, ғайридинӣ иборат буда, баҳри баланд бардоштани некуаҳволии халқ дар кишварҳои ру ба тараққӣ, аз ҷумла Африқову Осиё саҳми назарраси худро гузошта истодааст. АКДН дорои тақрибан 80,000 мутахассис буда, дар зиёда аз 30 кишвари ҷаҳон кору фаъолият менамояд ва баҳри бунёд намудани ҷомеаи устувор, муваффақ ва гуногунандеш кушишҳо ба харҷ медиҳад. Ташкилот фаъолияти худро дар Тоҷикистон аз соли 1992 оғоз намуда, то кунун зиёда аз 3500 кормандро бо кор таъмин намудааст, ки аксарияти онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон мубошанд ва эшон ба доираи васеъи фаъолиятҳо, аз рушди иқтисодӣ, маориф ва инкишофи деҳот сар карда, то бартарафсозии офатҳои табиӣ, эҳёи фарҳанг ва ниҳоят ба ҳамкории байнисарҳадӣ ҷалб гардидаанд. АКДН фаъолияташро тавассути созмонҳои ҷудогона ба роҳ монда, ҳадафи бунёди муассиса ва барномаҳоеро дорад, ки дар ҳамбастагӣ қобилияти ҳаллу фасли мушкилиҳо ва рушди имкониятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистонро дошта бошанд. Ташкилоти Оғохон оид ба рушд ҳадафҳои мазкурро дар доираи Созишномаи Ҳамкорӣ, ки соли 1995 бо Ҳукумати Тоҷикистон ба имзо расида буд, ва имсол АКДН 21-умин солгарди онро ҷашн мегирад, амалӣ мегардонад..

Ҳоло созмонҳои мазкур ва алоқаманд барномаҳои худро дар қисматҳои мухталифи кишвар дар соҳаҳои гуногун татбиқ менамоянд: Фонди Оғо Хон, Агентии Оғо Хон оид ба молияи хурд, Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф, Фонди Оғо Хон оид ба рушди иқтисодӣ, Хадамоти Оғо Хон оид ба тандурустӣ, Муассисаи Оғо Хон оид ба фарҳанг, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ФОКУС ёрии башардустона ва Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи куҳистон (МСДСП) (лоиҳаи Фонди Оғо Хон).

**Барномаҳои қаблӣ ва ҳозира:**

АКДН ва созмонҳои алоқамандашбарномаю лоиҳаҳоро дар соҳаҳои гуногун ҷонибдорӣ мекунанд, ки дар ин самт Фонди Оғо Хон дар беҳтар намудани некуаҳволии мардуми Тоҷикистон нақши пешбаранда дорад ва дар якҷоягӣ баҳри рушди тандурустӣ, маориф, рушди деҳот ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Шарҳи муфассали лоиҳаҳое, ки созмонҳои АКДН татбиқ менамоянд: **(1) Тандурустӣ:** Фаъолияти Хадамоти Оғохон оид ба тандурустӣ дар Тоҷикистон ба беҳтар гардидани сиҳатии гуруҳҳои зерҳадаф, хусусан бо таваҷҷуҳи хосса ба занони қобили таваллуд ва кудакони то синни панҷсола равона гардидааст, ки тавассути ҳамкории зич бо аҳли ҷамоае, ки дар ҳудуди қаламрави барнома зиндагӣ мекунанд ва инчунин расондани ёрии техникӣ ба ҳукумат баҳри тақвияти системаи умумии соҳаи тандурустӣ ба даст оварда мешавад Хадамот барои ноил шудан ба ин мақсадҳо соли 2008 барномаи Тибби оилавиро таъсис дод, ки он дар ҳамкорӣ бо Раёсати тандурустӣ ВМКБ кушиши ҷиҳозонидани Марказҳои ёрии аввалияи тиббӣ ва омузондани кормандони соҳаи тиброро дорад. Дар соли 2016 *ХОТ* бо мусоидат ва ҳамоҳангсозии *МСДСП* 47% *ГМП* дар ВМКБ, 40% вилояти Хатлон ва 43% дар водии Рашт ба марказҳои СМ табдил дода шуданд. Илова бар ин ба менеҷерони кумаки аввалияи тиббӣ ва кормандон ба сифати кушиши муттасили баланд бардоштани сифати нигоҳубини муштариён тренингҳои мухталиф оид ба баланд бардоштани иқтидор пешниҳод гардиданд. Дар маҷмуъ, 200 нафар духтурону ҳамширагони шафқати оилавӣ оид ба нигоҳибуну инкишофи кудак (C4CD) таълим гирифта, соҳаҳои нави худогоҳиву худшиносӣ ва такмил додани ғамхориро азхуд намуданд. *ХОТ* бо дастгирии Ҳукумат ва Вазорати корҳои хориҷии Норвегия, Вазорати савдо ва рушди Канада (DFATD) дар беморхонаи Хоруғ ташхисгоҳи минтақавиро таъсис дода, тавассути ба имзо расонидани санади дахлдор бо Ҳукумат эътирофи расмии ин ташхисгоҳро таъмин намуд. Ғайр аз ин, моҳи июли соли 2013 ба ташхисгоҳи мазкур сертификати ISO дода шуд. Соли 2016 (аз моҳи январ то моҳи июн) дар маҷмуъ 26454 муштариён, аз он ҷумла 267 нафар муштариён аз музофотҳои ҳамсарҳади Афғонистон аз хизматрасонии ташхисгоҳи мазкур баҳравар гардиданд. Моҳи феврали соли 2013 ҳамчунин дармонгоҳи ғайритиҷоратии дандонпизишкии Хоруғ ба истифода супорида шуд, ки асосан аз ҳисоби кумаки хайриявӣ маблағгузорӣ карда мешавад. То имруз дар ин дармонгоҳ 12144 нафар муштариён табобат гирифтанд. Ба ғайр аз ин, соли 2009 ХОТ барномаи байнисарҳадии худро ҷиҳати истифодаи захираҳои минтақавӣ оид ба таъмини дастрасии васеътари аҳли ҷамоати Бадахшони Афғонистон ба хизматрасонии тандурустӣ тавассути баланд бардоштани иқтидори ҳам кормандони тибби тоҷик ва ҳам афғон оғоз намуд. Соли 2012 *ХОТ* марҳилаи аввали Маркази тандурусти электрониро мавриди истифода қарор дод. Маркази тандурустии электронӣ Беморхонаи вилоятии Хоруғро тавассути таҷҳизоти электронӣ бо муассисаҳои тиббӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ, инчунин бо иншоотҳои ТОХР дар Кобул (FMIC) ва Карочӣ (УАГ) пайваст. Дар давоми соли 2013 бо хоҳиши Вазорати тандурустӣ Беморхонаи ҷумҳуриявии «Қароболо»-и ш.Душанбе ҳамчунин бо Маркази тандурустии электронии Хоруғ пайваст гардида шуда соли 2016 Тибби электронӣ бо Маркази тиббӣ ва ташхисии ш. Душанбе пайваст гардид. Дастгирии доимӣ аз нигоҳи таҷҳизот, тренингҳо ва ташхиси техникӣ ҳоло аз ҷониби *ХОТ* барои ҳар нуктаи ба хаб пайвастгардида таъмин карда мешавад; (2) **Маориф:** AKES Тоҷикистон Литсейи Оғо Хонро дар Хоруғ идора мекунад. Он ҷузъи шабакаи байналмилалие мебошад, ки зиёда аз 250 мактабҳои дар тамоми ҷаҳон, бо шумули Африқои Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ фаъолияткунандаро муттаҳид


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

месозад. Литсейи Оға Хон нахустин мактаби хусусӣ дар ВМКБ мебошад, ки барои зиёда аз 1000 нафар донишҷӯён барномаи таълимии миллии васеъро ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ пешниҳод менамояд. Агентиҳои *ТОХР* бо муассисаҳои давлатӣ, ба монанди Донишкадаи инкишофи касбӣ (ДИК) ҷиҳати ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим ва ба роҳ мондани малакаи таълимии дахлдор ҳамкорӣ менамояд. Аз соли 2006 дар заминаи ДИК дар ВМКБ зиёда аз 900 муаллимони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна, 100 нафар мансабдорони идораҳои ноҳиявии маориф ва зиёда аз 500 нафар директорони мактабҳо дар бахши идоракунии маориф, роҳбарӣ ва банақшагирӣ таълим гирифтанд. Хазинаи Оға Хон дар ҳамкорӣ бо AKES ва ДИК дар ВМКБ Барномаи инкишофи барвақти кудаконро (ИБК) дар заминаи мактабҳо/ҷамоатҳо таҳия намуда, бомуваффақият аз озмоиш гузаронид. Вазорати маориф бинобар камхарҷ ва сермаҳсул будани ин барнома соли 2014 онро дар қатори барномаи таълимии ИКБ ва лоиҳаҳои омузгорие, ки Хазинаи Оға Хон дар ҳамкорӣ бо *ВҲФ* ва ЮНИСЕФ таҳия намудааст, ба сифати модели стандартӣ дар сатҳи миллӣ тасдиқ намуд.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар барномаҳои академӣ тавассути Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдор (ММКД), ки дар Хоруғ ва Душанбе таъсис дода шудааст ва Барномаи Оға Хон оид ба Инсоншиносӣ иштирок мекунад. ММКД провайдери пешбари маълумот барои калонсолон ва маълумоти давомдор гардид ва зимнан зиёда аз 37,000 шунавандаро дар Тоҷикистон ва 4,000 дар Афғонистон тавассути барномаи маълумоти наздисарҳадии хеш фаро гирифт, ки 40% занон ташкил медиҳанд. ММКД инчунин марказҳои имтиҳоноти сертификатсияи байналхалқии TOEFL iBT-ро дар Душанбе ва Хоруғ ифтитоҳ намуд, ки онҳо дастрасии осони аҳолиро ба санҷиши байналхалқӣ оид ба забони англисӣ таъмин хоҳанд кард. Корҳои асосӣ марбут ба сохтмони иншооти кампуси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар Хоруғ асосан тобистони соли 2015 оғоз гардида, барои зиёда аз 700 нафар ҷойҳои корӣ муҳайё мегардад ва ифтитиҳи худи иншоот моҳи сентябри соли 2017 дар назар дошта шудааст. **(3) Рушди кишоварзӣ**: МСДСП – лоиҳаи Фонди Оға Хон дар тамоми Тоҷикистон асосан ба лоиҳаҳои рушди деҳот машғул буда, Созмонҳои деҳот (СД) - и ҷамоатҳои маҳалиро дар ВМКБ, Вилояти Хатлон ва водии Рашт ташкил ва ҷонибдорӣ мекунад. Доираи фаъолияти ин созмонҳо идоракунии гуруҳӣ, дастрасӣ ба маблағгузорӣ, муассисаҳои ғайрикишоварзӣ, идоракунии захираҳои табиӣ ва кишоварзӣ ва такмили муҳити зист мебошад. МСДСП инчунин муносибатҳои бозориро ба рушди соҳибкории хурду миёна ҷонибдорӣ намуда, ҳамин тариқ, дастрасиро ба сармоя ва хизматрасонӣ бобати рушди соҳибкорӣ осон мегардонад ва савдои наздисарҳадиро тақвият мебахшад. МСДСП инчунин дар байни оммаи васеъи аҳолӣ фаъолият намуда, зимнан Созмонҳои Деҳот (СД), Шуроҳои иҷтимоӣ оид ба рушди Созмонҳои деҳот (SUDVO), Ассотсиатсияҳои SUDVO ва Кумитаҳои маҳаллаҳо (КМ)-ро таъсис медиҳад. Ҳоло МСДСП зиёда аз 1,722 СД ва КМ-ро дастгирӣ намуда, умуман зиёда аз 150,000 сокини деҳотро фаро мегирад, ки зиёда аз 40 фоизи онҳоро занон ташкил мекунанд. МСДСП инчунин бо дигар муассисаҳои молиявӣ дар ҳамкории зич қарор дорад, то ки дастрасии аҳолии камбизоатро ба хизматрасониҳои имконпазир ва воқеъии молиявӣ таъмин намояд. То кунун 2,700 Гуруҳои ҷамоатӣ оид ба амонатгузорӣ (CBSG) бо 55,000 ширкаткунанда, ки 86 фоизи онҳо занону ҷавононанд ва 206 Гуруҳ аз руи манфиатҳо (CIG), ки 2,125 нафарро дар бар мегиранд, аз ҷониби МСДСП таъсис дода шуданд, ва онҳо ҳамгоми ҳолатҳои фавқуллода аҳли ҷамоатро муҳофизат хоҳанд кард. Соли 2015 Фонди Оға Хон ҷиҳати вусъати минбаъдаи портфели мавҷудаи қарзӣ оид ба таҳкими ташаббусҳои молиявии MSDSP 342000 доллари ШМА сармоягузорӣ намуд. Ба ғайр аз ин соли 2014 MSDSP дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсиатсияи туризми экологию фарҳангии Помир саъю талошҳои худро оид ба мусоидат ҷиҳати пешбурди Тоҷикистон ва Помир ба сифати самтҳои туристӣ барқарор намуд. Дар натиҷа онҳо дар ярмаркаҳои мухталифи байналмилалии туризм намоиш дода шуда, ширкатҳои туристии аврупоӣ якчанд маҳсулоти туристиро таҳия намуданд, ки ба феҳристи онҳо барои соли 2015 дохил карда хоҳанд шуд; **4) Рушди иқтисодӣ:** Фонди Оға Хон оид ба рушди иқтисодӣ (АКФЭД) агентии ТОХР буда, ба рушди соҳибкорӣ ва бунёди корхонаҳои аз лиҳози иқтисодӣ фоидаовар дар кишварҳои ру ба инкишоф мусоидат мекунад. АКФЭД дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон, Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ ва Бонки Ҷаҳонӣ ба Шарикии хусусию ҷамъиятӣ ворид шуда, барои истеҳсол, интиқол ва тақсим кардани қувваи барқ дар қаламрави ВМКБ барои 25 соли марҳилаи консессисонӣ Ширкати Помир Энерҷиро таъсис дод. Ширкат дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияташ тавассути барқарор намудани шабакаи интиқол ва таъминоти неруи барқ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардида, талафоти энергияро коҳиш дод (10% дар соли 2015 нисбат ба 39% дар соли 2006), инчунин дастрасии 24-соатаи неруи барқро барои 86% муштариёни худ дар ВМКБ хизматрасонии худро дар Афғонистон вусъат дод (28500 нафар ё 3% аҳолӣ). Дарояндаи наздик татбиқи як қатор лоиҳаҳо, аз он ҷумла сохтмони НБО «Себзор» бо иқтидори 10 МВт энергия, НБО «Санобод» бо иқтидори истеҳсоли 150-200 МВт неруи барқ ва хатти интиқоли барқи 110 кВ байни ду НБО ва системаи энергетики Помир, ки шабакаи мавҷудаи системаи энергетики миллӣ ва ноҳияи Мурғобро тавассути хатти пешбинишудаи 110 кВ пайваст намуда, имконияти тавсеаи интиқолро ба Афғонистон ва Покистон дорад, ба нақша гирифта шудааст. АКФЭД тавассути Хадамоти рушди туризм (Туризм Промоушн Сервисез) ду Меҳмонхона - Серена Хоруғ ва меҳмонхонаи Серена Душанберо ба истифода дод. Меҳмонхонаи Серена Хоруғ дар куҳистони бошукуҳи Помир воқеъ аст ва Меҳмонхонаи Серена Душанбе, ки дар хиёбони асосии Рудакӣ ҷойгир аст, меҳмонхонаи панҷситорадори дорои 100 утоқ ва апартамент буда, ки зиёда аз 200 нафарро бо кор таъмин намудааст.Ҳануз аз соли 2013 меҳмонхонаи мазкур аз ҷониби «Шурои Сайёҳон» меҳмонхонаи рақами 1-и шаҳри Душанбе эълон гардидааст. Ба ғайр аз ин АКФЕД, бо мақсади беҳтар намудани ҳолати хизматрасонии телефонӣ дар кишвар, соли 2011 дар ҳамкорӣ бо ВАТ ширкати «Индиго Тоҷикистон»-ро таъсис дод, ки сипас ба ширкати Tcell мубаддал дода шуд. Ҳоло ширкати Tcell аз руи даромад калонтарин оператори алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки даромади солонааш 110 млн.доллари ШМА буда, ба зиёда аз 3.1 млн.муштариён хизмат мерасонад ва дорои ҳиссаи калонтарини 36% дар бозори муштариёни алоқаи мобилӣ мебошад. Ширкати мазкур дар семоҳаи аввали хизматрасонии 4G-ро ба роҳ монд. Он нахустин оператори GSM дар кишвар буда, соли 2015 15-солагии таъсисёбиашро таҷлил намуд. Он ширкати пурқуввати бонуфузест, ки баҳри васеъ намудани иштироки худ дар ноҳияҳои шаҳрию нимшаҳрӣ саъю талош варзида, анвои мухталифи маҳсулоту хизматҳоро пешкаши муштариён менамояд. **(5) Паст кардани сатҳи камбизоатӣ**: Аввалин Бонки Молияи Хурд дар Тоҷикистон (АБМХ) соли 2003 ҳамчун аввалин бонки тиҷоратии дорои иҷозатнома дар Тоҷикистон таъсис ёфта буд ва фаъолияти он асосан ба додани қарзҳои хурд равона шудааст. Бонк кушиш ба харҷ медиҳад, ки хизматрасониҳои истеъмолии молиявиро дар кишвар беҳтар намояд ва пасандозу андухти аҳолиро бо мақсадии умумии ҷонибдории рушди иқтисоди маҳаллӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат ба вазъи иқтисодию иҷтмоӣ дастгирӣ кунад. Ҳоло Бонк дорои 35 филиалу марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар сар то сари кишвар буда, дар ҳамаи панҷ минтақаи Тоҷикистон (НТҶ, Суғд, ВМКБ, Рашт ва Хатлон) ва бо саридора дар Душанбе амал мекунад. Тибқи маълумоти соли 2014 мизоҷони Бонк дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 67,214 нафар бо маблағи умумии бастаи кредитии зиёда аз 39 миллион доллари ИМА мебошанд. 24,000 аз онҳо мизоҷонеанд, ки дар бонк пасандоз доранд ва боқимондаашон


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

қарзгирандагонанд. Бонк бо зиёда аз 687 нафар корманд тасмим гирифтааст, ки дар оянда ба муассисаи комилҳуқуқи тиҷоратӣ табдил ёбад; **(6) Рушди фарҳангӣ**: АКДН кушиши ромишгарону аҳли ҷамоати Осиёи Марказиро дар роҳи ҳифз, равнақ ва тарғиби анъанаҳои мусиқӣ, ки ҷузъи муҳимми мероси онҳост, ҷонибдорӣ мекунад. Ташкилот марказҳои устод-шогирдро дар Тоҷикистон, аз ҷумла Академияи Мақомро дар Душанбе ва Маркази Ҳунарро дар шаҳри Душанбе ва Вилояти Суғд ҷонибдорӣ мекунад. Дар доираи барномаи кумак ба Маркази Ҳунар AKDN усули таълими мусиқиро ба тарзи Мерос, ки барои мактабҳои миёна аз ҷониби Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов тавсия дода шудааст, дастгирӣ менамояд. АКДН ҳамкории судмандро дар сатҳи байналмилалӣ баҳри намоиши мусиқии тоҷик дар майдонҳои ҳунар дар саросари ҷаҳон ба роҳ мондааст. АКДН инчунин соли 2009 Маркази Исмоилияи Душанберо ифтитоҳ намуда, зимнан маконеро барои чорабиниҳои иҷтимоию фарҳангӣ, вохуриҳои ақлонӣ ва суҳбатҳо, инчунин андешаҳои маънавӣ фароҳам овард. Ин Марказ пули дустию тафоҳум буда, баҳри беҳтар гардидани муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеаҳои динӣ, ҳукуматҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хизмат мекунад ва макони баргузории чорабиниҳои зиёди маърифатӣ, фарҳангӣ ва дипломатӣ ба шумор меравад, аз ҷумла вохурии Котиби Давлатии ИМА Хилари Клинтон дар соли 2011, лексияи оммавии ҷаноби Каушика Басу, сариқтисодчии Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2013. Илова бар ин соли 2014 Ёддошти ҳусни тафоҳуми байни Вазорати фарҳаг ва Муассисаи Оғохон оид ба фарҳанг дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи бостоншиносӣ ва осорхонаҳо ба имзо расид. Ёддошт соҳа ва шакли ҳамкориро байни осорхонаҳои мухталифи Тоҷикистон ва лоиҳаҳои осорхонавии Муассисаи Оғо Хон оид ба фарҳанг муайян менамояд, аз ҷумла Осорхонаи Оғо Хон дар Торонтои Канада; Билохира, соли 2014 АКТС баҳри бозсозии гармчашмаи Бибӣ Фотимаи водии Вахони Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшони Тоҷикистон корҳоро ба сомон расонид. Мақсади ин ташаббус таъмин намудани устувории бинои асосии ҳаммом ва дар он ҷорӣ намудани хизматрасониҳои асосии ҷамъиятӣ мебошад. То соли 2014 бинои нави ташнoби ҷамъиятӣ сохта шуда, яке аз ду биноҳои ҳаммомхона таъмир карда шуд. **(7) Ёрии башардустона:** Барномаи башардустонаи ФОКУС аз лаҳзаи таъсисаш аз соли 1997 баҳри таҳкими қобилияти ба вуҷуд овардани устувории ҷамоатҳои маҳаллӣ ва муассисаҳо тавассути ташаббусҳои идоракунии иттилоот, таҳкими неру, паст кардани дараҷаи хатар барои аҳли ҷамоат ва татбиқи донишҳои илмӣ кушиш мекунад. Барномаи ФОКУС зимни фаъолияти хеш дар тамоми ноҳияҳои Тоҷикистон ва ҷамоатҳои Қирғизистон ва Афғонистон тавассути барномаҳояш оид ба паст кардани дараҷаи хатари офатҳои табиӣ (DRR) ба зиёда аз 200 офати табиӣ сари вақт вокуниш нишон дода, имконияти ҷамоатҳои ҷудогонаро беҳтар намуд. Ин барнома аз барномаи паст кардани дараҷаи хатар/ниёзмандӣ (HRVA), таҳия намудани харитаи хатарҳои имконпазир, хатсайри тахлия (эвакуатсия), банақшагирии бехатар ва чорабиниҳои иттилоотӣ барои калонсолону талабаҳо иборат аст. Аз соли 2014 инҷониб дар ВМКБ, водии Рашт, шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд 420 Баҳодиҳии осебпазирӣ ба хавфҳо, дар ВМКБ ва Рашт 170 IRAs ба анҷом расонида шуд, дар 360 деҳа тренингҳо оид ба огоҳӣ ва омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда гузаронида шуда, 300 роҳҳои бехавфи эвакуатсия ташкил карда шуд. Зиёда аз ин зиёда аз 200 лоиҳаҳои хурди ҷамоавӣ оид ба пешгирии оқибатҳои офатҳои табиӣ амалӣ карда шуда, барои барқарор намудани алоқа байни ФОКУС ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда 95 дастгоҳҳои алоқаи бе сим истифода гардиданд. Умуман дар Тоҷикистон 1,5 миллион нафар бевосита ё бавосита ба фаъолияти барномавии Фокус фаро гирифта шуда буданд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ

Тамос: Ҷ-би Виорел Гутсу
Намояндаи доимии ТОК СММ дар Тоҷикистон
Тел: (+992 48) 701 14 81, 701 14 82 Факс: (+992 48) 701 14 80
Почтаи электронӣ: FAO-TJ@fao.org
Сомона: www.fao.org
Суроға: 734000, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 44

Вазифаи муҳимтарини Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони миллали мутаҳид (ТОК СММ) ин - таъмини амнияти озуқаворӣ барои ҳамаи мардум, то ин ки онҳо дастрасии доимӣ ба ғизои баландсифат, пешбурди ҳаёти мунтазам ва солим дошта бошанд.

ТОК СММ дар назди худ се ҳадафҳои асосии зерин гузоштааст: решакан намудани гуруснагӣ, ноамнии озуқаворӣ ва камғизой; барҳамдиҳии камбизоатӣ ва мусоидат намудани ҳамаи аҳоли ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимой; инчунин идоракунии устувор ва истифодаи захираҳои табий, аз ҷумла замин, об, ҳаво, иқлим ва захираҳои генетикӣ барои ба манфиати насли имруза ва ояндa.

Бо мақсади таъмини дастгирии бештар ва самаранок ба аъзоёни давлат, ТОК СММ ҳадафҳои дурнаморо бо самтҳои асосии фаъолияти он муайян сохт, ки тариқи кушишҳои ҷиддӣ бо назардошти дурнамо ва ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

***<u>Ҳадафҳои дурнамои ТОК СММ:</u>***

1. Пешбурди мубориза бар зидди гуруснагӣ, ноамнии озуқаворӣ ва камғизой;
2. Баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва устувории кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ;
3. Паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот;
4. Таъмини системаҳои фарогир ва муассир дар кишоварзӣ ва озуқаворӣ;
5. Баланд бардоштани устувории шароити зиндагонии сокинон дар назди таҳдидҳо ва бӯҳронҳо.

ТОК СММ фаолияти худро дар Тоҷикистон аз ибтидо бо лоиҳаҳои ҳолатҳои фавқулодда оғоз ёфт. Дар айни замон татбиқи лоиҳаҳои ташкилот дар доираи барномаҳои кишовари Тоҷикистон, ки соли 2016 то соли 2017 дар бар мегирад, ва ин аз аз се афзалиятҳои асосӣ иборат мебошад:

1. Амнияти озуқаворӣ ва ғизои устувор;
2. Идоракунии устувори захираҳои табий ва устуворӣ дар тағйирёбии иқлим;
3. Истеҳсоли устувори кишоварзӣ ва рақобатпазирӣ.

Лоиҳаҳои ташкилот кумаки бевоситаи худро ба барномаи ислоҳоти аграрии кишвар мерасонанд ва онхо баҳри баланд бардоштани сифати идоракунии давлатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизогирӣ равона карда шудааст, инчунин ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори вазорату идораҳо ва дигар тарафҳои манфиатдор хамчун воситаҳои асосии ноил шудан ба максад, равона карда шудааст. Дар баробари ин, фаолият дар таҳкими сиёсат ва базаи амалиётӣ барои идоракунии устувори захираҳои табий ва баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим, аз ҷумла мубориза бар зидди таназзули замин анҷом меёбад. Инчунин ТОК СММ бо шарикони рушд ҳамкории зич дар р рушди устувори зироатпарварӣ ва парвариши чорворо ба роҳ мондаст.

***<u>Лоиҳаҳои ҷорӣ аз тарафи Намояндагии ТОК СММ дар Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст:</u>***

- ✓ Лоиҳа оид ба беҳтар намудани дастрасӣ ба тухмиҳои баландсифат барои хоҷагиҳои хурд дар Тоҷикистон дар асоси қисмат фаолият мебарад ва онҳо: - истеҳсоли гандуми тухмӣ, парвариши зироатҳои фойдаовар ва маркетинги маҳсулотҳои кишоварзӣ.
- ✓ Лоиҳа оид ба дастгирӣ дар татбиқи ва амалигардонии стратегия барои ҳифзи растанӣ маҷмуӣ (IPM) барои афзалиятноки зироатпарварӣ ва боғдорӣ дар Тоҷикистон ба Вазорати кишоварзӣ дар таҳияи стратегияи миллӣ оид ба пешбари ва амалигардонии ҳифзи растанӣ муттаҳид (IPM) дар истеҳсоли зироатпарварӣ ва боғдорӣ асосан кумак мерасонад.
- ✓ Лоиҳа оид ба дастгирӣ дар рушди стратегияи ҷангал барои солхои 2016-2030 дар рушди устувори ҷангал ва таъмини мувозинати функсияхои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷангал равона карда шудаст.
- ✓ Лоиҳа оид ба мусоидат дар рушди истеҳсолот ва маркетинги саноати ширӣ дар Тоҷикистон барои муайян намудани ниёзҳои бахши ширӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо барои истеҳсоли устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии шир ва маҳсулоти ширии ватанӣ равона карда шудаст.
- ✓ Лоиҳа оид ба ба тақвият додани муассисаҳо ва тавонoии Вазорати кишоварзӣ ва Хадамоти давлатии назорати байторӣ ҷиҳати таҳия намудани сиёсат барои дастгирии Ҳукумат ҷиҳати аз нав шуруъ намудани Барномаи ислоҳоти кишоварзӣ барои солҳои 2012-2020 тавассути таҷдид ва рушди тавоноӣ дар Вазорати кишоварзӣ ва Хадамоти назорати давлатии байторӣ равона карда шудааст. Кумаки лоиҳа оид ба таҳдид ва рушди тавоноӣ

робитаҳои Вазорати кишоварзиро бо дигар вазоратҳо тақвият медиҳад, бо ҳадафҳои миллӣ барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, гуногунӣ дар соҳаи кишоварзӣ, некуаҳволии занон ва кудакон ва беҳбуд намудани амнияти озуқаворӣ ва ғизо мусоидат менамояд

- ✓ Барномаи беҳтар намудани идоракунии миллӣ ва минтақавӣ оид ба мубориза бо малах дар Қафқоз ва Осиёи Миёна барои беҳтар намудани муборизаи миллӣ ва минтақавӣ бар зидди малах дар Афғонистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ва ҳамчунин дар кишварҳои ҳамсоя тавассути рушди тавоноиҳои миллӣ ва ҳамкории минтақавӣ фаолият мебарад.
- ✓ Лоихаи идоракунии обёрӣ бо назардошти хизматрасонӣ барои баланд бардоштани сатҳи тавоноии Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдори дахлдор ва пешбурди тарзи идоракунӣ дар асоси хидматрасонӣ мусоидат менамояд, ки он таҳвили тағйирпазир, боэътимод ва одилонаи обро ба деҳқонон ва дигар истифодабарандагон, барои соҳаи кишоварзии ба бозор равонашуда, таъмин мекунад.

Ҳамкории ТОК СММ доираи васеъи ташаббусҳо дар сатҳи минтақавиро дар бар мегирад ва мубодилаи бештари босуръати иттилоот ва ҳамкории зичи кишварро дар самтҳои зерин тасмим гирифтаст:

1. ***Амнияти озуқаворӣ ва ғизои устувор***. Дар ин самт лоиҳаҳо ба такмили мониторинг ва таҳлили нархи озуқаворӣ, баланд бардоштани сифати тавонмандии бехатарии ғизо, идоракунии устувор ва мониторинги амнияти озуқаворӣ, таҳкими иқтидори миллӣ барои назорати зараррасонҳо равона карда шудааст.
2. ***Идоракунии устувори захираҳои табиӣ ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим***. Дар ин самт лоиҳаҳо ба баланд бардоштани истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва обӣ, инчунин идоракунӣ ва нобудсозии захрдоруҳои хатарнок равона карда шудааст.
3. ***Истеҳсолоти устувори кишоварзӣ ва рақобатпазирӣ***. Дар ин самт ҳамкории минтақавӣ дар чорчубаи лоиҳаҳое, ки барои баланд бардоштани истеҳсолоти маҳсулоти чорво ва истифодаи таҷрибаи беҳтарин дар идоракунӣ, мубориза бар зидди зарарасонҳои кишоварзӣ ва рушди моҳипарварӣ дар минтақа равона карда шудаст, рушд меёбад.

Харитаи роҳ дар рушди ҳамкорӣ байни ТОКСММ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчубаи манфиатҳои Ҳукумат асос ёфтаст, дар самтҳои афзалиятноки зерин идома хоҳад кард: - амнияти озуқаворӣ, бехатарии ғизо, кишоварзӣ, аз ҷумла табодули донишу таҷриба ва дастгирии техникӣ дар соҳаҳо ҳифзи растанӣ, истеҳсолоти чорводорӣ, идоракунии захираҳои замин, ҷангал ва моҳипарварӣ. Қадами нав дар устувор намудани ҳамкории зич ифтитоҳи лоиҳаҳои нави минтақавӣ ва миллии калонҳаҷм, ки барои баланд бардоштани идоракунии назорати малах, ҳалли масъалаҳои системаҳои обёрӣ ва пешбурди ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ равона карда шудааст, мебошад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар

Тамос: Ҷ-би Байлар Талибов
Раҳбари намояндагӣ дар ҶТ
Тел: (+992 37) 224 00 33 Факс: (+992 37) 224 85 20
Почтаи электронӣ: Baylar.talybov@ifrc.org
Сомона: www.ifrc.org
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Умари Хайём 120

**Самтҳои асосии фаъолият**

Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар калонтарин ташкилоти башардустонаи ҷаҳон буда, сарфи назар аз миллат, нажод, мазҳаб, эътиқоди синфӣ ё сиёсӣ ёрии беғаразона мерасонад.

Федератсияи Байналмилалӣ соли 1919 таъсис ёфта, аз 188 Ҷамъияти Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, Котиботи воқеъ дар Женева ва зиёда аз 60 ҳайати вакилони аз ҷиҳати стратегӣ ҷойгиршудае иборат аст, ки дар тамоми ҷаҳон фаъолият мекунанд. Миқдори зиёди Ҷамъиятҳо дар марҳалаи ташаккулёбианд.

Ҳадафи Федератсия – дар руҳияи накукорӣ ва инсондустӣ беҳ кардани ҳаёти одамон аст.

Мардуми бечораву бенаво – одамони дучори ҳолати вазъиятеанд, ки дар шароити дасткутоҳии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва маззалату хорӣ фақирона умр ба сар мебаранд. Аксаран мардуми мискину бенаво одамонеанд, ки ба сарашон фалокати табиӣ омадааст, бинобар бӯҳрони иҷтимоию иқтисодӣ хонасалоту гуреза ва бар асари офату вабо мубтало гаштаанд.

Шабакаи нодири Ҷамъиятҳои миллӣ, ки қариб дар саросари олам амал мекунанд, қувваи асосии Федератсия маҳсуб меёбад.

Ҳамкории Ҷамъиятҳои миллӣ ба Федератсия имкон медиҳад, ки тавоно нашта, ба мардуми муҳтоҷу дармонда беш аз пеш дасти ёрӣ дароз намоянд. Шабакаи Ҷамъятҳои миллӣ дар сатҳи маҳаллӣ ба Федератсия барои кумак кардан ба гуруҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ имконият фароҳам меоварад.

Федератсия тасмим гирифтааст, ки дар мамлакати будубош ба Ҷамъиятҳои миллӣ дар иҷрои барномаҳои башардустона, барномаҳои пешрафт, пайдории ҳамкории минтақа ёрӣ расонад.

Дар Тоҷикистон Федератсияи Байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар аз соли 1994 фаъолият дошта, бо ҳамкории Ҷамияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ) ба табақаи камбизоати аҳолии ҷумҳурӣ кумаки беғаразона мерасонад.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Федератсия аз ибтидои фаъолияти барномавии худ дар Тоҷикистон диққату таваҷҷӯҳи худро ба он нигаронид, ки табақаҳои камбизоати аҳолиро аз озуқа ва муассисаҳои тиббиро аз дорую дармон бархурдор намояд. Федератсия ҳамасола бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон зич ҳамкорӣ намуда, фаъолияти барномавиашро дар Тоҷикистон густариш медод ва ба он барномаҳои нав ба навро аз қабили омода шудан ва эътино кардан ба офати табиӣ (ОТ) ва ҳолатҳои фавқулодда (ҲФ), бо озуқа кумак кардан ба мардуми камбизоат, таълим додан аҳолиро барои расонидани ёрии аввалияи тиббӣ, маъракаи сиҳатии ҷомеа, барномаҳои санитарияи (поксозии) об ба пешрафти корҳои ташкилӣ дохил мекард. Барномаҳои мазкур зимни корҳои эътиноъ кардан ба ҳолатҳои фавқулоддае, ки онҳоро офатҳои табиӣ (мисолҳои тозатарин: Зилзила ва селу обхезиҳо дар солҳои 2010-2014, оқибатҳои зимистони қаҳратун дар ноҳияи Мурғоб дар солҳои 2012 ва 2013 ва ғайра) сабаб гардиданд, ба иҷро мерасиданд.

Федератсия ва Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон аз соли 1999 сар карда, аз барномаҳои расонидани кумаки башардустона тадриҷан ба барномаҳои устуворгардонии имконоти ташкилии Ҷамъиятҳои Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон гузаштан гирифт.

Федератсия бо воситаи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон барномаҳои зеринро амалӣ мегардонид:

Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – ҳадафи умумии барнома беҳсозии сиҳатии беморони мубталои силкасал, ВНМБ/АНМБ ва пешгирии бемориҳои сироятии гуруҳҳои камбизоати аҳолии Тоҷикистон мебошад. (Ин барнома ду ҷузъро дар бар мегирад: ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ва таъминот бо об ва санитария).

Мақсад аз барномаи бо обтаъминкунӣ ва санитария беҳтар кардани саломатии мардуми ҷамоаҳои ҷудогона аз ҳисоби истеъмоли оби тоза, истифодаи ҳоҷатхона ва ташвиқи беҳгардонии саломатӣ мебошад.

Барномаи вокуниш ба ҳолатҳои изтирорӣ – дар ин фасл ду фаъолият ба ҳам пайвастаанд: барномаи вокуниш ва ОТ ва ҲФ ва барномаи омода будан ба фалокатҳои табиӣ.

Ғарази барномаи вокуниш ба офатҳои табиӣ камтар ба фалокат дучор шудани мардуми камбизоат, ки аз қашшоқӣ ва офатҳои табиӣ зиён дидаанд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Барномаи омода будан ба фалокатҳои табиӣ ба пурзур кардани қобилияту имконияти Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон барои вокуниш ба фалокатҳои табиии оянда бо роҳи аҳлона тайёрӣ дидан ба ин офатҳо ва рафтори мувофиқ, фаъолонатар ба ин кор ҷалб намудани ҷамоаҳо нигаронида шудааст.

Мақсади барномаи ташкилӣ пурзур кардани қобилияту малака ва афзоиши захираву имконоти Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар ҳамаи сатҳҳои расидан ба меъёрҳои фаъолияти хурди Ҷамъияти миллӣ аст.

**<u>Самти барномаҳои оянда</u>**

Имтиёзоти Федератсия барои Тоҷикистон дар доираи баёноти солҳои 2014 чор соҳаи асосии фаъолияти зеринро дар бар мегирад:

**Барномаи вокуниш ба ҳолатҳои изтирорӣ**

- Беҳтар намудани механизм, восита ва нақшаҳои вокуниши мутаносиб ва самарабахш аз ҷониби Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ба офатҳои табиӣ ва инчунин таҳкими вокуниши саривақтӣ ба шароити фаврии осебпазирӣ.
- Омода намудани воситаҳои самарабахш оид ба тайёрии ҷамоатҳо ба офатҳои табиӣ, ки дар макони аз ҳама хавфнок зиндагӣ мекунанд ва амалӣ намудани фаъолияти марбут ба кам кардани хавфи офати табиӣ.
- Беҳтар намудани фаҳмиш оиди чорабиниҳо, муқаррароти Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Байналмилалӣ ва истифодаи онҳо аз ҷониби Ҷамъияти миллӣ.
- Афзун гардонидани қобилияту имконоти ҷомеа, Ҷамъияти миллӣ, филиалу марказҳои минтақавии тайёрӣ ба вокуниш ба фалокатҳои табиӣ.Омода сохтани ҷамоаҳо ва мактаббачагон ва омузгорон барои вокуниш дар ҳолатҳои офат бо роҳи ташкили маъракаҳои иттилоотӣ, маърифати ҷамъиятӣ, таълими ёрии аввалияи тиббӣ.
- Кам кардани таъсири эҳтимолии кучиши замин, ярч ва обхезӣ ба ҷамоатҳои осебпазир, ки дар макони аз ҳама хавфнок зиндагӣ доранд, тавассути лоиҳаҳои кам кардани таъсири офат.
- Кам кардани шумораи фавт, захмӣ шудан дар роҳҳо ба воситаи чорабиниҳои марбут ба бехатарӣ дар роҳҳо, омодагӣ ба офат/вокуниш ва тренинг оид ба кумаки аввалия дар мактабҳои ронандагӣ барои дарсомузон ва ҷамоатҳои мунтахаб.
- Тақвият бахшидани имконияти Ҷамъити миллӣ барои барқарор ва беҳтар кардани шароитҳои зисти то офат дар ҷамоатҳо.

**Барномаи Мухочират:**

- «Фароҳам овардани имконият барои беҳтар кардани зиндагӣ ва ҳимояи шарафи худ ба муҳоҷирон ва онҳое, ки аз муҳоҷират бар гаштаанд, дар минтақаи Осиёи Марказӣ», ки аз ҷониби Федератсияи Байналмиллалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва Комиссияи Аврупо маблағгузорӣ шудааст;
- «Ҳуқуқҳои муҳоҷирон дар амал», ки аз ҷониби Комиссияи Аврупо дар чаҳорчубаи лоиҳаи Девко маблағгузорӣ шудаст;
- «Баланд бардоштани маълумотнокии муҳоҷирони корӣ оиди гигиению санитария ва ҳуқуқҳои онҳо дар масъалаҳои пешгирии ВИЧ/ИГБЧ/вирусҳои гепатити В – С ва сил», ки аз ҷониби ТОР «СПИД инфосвяз» дар чаҳорчубаи Барномаи Русия «Расонидани кумак ба давлатҳои Аврупои Ҷанубӣ ва Осиёи Миёна алайҳи мубориза зидди касалиҳои сирояткунанда» маблағгузорӣ шудааст.

*ТҒД*

# Маркази минтақавии экологииии Осиёи Марказӣ Намояндагӣ дар Тоҷикистон

Тамос: Профессор Фарход Абдураҳмонов
Директори ФТ ММЭОМ
Тел: (+992 37) 939-099-272
Почтаи электронӣ: fabdurakhmonov@carececo.org
Сомона: www.carececo.org
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Шамсӣ 5/1

**Самтҳоиасосифаъолият**

Маркази минтақавии экологииии Осиёи Марказӣ бо қарори Конфронси IV Аврупоӣ (1998 сол) дар шаҳри Орхус, Дания, бо ташаббуси давлатҳои Осиёи марказӣ таъсис дода шудааст. Он яке аз марказҳои мушобеҳест, ки дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва собиқ Иттифоқи Шӯравӣ (Венгрия, Россия, Гурҷистон, Украина ва Молдова) таъсис дода шудаанд.

Соли 1999 ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор қабул намуданд, ки қароргоҳи асосӣ (штаб-квартира)-и ММЭОМ-ро дар шаҳри Алмаато (Ҷумҳурии Қазоқистон) таъсис дода, намояндагиҳои онро дар панҷ кишвари Осиёи Марказӣ кушоянд. Моҳи июли соли 2000 Парлумони Ҷумҳурии Қазоқистон Созишнома оид ба шароитҳои кори ММЭОМ-ро байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Комиссияи Аврупова БРСММ тасдиқ намуд, ки дар баробари Оинномаи Марказ асоси ҳуқуқии фаъолияти Марказро ташкил доданд. Дар аввали соли 2001 Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон биноеро пешниҳод намуд, ки ММЭОМ дар онҷо фаъолияти худро шурӯъ намуд.

Маркази экологии минтақавии Осиёи Марказӣ ташкилоти ғайридавлатӣ ва ғайри тиҷоратӣ буда, ба шарикони худ ҳамкориро дар асоси се омил пешниҳод менамояд:

1) Мувофиқсозии экспертизаи миллӣ ва байналмилалӣ;
2) Арзиш. Мақсади мо-иҷрои вазифаҳо мебошад, на ба даст овардани фоида;
3) Самти таҷрибавӣ дар асоси назария.

Вазифаи ММЭОМ – рушди ҳамкории байни бахшӣ дар Осиёи Марказӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ барои ҳалли масъалаҳо оид ба муҳити зист.

**Барномаҳоиамалкунанда**

- Идораи муҳити зист;
- Дастгирии ташаббусҳои вобаста ба об – муносибати ҳамоҳангшуда оид ба идораи захираҳои об;
- Тағйирёбии иқлим ва нерӯи устувор;
- Фаъолиятхои байни барнома.

**Самтибарномаҳоиоянда**

1. Таҳкими институтсионалию ташкилии рушд;
2. «Иқтисодиёти сабз»;
3. Рушди инсон:

- Пиряхҳо ва захираҳои об
- Бехдошти об (Санитарияи об)
- Тандурусти ҷамъияти
- Экосистема
- Кам кардани газҳои парникӣ


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Филиали Ташкилоти «Save the Children International» дар Ҷумхурии Тоҷикистон

Тамос: Ҷ-би Томас Уимбер
Роҳбари ташкилот
Тел: (+992 37) 22 47768
Почтаи электронӣ: scicafo@savethechildren.org
Сомона: http://centralasia.savethechildren.net
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Саид Носирӣ 56

**Самтҳои асосии фаъолият**

Филиали ташкилоти «Save the Children International» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳоне фаъолият мекунад, ки дар он ба қадри ҳар кудак мерасанд ва эҳтиром мекунанд, талаботи кудаконро ба гуш мегиранд ва онҳоро таълим медиҳанд, дили ҳамаи кудакон аз орзу моломол буда, барои расидан ба он имконият доранд. Мо кушиш мекунем, ки ҳаёти кудакони тамоми ҷаҳон ҳамеша гуворову рангин бошад.

Филиали ташкилоти «Save the Children International» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 фаъолият мекунад. Он дар Тоҷикистон ба хотири расонидани кумаки башардустона ба онҳое, ки дар ҷанги шаҳрвандӣ осеб дидааст, таъсис ёфта буд. Филиали ташкилоти «Save the Children International» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи мардуми ҷаҳонро ба худ ҷалб намуда, саъй мекунад, ки дар ҷаҳон ҳар кудак, чунон ки дар Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кудакон баён ёфтааст, барои ҳаёт ҳуқуқи кафолатнок дошта бошад, ҳуқуқҳояш ҳифз шаванд, барои рушд ва саҳмгирӣ имконият дошта бошад. Барномаҳои мо ҳафт ташаббуси олиро пеш гузоштаанд: таҳсил, тандурустӣ, ҳифзи кудак, ҳуқуқи кудак, амнияти озуқа, хоҷагидорӣ ва кумаки башардустона. Дар тамоми барномаҳои амалишуда масъалаи гендер, иштироки кудак ва ҳисси масъулият ба назар гирифта мешавад.

**Барномаҳои ҷорӣ**

Филиали ташкилоти «Save the Children International» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Наҷоти Кудакон) дар соли 2016 намоишгоҳо оиди расми беҳтарин ва конкурсҳо оиди иншои беҳтарин дар мавзуи оқибатҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни зиёда аз 300 кудакон гузаронид. Ҳамаи иштирокчиён бо туҳфаҳо ва шаш ғолибон бо мукофотҳо қадр карда шуданд. Барои беҳтар намудани фаҳмиши кудакон оиди мушкилотҳои занон ва кудакони муҳоҷир ду шабакаҳои телевизиони миллӣ шарҳи кутоҳи чорабиниҳоро пахш карданд ва иншоҳои беҳтарин дар рузномаҳои маҳаллӣ чоп шуданд.

Барои беҳтар намудани сифати таълим дар мактабҳои ибтидой, дар доираи барномаи “Хониши босифат” курсҳои такмили ихтисос дар сатҳи мактаб гузарониданд, ки барои рушди таҳсил ва педагогика дар мактабҳои ибтидой мусоидат кард. Таъсири курсҳои такмили ихтисос дар муҳити синфхонаҳо дар якчанд самт намоён аст: 1) зиёд шудани асбобҳои аёнӣ дар синфхона; 2) шумораи зиёди омузгорон усулҳои фаъоли омузишро истифода мебаранд; 3) дар синфхонаҳо партфолиоҳои хонандагон ва омузгорон дида мешавад; 4) омузгорон бештар ба дарки хониш аҳмият медиҳанд; 5) мавҷудияти кортҳои арзёбии нақшавӣ; 6) афзоиши ҷалби волидон дар таълими кудакон; ва 7) маводҳои хониши берун аз синфӣ ё ин ки китобҳои худсохт аз маводҳои камарзиш зиёд шуда истодааст. Дастурамали низоми таълими салоҳиятнок ва курси такмили ихтисос барои фанни забони модарӣ барои омузгорон ва дастур барои китобдорон, 116 руихати китобҳои бачагона аз тарафи Вазорати маориф ва илми ХТ тасдиқ шуд ва ба 1804 муассисаҳои таълимии лоиҳа тақсим карда шуданд. Дастури хониш барои истифода дар лагерҳои тобистонаи таълимӣ таҳия карда шуд ва барои истифода бурдан дар лагерҳои мавҷуд будаи назди мактабӣ барои синфҳои ибтидой тасдиқ карда шуд. Омузгорон муҳимияти усулҳои пешрафти таълимро дар омузиши курсҳои такмили ихтисос аз худ кардашонро дарк намуда ва кушиш карда истодаанд, ки ин усулҳоро дар дарсҳои худ истифода баранд. Таваҷҷуҳи хонандагон ба хониш тағир ёфта истодааст, бештар ба дарки хониш аҳмият дода истодаанд. Тавассути ҷаласаҳои намоишӣ, мубодилаи афкор, таҷрибаҳои таълимии инкишофёфта омузгорон ҳамкориро бо муассисаҳои таълимии ҳамсоя пурзур намуданд. Бо дастгирии лоиҳа муассисаҳои таълимии давраи 1 ва 2 нақшаҳои таълимии иловагиро таҳия намуданд ва онро дар рузҳои методӣ ҳар шанбе татбиқ менамоянд. Муассисаҳои таълими мақсаднок инчунин дар вохуриҳои кластерӣ дар сатҳи ҷамоатҳо иштирок мекунанд. Омузгорони синфҳои ибтидой ба навиштани мақолаҳо оид ба таҷрибаи беҳтарини таълим ва нашри онҳо дар маҷалла ва рузномаҳои гуногунро сар карданд. Якчанд дарсҳои муассисаҳои таълимии лоиҳа оид ба муваффақиятҳои курсҳои такмили ихтисос дар болоравии саводнокии кудакон дар оинаи нилгун намоиш дода шуданд ва инчунин мақолаҳо дар рузномаҳои маҳаллӣ ва миллӣ ба чоп расиданд. Шаш филми ташвиқотӣ оид ба муҳимияти хониши кудак дар оила тартиб дода шуд. Дар ҳамкории зичи Вазорати маориф илти ХТ ва маркази тести миллӣ воситаҳои баҳодиҳии давраи миёнавии лоиҳа - АХСИ (арзиёбии хониши синфҳои ибтидой) барои соли 2016 ва ҷамъоварии маълумоти мониторинг ва санҷиш ба анҷом расонида шуд.

Лоиҳаи “Коҳиши хатари офатҳои табиӣ бо назардошти кудакони эҳтиёҷоти махсусдошта, яке аз роҳҳои таъмини устувории лоиҳа” – марҳалаи навбатии лоиҳа, ки фаъолиятҳои худро дар 15 деҳаҳо, ки дар ҷойҳои хатарноки ноҳияҳои Ваҳдат ва Варзоби Тоҷикистон воқеъ ҳастанд, шуруъ намуд. Гуруҳҳои наврасон ва гуруҳҳои омодагӣ ба ҳолатхои фавқуллода ташкил шуданд ва ба кудакон шароит фароҳам шуд, ки дар омузишҳо оиди ҳуқуқи кудак (Конвенсияи СММ дар бораи Ҳуқуқи Кудак ва қонунгузории доҳилb), ҳифзи кудак дар ҳолатҳои фавқуллода, ҳуқуқи шахсони эҳтиёҷи махсусдошта, паст кардани хатари офатҳои табиb, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист дониши худро сайқал диҳанд.

Баланд бардоштани тавоноӣ ва дороии занон яке аз роҳҳои беҳтарини беҳтар намудани сифати зиндагии кудакон мебошад. НК амаликунии лоиҳаи “Тавоноӣ ва дороии зан” давом дорад. Лоиҳа бештар барои пурзуркунии иқтидори 4200 гуруҳҳои занон, иборат аз 60 000 занони деҳот равона шудааст. Занон имконият пайдо карданд, ки фаҳмиши худро дар


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

машваратҳои омузишӣ оид ба масъалаҳои ҳуқукӣ, гендерӣ, кишоварзӣ, тиҷорат ва корҳои сохтмонѝ беҳтар намоянд. Онҳо аз маслиҳатҳои муфид оид ба идоракунии хазинаи гуруҳ ва инкишофи тиҷорати хурд, ба расмиятдарории фаъолияти тиҷоратӣ, молу мулк, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ, занбурпарварӣ, паррандапарварӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, пешгирии касалиҳои чорвою растанӣ, ва беҳтаркунии инфрасохторҳои маҳаллӣ (таъмиру сохтмони синфхонаҳо, ҳоҷатхонаҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, гузаронидани хати оби нушокӣ) баҳравар ҳастанд. Форумҳо ва чорабиниҳои табодули таҷриба ба навор гирифта шуда, тариқи шабакаҳои телевизион дар сатҳи ноҳиявӣ ва миллӣ намоиш дода шудаанд. Мизи мудаввар дар мавзуи "Зан ва тиҷорат" бо иштироки занони деҳоте, ки бо фаъолияти даромадтавлидкунандаро дар чорчубаи лоиҳаи мазкур оғоз карданд, баргузор гардид. Нуҳ занони деҳоте, ки фаъолияти тиҷоратии хурдро бо истифодаи хазинаи гуруҳ амалӣ месозанд, аз таҷрибаи хеш мубодилаи афкор намуданд. Чорабинии "Ҷилваи ҳунари зани деҳот" баргузор гардид. Панҷоҳ нафар намояндагони гуруҳҳои занон аз ҳунарҳои мардумӣ ва маҳсулоти хеш намоиш доданд.

Саломатӣ яке аз қисматҳои муҳими инкишофи чисмонӣ ва ақлонии кудак аст. НК ду барномаи саломатӣ -"Баланд бардоштани хизматрасонии кумаки аввалияи тиббӣ ва санитарӣ ба модарон ва кудакон аз минтақаи деҳотии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Сино-V" амалӣ намуда истодааст.

Вохуриҳо баҳри муаррифии лоиҳа ва омузиши ҳолати тандурустии деҳаҳо бо фаъолони аҳли ҷомеа дар 60 деҳа гузаронида шуд. Омузишҳо оиди навиштани лоиҳаҳои хурд барои гуруҳҳои ташаббускорони ҷомеа (раиси маҳалла, ноибон, кормандони тиб, муллоҳои деҳа, директорони мактаб ва занони фаъол) гузарониданд, ки дар асоси он аҳолии деҳа мушкилоти аввалиндараҷаи маҳалро муайян намуда, навиштани лоиҳаи хурдро ба нақша гирифтанд. Лоиҳаҳои хурд аз 30 деҳаҳои ҳадафӣ, ки аз ҷониби фаъолони деҳа барои таъмир ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани муасиссаҳои тандурустии деҳаҳо тартиб дода шудаанд, ба НК барои дастгирии молиявӣ пешниҳод шуданд.

Омузишҳо барои гуруҳҳои занони маҳаллӣ дар бобати солимии модару кудак аз ҷумла оиди синамаконӣ, нигоҳубини зани ҳомила ва кудаки навзод, пешгирии бемориҳои кудакона ва шинохтани аломатҳои онҳо, аломатҳои хатарноки давраи ҳомиладорӣ, пеш ва пас аз таваллуд ва муҳимияти фонди таъҷилии нақлиётӣ гузаронида, ба ин васила 659 нафар занонро фаро гирифтанд. Фонди таъҷилии нақлиётӣ (ФТН) барои сари вақт бурда расонидани ашхоси бемор ва хусусан кудакон ва занони ҳомила ба муасиссаҳои тандурустии лозимӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар якҷоягӣ бо ВТҲИА ҶТ омузишҳо барои кормандони муасиссаҳои тандурустӣ дар мавзуъҳои "Модаршавии бехавф", "Ҳамбастагии бемориҳои кудакона дар сатҳи муассиса" ва "Ҳамбастагии бемориҳои кудакона дар сатҳи ҷомеа" гузаронида шуда, дар маҷмуъ 209 нафар (момодояҳо, духтурони амрози занона, духтурони кудакона, табибони оилавӣ ва ҳамшираҳо) фаро гирифта шуданд. Ба ғайр аз омузишҳои номбаршуда, 30 омузишҳо оиди камхунӣ, ҷоғар ва фишори баланди хун барои ҷомеа дар сатҳи миллӣ ва ноҳиявӣ гузаронида шуданд. 25,000 адад буклетҳо, 2,747 адад китобчаҳо ва варақаҳо, 2,150 адад плакатҳо, and 600 маводҳои тақсимотӣ тартиб дода шуданд ва миёни аъзоёни гуруҳҳои занон ва аҳолии ҳадафӣ тақсим карда шуданд. Ду роликҳои видеоӣ дар мавзуи пешгирии фишори баланди хун ва ҷоғар дар телевизиони марказӣ "Шабакаи якум" ва "Хаҳоннамо" пахш шуданд. Дар доираи ҳар ду лоиҳа маъракаҳои саломатӣ бо иштироки занон ва мактаббачагон тавассути мусиқиву суруду таронаҳо дар сатҳи деҳот бо шукуҳу шаҳомати хоса гузаронида шуд. Дар ҳар як чорабинӣ 50 нафар оиди масъалаҳои солимии модар ва кудак бевосита баромад намуда, зиёда аз 150 аҳолии маҳаллӣ баҳравар гаштанд. Аъзоёни фаъоли гуруҳҳои ҷомеа дар фаъолиятҳои мониторинг оиди банақшагирии корчаллонӣ ва вохурихо оиди мубодилаи афкор дар байни аъзоёни гуруҳҳо гузарониданд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Фокус кумаки башардустона дар Тоҷикистон

Тамос: Ҷ-би Хади Хусани
Директори иҷроия
Тел: (+99293) 7666001 (+ 992 37) 224 7650, 221 9830
Факс: (+ 992 37) 224 25 44
Почтаи электронӣ: hadi.husani@akdn.org
Сомона: http://www.akdn.org/focus
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 137, "Тоҷикматлубот", ошёнаи 4-ум

**Самтҳои асосии фаъолият**

ФОКУС кумаки башардустона ташкилоти байналмилалиест, ки фаъолияти худро барои омодагӣ ба муқобили офатҳои табиӣ, пешгирӣ ва паст намудани оқибатҳои онҳо ва ҳамчунин расондани кумак ҳангоми ва баъди фалокатҳои табиӣ ва техногенӣ, хусусан дар мамолики тараққикардаистода равона кардааст. ФОКУС ба аҳолии ниёзманд барои кам кардани вобастагии онҳо аз кумаки хайрия ёрӣ мерасонад ва ба онҳо дар гузариш ба тараққиёти дарозмуддату устувор мусоидат мекунад. ФОКУС дар Афғонистон, Канада, Аврупо (дафтари марказӣ дар Британияи Кабир), Ҳиндустон, Покистон, Тоҷикистон ва ИМА дафтарҳо дорад. ФОКУС яке аз ташкилотҳои Шабакаи Оғо Хон оид ба рушд мебошад, ки худ як гуруҳи созмонҳоест, ки баҳри беҳбудӣ бахшидан ба шароити зиндагӣ ва имкониятҳои аҳолии ҷаҳони ру ба тараққӣ сарфи назар аз мазҳаб ва асл фаъолият доранд.

Дар Тоҷикистон ҳар сол аз сабаби офатҳои табиӣ садҳо одамон, милионҳо сомонӣ ва солҳои зиёди рушди иқтисодӣ нест мешавад. Ба воситаи баҳодиҳии ҳаматарафа фаъолиятҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва тренингҳо оиди омодагӣ ба офатҳои табиӣ, ФОКУС фаъолона таъсироти офатҳоро бо гузаронидани ташаббусҳои мухталиф баҳри омодагӣ ба офатҳои табиӣ, пешгирӣ ва паст намудани оқибатҳои онҳоро кам мекунад.

Усули ФОКУС оид ба идоракунии хавфи  офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон бо истифодабарии системаи ахборотии ҷуғрофӣ ва тарҳрезии хавф сафарбар карда мешавад. Ин системаҳо усулҳои самараноки паст кардани хавфро тартиб медиҳанд, ки онҳоро метавон дар кори ташкилотҳо оид ба рушд ва ташкилотҳои давлатӣ истифода бурда, ва инчунини дигар онҳо метавонанд ба кори ФОКУС оид ба офатҳои табиӣ ёрӣ расонанд.

Аз соли 1997 ФОКУС дар Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон ба зиёда аз 200 офати табиӣ посух дод ва ба минтақаҳои зарардида кумак расонд.

**Барномаҳои иҷрошуда:**

- Лоиҳаи мусоидат ба пурзур намудани ҷомеаҳо алайҳи офатҳои табиӣ дар муҳитҳои дурдасти кӯҳии Тоҷикистон ва Қирғизистон – марҳилаи VII / Маблағгузор - Дафтари кумакҳои башардустонаи Комиссияи Аврупо ва мудофиаи шаҳрвандӣ (DIPECHO), ФОКУС / Давомнокӣ 2012 то 2013 / Қисмҳо - Коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ, омодагӣ ва посухдиҳӣ ба офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи пурзур намудани тахассус ва мониторинги хатарҳои дурдасти геологӣ - марҳилаи 2/ Маблағгузор - Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир, Ҳукумати Швейтсария, ФОКУС / Давомнокӣ 2011 то 2013 / Қисмҳо -Коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ, пурзур намудани тахассус, баҳодиҳии хатарҳо ва посухдиҳӣ ба офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ таввасути паст намудани сатҳи хатарҳои баландкуҳ (PAMIR)/ Маблағгузор - Комиссияи Аврупо, Агентии рушди Австрия, ФОКУС / Давомнокӣ 2011 то 2013 / Қисмҳо - Баҳодиҳӣ ба хатарҳо ва коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи кумаки бебозгашти хазинаи Шоҳзода Садруддин Оғо Хон оиди муҳити зист (PSAKFE)  / Маблағгузор - Хазинаи Шоҳзода Садруддин Оғо Хон оиди муҳити зист / Давомнокӣ июл то декабри 2013 / Қисмҳо - Коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ ва посухдиҳӣ ба офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи молияи хурд дар идоракунии офатҳои табиӣ / Маблағгузор - Департаменти робитаҳои байналмилалӣ, савдо ва рушд, Хазинаи Оғо Хон дар Канада, Бонки молиявии хурд/ Давомнокӣ  сентябр то декабри 2013  / Қисмҳо- Коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи таъмин ва нигоҳдошти лоиҳаҳои митигасионӣ / Маблағгузор - ФОКУС / Давомнокӣ январ то декабри 2013/ Қисмҳо - Коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи фароҳам овардани имкониятҳо дар муҳити бехатар (COSE): Бо ҳам пайвастани идоракунии хатарҳо ва нақшаи рушди шаҳр ва деҳот / Маблағгузор - Ҳукумати Швейтсария, ФОКУС, Хазинаи Оғо Хон / Давомнокӣ 2013 то 2015  / Қисмҳо - Баҳодиҳии муттаҳиди хатарҳо, коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ, ва пурзур намудани тахассус.
- Лоиҳаи мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим дар манотиқҳои кӯҳии Помир дар Тоҷикистон/ Маблағгузор - Департаменти робитаҳои байналмилалӣ, савдо ва рушд, Хазинаи Оғо Хон дар Канада / Давомнокӣ 2014 то 2015 / Қисмҳо - Баҳодиҳии муттаҳиди хатарҳо, омодагӣ ва посухдиҳӣ ба хатари офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи  кумаки бебозгашти сафорати Япония - Лоиҳаи кумак барои ҳифзи инсоният дар сатҳи оммаи васеъ / Маблағгузор - Ҳукумати Япония/ Давомнокӣ апрел то октябри 2014 / Қисмҳо - Коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи молияи хурд дар идоракунии офатҳои табиӣ / Маблағгузор - Департаменти робитаҳои байналмилалӣ, савдо ва рушд, Хазинаи Оғо Хон дар Канада, Бонки Молиявии Хурд/ Давомнокӣ июн то ноябр 2014  / Қисмҳо - омодагӣ ба хатари офатҳои табиӣ.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- Лоиҳаи мусоидат ба пурзур намудани ҷомеаҳо алайҳи офатҳои табиӣ дар муҳитҳои дурдасти куҳии Тоҷикистон ва Қирғизистон – марҳилаи VIII / Маблағгузор - Дафтари кумакҳои башардустонаи Комиссияи Аврупо ва мудофиаи шаҳрвандӣ (DIPECHO), ФОКУС, Хазинаи Оғохон дар Британиеи Кабир, Шабакаи Оғохон оиди рушд / Давомнокӣ 2014 то 2015 / Қисмҳо - Коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ, омодагӣ ва посухдиҳӣ ба офатҳои табиӣ.

**Лоиҳаҳои амалкунанда:**

- Лоиҳаи мусоидат ба пурзур намудани ҷомеаҳо алайҳи офатҳои табиӣ дар муҳитҳои дурдасти куҳии Тоҷикистон ва Қирғизистон – марҳилаи IX / Маблағгузор - Дафтари кумакҳои башардустонаи Комиссияи Аврупо ва мудофиаи шаҳрвандӣ (ECHO), ФОКУС, Миссия Восток, Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи куҳистон дар Қирғизистон, Хазинаи Оғохон дар Британиеё Кабир / Давомнокӣ 2016 то 2017 / Қисмҳо - Коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиии, омодагӣ ва посухдиҳӣ ба офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи беҳсозии ҳамҷояи тандурустӣ ва макони зист (IHHI) / Маблағгузор - Ҳукумати Швейтсария, ФОКУС, Хазинаи Оғо Хон дар Тоҷикистон / Давомнокӣ 2013 то 2016 Қисмҳо - Баҳодиҳии хавф, хатар, ва осебпазирӣ.
- Лоиҳаи таъмин ва нигоҳдошти лоиҳаҳои митигасионӣ / Маблағгузор - ФОКУС / Давомнокӣ январ то декабри 2016/ Қисмҳо - Коҳиши хатарҳо аз офатҳои табиӣ.
- Лоиҳаи кумак ба гурезагон / Маблағгузор - ФОКУС / Давомнокӣ январ то декабри 2016 / Қисмҳо - Кумаки аввалия барои гурезагони афғон дар Тоҷикистон

**Самти барномаҳои оянда**

ФОКУС нақша дорад, то ҳамкории худро бо Ҳукумати Тоҷикистон ҷамоатҳои таҳҷоӣ ва дигар ҳамкорони ғайридавлатӣ дар устувор намудани ҷамоатҳо алайҳи офатҳо ва коҳиши таъсири манфии хатарҳои табиӣ ба одамон, моликияти онҳо ва инфрасохтори муҳим дар Тоҷикистон идома диҳад. Назардошти ФОКУС ин паст намудани хатари офати табиӣ дар ҷамоат ва идора намудани хатари офатҳо дар давлати Тоҷикистон мебошад.

**Дурнамои барномаҳои оянда:**

- Устувор намудани тобоварӣ ба дигаргуншавии обу ҳаво, аз ҷумла таҳдиди фаромадани оби пиряххо,
- Барқароршавии қобилияти посухдиҳии фаврии ҷамоатҳои маҳаллӣ, сохторҳои ҳукуматӣ дар сатҳи вилоят ва миллӣ,
- Омодагӣ ба тарма ва тақвияти системаҳои мухобира дар якҷоягӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Фонди ҷамъиятии "Манзил барои шаҳрвандон - Тоҷикистон" (Habitat)

Тамос: Хонум Самира Шарифхоҷаева
Директори иҷроия
Тел: (+99248) 701 77 74 Факс: (+99248) 701 77 75
Почтаи электронӣ: samira.sharifkhojaeva@habitat.tj
Сомона: www.habitat.tj
Суроға: 734024, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Пушкин 16/6, хонаи 9

**Самтҳои асосии фаъолият**

«Хабитат фо Хюменити» ташкилоти ғайридавлатии байналмиллалест, ки фаъолияти он барои беҳтар гардонидани шароитҳои манзилӣ ва паст кардани сатҳи ниёзмандии аҳоли барои манзил мебошад. Аз лаҳзаи таъсисёбии худ, яъне слои 1976, Хабитат беш аз 800000 адад хонаҳоро дар тамоми ҷаҳон бунёд сохт ва бо ин зиёда за 6 миллион нафар одамонро бо хонаҳои оддию дастрас таъмин намуд.

Дар Тоҷикистон ташкилоти Хабитат соли 1999 таъсис дода шуда, то ба имрӯз бо фаъолияти сохтмонӣ ба беш аз 30000 хонавода, бо роҳи бунёд намудан ва ба итмом расондани хонаҳои сохтмонашон нотамом, таҷдид ва таъмири ҳуҷраҳо, кумак кард. Ташкилоти Хабитат ба 100000 нафар намудҳои гуногуни хизматрасониҳоро расонид ва беш аз 2600 оиларо дар деҳаҳои дурдаст бо оби нушоки таъмин намуд. Беш аз 7000 нафар омузишҳои омодагӣ дар ҳолатҳои фавқулода, иқтисодӣ - молиявӣ, гигена ва саломатӣ ва инчунин техникӣ-касбиро гирифтанд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Барномаҳои қаблӣ ва амалкунандае, ки аз ҷониби Фонд амалӣ мегарданд, инҳо мебошанд:

- Амал намудан ҳангоми офатҳои табиӣ;
- Беҳдошт ва санитария;
- Маркази захираҳо:такмили савияи донишу малака (маълумоти касби-техники), истеҳсоли масолеҳи сохтмон;
- Истифодаи самараноки энергия;
- Машваратҳои ҳуқуқӣ.

**Самти барномаҳои оянда**

Самтҳои минбаъдаи барномаҳои Фонд инҳоянд:

- Амал намудан ҳангоми офатҳои табиӣ;
- Беҳдошт ва санитария;
- Маркази захираҳо:такмили савияи донишу малака (маълумоти касби-техникӣ), истеҳсоли масолеҳи сохтмон;
- Истифодаи самараноки энергия;
- Маблағгузории сохтмони манзил/ҳамкорӣ дар соҳаи маблағгузории хурд.
- Машваратҳои ҳуқуқӣ.
- Хонаи безарар- сохтмони биноҳои истиқоматии аз ҷиҳати энергия самаранок, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар, инчунин мустаҳкам ва устувор.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Фонди Тоҷикистонии Оғо Хон

Тамос: Ҷ-би Ёдгор Файзов
Директори иҷроияи асосӣ
Тел: (+992 37) 2247650 Факс: (+992 37) 2242544
Почтаи электронӣ: yodgor.faizov@akdn.org
Сомона: www.akdn.org
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ 137, бинои "Тоҷикматлубот", ошёнаи 4

**Самтҳои асосии фаъолият**

Фонди Тоҷикистонии Оғо Хон (ФТОХ) як қисми Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд (ТОХР) мебошад, ки аз ҷониби Волоҳазрат Оғо Хон дар соли 1967 таъсис гашта, роҳнамоӣ мегардад. Фаъолияти Фонд дар Тоҷикистон дар соли 1993 аз сафарбаркунии кумак барои кам кардани шиддати камчинии маводи ғизо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (ВМКБ), ки оқибати пошхурии Иттифоқи Шуравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ буд, оғоз шуд. Фонди Оғо Хон барномаи рушди деҳотро бо мақсади сахмгузорӣ ба талошҳо нисбати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар манотиқи зерҳадафи барнома таъсис дод. Барномаҳо дар соҳаи иҷтимоӣ бошанд, дар соли 1994 шуруъ шуда, ҳадаф аз онҳо дастгирии мақомоти маҳаллӣ баҳри идоракунии самараноки захираҳои маҳдуд ва ҳамзамон манфиат гирифтан аз равишҳои нав дар маориф ва ҳифзулсиҳат буд. Дар айни замон Фонд диққати асосии худро ба 4 самт равона кардааст: рушди деҳот, ҳифзулсиҳат, маориф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ. Бисёр ташаббусҳои ФТОХ ба ҳалли масоилҳои бисёрҷабҳа равона карда шудаанд, ки онҳо ба проблемаҳои гендерӣ, рушди гуногунандешӣ, ташаккули захираҳои инсонӣ ва баланд бардоштани огохии ҷомеаро оиди корҳои тараққиёт дар бар мегиранд. Масоҳати ҷуғрофии фаъолияти барномаи Фонди Тоҷикистонии Оғохон тайи солҳои охир васеъ мегардад. Имруз, ФТОХ 32 ноҳияро дар чор минтақаи Тоҷикистон, аз ҷумла ВМКБ, водии Рашт, вилоятҳои Хатлон ва Суғд фаро мегирад. Тавассути самтҳои барномавии худ ФТОХ тақрибан 1,4 миллион нафарро дар бар мегирад.

Қисмати хоси усулу кории Фонди Тоҷикистонии Оғо Хон дар Тоҷикистон дар он мебошад, ки ФТОХ ба души худ уҳдадории дарозмуддатро гирифтааст. ФТОХ фаъолияти худро ба ҷалби грантҳо ва иҷрои барномаҳо бо шариконаш шуруъ намуд. Ҳамин тавр баҳри ҳалли масоилҳои тараққиёти деҳот дар соли 1997 Фонд Барномаи Ҷонибдории Инкишофи Иҷтимоии Манотиқи Куҳистон (МСДСП-ро) бунёд намуд. Дар муддати кутоҳи вақт МСДСП аз як барномаи кумаки башардустона ба як ташкилоти ғайридавлатии соҳибэҳтиром дар мамлакат табдил ёфт. Фонд кушише ба харч медиҳад, ки таввасути равнақ додани бизнеси хурд ва миёна ва савдои байнисарҳадӣ ҷойҳои корӣ ва даромад дар деҳот ташкил шавад. Яке аз фаъолиятҳои МСДСП ин ба роҳ мондани инкишофи соҳаи сайёҳӣ мебошад. Барнома дар зерсоҳаҳое аз қабили Кишоварзӣ ва Идоракунии захираои табиӣ, Соҳибкорӣ ва Дастрасӣ ба сарчашмаҳои молиявӣ (Гуруҳҳои амонатгузории ҷомеаасос, Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ) кор карда, дар вилоятҳои ВМКБ, Хатлон ва водии Рашт фаъолият мекунад. Зерсоҳаи Идоракунии мушорикатӣ дар вилоятҳои Хатлону Суғд, ВМКБ ва водии Рашт фаъол аст. Барнома дар саросари мамлакат ба бештар аз 1.4 миллион нафар хидмат мерасонад.

Шарикону бахрагирандагони асосии Барнома 1,755 ташкилоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, 106 ташкилотҳои ҷамъиятӣ, 11 Иттиҳодияҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, 5 ташкилоти хурди карздиҳӣ ва 247 Гуруҳҳои дорои манфиати муштарак мебошанд. Хукумати маҳаллӣ яке аз шарикони аслии Барнома буда, дар раванди иҷроиши тамоми лоиҳаҳо ширкат дорад. МСДСП ҳамчунин 60 адад Ассосиятсияҳои Истифодабарандагони Об ва зиёда аз 2,600 Гуруҳҳои Амонатии ҷомеаасосро таъсис дода, ба онҳо кумаки машваратӣ мерасонад. Барнома дар чор минтақаи мамлакат фаъолият дошта, 32 ноҳия, 158 ҷамоат ва 1390 деҳаро дар бар мегирад.

Фаъолияти асосии Барномаи Маорифи ФТОХ муҳайё намудани имконот барои кудакон мебошад, то ки онҳо дониш, маҳорату малака ва арзишҳоеро дар худ рушд бидиҳанд, ки барояшон дар оянда барои ҳамчун шаҳрвандони саҳмгузорандаи пешрафти ҷомеа ҳаёти самарабахш ба сар бурдан аҳамият доранд. Ба хотири он, ки дастовардҳои Барнома дар муддати дароз пойдор бошад, ФТОХ қобилияти касбии фаъолиятнокии Донишкадаи Такмили Маълумоти Касби-ро (ДТМК) мустаҳкам намуд ва дар амалисозии барномаҳои худ бо ДТМК ҳамкориҳои зичро барқарор намуд. ДТМК Барномаи Рушди Умумии Мактаб (БРУМ)-ро ба ВМКБ амалӣ карда истодааст, ки ба воситаи усули рушди умумию ҳаматарафа ба беҳтаркунонии сифати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна мусоидат мекунад.

Тамоми макотиби ВМКБ аз фаъолиятҳое, ки таҳти стратегияи Барномаи Рушди Умумии Мактаб, ки барои солҳои 2006 – 2011 барномарезӣ шуда буд, баҳра бурданд. Бештар аз 900 нафар раҳбарони иттиҳодияҳои методӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва миёна дар тули соли 2012 ҳамчун тренер тайёр карда шуда, аз хониби ИТМК кумаки машваратӣ гирифтанд ва барои макотиби наздик ба ҷои кор ва зисташон омузишҳои лозима гузаронданд. Қариб 80% фоизи муаллимон дар маҳалли фаъолияташон ба омузишҳои мавриди ниёз дастрасӣ доштанд. Бештар аз 4,800 нафар муаллимон дар мавзуи методҳои фаъоли таълим аз омузиш гузаштанд. Сохтори Раҳбарони иттиҳодияҳои методӣ дастрасӣ ба рушди малакаҳои касбиро ғайримарказонида шуда, муаллимон дар тули соли 2012 ба имконоти рушди касбӣ дастрасии комил доштанд. Дар соли 2015 Барномаи маориф аз тариқи таҳия кардан ва гузарондани 30 адад омузишҳо ва семинарҳо дар мавзуҳои гуногун ва гузарондани 3 чорабинии менторӣ (кумаки машваратӣ ба муаллимон) дараҷаи дониши тахассусии 1748 омузгорони макотиби ибтидоӣ ва миёна, сарварани шуъбахои методологӣ, тренерони Донишгоҳи такмиди ихтисоси Кулоб ва Шуъбаи марказии Донишгоҳи такмили ихтисоси ҷумҳуриявӣ ва сарварони навтаъини мактабҳои ВМКБ-ро тақвият дод.

Дар соли 2012 Барномаи маориф ба фаъолият оиди ташкили Марказҳои Рушди барвақтии кудак идома дод. Дар тули соли ҳисоботи Барномаи маориф дар ВМКБ 28 Маркази иловагии Рушди барвақтии кудакро дар ВМКБ таъсис дода,

627 кудаки синни томактабиро фаро гирифт. Ин марказҳо асосан дар манотиқи дурафтодаи вилоят, ки кудакон ба марокизи рушди барвақтӣ дастрасӣ надоштанд, таъсис ёфтанд. Дар натиҷаи густариши модели мактабасос ва ҷомеаасос дастрасии кудакони синни томактабӣ аз 9% соли 2009 то охири соли 2015 ба 45% афзоиш ёфт.

Лоиҳаи «Хониши хонаводагӣ барои кудакон» бо кумаки молиявии Барномаи ЮСАИД амалӣ мегардад. Дар тули се соли охир лоиҳаи Хониши оилавӣ барои кудакон дар 246 деҳот густариш ёфта, дар 11 ноҳия (8 дар вилояти Хатлон ва 3 ноҳия дар ВМКБ) фоидабарандагон ба миқдори 28,450 кудакони синни томактабӣ ва 16,073 нафар волидон аз он бархурдор гардиданд. То кунун 52 китобҳои дорои ривоятҳои ҷолиб ва ҷавобгу ба талабот интишор гардида, ба ноҳияҳо ирсол гардиданд.

140 китобхонаҳои хурд дар манотиқи дурдаст ташкил шуда, ба 11 ноҳия бо микдори 800 номгуи китобҳои бачагона ирсол гардида, мавриди истифодабарӣ қарор гирифтанд. Чунин китобхонаҳои кучак асосан барои кудаконе, ки бо сабабҳои гуногун ба хонишу омузиш дастрасӣ надоранд, пешкаш мегарданд.

27 номгуи китобҳо барои бачагон бо тасвиру суратҳои ранга ва чопи босифати муосир, (105,300 адад) бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нашр гардида, ба маҳаллҳо, ки барнома дар он ҷо фаъолият мебарад, равона шуданд.

Дар соҳаи ҳифзулсиҳат Фонд дар амалӣ намудани фаъолиятҳои Хадамоти Оғо Хон оид ба Тандурустӣ ёрии техникӣ мерасонад ва дар таъминкунии маблағ мусоидат мекунад. Барномаи тандурустӣ асосан руи барномаи Тибби оилавӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар ба ҳайси руйкарди асосӣ дар раванди ислоҳоти соҳаи тиб муаррифӣ шудааст, тамаркуз мекунад. Ба мақсади беҳтар намудани сифати хизмати тиббӣ дар сатҳи ҷомеа ва звеноҳои аввалияи тиббӣ дар соли 1997 Барномаи Солимии Ҷомеа оғоз шуд. Дар соли 2006 фаъолияти барнома ба 4 ноҳияи Вилояти Хатлон дар асоси таҷрибаи омухтаи барнома дар ВМКБ вусъат дода шуд. Аз соли 1997 инҷониб яке аз қисматҳои асосии барномаи Ҳифзулсиҳати ТОХР, Барномаи Ҷомеаасоси Тибби Оилавӣ ба ҳисоб меравад, ки яке аз равияҳои афзалиятоки Стратегияи Миллии Солимии Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ( 2010-2020) ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2015, 11 марказҳои тандурустӣ дар ВМКБ, 5 дар вилояти Хатлон ва 10 дар водии Рашт ба маркази Тибби оилавӣ табдил ефта, бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз гардида, ташхис ва ҳамаи шаклҳо ё формаҳо- бланкҳои зарурии тиббӣ дастрас гардиданд.

5 табиби оилавӣ дар водии Рашт, 25 ҳамшираи шавқати тибби оилавӣ дар ВМКБ, 24 ҳамшираи шавқати тибби оилавӣ дар Хатлон, 40 нафар ҳамшираи тибби оилавӣ дар водии Рашт дар муддати шаш моҳ дар мавзуи тибби оилавӣ аз бозомузӣ гузаштаанд.

1,918 кормандони соҳаи тандурустӣ (1,579 мутахассисони соҳаи Тибби оилавӣ, 823 мутахассис ва 756 ҳамшираи тиббӣ) дар он иштирок намуда, дар мавзуъҳои гуногуни дар шаш Маркази омузиши клиникии ВМКБ ва вилояти Хатлон бозомузонида шудаанд.

597 мутахассисони соҳаи тандурустӣ дар ҷои кориашон аз бозомузӣ гузашта дар семинарҳо, мавзуъҳо доир ба касалиҳои фишори хун, дарунравӣ, касалии қанд ва камхунӣ омузонида шуд.

1,030 ҳамшираи тиббӣ дар мавзуи кордонии ҳамшираҳои тибби оилавӣ дар мавзуи тарзи дурусти (“Сузандармонӣ”, “Тадқиқи зондии касалиҳои пешобдон”, “Тадқиқи хун бо таҷҳизоти махсуси глюкометрӣ”, “Нигоҳубини махсус аз беморони дар ҳолати дарози беҳушӣ” ва гайра.) бозомузӣ гузаронида шуда, дар фаъолияти минбаъдаашон ба кор бурда мешавад.

*Барномаи беҳдошти саломатии Модар ва Кудак (MNCH):*

560 нафар мутахасисони соҳа аз нохияхои Шугнон, Ванч ва Дарвоз бозомузонида шуданд.

622 Тарғиботчиёни тарзи хаёти солим дар бораи таваллуди бехавф ва ғизои иловагӣ барои навзод ва эмкунӣ иттилооти бештар гирифтанд.

635 нафар занони ҳомила ва 228 модарони ҷавон дар мактабҳои махсус барои модарони ҷавон дар шаҳри Хоруғ, Рушон, Ишкошим ва Дарвоз дар бораи таваллуди бехавф, муроқибати пеш аз таваллуд, пас аз таваллуди кудак, эмкунӣ ва дар бораи манфиати синамаконӣ ва ғизои иловагӣ иттилооти бештар касб карда, ҳамчунин сузандору гирифтанд.

41% кудакони синни аз 5 моха то 6 сола эм карда шуданд.

Маркази касалихои кудаконаи Бемористони марказии шаҳри Хоруғ ва дигар бемористонҳо бо таҷҳизоти тиббӣ, аз ҷумла бо тарозуи махсуси тиббӣ барои баркашидани вазни кудак, таҷҳизоти махсус барои тоза ва хушк нигоҳ доштани ҳаво дар дохили беморхонахо, рахти хоб барои навзодон, таҷҳизоти гинекологӣ ва колоноскопӣ, ҳароратсанҷҳо ва асбоби ҳаводиҳӣ таъмин гардиданд.

Фонди гардони барномаи доруворҍ, ки аз тарафи Фонд соли 1997 ташкил гардид, ба беморон дастрасиро ба дорувории лозимаи сифатан баланд ва аз лихози нарх паст фарохам мекунад. Дар соли 2015 92% ахолии ВМКБ ба дорувории сифатнок дастрасҍ доштанд.

Системаи Омузиши электронӣ. Аз тарики истифодаи ин система дар соли 2015, 44 омузиш барои кормандон гузаронида шуд. 14 мавзуи омузиши бо кумаки Донишкадаи тиббии Фаронса барои кудакон гузаронида шуд, ки дар он 281 ҳамшираи шафқат иштирок намуданд.

Касалхонаи вилоятии Хоруғ ҳамчунин 36 курсҳои бозомузӣ барои ноҳияҳои Рушон Дарвоз ва Ишкошим гузаронида, дар он 383 ҳамшираи шафқат иштирок намуданд.

485 телеконсултатсия бо Маркази Миллии тиббии шаҳри Душанбе, Донишкадаи тиббии Фаронса барои кудакон ва се касалхонаи нохиявии ВМКБ гузаронида шуд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

812 машварати телерадиологи барои Бемористони марказии шаҳри Хоруғ аз ҷониби Маркази Миллии тиббии шаҳри Душанбе ва мутахассисони сохаи тиби Амрико гузаронида шуд.

Лоиха оиди саратони гадуди сина, ки ьарои аз муоинаи тибби гузарондани занон рохандози гардида буд, дар тули ду сол 36706 нафар занони синни зоймонро аз муоина гузаронда, 68 нафаро инхо барои идомаи ташхис ба маммограма ва 31 нафарошон ба ташхиси ултрасадои фиристонда шуданд ва 44 нафар занон барои табобат ба шуъбаи онкологи фиристонда шуданд.

Барномаи Ҳифзулсиҳати ФТОХ барои таъсис додани Маркази Ташхисии Хоруғ нақшаҳои дарозмуддат дорад, ки ин ба беҳтаргардонии сифати ташхис ва табобат дар ВМКБ ва ноҳияҳи сарҳадии Афғонистони Бадахшон мусоидат менамояд

Маркази ташхиси Хоруғ, ки моҳи октябри соли 2012 ба фаъолият шуруъ кард. Дар соли 2015, 45,119 мариз аз хизматрасонии Маркази минтақавии ташхиси касалиҳои шаҳри Хоруғ бархурдор шуданд. 97,845 намуди хизматрасонӣ аз ҷумла ташхиси рентгенӣ, ташхиси ултрасадо, ғадуди сина, томографияи компютерӣ, ташхиси хун ва дигар хизматрасонии босифати тиббӣ пешкаш гардид. Намуди нави архив ё нигоҳ доштани суратҳои ташхисӣ ва робитаву мубодила бо дигар марказҳо таъсис шуд, ки кори табибонро чанд маротиба пурсамар мегардонад.

Зиёда аз 2,135 маризони афғон аз ҷониби 110 нафар табибони тоҷик дар ҳолатҳои фавқуллодаи тиббӣ ташхис ва табобат шуданд.

347 бемор аз тарафи табибони тоҷик дар маркази саломати аз амалиёти ҷарроҳӣ гузаштанд.

112 нафар дар Точикистон аз хизматрасонии тиббӣ бахравар гаштанд.

Маркази минтақавии ташхиси касалиҳои шаҳри Хоруғ 1,694 ташхиси диагностиро барои беморони афғон анҷом дод.

Касалхонаи нохиявии нохияи Шамсиддини Шохин барои таквияти зарфияти хидматрасони ба маризони афгон бо тачхизоти чаррохи таъмин гардид.

*Маркази дандонпизишкии шаҳри Хоруғ:* Маркази дандонпизишкии шаҳри Хоруғ дар соли 2013 таъсиси ёфта, борои аҳоли хизмати босифати тиббӣ мерасонад. Дар давоми давраи ҳисоботи МДХ ба 7,809 нафар хизмати тиббӣ расонд.

<u>Маркази тибби ва ташхисии шахри Душанбе. аз чониби Фонди Огохон ва Хадамоти Огохон оид ба тандурусти мохи октябри соли 2015 таъсис ёфта, ба фаъолият огоз кард ва то охири сол ба 1,593 нафар хидмати тибби расонд.</u>

Барномаи Ҷомеаи Шаҳрвандӣ (БҶШ) дар соли 2006 ташкил шуда, мақсади он аз он иборат аст, ки бо мурури замон бояд теъдоди зарурии ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷиҳати миқдор, мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва силсилаи фаъолиятҳо ба вуҷуд биёянд, то ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ба рукнҳои зарурии зиндагии аҳолӣ таъсири мусбат расонад. Барномаи мазкур рукни ҷудонашавандаи ташкилоти ТОХР мебошад, ки мақсади ниҳоияш инкишоф додани сатҳи зиндагӣ; имконияти баробар доштан ба донишомузӣ; тандурустӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ; рафтори аҳлоқи, роҳбарияти хуб, гуногунандешӣ ва сулҳу осоиштагӣ мебошад. Соли 2013 Барномаи Ҷомеаи шаҳрвандии Фонди Оғо Хон лоиҳаи “Тақвият бахшидани хомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон” ро амалӣ намуд. Ҳадафи лоиҳа тақвият бахшидани ҳамкории институтҳои Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд, беҳтар намудани иқтидори ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, баландбардории огоҳии аҳолии оиди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ба хотири рушди мамлакат аст. То охири соли 2013 тавассути амали намудани чор лоиҳа Хазинаи Оғо Хон дар 15 мактаби ВМКБ Ассосиатсияи Волидону Омузгорон ва Шурои донишҷуёнро созмон дода, зарфияти онҳоро таҳким бахшид. Ҳамчунин Барномаи ҷомеаи шаҳрвандӣ зарфияти 30 Созмони ғайридавлатиро дар масоили ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон таҳким бахшида, 116 донишҷуро аз 7 донишгоҳи кишвар ба омузишхо оиди ҷомеаи шаҳрванди фаро гирифт ва дар шаҳри Хоруғ 18 Кумитаи маҳаллиро созмон дод. Дар соли 2014 баҳри пешбурди ҷомеаи шаҳрвандии воқей ва арзишманду дорои ҳадафҳои иҷтимой, диққати Барномаи мазкур ба чор бахши муҳимтарин барои пурзур кардани ҷомеаи шаҳрвандӣ нигаронида шуда буд: Муҳити созгор, тавонмандсозӣ ва устувории ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, идоракунии муштарак баҳри пешрбурди иҷтимой ва иқтисодӣ.

Фаъолиятхои асосии Барнома дар соли 2015:

<u>Тақвияти иқтидори ҷомеаи шаҳрвандӣ барои тавонмандсозии ҷомеа бо максади паст кардани сатҳи камбизоатӣ</u>

- Зарфияти 420 нафар мард ва 115 нафар зани аъзои Ташкилотхои ҷомеаи шаҳрвандӣ лар самти банакшагири, таҳкими ташкилот ва хисоботдихии мутакобила таквият ёфт.
- Шурои ҳамоҳангсозии рушди вилояти таъсис ва дар ҳамкории зич бо мақомоти ВМКБ тақвият ёфт.
- Бо максади таъмини иштироки баробар, муколамаи фарогир дар афзалият бахшидан ба эҳтиёҷоти ҷомеа дар ВМКБ гуруҳҳои кории иборат аз чор бахш: оид ба саноат ва рушди соҳибкорӣ, инфрасохтор, кишоварзи ва ҳолатҳои фавқулодда ва гуруххои ичтимои бо иштироки мақомоти маҳаллӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсис гардиданд.

<u>Дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ барои халли масъалаи тағйири иқлим дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Афғонистон</u>

- 30 Ташкилоти деҳа дар Тоҷикистон ва 15 шурохои рушди ҷомеа масъалаи тағйирёбии иқлимро барои баланд бардоштани устувории ҷомеа ҳамчун ҷузъи муҳими стратегияи маҳаллӣ ба Накшаи рушд ворид карданд.
- 5 Кумитаи истифодабарандагони об - 2 дар ВМКБ ва 3 дар Афғонистон барои таъмини тақсимоти муассири об ва пешгирии низоъҳо дар ҷамоатҳои наздисарҳадӣ таъсис гардиданд.
- Дар 9 мактаб бо чалби беш аз 1000 нафар талаба маъракаҳои идоракунии муҳити зист ва партовҳо гузаронда шуда, оиди тағйирёбии иқлим, мушкилоти зистмухити, мудирияти партовҳо ва шинондани дарахтони ба хушкӣ тобовар иттилооти зарури дода шуд.
- 25 гармхонаҳои сайёр барои парвариши сабзавот ба ҷамоатҳои ниёзманд дода шуданд.

Аз соли 2002 ФТОХ сохтмони 5 купрукро аз болои дарёи Панҷ дар Тем, Дарвоз, Ишкошим, Ванҷ ва Шурообод анҷом дод, ки онҳо манотиқҳои дурдасти Тоҷикистон ва Афғонистонро бо ҳам мепайванданд. Дар соли 2013 сохтмони пули


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Шурообод ба анҷом расида, 75 000 нафар бошандагони Хоҳони Афғонистон ва вилояти Хатлони Тоҷикистонро ба ҳам пайваст.

*Бозорҳои наздисарҳадӣ.* Сохтмони бозорҳои Шурообод ва Тем моҳи майи соли 2015 ба итмом расид.

Лоиха оиди безтаркунии шароити бозори наздисархадии Ванч: то охири соли 2015 хати интиколи барк сохта шуда, бозор аз барк таъмин гардид. Сохтмони бозори тобистона, чойхонахо барои мардон ва занон ва хати оби ошомидани идома дошта, то мохи майи соли 2016 ба итмом мерасад. Бахрагирандагони асосии лоихаи мазкур савдогарон ва харидорони манотики наздимарзии Точикистону Афгонистон ба шумор меравaнд.

Лоихаи сохилмустахкамкуни дар дехаи Вамар ва сохтмони канал дар дезаи Баррушони нохияи Рушон: Лоиха дар охири соли 2015 анчом ёфт ва дамба бо дарозии 660 меот чараёни дарёи Панчро тагйир дода, зиёда аз 200 гектар заминро аз хатари обхези ва шусташави мухофизат карданд. Хамчунин лоиха барои азхуд кардани 70 гектар заминхои нав шароит фарохам овард. Дар мачмуъ 785 хочаги (такрибан 3,925 нафар) дар дехаи Вамар аз фаъолияти лоиха фоида диданд. Сохтмони канали Баррушон сатхи обхои зеризаминиро кохиш дода, барои 10 хочагии ин деха имкони истифода аз заминхои иловагиро фарохам овард.

*Барномаи байнисарҳадии энержӣ.* Дар давоми 7 сол барномаи байнисарҳадии Памир Энержи 10,000 хонавода ва 100 муштариёни ҳукуматӣ ва муассисаҳои тиҷоратиро ба шабакаи барқӣ пайваст намуд.

*Барномаи байналмилалии идрор.* Ҳар сол Фонди Оғо Хон барои теъдоди маҳдуди довталабони соҳибистеъдоди мамлакат барои идома додани таҳсил дар донишгоҳҳои хориҷа стипендия медиҳад. Дар соли 2015 ду нафар довталаб барои таҳсил лар сатҳи Магистри дар риштаи тандурустӣ соҳиби идрор гардиданд.

**<u>Барномаҳои пешина ва амалкунанда</u>**

Дар солҳои аввал диққати Барномаи Рушди Деҳот ба таъмини бехатарии ғизо, ҳосил ва ҳосилнокӣ тавассути дастрасӣ ба маводи кишт ва омузиш, гуногуншаклии кишоварзӣ равона карда шуда буд.

Барнома 1725 Ташкилоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, 105 Ташкилоти ҷамъиятӣ, 11 адад Ассосиатсияҳои Ташкилотҳои ҷамъиятӣ, зиёда аз 70 Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, 5 Ташкилоти хурди қарздиҳӣ, зиёда аз 2,600 Гуруҳҳои амонитгузории ҷомеаасос, 247 Гуруҳҳои дорои манфиатҳои муштарак, 5 адад Ассотсиатсияҳои тухмипарварӣ, се адад Кооперативи кишоварзӣ, се адад стансияҳои хизматрасониҳои техникӣ, нуҳ адад стансияҳои ветеренарӣ, се адад маркази хидматрасонии агрокимиёвӣ, 27 Маркази хидматрасонии рушди соҳибкорӣ, 2 адад ассотсиатсияҳои Дастони моҳир ва Ассотсиатсияи туристии Помирро ташкил намуда, иқтидори онҳоро тақвият бахшид.

Бештар аз 5,000 барномаҳои сохтмонӣ амалӣ карда шудаанд. Баъдтар барнома фаъолона сокинони деҳотро дар коркард ва бозоррас намудани маҳсулотҳояшон дастгирӣ кард. Фаъолияти байнисарҳадӣ ва рушди туризм, таъсис додани марказҳои машваратии соҳибкорӣ ва гуруҳҳои амонатии ҷомеасос, беҳтар намудани истифодабарии захираҳои табиӣ фаъолияти асосии ҳозира ба шумор меравад. Барномаи Рушди деҳот дар соли 2013 ба 50 деҳа дар сохтмони хати оби ошомиданӣ кумак намуда, дар солхои 2012 ва 2013 636 ҷои корӣ (144 ҷои кори доимӣ) таъсис дод. Сохторҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ шарикони боэътимоди МСДСП буда, дар кори амаликунии лоиҳаҳои марбут ба Идоракунии муштарак ва лоиҳаҳои дигар ҳаматарафа кумак менамоянд. Барнома дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат, дар 32 ноҳия фаъолият дорад.

Донишкадаи Такмили Маълумотии Касбӣ амалӣ намудани Барномаи рушди умумии мактаб (БРУМ) дар қаламрави ВМКБ ба охир расонд. БРУМ дар худ фаъолиятҳои омузонидани муаллимони синфҳои ибтидой ва миёна оиди методҳои нави дарсдиҳӣ, беҳтар намудани идоракунии мактаб, фаъолиятҳои менторӣ, ташкил намудани Маркази захираҳои омузишӣ ва ҷалби ҷомеа ба мактабро дар бар мегирад.

Хадамоти Оғо Хон оид ба тандурустӣ дар солҳои аввал асосан Барномаи солимии ҷомеаро амалӣ намуда, диққати асосиро ба иваз намудан аз хизмати табобатии бемористонӣ ба пешгирии касалиҳо дар сатҳи ҷомеа равона намуд. Барнома инчунин ҳамаи қишлоқҳои ВМКБ-ро бо дорувории арзон ва босифат таъмин намуд.

**<u>Самти барномаҳои оянда</u>**

Мақсади стратагияи нави Барномаи рушди деҳот ин дастгирӣ намудани муносибатҳои нав дар идоракунии захираҳои табиӣ таввасути равнақ додани системаи ҷомеавӣ дар идоракунии захираҳои табиӣ, таъмин кардани дастрасӣ ба технологияи нав ва маводи кишт, пурзур намудани рушди иқтисодии деҳот ва дастгирии рушди соҳаи туризм дар сатҳи ҷомеа мебошад. Нуқтаи муҳими стратегияи ҷадид ин сарфа намудани энергия ва беҳтар намудани шароити зист мебошад.

Дар солҳои 2012-2017 сохтори мураббии мактабӣ мукаммал ва таҳким ёфта, ташаббус оиди такмил додани мактабҳо ба таври амиқ ба роҳ монда мешавад. Дар солҳои оянда инчунин дар доираи стратегияи мазкур рушди минбаъдаи педагогикаи муосир ба нақша гирифта омузиш дар асоси тадқиқот ва усулҳои интерактивӣ ДТМК ёрии худро ба муаллимони Афғонистон давом медиҳанд.

Тибби оилавӣ ба ҳамаи ноҳияҳои ВМКБ ва 3 ноҳияи Хатлон тавассути омузондани духтурон ва ҳамшираҳои шафқати тибби оилавӣ, таъмир ва таҷҳизкунии бунгҳои тиббӣ паҳн карда мешавад. Пурзур намудани шуъбаи ташхисии беморхонаи шаҳри Хоруғ ва тақвияти рушди соҳаи тандурустӣ дар ВМКБ ва 3 ноҳияи вилояти Хатлон дар назар дошта шудааст. Фонди Оғо Хон бо мақсади баландбардории дарахаи тахассусии кормандони соҳаи тибби мамлакат ва Бадахшони Афғонистон се беморхони ноҳиявии ВМКБ ва се маркази тиббии Бадахшони Афғонистонро ба василаи системаи Омузиши электронӣ бо Касалхонаи вилоятии шаҳри Хоруғ пайваст мекунад. Ҳамчунин Маркази тиббии Қараболо низ ба система шомил мешавад.

Барномаи Ҷомеаи Шаҳрвандӣ -таъмин намудани дастрасии Ташкилотҳои Ҷомеаи Шаҳрвандиро ба омузишҳо таъмин намуда, ва дар оянда ҳамкориҳои фаъолро бо ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ мемонад.

Бештар аз 4000 хонаводаи Бадахшони Афғонистон аз хизматрасониҳои ширкати Помир Энерҷӣ баҳра мегиранд. Сохтмони 12 барномаҳои ирригатсионӣ дар 3 соли оянда ба нақша гирифта шудааст. Фонди Оғо Хон нақша дорад, ки

фаъолиятҳои бештареро берун аз қаламрави ВМКБ ба роҳ монад. Дар водии Рашт Барномаҳои Рушди деҳот, Тандурустӣ ва лоиҳаҳо оиди коҳиш додани хатари ҳодисаҳои табиӣ амалӣ карда шуда, дар вилояти Хатлон (лоиҳаҳо оид ба рушди иқтисоди деҳот, маориф ва тандурустӣ ва такмили самаранокии худидоракунии маҳаллӣ) фаъолияти густурдатареро роҳандозӣ хоҳанд кард.

*ТҒД*

# Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф, Тоҷикистон

Тамос: Ҷ-би Азиз Батада
Директори иҷроия
Тел: (+992 35) 222 2410 Факс: 35 222 2410
Почтаи электронӣ: akes.khorog@akdn.org
Сомона: www.akdn.org
Суроға: 736000, Тоҷикистон, ш. Хоруғ, куч. Ленин 50

**Самтҳои асосии фаъолият**

Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф (ХОМ) чун ҷузъи Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд, ташкилоти бедаромад мебошад. Фаъолияти Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф ба пешниҳод намудани таълими босифат равона гардида, он беш аз 250 силсилаи мактабҳоро, сар аз муасиссаҳои таълимии томактабӣ то ба маълумоти миёнаро идора мекунад. Зиёда аз 50,000 нафар хонанда дар мактабҳои 11 кишварҳои ҷаҳон ба мисли Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш, Кения, Уганда, Танзания, Мадагаскар, Сурия, Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Афғонистон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф (ХОМТ) соли 1995 таъсис дода шуда илова ба идоракунии литсейи Оғо Хони шаҳри Хоруғ, ки дар он ҳамасола беш аз 1000 хонанда таҳсил мекунанд, инчунин барқарорсозии шаш мактаби давлатӣ, такмили барномаҳои таълимии онҳо ва раванди таълим дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (ВМКБ) анҷом дода шуда буд. Пешниҳоди идрорҳо барои гирифтани маълумоти олӣ ва унвонҳои илмӣ дар Тоҷикистон ва берун аз он яке аз самтҳои дигари фаъолияти ХОМТ ба шумор меравад.. Инчунин Барномаи Имдоди Кудакистонҳо ва Барномаи Имдоди Маориф низ аз ҷониби ХОМТ роҳандозӣ гардида истодааст.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Соли 2002, Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф дар ҳамкорӣ бо Фонди Тоҷикистонии Оғо Хон, Барномаи Мактабҳои Ҳамкорро баҳри беҳтарсозии стандартҳои маориф дар шаш мактаби давлатии ВМКБ роҳандозӣ намуд. Мақсади асосии барнома рушди касбии омӯзгорони мактабҳои ҳамкор, пешкаш кардани усулҳои пурсамари роҳбарии мактаб, ташкили Марказҳои Мавод ва манбаъ ва беҳтар кардани шароити мактабҳоро дар назар дошт.

ХОМТ тренингҳоро оид ба усулҳои нави омӯзиш дар мактабҳои ҳамкор анҷом дод, ки ин тренингҳо аз ҷониби омӯзгорони литсейи Оғо Хон амалӣ гардонда шуданд, ки дар он мактаб аллакай ин усулҳоро истифода мебаранд. Семинарҳои баъдина оид ба сарварӣ бо мақсади ҷорӣ намудани усулҳои нисбатан босамари идора дар мактабҳо анҷом дода шуданд. Дар айни ҳол, беш аз 400 нафар омӯзгорон ва 30 нафар роҳбарони мактаб, аз ҷумла 3,500 нафар хонандагон аз ин фаъолиятҳо баҳра бурданд. Анҷом додани амалҳои дар боло зикргардида ба беҳтар шудани давомоти хонандагон мусоидат намуда, натиҷаҳои дохил шудан ба мактабҳои олиро беҳтар гардонд.

Ҳар сол Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф барои гирифтани маълумоти олӣ ва унвонҳои илмӣ дар Тоҷикистон, инчунин берун аз он қарзҳои бебозгашт-идрорпулиро пешниҳод менамояд. Аз соли 1993 Барномаи Тоҷикистонии Идрорпулиҳо, ки аз ҷониби Фонди Тоҷикистонии Оғо Хон маблағгузорӣ шуда аз ҷониби Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф идора карда мешуд, ба зиёда аз 297 нафар донишҷӯёни Тоҷикистонӣ имконияти гирифтани маълумоти олии босифат дар Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистонро фароҳам овард. Беш аз 70 нафар гирандагони идрорпулӣ имконияти давом додани таҳсилашонро баъди хатми донишгоҳ барои гирифтани унвонҳои илмӣ пайдо намуданд.

Соли 1998, Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф Литсейи Оғо Хонро ҳамчун нахустин мактаби ғайридавлатӣ дар ВМКБ таъсис дод. Дар Литсейи Оғо Хон зиёда аз 980 нафар хонандагон аз синфи 0 (синфи тайёрӣ) то синфи 11 таҳсил мекунанд, дараҷаи дохилшавӣ ба донишгоххои беҳтарини зиёда аз 98 фоизро ташкил менамояд. Таҳсил дар литсейи мазкур хонандагонро натанҳо ба таълими босифат ва омодасозии онҳо барои таҳсил дар мактабҳои олии номдор водор мекунад, балки боз кӯшишу ғайрати онҳоро ба хостагирӣ ба ривоҷ додани усулҳои нави таҳсил равона месозад, ки он метавонад яке аз шаклҳои беҳтарини таҷриба дар Тоҷикистон бошад.

Нақшаи таълимии литсейи Оғо Хон бо се забон: англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ пешниҳод гардида, ба муносибатҳои хонанда, малакаҳои фикронии интиқодӣ, инчунин созандагӣ ва маҳорати ҳалли мушкилотро ривоҷ медиҳанд. Диққати махсус ба омӯзиши забони тоҷикӣ ва инкишофи донишу арҷгузорӣ ба арзишҳои бойи таърихии кишвар дода мешавад.

Маҳфилҳои беруназсинфӣ, форуми наврасон ва урдугоҳи тобистонаи ХОМТ дар инкишофи қобилият, маҳорату малакаи амалии хонандагон кумак мерасонанд. Барномаи маҳфилҳои мухталиф, аз қабили театр, рақс, варзиш, бизнес, омӯзиши забони англисӣ, математикони ҷавон, навобардорӣ ва худидоракунии дохилимактабӣ имконият барои татбиқи донишҳои назариявӣ дар ҳаёти ҳарруза медиҳанд. Инчунин урдугоҳи тобистона ташкил карда мешаванд, ки мақсади асосии онҳо дар хонандагон такмил додани малакаҳои роҳбарӣ, плюрализм ва хизмат намудан ба ҷомеа мебошад. Ҳар сол зиёда аз 550 хонанда дар маҳфилҳо, зиёда аз 220 хонанда дар форуми ҷавонон ва зиёда аз 100 нафар хонандагон дар урдугоҳи тобистона иштирок менамоянд. Ба ғайр аз хонандагони литсеи Оғо Хон хонандагон аз мактабҳои дигар низ иштирок менамоянд.

ХОМТ Барномаи Имдоди Кудакистонҳоро дар ноҳияҳои , Шуғнон, Роштқалъа, Рӯшон ва шаҳри Хоруғ ташкил карда пеш бурда истодааст. ( 975 кӯдак, 58 нафар омӯзгорон ва мураббиён).

Барномаи Имдоди Таълим иқдоми дигари ХОМТ мебошад, ки мақсади он ғанисозии донишҳои математикӣ ва забони англисии хонандагони МТМУ-и ноҳияҳои Дарвоз, Рушон, Шуғнон, Ишкошим ва Рошткалъа мебошад. (500 хонанда, 26 омузгор)


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

**Самти барномаҳои оянда**

Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф нақша дорад барномаҳои таҳсилоти томактабиро дар Тоҷикистон инкишоф диҳад. Омодасозии кадрҳо ва пурзур намудани барномаҳои пилотӣ барои лоиҳаи мазкур яке аз мақсадҳои асосӣ ба шумор меравад.

Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф инчунин ташкил кардани мактабҳои хусусиро дар Тоҷикистон ба нақша гирифтааст.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Хадамоти Оғо Хон оид ба тандурустӣ дар Тоҷикистон

Тамос: Д- р Махбат Бахромов
Директори иҷроия
Тел: (+992 35) 222 30 18 / 65 80
Факс: 335 222 3128
Почтаи электронӣ: mahbat.bahromov@akdn.org
Сомона: www.akdn.org
Суроға: 736000, Тоҷикистон, ш. Хоруғ, куч. Азизбек 22, Бинои Дустӣ, ошёнаи 3-юм

**Самтҳои асосии фаъолият**

Аз сабаби он ки Хадамоти Оғо Хон оид ба тандурустӣ (ХОХТ) дар ҳудуди калони ҷуғрофии Осиёи Миёна ва Ҷанубӣ, инчунин дар Африқои Шарқӣ барномаи тандурустии ҷомеаро амалӣ мегардонад ва дорои беш аз 200 муассисаи тиббӣ, аз ҷумла 9 беморхона буда, он яке аз қисматҳои васеи ғайрифоидаовари хусусии тандурустӣ дар ҷаҳони мутараққӣ ба ҳисоб меравад. ХОХТ, ки ба кушишҳои Ҷомеа оид ба масъалаҳои тандурустӣ дар нимаи аавали асри XX асос ёфтааст, дар айни замон ба зинаи аввали тандурустӣ ва хадамоти табобатию тиббӣ дар Афғонистон, Ҳиндустон, Кения, Покистон ва Танзания кумак мерасонад, инчунин ба ҳукумат дар таъмини хадамоти тандурустӣ дар Кения, Сурия ва Тоҷикистон кумаки техникӣ мерасонад.

Фаъолияти асосии ХОХТ дар айни замон иборат аст аз:

- Кумак ба ҷомеаҳо дар рушд, идора ва дастгирии системаи тандурустии ба онҳо лозим;
- Пешниҳод намудани ёрии тиббии дастрас дар муассисаҳои ҳозирзамон, босамар ва фоидаовар;
- Кори муштарак бо агентиҳои дигар дар соҳаи рушди ҷомеаҳо ва беҳтар кардани вазъи саломатии онҳо;
- Омӯзондани духтурон, ҳамшираҳои тиббӣ, инчунин дигар кормандони тиббӣ;
- Пурзур намудани хизматрасонии тиббӣ;
- Анҷом додани таҳқиқи муҳите, ки дар он муассисаҳои ХОХТ ҷойгир шудаанд;
- Саҳмгузорӣ дар рушди сиёсати миллӣ ва байналмилалии тандурустӣ;
- Беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасонии тиббии баландсифат барои аҳолии Бадахшони Афғонистон ва Бадахшони Тоҷикистон тавассути барномаҳои байнисарҳадӣ (Барномаҳои байнисарҳадии тандурустӣ. Маркази ташхисии минтақавии ш.Хоруғ).

Дар муносибати ХОХТ нисбат ба системаи тандурустӣ, Кумаки аввалияи тиббию санитарии ХОХТ ва пешгирӣ ҳамчун қадамҳои нахустин ба суи беҳтарсозии мақоми тандурустӣ шуморида мешаванд, ки бояд бо хадамоти аълосифати тиббӣ робитаи қавӣ дошта бошанд. Барои пурра кардани фаъолияти худ дар соҳаи КАТС, ХОХТ хизматрасонии табобатиро дар муассисаҳо, аз диспансерҳо ба воситаи марказҳои тиббӣ сар карда, то беморхонаҳои бисёрҷониба пешниҳод менамояд. Дар ҳар зинаи хизматрасонӣ ХОХТ ба пешниҳод намудани хизматҳо, ки ба он ҷомеаҳо эҳтиёҷ доранд, аҳамияти махсус медиҳад, инчунин ба созмон додани робитаҳои мутақобила дар дохили системаи мазкур низ аҳамияти махсус дода мешавад. Ҳамчун илова ба суханони дар боло зикригардида, ХОХТ кафолати сифати хизматрасониро мақсади худ интихоб намудааст, ки он сатҳи стандартҳои маҳаллӣ, назорати сифати ташхисҳои лабораторӣ, ташхисҳои лозима, ҳуҷҷатгузории лозима оид ба омори тиббӣ, мунтазам бо доруворӣ таъмин намудан ва омузиши муттасили духтурон ва ҳамшираҳои шафқатро каме боло мебардорад, ки он таҷрибаро ХОХТ дар муносибати худ ба рушди муташаккил махсусан қайд мекунад.

Барномаҳои тандурустии ҷомеаи ХОХТ барои фарогирии гурӯҳҳои осебпазири ҷамъият, хусусан занони синну соли қобили таваллуд ва кудакон бо ёрии усулҳои сарфакоронаи маъмул: эмгузаронӣ, нигоҳубини доимии пеш аз таваллуд, таваллуди бехатар, табобати дарунравӣ бо истифода аз намаки регидрататсионӣ кушиш мекунанд. Кор бо марказҳои ҷамъиятии тандурустии дохилии ХОХТ самараи кори КАТС-ро дар беҳтарсозии сатҳи тандурустӣ ва фоидаоварии он тасдиқ мекунад.

Хадамоти Оғо Хон оид ба Тандурустӣ (ХОХТ) бо ҷонибдорӣ аз тарафи Раёсати Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ дар амал татбик намудани лоиҳаи барномаҳои оид ба **Саломатии ҷомеавӣ ва тибби оилавӣ** дар ВМКБ, се ноҳияи вилояти Хатлон (Муминобод, Ховалинг ва ноҳияи Шоҳин) ва инчунин ноҳияи Рашт. ***Компоненти якуми*** барнома ин дар амал татбиқ намудани тибби оилавӣ. Дар давоми шаш моҳи соли 2016, 8 маркази тибби оилавӣ аз таъмир ва 2 маркази саломатӣ дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ пурра аз нав сохта шудаанд. Ҳамагӣ 11 марказҳои тибби оилавӣ бо тамоми таҷҳизоти ҳозиразамон таъмин шуданд. Аҳолии ВМКБ 210,630 ташкил медиҳад ва 59% (125,146) аҳолӣ хизматрасонии тибби оилавӣ дастрас гардид. 7 марказҳои тибби оилавии ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон аз таъмир бароварда бо тамоми таҷҳизоти ҳозиразамон таъмин шуданд. 81,5% (113,774) аҳолии се ноҳияи вилояти Хатлон хизматрасонии тибби оилавӣ дастрас гардиданд. Ҳамагӣ 7 марказҳои тибби оилавӣ кушода шудаанд аз он ҷумла 2 дар вилояти Хатлон аз тарафи Хукумати ноҳияи Муминобод ва панҷ дар ВМКБ аз ҷониби ташкилоти ғайридавлатии JICA сохта шуда ва аз тарафи ХОХТ таҷҳизонида ва кормандонашонро аз курсҳои 6 – моҳаи бозомузии тибби оилавӣ гузаронданд. Ҳамагӣ 49 табиб ва 286 ҳамшираи тиббӣ дар ВМКБ ва 21 табиб ва 126 ҳамшираи тибби оилавии вилояти Хатлон курсҳои 6 –моҳаи тибби оилавиро хатм намуданд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

***Компоненти дуюми*** барнома ин дар амал татбиқ намудани консепсияи Худидоракунии Клиникӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи коркунони тиб барои таъмин намудани хизматрасонии сифатнок. Гузаронидани Аудити Клиникӣ мувофиқи нақша барои таъмин намудани хизматрасонии тиббии сифатнок ва натиҷаҳо бо протоколҳои стандартӣ муқоиса карда шавад. ***Компоненти сеюм,*** барои баланд бардоштани сатҳи дониши аҳолӣ дар масъалаҳои тиббӣ. ***Компоненти*** чорум - Кисмати Фармасевти, ки мақсадаш равона аст ба таъмини дастрасии тамоми аҳолии вилоят ба доруворий асосии босифат ва бо нархи нисбатан пасттар. ***Компоненти панҷум,*** Маблағгузории ҷамоавии соҳаи тандурустӣ (МҶСТ), бо муваффақият таъсис додани барномаро илова дар 24 Ташкилоти Деҳотӣӣ (ТД) дар бар мегирад: 6 дар нохияи Рушон, 3 дар ноҳияи Ишкошим, 13 дар Шуғнон ва 2 дар нохияи Мургоб.. Хозир барнома дар 77 ТД фаъолият мекунад: 40ТД нохияи Рушон, 13 ТД дар нохияи Мургоб, 13 дар ноҳияи Шуғнон ва 11 ТД дар нохияи Ишкошим фаъолият мекунад. ХОХТ маркази Иммунопрофилактикии Вилоятиро бо мақсади гузаронидани эмкунӣ дар н. Мурғоб ва Бартанг бо сузишворӣ таъмин намуд.

Дар айни замон 547 нафар кормандони ихтиёрии тиббӣ (КИТ) дар ВМКБ ва 550 КИТ дар Вилояти Хатлон омӯзонда шудаанд ва бо масъулияти баланд дар байни аҳолӣ кор ва фаъолият бурда истодаанд. Ҳамагӣ аҳолии ВМКБ 203,704 ташкил мекунад. Коркунони Ихтиёрии Тиб 5,796 семинарҳои омузишӣ барои 52,022 (28,739 мард ва 23,285 зан), ки 26% аҳолии вилоятро ташкил медиҳад гузаронданд. 20,031 аҳолӣ (5,071 мард ва 14,060 зан) дар масъалаҳои Тибби Оилавӣ иштирок кардаанд, ки 9% аз тамоми аҳолии н. Рушон, н. Ишкошим. н. Ванҷ, Дарвоз, н. Мурғоб, н.Рошткала, н. Шуғнон ва ш. Хоруғ (210,630) ташкил медиҳад. Дар вилояти Хатлон 23,724 семинарҳои омузишӣ оиди мавзууъҳои гуногуни тиббӣ байни 135, 622 аҳолӣ гузаронида шудаанд, ки 71 % тамоми аҳолии се ноҳияи вилояти Хатлонро ташкил медиҳад.

368 нафар корманди КАТС-и ВМКБ дар мавзуҳои гуногун: беморий баландшавии фишори хун, ошкоркунии барвақтии саратони ғадуди сина ва гарданаки баччадон, диабет, эмгузаронӣ ва тозагӣ ва бехдоштӣ тайёр карда шудаанд. 24 табибони ноҳияҳои Вилояти Хатлон дар мавзӯҳои гуногун, аз ҷумла 2 ТоТ оиди ошкоркунии барвақтии саратони ғадуди сина ва гарданаки баччадон омузонида шудаанд. 164 командони МКАТС-и ноҳияҳои Муминобод, Ховалинг, Шурообод (18 табиб, 143 ҳамшираи тиб ва 13 фармасевт) аз омузишҳои оид ба беморий баландшавии фишори хун, ошкоркунии барвақтии саратони ғадуди сина ва гарданаки баччадон, диабет, эмгузаронӣ ва тозагӣ ва бехдоштӣ гузаштанд. .

Кори ҳамширавӣ дар Касалхонаи вилоятии шаҳри Хоруғ беҳтар карда шуд ва барои баланд бардоштани тахассуси касбии ҳамшираҳои шафқат тренингҳо гузаронида шудаанд. Дар чорчубаи барномаи Модар ва Кӯдак ХОХТ 162 (138 зан ва 24 мард) коркунони тиббии Муассисаҳои Кумаки Аввалияи Тиббӣ (МКАТС) дар масъалаҳои Эмкунӣ, Модаршавии Бехавф, масъалаҳои Ғизои Солим гузаронданд. 85 презентатсияҳои ҳармоҳа гузаронда 2,494 коркунони тиб (397 мард, 2,097 зан) иштирок кардаанд. Аз онҳо: 838 табиб, 1,656 ҳамшираҳои шафқат. 8 семинарҳои ТоТ, ки 4 компетенсияро дар бар мегиранд ва ҳамагӣ 163 (28 мард, 135 зан) ҳамшираи шафқат аз омӯзиш гузаронданд. ХОХТ дар марказҳои худидоракунии клиникӣ 24 конференсия гузарониданд ва 728 ҳамшираи шафқат иштирок кардаанд, аз онҳо (241 мард, 487 зан). 58 семинар дар н. Рушон, н. Ванҷ, ва ш. Хоруғ дар масъалаҳои: Диабет, Фишорбаланди, Касалиҳои Гурда, Меъда, Дил, Роҳҳои Нафаскашӣ, Сил, Зардпарвин гузаронида шуд ва 1,932 табиб аз омӯзиш гузаронд. Аз онҳо: 479 духтурони тибби оилави, 321 духтурони гайри тибби оилави, 687 хамширахои тибби оилави, 445 хамширахои гайри тибби оилави. 18 презентатсияҳо оид ба Аудити Клиники дар хамаи марказхои Худидоракунии Клиникӣ гузаронида шуданд. 407 коркунони тибби (94 мард, 313 зан). 103 омузишҳо барои хамширахои тибби оиди компетенсияхои хамширави. Хамаги иштирок кардан 1,758 хамширахои тибби (201 мард, 1,557 зан).

**Маблағузориии ҷомеавии соҳаи Тандурустӣ (МҶСТ) :** Бо мақсади беҳтар намудани дастрасии молияви ба хизматрасони тиббӣ, барномаи Маблағузории Ҷ омеавии соҳаи Тандурустӣ (МҶСТ) илова ба 13 ТД дар ноҳияи Шуғнон таъсис дода шуд. Айни ҳол барнома дар 77 ТД фаъолият дорад: 40 ТД дар Рӯшон, 11 Ташкилоти деҳоти ноҳияи Ишкошим, 13 дар Шуғнонва 13 Ташкилотҳои деҳоти ноҳияи Мурғоб. Кумитаи Идоракунӣ дар сатҳи вилоят ва Кумитаҳои зерсохтор дар сатҳи ноҳияҳо ташкил карда шуда фаъолият карда истодаанд. Механизми кори МҶСТ ташкил карда шуд ва дар Ташкилотҳои деҳот фаъолият карда истодааст. 31 мубоҳисаи озоди гурӯҳӣ бори аввал дар байни аҳолии ҷамоатҳои таҷрибавӣ гузаронида шуданд. 1 омӯзиш оиди истифодабарӣ аз маблағ ва назорати молиявӣ дар байни намояндагони ТҶ таҷрибавӣ гузаронида шуд. 5 тренинг дар байни кормандони ихтиёрии тиб нохияи Рушон, Шуғнон, Ишкошим ва Мурғоб оиди шиносоӣ бо нақшаи МҶСТ гузаронида шуданд..

Миқдори умумии аъзоёни МҶСТ – 23,879 (Рушон – 11,841, Ишкошим – 3,325, Шуғнон -6,314 ва Мургоб -2,399). Маблағи умумии ҷамъшуда – 726,717 сомонӣ. (519,731 – Рушон, 99,749 – Ишкошим, 11,440 - Шуғнон ва 95,797 Мургоб). Маблағи дар бонк гузаронидашуда – 435,552 сомонӣ (80%). Миқдори маризони муҳтоҷи ёрии таъҷилӣ буда – 1,117 нафар. Миқдори маблағи барои маризони мӯҳтоҷи ёрии таъҷилӣ сарфшуда – 131,154 сомонӣ (Рушон –94,662 (18%) сомонӣ, Ишкошим – 17,568 (18%) сомонӣ ва 18,924 - Мургоб) ташкил медиҳад.

**Беҳсозии ҳамҷояӣ ҳифзулсихат ва макони зист дар минтакаи Рашт**

- Баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббии сифатнок, пурзур намудани хизматрасонии тиббӣ дар беморхонаҳо ва Кормандони Ихтиёрии Тиб (КИТ);
- Гузаронидани омузишҳо ба 605 нафар коргарони МКАТС дар мавзуҳои"Ҳамбастагии бемориҳои кудакона", "Эмгузаронӣ", "Модаршавии бехавф", "Рушд ва инкишофи кудак", "Бизнес нақша" ва "Саратони ғадуди сина ва гарданаки бачадон";
- Омузонидани 850 нафар Кормандони Ихтиёрии Тиб ҳамҷоя бо ташкилотҳои деҳотӣ, кормандони Муассисаҳои Кумаки Ааввалияи Тиббию Санитарӣ (МКАТС);
- Гузаронидани омузишҳо аз тарафи кормандони ихтиёрии тиб ба ҷомеа оид ба ВИЧ/СПИД, Беҳдошт, Синамакони, Витаминҳо, Хомиладори ва Эмгузарони дар байни ахоли **96.820-шумораи иштироккунандагон, 8,400-шумораи вохуриҳо , 3100- роҳхат барои табобат, 238.755-тақсимоти буклетҳо;**
- **Харидори намудани туҳфаҳо барои 850 нафар кормандони ихтиёрии тиб;**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- Таъмири 13 Муассисаҳои Кумаки Аввалияи Тиббию Санитарӣ (МКАТС) ва таъмин кардани онҳо бо таҷҳизотҳои тиббии ҳозиразамон, айни ҳол 38 % (129,727/344,345) дастрасии аҳолӣ водии Рашт ба хизматрасонӣ марказҳои тибби оилавӣ;
- Таҷрибаивазкунии 20 нафар кормандони ихтиёрии тиб ва 3 тренерони маҳалӣ ба Вилояти Хатлон;
- Омузишхои 6 моҳаи оиди тибби оилавӣ - **5 табибони оилавӣ** ва **40 ҳамширахои оилавӣ**, то имруз омузишҳои гузаштаи тибби оилавӣ аз тарафи кормандони тиб (140/153) ки 91% ташкил медиҳад;
- Мониторинг аз тарафи Тренерони маҳалӣ кор бо КИТҳо;
- 605 омузиш барои кормандони Муасиссахои Кумаки Аввалияи Тибби (МКАТС) дар мавзуҳои "Ҳамбастагии бемориҳои кудакона", "Модаршавии бехавф", "Рушд ва инкишофи", "Саратони ғадуди сина ва даҳанаки бачадон" ва Эмгузарони;
- Омузиш дар мавзуи "Бизнес нақша" барои н. Роғун, 13 нафар;
- Иштироки кормандони Хадамоти Тандурустии Оғо Хон роҳбарони МКАТС ва директорони МКТТО водии Рашт оиди « Менеджемент ва Бизнеснақшарезӣ;
- Дастрасии таҷҳизоти зарурӣ барои шуъбаи таълимии маркази ҷумҳуриявии таълими-клиникии тибби оилавӣ дар водии Рашт.

**Барномаи байнисарҳадии тандурустӣ:** Бо мақсади беҳтар намудани дастрасии хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии ҳамсарҳади Афғонистон дар асоси протоколи Комиссияи Муштараки байни ду вилоят: ВМКБ Тоҷикистон ва Бадахшони Афғонистон барномаи байнисарҳадии тандурустӣ дар чорчӯбаи беморхонаҳои хамсарҳад фаъолияташро сар кард. Пиёда намудани барномаҳои байни сарҳадӣ афзалиятҳои хосе дорад. Вай дорои потенсиал баҳри устуворӣ дар рушти сатҳи саломатии аҳолӣ мебошад. Илова бар ин ҳамкории байнисарҳадии самаранокии низоми барномаҳои тандурустии ҳар ду ҷонибро тавассути якҷоя намудани захираҳои мавҷуда барои мусоидат ба ҳамгирой ва сарфаҷуӣ беҳтар менамояд ва ба ин восита дастрасӣ ба хизматрасонии сифатан баланд таъмин карда мешавад.

Дар натиҷа: Дар шаш моҳи соли 2016 ҳамагӣ 57 ёрии таъҷилӣ ва нақшавӣ аз тарафи кормандони муассисаҳои тиббии Бадахшони Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон расонида шуд. Табибони Тоҷикистонӣ дар вақти ёрии нақшавӣ ба 1, 648 бемор аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон кумаки тиббӣ расонданд, ки аз онҳо барои 117 нафар амалиётҳои ҷарроҳии гуногун гузаронда шуданд. Инчунин дар вақти ёрии таъҷилӣ зиёда аз 230 нафар маризони Ҷумҳурии Афғонистон аз муоина гузашта барои 33 нафар амалиётҳои гуногуни ҷарроҳӣ гузаронида шуд. Барои 52 – нафар маризони Афғонистон дар муассисаҳои тиббии Бадахшони Тоҷикистон кумаки таъҷилӣ расонида шуд. Барои баланд бардоштани савияи дониши тиббии кормандони тиббӣ 12 нафар корманди тиббӣ аз Афғонистон дар омузишҳои гуногуни тиббӣ ва трениг оид ба ташхиси дил (ЭКГ) иштирок намуданд.

**Тибби электронӣ:**

Барномаи тибби электронии Хадамоти Тандуристии Оғохонби элекҷикистонэлекҳаристонэлектҳам аз тарафи Бадахшони Тоҷикистон ва ҳам ва нниектронии Хадамотғонистонниектр ба амал расонда шуд.

*Машваратуектр бҳативаратуекӣ*

***Пешравӣ***

Азшраҳизшраватуектрҳизшрав 2016, аз тарафи духтурони (кудакона, ҷарроҳ, дарунӣ, занона, сил, сироятӣ, пуст, осебшинос) –и беморхонаи вилоятии ш. Хоруғ –и беморхонаи вилоятии шҳои–и бемой-260 маслиҳатҳои60 маслихонаи вило. Инҳои60 маслихҳои60. Ишкашим, н. Дарвоз ва н. Рушон мебошанд. 59 маслиҳати0. Ишкашӣ ти0. Ишкашим, н. Дарвоз ва н. Рушон мебошанд. 59 маслини ти. Хоруғ ти0. Ишкашим, н. Дарвоз ғонистоншкашим, н. Да. Беморхонаи вилоятии ш. Хоруғ ни Маркази тиббии миллии шаҳрии Маркази тиббии миллии шаонаи вий ии Маркази ти 60 маслиҳати Марказий ти Маркази ти 60 маслиии шаонаи вилоятии ш. Хору маслий ти Маркази ти 60 маслиии шаонаи вилоятии ш. Хору мас. Хоруғ ти Маркази . 20 маслиҳати Марказий ти Мартурони беморхонаи вилоятии ш. Хоруғ ти Мартурони беморхонаи вилоятии шӣ ваташхисии ш. Душанбе дода шудаанд.

Теле–радиология

***Пешравӣ***

Дарравадиоло 2016, 398 аксҳоирравадиой ирравадий ирравадиоло 2016, 398 ак. Хоруғ ирравадиоло 2016, 398 ак. Хҳирравадиоло 2воситаи тибби электронӣ ирравадиоло 2воситаи тибби эле.

*Омузишҳоиузишадий*

Пешравӣ

Омузишҳоиузишадий иузишадиоло 2восиҳамшираҳоишираай ишираахришираағ ишираҳияҳоиширҷикистондиоло , Дарвоз ва Ишкошим таввасути барномаи тибби фосилавӣ кистоҳ кистондио. Бо ҳамкории Институти тибби Фаронсавӣ ва Маркази худомузии клиникии Хадамоти Оғохон оид ба тандурустии Тоҷикистон омузшҳои фосилавӣ гузаронда мешаванд. Дар нимсолаи 2016 - 33 омузиши фосилавӣ гузаронда шуд ва 298 ҳамшираҳои тиббӣ ва табибон дар мавзуъҳои гуногун баҳравар шудаанд.

**Маркази дандонпизишкии ш. Хоруғ (МДХ):** Дар моҳи феврали соли 2013 Маркази дандонпизишкии ш. Хоруғ (МДХ) фаъолияташро оғоз намуд. Ду табиб бо ҷои кории доимӣ ва ду табиб бо ҷои кории нимбаст ва ду ҳамшираи шавқат бо кор таъмин гардиданд. Миқдори миёнаи муштариён аз 18 ба 35 расид. МДХ ба сертификати ISO дар моҳи июли соли 2013 муваффақ гардид, ки ин боиси баланд гардидани боварии муштариён ба хизмати тиббии сифатнок гардид. Марказ аз тарафи мутахассисони ихтиёрӣ аз Канада ва Британияи Кабир бо муддати як моҳ дастгирӣ ёфт, ки ин боиси мустаҳкам гардидани донишу малакаи корандони маҳаллӣ гардид. Дар шаш моҳи охири соли 2016 Маркази дандонпизишкии ш.Хоруг (МДХ) барои 4325 бемор хизматрасонии тиббӣ ва 8441 муолиҷаи стомотологӣ расонида шуд.

**Маркази Минтақавии Ташхисии ш. Хоруғ:** Маркази ташхисӣ дар беморхонаи вилоятии ш. Хоруғ кушода шуд. Созишнома бо Ҳукумати ВМКБ, Раёсати тандурустии вилоят ва беморхонаи вилоятӣ дар аввали соли 2012 созишнома ба имзо гузошт. Ҳамаи таҷҳизоти зарурӣ барои рентген, лавозимотҳои лабораторӣ, шуъбаи рентгенӣ, радиологӣ ва ташхиси ултрасадо, анбори хун харида ва ҷиҳозонида шуданд ва кормандон бо кор бо таҷҳизоти нав омузонида шуданд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Кормандони рентген дар моҳи октябри соли 2012 ва кормандони лаборатория ва анбори хун дар моҳи ноябри соли 2012 шуруъ карданд. Шуъбаи рентгенӣ ва ташхиси ултрасадо аз октябр ва лаборатория ва хизматрасониҳои анбори хун аз ноябри соли 2012 ба кор шуруъ карданд. Хизматрасонӣ аз моҳи октябри 2013 фаъол шуд.

Нишондиҳандаҳои кори имрузаи Маркази минтакавии ташхисии ш. Хоруғ дар шаш моҳи охири соли 2016:

**Пешрафтҳо:**

- Ҳамагӣ 26,454 бемор аз ташхис гузаронида шуд:
- нури ренгенӣ 9,336;
- ултрасадо 10,016;
- тестҳои лабораторӣ 36,778;
- ташхиси компютерӣ 393;
- маммографӣ 85.
- ғайр аз ин маркази ташхисии ш. Хоруғ хизматрасонӣ ба бемороне, ки аз давлати ҳамсарҳади Афғонистон ба марзи ВМКБ гузаштанд хизмат расонида шудааст:
- ҳамагӣ 250 бемораз гузаронида шудааст;
- нури рентгенӣ 19;
- ултрасадо 9;
- ташхиси лабораторӣ 546;
- ташхиси компютерӣ 6.

**Маркази Саломатӣ ва Ташхисии ш. Душанбе**

- Барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ маркази саломатӣ ва ташхисӣ дар ш. Душанбе с. 2015 низ фаъолияти худро сар мекунад. Ба ҳамин сабаб меморандум байни ХОХТ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ моҳи июли, с. 2015 ба имзо расонида шуд. Марказ айни ҳол аз таъмир гузаронда шуд, тамоми таҷҳизоти лозимӣ дастрас карда шуд ва дар таърихи моҳи Августи с. 2015 кор ва фаъолияташро оғоз менамояд. Маркази номбурда ташхисҳои зеринро барои аҳолӣ дастрас менамояд: ташхис ва муоинаҳои клиникӣ, лабораторӣ, радиологӣ, касалиҳои дарунӣ, офталмологӣ, стоматологӣ, касалиҳои гуш, бинӣ ва халқ, касалиҳои дил, кудакона, касалиҳои пуст.

Машваратҳои пешниҳодгардида дар нимсолаи 2016:

- Машварати урологӣ - 2%;
- Эндокринологӣ – 2%;
- Асабшинос– 18%;
- Тибби оилавӣ – 19%;
- Бемории чашм – 16%;
- Духтури кудакона – 3%;
- Духтури ортопед – 1%;
- Духтури гуш, гулу ва бинӣ – 12%;
- Амрози занона – 8%;
- Машварати касалиҳои пуст – 1%;
- Машврати саратоншинос– 2%;
- Касалиҳои дил – 2,7%;
- Биохимия – 24%;
- Гематология – 20%;
- Микробиология – 56%.

**Барномаҳои қаблӣ ва амаликунанда**

**Барномаи солимии ҷомеа ва тибби оилавӣ**

Барнома аз панҷ компонент иборат аст:

- Беҳтарсозии малакаҳои кормандони КАТС бо мақсади баланд бардоштани тахассусияти онҳо оид ба масъалаҳои тибби оилавӣ;
- Ҷорӣ намудани барномаи худидоракунии клиникӣ бо мақсади беҳтарсозии сифати хазматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ бо дар амал татбик намудани протоколҳои стандартӣ;
- Баланд бардоқтани сатҳи дониши аҳолӣ бо истифода аз кормандони ихтиёрии тиб (волонтерҳо);
- Механизми пардохтани хароҷоти доруворӣ бо истифода аз сиёсати нархофарӣ, бо мақсади дастрасии кафолатнок ба дорувории муҳимтарин бо нархҳои дастрас;
- Беҳтар намудани дастрасии молиявии аҳолӣ барои таъмини хизматрасонии тиббӣ бо истифодаи маблағгузории ҷамоавии соҳаи тандурустӣ.

**Қисмати Фармасевтӣ**

Қисмати Фармасевтӣ - Пурра худидоракунандаи устувор бо механизми боэътимоди баргардондани арзиши доруворӣ, бо истифода аз сиёсати нархгузорӣ, барои таъмини дастрасӣ ба доруворӣ асосии бо нархи пасти имконпазир.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Омузонидани кормандони соҳаи тандурустӣ оиди истифодаи оқилонаи маводи дорувории асосӣ, барои паст кардани арзиши хизматрасонии тибби ва бехтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ.

Баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ оид ба дастрас будани дорувории сифатан беҳтар ва арзонтар ва истифодаи дурусти маводи дорувории асосӣ. Муколамаи васеъ дар сатҳи вилоятӣ ва миллӣ бо мақсади кафолати дастгирии миллӣ ва истифодаи таҷрибаи ВМКБ аз ҷониби ВТ

**Барномаи тибби оилавӣ ва худидоракунии клиникӣ**

- Рушди инфрасохтор, таъмин намудан бо таҷҳизоти замонавӣ ва такмили идоракунӣ барои тезондани ҷараёни ислоҳот бо роҳи амалан ҷорӣ намудани тибби оилавӣ;
- Созмон додани системаи фарогир ва давомдор барои омузиш ва бозомузӣ бо мақсади таҷрибаи тибби оилавӣ;
- Созмон додани системаи иттилоотӣ бо мақсади дастгирии тибби оилавӣ;
- Ҷорӣ намудани механизми беҳтарсозии дастрасӣ, самараю сифати хизматрасонии тиббӣ;
- Ҷорӣ намудани шаклу усулҳои идоракунии беҳтари хизматҳои тиббӣ ба воситаи ВАО оид ба хизматрасонии махсусгардондашуда, хизматрасонӣ дар хона, ёрии таъҷилӣ ва аввалия бо назардошти фарқияти иҷтимоию инфрасохтории минтақаҳо;
- Ҷорӣ намудани барномаи худидоракунии клиникӣ бо мақсади беҳтарсозии сифати хазматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ.

**Маблағгузории ҷамоавии соҳаи тандурустӣ (МҶСТ)**

- Васеъ намудани нақшаи маблағгузории ҷамоавии соҳаи тандурустии амалкунанда;
- Беҳтар намудани дастрасии молиявӣ ба ёрии таъҷилӣ дар муддати 24 соати аввал барои аъзоёни ҷамоа. Аъзоёни ҷамоа маблаҳои худро тавассути супоридани ҳаққи аъзогии ҳармоҳаи ихтиёрӣ ҷамъ намуда дар мавридҳои надоштани маблаҷи зарурӣ ҳангоми ҳодисаҳои ғайричашмдошт, ки ба ёрии таъҷилӣ ниёз доранд, метавонанд аз ин маблаҷи ҷамъшуда барои ҳамлу нақл, ташхис ё хариди доруворӣ истифода баранд.
- Нақша ба аъзоён имкон медиҳад, ки онҳо аз хизматрасонии КАТС, хусусан аз марказҳои ТО, ҳамчун сарчашмаи аввалин ва асосӣ, пеш аз ба касалхона равон шудан, истифода баранд. Ин имкон медиҳад, ки маблаҷи Нақшаи МҶСТ пеш аз ҳама дар муассисаҳои ТО истифода бурда шавад ва кормандони ТО нақши «Дарвозабон»-ро, барои ба сатҳи дуюм- сатҳи хизматрасонии қимматтар равона шудани шахси мариз бозӣ мекунанд.

**Барномаи саломатии модар ва кудак**

- Баланд бардоштани малакаи кормандони тиб ва марказҳои саломатӣ оид ба нақшагирӣ ва татбиқи омилҳои асосии саломатии модар ва кудак, фаъолиятҳо оид ба эмкунӣ, давраи пренаталӣ, таваллуд ва постнаталӣ ва ғизои солим.
- Беҳтар намудани савияи дониши аҳолӣ, барои татбиқ намудани омилҳои асосии саломатии модар ва кудак фаъолиятҳо оид ба эмкунӣ, давраи пренаталӣ, таваллуд ва постнатали ва ғизои солим.
- Баланд бардоштани малакаи кормандони ҳукуматӣ дар сатҳи вилоят оид ба нақшагирӣ ва татбиқи омилҳои асосии саломатии модар ва кӯдак, фаъолиятҳо оид ба эмкунӣ, давраи пренаталӣ, таваллуд ва постнаталӣ ва ғизои солим.
- Ҳамкории байнисарҳадӣ ба воситаи мубодилаи манбаъҳо ва тибби электронӣ дар чор ва исботи таҷрибаҳои пешрафта ва баҳогузории омилҳои асосии саломатии модар ва кудак.

**Беҳсозии ҳамҷояӣ ҳифзулсихат ва макони зист дар минтақаи Рашт**

- Баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии тиббии сифатнок, пурзур намудани хизматрасонии тиббӣ дар беморхонаҳо ва кормандони ихтиёрии тиб (КИТ);
- Омузонидани кормандони ихтиёрии тиб;
- Ҳамҷояӣ бо ташкилотҳои деҳотӣ, кормандони Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (МКАТС);
- Таъмир ва таҷҳизонидани Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (МКАТС) бо таҷҳизоти тиббии ҳозиразамон;
- Таҷҳизонидани беморхонаи минтакавии водии Рашт бо таҷҳизоти ҳозиразамон;
- Омузонидани табибон ва ҳамшираҳои тиббӣ бар мавзуъҳои тиббӣ, бизнес нақшагирӣ ва идоракунӣ.

**Барномаи байнисарҳадии тандурустӣ**

**Барнома кайфияти кормандони соҳаи тиб ва сифати хизматрасонии тиббро ба аҳолӣ ба воситаи "усули бесарҳад" бо назардошти зерин:**

- Ёрӣ дар рушд ва такомули системаи ҳамвасли тандурустии байни ВМКБ, Тоҷикистон ва Бадахшони Афғонистон;
- Беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолии ҳамсарҳади Афғонистон;
- Беҳтар намудани дониш ва малакаи кормандони соҳаи тандурустӣ;
- Дар ҳолатҳои оҷил пурзур намудани интиқоли маризони Афғон аз ҷойҳои дурдасти Афғонистон ба беморхонаҳои вилоятӣ ва таъмимни хизматрасонии сифатнок;
- Ёрдам дар фиристодани муттахассисони тоҷик ба ҷойҳои дурдасти Бадахшони Афғонистон барои хизматрасонии тиббии консултативӣ ва оҷил.

**Тибби электронӣ:**

Тибби электронӣ баҳри беҳбуд дар дастрасӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии тандурустӣ, барои бартараф намудани монеа, масофа ва вақт. Тибби электронӣ таъминкунандагон ва муҳтоҷонро муттаҳид карда, новобаста

аз он, ки онҳо дар марказҳои гуногун ҷойгир бошанд, барои беморон ва кормандони тиб ғамхорӣ ва барои кормандони тиб, ки дар ҷойҳои дурдаст барои дастрасӣ ба такмили ихтисоси ҳамчун омузиши давомдор пешниҳод мегардад.

Мақсад: Барнома барои беҳтар намудани хизматрасониҳои тиб ва зиёд намудани қобилияти кормандони тиб, ки аз ҳар ду тарафи сарҳад кор мекунанд. Чи хеле, ки маълум аст барнома 4 мақсад дорад:

- Якҷо намудани беморхонаи Хоруғ бо Институти тиббии кудаконаи Фаронсавӣ дар Кобул ва Маркази ҷумҳуриявии Қаработо дар ш. Душанбе;
- Беҳтар намудани натиҷаҳои тандурустӣ ва афзалияти соҳа бо пайваст кардани имконоти тибби электронӣ дар ноҳияҳои байнисарҳадии ВМКБ ва Бадахшони Афғонистон;
- Якҷо намудани беморхонаи вилоятии Хоруғ бо се беморхонаи ноҳиявӣ дар ВМКБ: беморхонаи Ишкошим, беморхонаи Дарвоз ва беморхонаи Рушон.
- Ҷорӣ намудани омузишҳои электронӣ байни Институти тиббии кудаконаи фаронсавӣ дар Кобул ва беморхонаи вилоятии Хоруғ.

**<u>Самти барномаҳои оянда</u>**

- ХОХТ фаъолияти ҳозираи хешро дар соҳаи Барномаи тандурустии ҷамоатӣ, дорусозӣ ва рушди касбии кормандони Раёсати тандурустӣ вилоят давом хоҳад дод;
- ХОХТ диққати худро ба ҷорӣ намудани тибби оилавӣ дар ВМКБ равона хоҳад кард, ки аз пешбурди консепсияи комилии клиникӣ ва якҷоякунии ҷузъҳои барномаи тандурустии ҷомеа дар СМ иборат аст;
- ХОХТ корро бо Раёсати тандурустии вилоят, Ҳукумат ва ташкилотҳои ҷомеавӣ бо мақсади таҳкими устувории барномаҳои мазкур давом хоҳад дод;
- ХОХТ таъмин намудани аҳолии ВМКБ-ро бо маводи дорувории баландсифат давом хоҳад дод, то ин ки дастрасии муассисаҳои КАТС-ро ба маводи дорувории муҳимтарин кафолат дода тавонад. Маблағҳои Фонди гардон барои харидории доруворӣ аз таҳвилгарони эътирофшуда сарф хоҳад шуд;
- Барномаи доруворӣ дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои он ҷорӣ хоҳад шуд;
- ХОХТ ба ҷорӣ намудани барномаҳои тибби оилавӣ ва худидоракунии клиникӣ дар ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон ва н. Роштқалаи, ВМКБ оғоз менамояд;
- ХОХТ чорӣ намудани барномаҳои тибби оилавӣ ва солимии ҷомеаро дар водии Рашт аз моҳи августи соли 2013 дар амал татбиқ намуда истодааст;
- ХОХТ барномаи солимии модар ва кӯдакро дар ВМКБ дар амал татбиқ карда истодааст;
- ХОХТ оиди нақшаи корӣ, таҷрибаи нақшаи МҶСТ-ро дар ҳамон ноҳияҳо идома медиҳад;
- Хадамоти Оғо Хон оид ба тандурустӣ ҳамкориашро бо ҳукуматҳо, вазоратҳо ва раёсатҳои тандурустии Тоҷикистон ва Афғонистон баҳри беҳтар намудани дастрасии хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолии ҳамсарҳади Афғонистон боз ҳам густариш медиҳад;
- Созмон додани шуъбаи ташхисӣ дар касалхонаи вилоятӣ барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ;
- ХОХТ оиди нақшаи Маркази ташхисии ш. Хоруғ бо Маркази ташхисии ҷумхуриявӣ ва Маркази ҷумҳуриявии Қараболои ш. Душанбе ба воситаи шабакаи электронии тиббӣ пайваст намуд;
- ХОХТ барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар клиникаи дандонпизишкӣ фаъолиятро идома дода истодааст;
- Маркази саломатӣ ва ташхисии ш. Душанбе фаъолияташро пурра оғоз намуд ва хизматрасонии сифатнокро барои аҳолии ш. Душанбе ва тобеи он мерасонад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Хазинаи байналмилалии асъор

Тамос: Ҷ-би Юрий Саболиев
Намояндаи доимии ХБА дар Тоҷикистон
Тел: (+992 44) 600 32 34 Факс: (+992 37) 251 01 21
Почтаи электронӣ: RR-TJK@imf.org
Сомона: www.imf.org/external/country/tjk/rr
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 107А

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА), ба суботи молиявии байналмилалӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи асъору молиявӣ мусоидат мекунад. Он ҳамчунин ба тиҷорати байналмилалӣ, шуғли баланд ва рушди устувори иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар саросари ҷаҳон кушиш ба харч медихад. ХБА аз ҷониби 188 кишвари узви ин созмон назорат карда мешавад ва ҳисоботдиҳанда ба онҳо аст.

**Фаъолияти асосии ХБА**

- Мониторинг (мониторинг ва баходихии сиёсати иқтисодӣ ва молиявии кишвархокишвар бо роҳи машварат тибқи моддаи IV ва сафарҳои корӣ аз чониби аъзоени ҳайат);
- Кумаки техникӣ (таҳкими захираҳои инсонӣ ва иқтидори институтсионалии кишварҳо ба таҳия ва татбиқи сиёсати самараноки дар асоси таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ;
- Кумаки молиявӣ.

**Тоҷикистон ва ХБА**

- Тоҷикистон ба ХБА 27 апрели, соли 1993 ҳамроҳ шуд (моддаи VIII);
- Намояндагии доимии ХБА дар кишвар соли 1995 кушода шуд;
- Охирин барнома дар моҳи майи соли 2012 анҷом ефт;
- Охирин ташрифи ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор оид ба моддаи IV аз 30 март то 3 апрели соли 2015 баргузор гардид.

**Кумаки техникии ҷорӣ**ии **ХБА**

- Бахши андоз ва буча;
- Ҳалли низоми баҳсҳо дар бахши андоз;
- Ислоҳот дар идоракунии молияи давлатӣ:
  - Гуруҳбандии нави буҷетӣ;
  - Ягонагии ҳисобҳои тавозуни ягона;
  - Мониторинги корхонаҳои давлатӣ.
- Омор:
  - Ҳисобҳои миллӣ Очонсии омори назди Президенти ҶТ;
  - Омори пулӣ ва молиявии БМТ;
  - Омори тавозуни пардохтҳо дар пардохти Бонки миллии Тоҷикистон.
- Такмили бонкҳои музтариб

  Назорати баланд бардоштани самаранокии назорат ва аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Хазинаи байналхалқии рушди кишоварзӣ

Тамос: Ҷ-би Фритс Йепсен,
Роҳбари Барномаи Кишварии ХБРК дар Тоҷикистон
Тел: +39 06 5459 2675; Факс: +39 06 5459 3675
Почтаи электронӣ: f.jepsen@ifad.org
Сомона: www.ifad.org
Суроға: Итолиё, ш. Рум, Виа Паоло ди Доно 44

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Хазинаи байналхалқии рушди кишоварзӣ (ХБРК) агентии Созмони Милали Муттаҳид, ҳамчун институти байналмилалии молиявӣ соли 1977 дар асоси қарори Конференсияи Умумиҷаҳонии озуқа (1974) таъсис ёфта буд. Иштироккунандагони конференсия дар қарори худ тасмим гирифтанд, ки «… Хазинаи Байналхалқии Рушди Кишоварзӣ бояд барои маблағгузорӣ намудани лоиҳаҳои соҳаи кишоварзӣ, ки мақсади онҳо дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ривоҷ додани истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад, бетаъхир таъсис дода шавад. Ҳафтоду панҷ фоизи табақаҳои камбизоати аҳолии рӯи замин - 1,05 миллиард нафар занону кӯдакон ва мардон, дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва сатҳи зиндагии ин аҳолӣ ба кишоварзӣ ва фаъолияти бо ин соҳа алоқаманд вобаста мебошад. ХБРК дар фаъолияти худ бо табақаҳои камбизоати аҳолӣ, бо ҳукумат, донорҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва бисёр шарикони дигар ба қарорҳои асосии мамлакат такя мекунад, ки онҳо ба аҳолии деҳот имкон медиҳанд, ки молия, бозор, технологияҳо, замин ва захираҳои дигари табиӣ ба онҳо дастрас гардад. Ҳадафи ХБРК барои занон ва мардони деҳот муҳаё кардани имконияти тараққӣ додани кишварашон аст, то ки даромади зиёд гиранд ва амнияти озуқавиашон беҳтар ва бехатар гардад.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Аз соли 2008 ФБРК дар Тоҷикистон сармоягузории се лоиҳаи қарзиро ба маблағи тахминан 49,3 млн.доллари ШМА амалӣ намуд, зимнан маблағгузории умумӣ маблағи 54,9 млн.доллари ШМА-ро ташкил дод. Сармоягузории ФБРК бевосита барои тақрибан 80.000 хонаводаҳо пешбинӣ гардидааст. Мақсади ниҳоии Фонд дар Тоҷикистон беҳтар намудани шароити зиндагии сокинони камбизоати аҳолӣ тавассути таҳким бахшидани сохторҳои маҳаллии ниҳодӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии онҳо ва мусоидат барои дастрасӣ ба технологияҳои истеҳсолӣ ва захираҳо мебошад.

Маблағгузорӣ барои лоиҳаи якуми ФБРК дар ҷумҳурӣ – Лоиҳаи мусоидат ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар вилояти Хатлон – аз ҷониби Шурои иҷрияи ФБРК моҳи декабри соли 2008 тасдиқ гардида буд. Маблағгузории ин лоиҳа мутобиқи Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФБРК моҳи декабри соли 2009 баимзорасида дар шакли грант ба маблағи 12,3 млн.доллари ШМА амалӣ карда шуд.

Барномаи ҷории дар кишвар амалишавандаи ФБРК аз марҳилаҳои I-ум ва II-юми Лоиҳаи рушди чорводорӣ ва чарогоҳ иборат мебошад, кик и аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ амалӣ карда мешавад. Мақсади асосии лоиҳаҳо мусоидат дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар вилояти Хатлон мебошад. Вазифаиинкишофи лоиҳаҳо баланд бардоштани мақоми озуқа ва даромади хонаводаҳои камбизоат тавассути дар асоси устувор баланд бардоштани маҳсулнокии чорводорӣ мебошад.

Гурӯҳи асосии мақсадноки марҳилаи I-уми Лоиҳаи рушди чорводорӣ ва чарогоҳ асосан хоҷагиҳои хурди чорводорӣ, таҳвилгарони хусусии хизматрасониҳои байторӣ, соҳибкорони хурд, хоҷагиҳое, ки занон сарварӣ мекунанд, ва занони деҳот дар вилояти Хатлон - яке аз минтақаҳои камбизоаттарини кишвар мебошанд. Аз ҷумла Лоиҳа таъсис ва сафарбаркунии ҷамъиятҳои истифодабарандагони чарогоҳро бо мақсади мусоидат ба беҳтар намудани чорводорӣ ва рушди чарогоҳ дастгирӣ менамояд. Ба ғайр аз ин, тренингҳо оид ба таҳкими иқтидори сохторҳои мухталифи институтсионалӣ дар сатҳи ҷомеаҳо, мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва марказӣ, инчунин шарикон оид ба татбиқи лоиҳа пешниҳод карда мешаванд.

Марҳилаи II-юми Лоиҳаи рушди чорводорӣ ва чарогоҳ ба дастовардҳои марҳилаи I-уми ЛРЧЧ асос меёбад. Марҳилаи дуюми Лоиҳа ба тарзи илова 38.000 хонаводаҳои камбизоати деҳотро дар панҷ ноҳияи вилояти Хатлон дар бар мегирад. Гурӯҳи асосии мақсадноки марҳилаи II-юми ЛРЧЧ хоҷагиҳои хурди чорводорӣ, таҳвилгарони хусусии хизматрасониҳои байторӣ, соҳибкорони хурди дорои иқтидор барои хизматрасонӣ ба хоҷагиҳои хурди фермерӣ, инчунин хоҷагиҳое, ки занон сарварӣ мекунанд, ва занони хонаводаҳои камбизоат мебошанд. Вазифаи инкишофи Лоиҳа мусоидат ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар вилояти Хатлон ва дар сатҳи устувор баланд бардоштани мақоми озуқа ва даромади хонаводаҳои бенефитсиар тавассутибаланд бардоштани маҳсулнокии чорводорӣ ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим мебошад. Аз ҷумла Лоиҳа ба рушди сохторҳои ниҳодӣ, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва беҳтар намудани саломатии чорво, инчунин баланд бардоштани самаранокии идоракунии чарогоҳҳо равона гардидааст. Лоиҳа ҳамчунин имконият медиҳад, ки осебпазирии ҷамъиятҳои истифодабарандагони чарогоҳ ба таҳдиди афзоишёфтае, ки аз тағйироти иқлим бармеояд, паст карда шавад, инчунин проблемаҳои ҳалталаби экологӣ ҳал карда шуда, сатҳи камбизоатӣ аз ҳисоби гранти пешниҳоднамудаи Фонди трастии Барномаи ФБРК оид ба мутобиқшавии хоҷагиҳои хурди фермерӣ ба тағйироти иқлим паст карда шавад.

**Самти барномаҳои оянда**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Шаҳодатномаи ХБРК имконият медиҳад, ки диққату таваҷҷӯҳ ба масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии мардуми деҳот равона карда шавад. ХБРК дар доираи стратегияи худ ба он саъй мекунад, ки ташкили ҳамаи чораҳои заруриро барои расидан ба мақсадҳои зерин ва дастрас намудани онҳо кафолат диҳад:

Захираҳои табиӣ, хусусан бе хавфу хатар дастрас кардани замин, об ва ҳамчунин идораи хуби захираҳои табиӣ ва амалияи эҳтиёт кардани табиат;

Технологияҳои такмилёфтаи кишоварзӣ ва хизматрасонии самарабахши истеҳсолӣ;

Соҳаҳои гуногуни хизматрасонии молиявӣ;

Нақлиёт ва бозори рақобатпазир барои фиристодани захира ва маҳсулоти кишоварзӣ;

Имкониятҳои барпо намудани ҷои кор берун аз хоҷагиҳо ва инкишофи истеҳсолот;

Дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ таҳия намудани сиёсат ва раванди таҳияи барнома;

Барномаҳои минбаъдаи ХБРК дар доираи стратегияи он тартиб дода мешаванд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Хазинаи Каритас Люксембург

Тамос: Ҷ-би Ёрмаҳмад Холов
Намояндаи Каритас Люксембург дар ҶТ
Тел: (+992 44) 620 39 74
Почтаи электронӣ: hoo.fcl.tojikiston@gmail.com, yormahmad@gmail.com
Сомона: www.caritas.lu
Суроға; Тоҷикистон, ш.Душанбе, куч. Титов 21, хонаи 19 «А»

**Самтҳои асосии фаъолият**

Ҳамчун ташкилоти байналхалқии ғайридавлатӣ Намояндагии Каритас Люксембург дар ду самти асосӣ фаъолият намуда, ба ҷумҳурӣ кумак мерасонад. Самти якум - ин назорати тиббии бемории сил дар муассисаҳи ислоҳӣ, дуюм - барнома оид ба ҳолати фавқулодда - пешгирии офатҳои табиӣ мебошад.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Барномаи «Назорати бемории сил дар муассисаҳои ислоҳии Тоҷикистон» аз соли 2005 дар доираи татбиқи дурнамои ДОТС дар муассисаҳои ислоҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Аз ибтидо дар 4 муассиаҳои ислоҳотӣ шурӯъ шуда, аз соли 2008 ҳамаи муассисаҳои ислоҳии РКИ ВА ҶТ - ро дар бар гирифт. Солҳои 2009-2011: лоиҳаи: «Пойдору мустаҳкам намудани Барномаи зиддисилӣ дар муассисаҳои ислоҳии ҷумҳурӣ» фаъолият намуда вазифаҳои ассосиаш (1)Беҳтар намудани дурнамои ДОТС дар сохтор; (2) Шароит фароҳам овардан барои ташхис ва табобати шакли мутобиқгаштаи бемории сил (ШМС); (3) Ташхиси саривақтии бемороне, ки ТБ/ВНМО доранд; (4) Фаъолият дар самти ёрии иҷтимоии беморони сил, ки дар давоми табобат аз маҳбас озод шуданд; (5) тадбирҳо барои фароҳам овардани шароит дар маҳбас барои бемор; (6) Кумаки ғизой барои беморон; (7) Гузаронидани чорабиниҳои арзёбӣ ва баҳодиҳӣ; (8) Дастрас намудани доруҳои гуруҳҳи аввал ва барои таъсиротҳои номатлуби доруҳои зиддисилӣ.

Аз солҳои 2012-2015: лоиҳаи «Таҳти назорат қарор додани вазъи бемории сил, дар сохтори иҷрои ҷазои ҷиноятии ҷумҳурӣ» фаъолият намуд.

Аз моҳи апрели 2016 Намояндагии Каритас Люксембург фазаи панҷуми лоиҳаи «Васеъ кардани барномаи зиддисилӣ дар муассисаҳои ислоҳии Тоҷикистон»-ро ҷорӣ карда истодааст, ки барои солҳои 2016-2019 пешбинӣ шудаст. Ин лоиҳа давоми мантиқии лоиҳаҳои пештара буда вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

1. Фароҳам овардани шароити зарурӣ барои дастрас гардондани кумаки таскинӣ ба беморони вазнини сил ва гирифтори шаклҳои васеи мутобиқгаштаи сил, дар сохтори иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
2. Беҳтар намудани назорати сироятӣ ва вазъи эпидемиологӣ дар сохтори иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
3. Беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба беморони сил дар сохтори иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;
4. Беҳтар намудани ташхису табобати саривақтии беморони сил, хусусан шакли мутобиқгаштаи он, дар тамоми муассисаҳо;
5. Кумак дар ташкилу гузаронидани чораҳои маърифатӣ миёни гурӯҳҳои мақсаднок (кормандони ғайритиббӣ ва маҳбусон) дар асоси дурнамои коммуникатсионӣ оид ба сил;
6. Кумак дар самти беҳтар намудани ҳамкорӣ миёни муассисаҳои ислоҳӣ ва тиббии шаҳрвандӣ барои таъмини табобати бефосилаи беморони сили аз маҳбас озодшуда;
7. Кумак дар омузиши минбаъдаи мутахассисони тиббии дар СРИҶҶ фаъолиятдошта;
8. Давом додани таъмиру барқарорсозии муассисаҳои тиббии СРИҶҶ
9. Расондани кумаки ташкилию методӣ дар таҳияи дастуру маводҳои методӣ барои хизматрасонии зиддисилӣ дар сохтор;
10. Мусоидат ба сохтор, бо гузаронидани мониторингу супервиза ва таҳлилҳои когортӣ, барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии зиддисилӣ дар сохтор;
11. Идома додани кумаки ғизои ба беморони гирифтори ШМС дар тамоми сохтор;
12. Ёрии иҷтимоӣ-руҳӣ ба беморони сил.

**Самти барномаҳои оянда**

Нақшаи кории ташкилот баъди соли 2019 дар Тоҷикистон маълум нест.

*Бисёрҷониба*

# Хазинаи кудакони Созмони Милали Муттаҳид

Тамос: Хонум Лючия Элми
Намоянда
Тел: (992 44) 6000190/91/92/93 Факс: (992 44) 6000196
E-mail: dushanbe@unicef.org
Website: http://www.unicef.org/tajikistan
Нишона: 734025, Тоҷикистон, Душанбе, куч. Бохтар 37/1, ошёнаи 7

**Тавсифи мухтасари созмон**

Хазинаи кудакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) аз ҷониби Анҷумани Кулли Созмони Милали Муттаҳид ба хотири ҳимоя намудани ҳуқуқи кудакону занон, расонидани кумак ба онҳо ҷиҳати қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосии худ ва васеъ намудани имконоти онҳо ҷиҳати пурраи қобилиятҳои худ ваколатдор карда шудааст. Тахти дастури Аҳднома оид ба ҳуқуқи кудак (АҲК) ва Аҳднома оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занҳо (CEDAW), Хазинаи кудакони СММ кушиш менамояд ҳуқуқи кудакро ҳамчун принсипи пойдори маънавӣ ва меъёри байналмилалии рафтор нисбати кудакон истиқрор намояд. Хазинаи кудакони СММ фаъолияти худро дар Тоҷикистон аз соли 1993 пас аз эълон намудани истиқлолияти ҷумҳурӣ оғоз намуд. Дар айни ҳол созмон дар марҳилаи даври панҷуми барномаҳои ҳамкориҳои худ дар Тоҷикистон қарор дорад.

Хазинаи кудакон дар Тоҷикистон бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати адлия, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия, Идораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Комиссияи миллии ҳуқуқи кудак, Агентии омор, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, созмонҳои сарпараст (донорӣ), созмонҳои дигари СММ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ ҳамкории зич менамояд.

**Барномаҳои амалишуда ва ҷорӣ**

Барномаи кутоҳи фосилавии соли 1993-1994 асосан ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти гуманитарӣ нигаронида шуда буд. Тадбирҳо ба таҳкими иқтидори созмонҳои бо масъалаи ҳифзи тансиҳатии кудак сарукордошта равона шуда буданд.

Силсилаи барномаҳои солҳои 1995-1999 ба эътино намудан ба вазъиятҳои фавқулодда дар соҳаи тандурустӣ, маориф, бообтаъминкунӣ, санитария ва ғизо нигаронида шуда буд. Панҷ лоиҳа бо маблағи умумии 9 000 000 доллари ИМА татбиқ шуда буд, ки дар муддати панҷ сол мавриди истифода қарор гирифт.

Силсилаи барномаҳои солҳои 2000-2004 ба коҳиши сатҳи фавти кудак ва модар ва паҳншавии норасоии микроэлементҳои ғизонок, беҳтарнамоии шароитҳои таҳсилоти кудакон, баланд бардоштани давомот дар мактабҳо ва коҳиши сатҳи тарки мактаб намудани кудакон, мусоидатнамоӣ ба ташаккулдиҳии низоми ҳифзи кудак ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷавонон дар бораи ВНМО/БНМО ва тарзи солими ҳаёт нигаронида шуда буд. Силсилаи барномаҳо дар се самт амалӣ шуда буд: 1. Зиндамонӣ, рушд ва ҳифзи модар ва кудак, 2. Баланд бардоштани ғизонокии хуроки кудак, 3. Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии ҷавонон. Буҷети барномаҳо барои 5 сол 18 835 000 доллари ИМА-ро ташкил намуд.

Силсилаи барномаҳо барои солҳои 2005-2009 ба ҳалли масъалаҳои мубрам, ки дар доираи уҳдадориҳои байналмилалӣ муайян шуда буданд, аз қабили Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, самтҳои афзалиятноки миллии дар Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Барномаи чорчубавии СММ оид ба расонидани кумак бо мақсади рушд ифодаёфта, аз ҷумла ба таҷриба дар сатҳи ҷамоаҳо нигаронида шуда буд. Барномаи мазкур дар чор соҳа татбиқ шуда буд: 1. Ҳифзи модар ва кудак, 2. Маълумоти босифати ибтидоӣ барои ҳама, 3. Тансиҳатӣ ва иштироки ҷавонон, 4. Ислоҳоти сиёсати иҷтимоӣ ва ҳифзи кудак. Буҷети барнома барои солҳои 2005-2009, 28 520 000 доллари ИМА-ро ташкил намуд.

Силсилаи барномаҳо барои солҳои 2010-2015 аз чор ҷузъи асосӣ иборат буд: 1. Зиндамонӣ ва инкишофи кудак, 2. Маълумоти ибтидоӣ; 3. Ҳифзи кудак; ва 4. Сиёсат ва банақшагирӣ. Буҷети банақшагирифташудаи силсилаи барномаҳо барои солҳои 2010-2015 дар Тоҷикистон 30 047 848 доллари ИМА-ро ташкил намуд. Моҳи марти соли 2013 дар Вохурӣ оид ба шарҳи фосилавӣ бо ҳукумат ва дигар ҷонибҳои манфиатдор оид ба вориднамоии баъзе тағйирот ба барнома бо дарназардошти тағйирёбии вазъи кудакон ва таҷрибаи дар рафти татбиқи барнома андухташуда мувофиқа ба даст оварда шуд.

Ба сохтори силсилаи барномаҳои ҷорӣ барои солҳои 2016-2020 дар Тоҷикистон тағйироти ҷиддӣ дароварда шуд, ки усули таҳиянамоии барномаҳои Хазинаи кудакони СММ-ро аз соҳавӣ ба байнисоҳавӣ табдил дод, ки тибқи он барои ноилшавӣ ба натиҷаҳои таъминкунандаи кумаки фарогир ба риояи ҳуқуқи кудак дар марҳилаҳои гуногуни рушди у робитаҳо заруранд.

Ҳамин тариқ, барномаи дар Тоҷикистон амалкунанда бо буҷети банақшагирифташудаи 35 676 700 доллари ИМА принсипи даври ҳаётро ҷиҳати тезонидани пешравӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи кудакон во таваҷҷуҳи махсус ба ҳалли мушкилоти баробарӣ ва адолат дар марҳилаҳои гуногуни даври ҳаёт мавриди истифода қарор медиҳад. Тавассути чор соҳаи асосии бо фарогирии васеъ 1. Солҳои ибтидоӣ, 2. Таҳсилоти фарогир ва босифат, 3. Муҳити ҳифзкунанда – соҳаи


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

барномавие, ки Ҳифзи кудак ва Ҳифзи иҷтимоиро дар бар мегирад, ва 4. Рушд ва иштироки наврасон, барнома ба ноилшавии кудакон ба натиҷаҳо аз лаҳзаи тавлид дар давоми ҳамаи марҳилаҳои минбаъдаи ҳаёт барои гузариши бомуваффақият ба ҳаёти мустақилона нигаронида шуда ба нигаронии махсус дар бораи кудакони бештар осебпазир ва бахусус духтарон асос меёбад. Афзалиятҳои байнисоҳавӣ дар доираи ҳар яке аз соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла шомилнамоии иҷтимоии кудакони маъюб, инчунин зӯроварӣ нисбати кудакон, баррасӣ мешаванд. Он омодагӣ ва эътино ба вазъиятҳои фавқулодда, аз ҷумла ба назаргирии масъалаҳои коҳиши хавфи офатҳои табиӣ дар барнома бо дарназардошти сатҳи баланди осебпазирии кудакон ба таъсири офатҳои табиӣ ва тағйирёбии иқлим дар кишварро дар бар мегирад.

Самтҳои асосии барномавии силсилаи Барномаи ҳамкории Барномаи чорчӯбавии СММ оид ба расонидани кумак бо мақсади рушд ва Дафтари Хазинаи кудакони СММ дар Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 зеринанд:

**Зиндамонӣ ва нашъунамоёбӣ дар солҳои нахустини ҳаёт**

Хазинаи кудакони СММ ташаббусҳоро дар соҳаи зиндамонӣ ва нашъунамоёбии кудак дар доираи барномаи аз бахши тансиҳатии модар ва кудак, бахши ғизо, аз ҷумла бахши пешгирӣ ва табобати ВНМО/БНМО ташкилёфта дастгирӣ менамояд.  Илова бар он, ба тадбирҳои таҳкими зарфияти бахши мазкур таъмини омодагӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда дохил карда шуд. Барнома дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дигар агентиҳои Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои маҳаллӣ ва байналмилалии ғайриҳукуматӣ татбиқ карда мешавад.

Дар доираи лоиҳаи <u>Ҳифзи модар ва кудак</u> (ҲМК) Хазинаи кудакон кӯшишҳои таҳкими системаҳои идоранамоии хадамоти эмкунӣ, таъминнамоии ваксинаҳо ва занҷираи хунуккунӣ ва ташаккулдиҳии талабот ба хизматгузории босифатро дастгирӣ менамояд. Вазифаҳои афзалиятнок коҳишдиҳии сатҳи фавти пешгиришавандаи кудакони навзод ва хурдсол аз ҳисоби таҳкими соҳаи тандурустӣ, таҳкими иқтидори хизматгузорони ҲМК ва такмили таҷрибаи нигоҳубини оилавӣ боқӣ мемонанд. Илова бар он, Хазинаи кудакон ният дорад дастгириашро бо ҳадафи расонидани кумак ба ошкорнамоии барвақти кудакони аз инкишоф қафомонда/маъюб ва андешидани чораҳои зарурӣ афзоиш диҳад. Хазинаи кудакон иштироки худро дар ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ислоҳоти он идома медиҳад.

Дар соҳаи <u>Ғизо</u> Хазинаи кудакон таваҷҷуҳи аввалиндараҷаро ба мусоидатнамоӣ ба таҷрибаи беҳтарини синамаконӣ ва нигоҳубини кудакони синнусоли барвақти кудакӣ, йодноккунии умумии намак ва дохилнамоии иловагии микроэлементҳои серғизо ба хӯроки кудакон ва занҳои ҳомила бо ҳадафи пешгирии қафомонии инкишоф, лоғаршавӣ ва норасоии микроэлементҳои ғизонок зоҳир менамояд. Ҳамзамон, Хазинаи кудакон назорати ҳолатҳои вазнини норасоии ғизо миёни кудаконро тавассути таъминнамоии табобати парҳезӣ ва дастгирии инкишофи донишу малакаҳо дастгирӣ менамояд. Маълумотҳои дар натиҷаи Таҳқиқоти миллии ғизогирии соли 2009 ва Таҳқиқоти демографӣ ва тандурустии соли 2012 бадастомада барои таъсиррасонӣ ба қарорҳои сиёсӣ дар сатҳи миллӣ ва ҳангоми андешидани тадбирҳои зарурӣ дар соҳаи беҳтаргардонии сифати ғизо дар сатҳи ҷамоаҳо мавриди истифода қарор мегиранд. Бо дарназардошти он, ки Тоҷикистон ба Ҳаракати глобалӣ баҳри беҳтаргардонии сифати ғизо (SUN) ҳамроҳ шудааст, Хазинаи кудакон якҷоя бо USAID ба сифати аъзои кумитаи тадорукотии оиди даъватнамоии донорҳо дар мусоидатнамоӣ ба муносибати байнисоҳавӣ ба ғизогирӣ нақши назаррасеро мебозанд.

Дар доираи лоиҳаи оид ба <u>ВНМО/БНМО</u>, Хазинаи кудакон таваҷҷуҳи асосиро ба васеънамоии дастрасӣ ба машваратгирӣ, муоина ва табобатгирии ихтиёрии босифат (МИБ), инчунин ба пешгирӣ ва паст кардани сатҳи бемориҳои таври ҷинсӣ гузаранда (БҶГ) ва ВНМО зоҳир менамояд. Таваҷҷуҳи махсус ба наврасони таҳти хатар қарордошта (НТХҚ), занҳои ҳомиладор ва кудакони навзод зоҳир карда мешавад. Лоиҳа инчунин тарғибу ташвиқи сиёсат ва такмили ихтисоси марбути кудакони гирифтотри БНМО-ро истифода мебарад ва дастрасии кудакони бо ВНМО сироятшударо ба кумаки зарурии тиббӣ, дастгирии равонию иҷтимоии ва кумаки иҷтимоӣ таъмин менамояд. Пешгирии сироятшавии дохили беморхона низ як афзалияти дигар мебошад.

**Таҳсилоти фарогири босифат:**

Барномаи мазкур ҳукумат ва ҳамкорони дигарро ҷиҳати таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат барои ҳамаи кудакон бо таваҷҷуҳи махсус ба кудакони бештар осебпазир дастгирӣ менамояд. Самтҳои асосии фаъолият чунинанд: 1) Таълими барвақт; 2) Кудакони бо таҳсилот фаро гирифта нашуда; ва 3) Сифати таҳсилот. Дар тамоми ҷанбаҳои барнома омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва коҳишдиҳии хатари офатҳои табиӣ бо мақсади омода шудан ба ҳолатҳои фавқулодда ва паст намудани таъсири онҳо ба соҳаи маориф ба назар гирифта мешавад.

Лоиҳаи доир ба <u>Омузиши барвақт</u> (маълумоти ибтидоӣ) Вазорати маориф ва илмро дар ҳамоҳангсозии кӯшишҳои беҳтарнамоии дастрасӣ, сифат, баробарӣ ва адолат дар барномаҳои тайёрии томактабӣ ва мактабӣ, дар навбати аввал аз ҳисоби дастгирии озмоиш ва баҳодиҳии намунаҳои каммасрафи алтернативии омӯзиши барвақт ва таҳкими заминаи сиёсӣ ва қонунгузорӣ барои дастгирии Идоранамоии модели омехтаи низоми таҳсилоти томактабӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм дастгирӣ мекунад.

Лоиҳаи <u>Кудакони бо мактаб фаро гирифта нашуда</u> Вазорати маориф ва илмро ҷиҳати коҳишдиҳии нобаробарӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ ва баланд бардоштани давомот ва хатми таҳсилот аз ҷониби кудакони аз мактаб берун монда ё зимни хавфи хориҷшавӣ қарордошта дастгирӣ менамояд. Фарогирӣ бо таҳсилот ва давомоти толибилмон афзоиш ёфт, ҳамчунин, талабот ба таҳсилот тавассути баланд бардоштани иқтидори мактабҳо ва мақомоти давлатӣ дар сатҳи ноҳиявӣ ва таъминнамоии дастрасии ҳамаи кудакон ба маълумоти ибтидоӣ афзоиш меёбад. Дар доираи лоиҳаи мазкур Хазинаи кудакон барои қабул намудани барномаи умумиҷумҳуриявии ба фарогирии умумӣ, гирифтани маълумоти ибтидоӣ, аз ҷумла гузариш ба маълумоти миёна фактҳо ва самтҳои стратегиро пешниҳод менамояд. Барномаи нави Хазинаи кудакон дар Тоҷикистон ба дастовардҳои силсилаи барномаҳои гузашта ҷиҳати ошкорнамоии кудакони бо мактаб фаро гирифта нашуда ё зимни хавфи хориҷшавӣ қарордошта такя мекунад ва ба андешидани тадбирҳои дахлдор аз ҷониби мақомоти маориф ва волидон мусоидат менамояд. Хазинаи кудакон бо шарикон дар соҳаи андешидани тадбирҳои омӯзиши босуръати кудакони бо мактаб фаро гирифта нашуда, ё зимни хавфи хориҷшавӣ қарордошта кор мебарад. Таваҷҷуҳи махсус ба кудакони имконияташон маҳдуд (КИМ) ва гузариши духтарон ба гирифтани маълумоти пас аз маълумоти ҳатмии ибтидоӣ зоҳир карда мешавад.

Лоиҳаи Сифати таҳсилот кушишҳои ҳукуматро ҷиҳати табдилдиҳии барномаи ба дониш асосёфта ба барномаи ба ташаккулдиҳии донишу малакаҳои густурдаи касбӣ нигаронидашуда, аз ҷумла гузариши дарозмуддатро ба таҳсилоти 12-сола дастгирӣ менамояд. Илова бар он, Хазинаи кудакон бо Вазорати маориф ва илм ва ҳамкорони дигар дар соҳаи такмили ихтисоси омузгорон бо мақсади беҳтарнамоии усулҳои педагогии ба таълими ба толибилм нигаронидашуда, ташвиқу тарғиби ҷиҳозонидани синфхонаҳо тавре, ки муҳити фарогири таълимӣ гарданд, аз ҷумла дар соҳаи кор дар самти таҳкими таҷрибаи таълимдиҳӣ ва омузиш дар шароити таҳсили якҷоя дар гуруҳҳои аз толибилмони синфҳои гуногун иборатбуда ҳамкорӣ менамояд. Кушишҳо ба дастгирии низоми миллии баҳогузории натиҷаҳои таълимдиҳӣ дар асоси меъёрҳои беҳтарини байналмилалӣ нигаронида мешаванд.

**Муҳити ҳифзкунанда барои кудак:**

Барномаи ҳифзи кудакон ба табдилдиҳии низоми нигоҳубини кудакон ба маҷмуи фарогири хизматгузориҳои ба ҷорабиниҳо дар сатҳи ҷамоаҳо асосёфта (бахусус барои кудакони дорои маълулият) ва ивазнамоии нигоҳубини оилавӣ кушиш менамояд. Барнома кушиш низ менамояд, ки соҳаи адлияи ноболиғон манфиатҳои беҳтарини кудакро ҳимоя намояд ва дар сатҳи ҷамоаҳо усулҳои алтернативие дастрас ва истифода шаванд, ки ба ҳадди ақал овардани маҳрумкунӣ аз озодӣ нигаронида шаванд.

Дар доираи лоиҳаи Ислоҳоти соҳаи нигоҳубини кудакон ҳукумат ҷиҳати таҳиянамоӣ ва ҷоринамоии асосҳои сиёсати миллии нигоҳубини кудак дастгирӣ карда мешавад ва даъват карда мешавад ҳамоҳангсозиро тақвият диҳад ва ҳамкорон стратегияҳои умумиро қабул намоянд. Ин тақвиятдиҳии вазифаи кори иҷтимоӣ: ошкорнамоӣ, баҳогузорӣ, сарпарастӣ, раҳсипорнамоӣ (бозравонӣ) ва назорати кудакони осебпазир, васеънамоии доираи фарогирӣ, дастрасӣ ва беҳтарнамоии сифати хизматгузориҳо дар сатҳи ҷамоаҳо, хизматгузориҳои дастгирии оилаи онҳо, ва васеънамоии хизматгузориҳои босифати ивазкунандаи оиларо дарбар мегирад. Таваҷҷуҳи махсус ба кудакони имконияташон маҳдуд зоҳир карда мешавад. Интизорӣ меравад, ки кушишҳо дар доираи лоиҳаи мазкур ба коҳиши нигоҳдорӣ дар муассисаҳо, бахусус кудакони синни то сесола саҳм мегузоранд.

Дар доираи лоиҳа Адлияи ноболиғон ислоҳоти ҳуқуқӣ ва сиёсии ба меъёрҳои байналмилалӣ асосёфта дастгирӣ карда мешавад ва ихтисоси кормандони масъули татбиқи адолати судӣ нисбати кудакон такмил дода мешавад. Ин ба муайяннамоии алтернатива ба маҳрумкунӣ аз озодӣ, аз ҷумла гуногунсозии хизматгузориҳои ҷамоавӣ ва хизматгузории барқароркунӣ бе ҳуҷраи доимӣ мусоидат менамояд. Таваҷҷуҳи махсус ба ҷинояткорони ноболиғ зоҳир карда мешавад, ки бори нахуст ҷиноятҳои сабуктарин содир намуданд. Лоиҳа зина ба зина усули васеътари татбиқи адлияи ноболиғонро мавриди истифода қарор медиҳад ва ба кудакони ҷабрдида ва шоҳидони ҷиноятҳо кумак мерасонад.

Дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, Хазинаи кудакон Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро дар таҳиянамоии системаи комплексии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва намоишдиҳии мувофиқи мақсад ва муҳим будани он дастгирӣ менамояд. Ин соҳаи кор азназаргузаронии нави хизматгузориҳо ва имтиёзҳои мавҷуда, аз ҷумла ҷоринамоии қолабҳои нави хизматгузориҳои ба маълумотҳои воқеӣ ва ба адолат асосёфтаро дарбар мегирад.

**Иштироки пурраи ноболиғон:**

Барномаи Хазинаи кудакон оид ба рушд ва иштироки ноболиғон, ба татбиқи ҳуқуқ ба «имконияти дуюм» барои кудакони дар даҳсолаи дуюми ҳаёти худ қарордошта мусоидат мекунад. Мақсаду мароми он ошкор намудани қобилиятҳои мусбии ноболиғон, ҳам писарон ва ҳам духтарон, тавассути дастгирии иштироки пурраи онҳо дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёт, то онҳо иштирокчиёни фаъоли ҳаёти маҳаллӣ ва ҷомеа гарданд, ҳамчунин мусоидат намудан ба рушди ҷомеаи фарогир, таҳаммулпазир ва осоишта аст. Фаъолият дар соҳаи мазкур ба расонидани кумак ба ноболиғони бештар озордида, аз ҷумла аз ҳисоби ақаллиятҳои этникӣ ва кудакони имконияташон маҳдуд, бо ВНМО басарбаранда ё таърихи ҷиноятидошта нигаронида мешавад. Унсурҳои асосии амалиёт дар соҳаи мазкур чунинанд: а) Малакаҳои ҳаётӣ ва муошират – мусоидатнамоӣ ба ҳалли мушкилоти марбути қобилияти ноболиғон ҷиҳати дархост намудан ва дастрасӣ ёфтан ба иттилоот ва хизматгузории ба ҷавонон нигаронидашуда. Бо ин ҳадаф, Хазинаи кудакон бо муассисаҳои миллӣ ва маҳаллии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар соҳаи ҳуқуқҳо ва рушди донишу малакаҳои ҳаётӣ ҳамкорӣ менамояд. Ҳадаф аз он иборат аст, ки ниёзҳо ва афзалиятҳои ноболиғон дар раванди қабулнамоии қарорҳои сиёсӣ ва таҳиянамоии буҷет дар сатҳи миллию маҳаллӣ беҳтар ба инобат гирифта шаванд. Ин барои ноболиғон, аз ҷумла онҳое, ки дар вазъи бадтарин қарор доранд, имконияти дар равандҳои мазкур шунида шуданро фароҳам меоварад. б) Пешгирии ВНМО ва БНМО: Хазинаи кудакон дастгирии васеънамоии хизматгузориҳо ба ноболиғон, таъсисдиҳии дармонгоҳҳои бо назардошти ниёзҳои ноболиғон хизматгузор идома дода ба модели пешқадами хизматгузориҳои тандурустии махсусан ба ноболиғон нигаронидашуда такя мекунад. Ғайр аз он, он таваҷҷуҳи аввалиндараҷаро ба ҳамкорӣ бо созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва шуъбаҳои ноҳиявии тандурустӣ бо ҳадафи таъминнамоии дастрасии кудакон ва ноболиғони бо ВНМО сироятшуда ба кумакпулиҳои иҷтимоӣ ва хизматгузориҳои равонӣ ва иҷтимоӣ зоҳир менамояд, ки сифати ҳаёти онҳоро беҳтар менамоянд, аз ҷумла сатҳи худкушиҳоро паст мекунанд. в) Сулҳсозӣ – татбиқи лоиҳаҳо бо ҷалбнамоии кудакон ва ноболиғон ба сафарҳои фаромарзӣ ҳам ба Тоҷикистон ва ҳам ба Қирғизистон бо ҳадафи ташвиқу тарғиби сулҳ ва рушди фарогир.

**Самти фаъолияти барномаҳои оянда**

Хазинаи кудакони СММ тавассути барномаҳоиояндаи худ ҳимоя намудани фаъоли ҳуқуқи кудаконро бо ҳадафи ба онҳо кумак расонидан ҷиҳати қонеъгардонии эҳтиёҷоти асосии худ ва васеъ намудани имконоти онҳо оид ба истифодаи пурраи қобилиятҳои худ бо таваҷҷуҳи махсус ба кудакони осебпазиртарин идома медиҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Хазинаи Оғо Хон оид ба рушди иқтисод \ Хадамот оид ба рушди саноат – Минтақаи Осиё

Тамос: Ҷ-би Озодхон Давлатшоев
Менеҷери минтақавии Осиёи Марказӣ
Тел: (+992 37) 227 37 29 Факс: (+992 37) 227 37 39
Почтаи электронӣ: ozodkhon.davlatshoev@akdn.org
Сомона: www.akdn.org
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 14, бинои меҳмонхонаи "Серена", ошёнаи 6, Идораи АКФЕД

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Хазинаи Оғо Хон оид ба рушди иқтисод - Индастриал Промоушн Сервисез (IPS)

Хазинаи Оғо Хон оид ба рушди иқтисодиёт (ХОХРИ) бо ҳукуматҳо, корпоратсияҳои байналмилалӣ, донишгоҳҳои байналмилалии молиявӣ ва донорон оид ба ҳалли масъалаҳои эҳтиёҷоти инфрасохторӣ, аз ҷумла истеҳсоли нерӯи барқ ва телекоммуникатсия кор мебарад. ХОХРИ қариб 50 корхонаҳои истеҳсолии Африқо ва Осиёро маблағгузорӣ намуда, идоракунии онҳоро ба ҷо меорад.

Дар аввали солҳои 1960-ум Гурӯҳи ширкатҳо таҳти номи Индастриал Промоушн Сервисез (IPS) муттаҳид гаштанд. Ҳар як ширкат барои пешниҳод намудани сармояи венчурӣ кумаки техникӣ ва дастгирии идоравӣ бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва афзудани корхонаҳои хусусӣ дар Африқо, биёбони Сахара ва Осиёи Ҷанубӣ таъсис дода шуда буд. Афзуншавӣ, хусусигардонӣ ва табдил додани шакли фаъолият аз кам кардани воридот ба мусоидат ба рушди содирот чунин натиҷа дод, ки IPS муносибати худро нисбат ба кор дигар кард. Рушди чунин соҳаҳо ба монанди фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, бастабандӣ дар Африқо, минтақаи Сахара боиси пайдо шудани эҳтиёҷот ба маблағгузории нав ба иқтисодиёти рӯ ба тараққии Осиёи Марказӣ дар соли 1990 ва 2000, аз ҷумла Афғонистон ва Тоҷикистон гашт. Дар айни ҳол ширкатҳои IPS дар иқтисодиёти маҳаллӣ ва минатқавӣ нақши муҳимро мебозанд.

Технологияи истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ. Яке аз соҳаҳои муҳими коркард IPS- коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад ва ба он ширкатҳое дохил мешаванд, ки маҳсулотро ҳам ба бозори маҳаллӣ ва ҳам ба бозори беруна таҳвил мекунанд. Инчунин онҳо дар дастгирии иқтисодиёти деҳот низ нақши муҳим доранд. Дар Кения, масалан Frigoken дар таблиғи донишҳои кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳои 45000 фермерони кениягӣ, ки зироатҳои лӯбиёдонагиро парвариш мекунанд, ширкат меварзад. Зироатҳои лӯбиёдонагӣ коркард карда шуда, сипас ба бозорҳои Аврупо содир карда мешаванд. Ба фермерони дар боло зикргардида аз ҷониби Агентии ғайриитиҷоратии Оғо-Хон оид ба Қарздиҳии хурд қарзҳо ҷудо карда мешаванд, то ин ки дар ҳалли мушкилоти молиявӣ ба онҳо кумак кунанд. Одатан чунин мушкилот то ба даст овардани фоида аз фурӯши маҳсулоти парварида ба миён меоянд.

Дар Африқои Ғарбӣ ХОХРИ дар таблиғи донишҳои кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳои 60000 фермерон, ки бо парвариши пахта машғуланд, ширкат варзида, корхонахои пахтатозакуниро идора мекунад ва маҳсулоти тайёрро содир менамояд. Барномаҳои иҷтимоии он иборатанд аз қарздиҳии хурд, маориф, ҳифзи меҳнат ва санитария барои фермерон.

Барои ҳавасмандкунии бо меҳнат машғул шудани занон ширкатҳои мазкур ба намунаҳои миллии дастгирӣ дар масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳифзи иҷтимоии кӯдакон ва тандурустӣ табдил ёфтааст.

Инфрасохтор. ХОХРИ бо ҳукуматҳо, корпоратсияҳои байналмилалӣ, донишгоҳҳои байналмилалии молиявӣ ва донорон оид ба ҳалли эҳтиёҷоти мубрами инфрасохторӣ, аз ҷумла истеҳсоли нерӯи барқ, телекоммуникатсия ва таъмини оби нӯшокӣ кор мебарад.

Аввалин лоиҳаи сармоягузории ХОХРИ дар бахши энергетикӣ лоиҳаи «Азито Энерджи ($225млн)» дар кишвари Кот-д-Ивуар, сохтмони калонтарин нерӯгоҳи хусусӣ дар Африқо, Ҷануби биёбони Сахара буд. Дар айни замон ин нерӯгоҳ 40 фоизи эҳтиёҷоти нерӯии кишварро қонеъ мегардонад. Пас аз лоиҳаи мазкур лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи "Тсаво" дар Момбас амалӣ гардонда шуд, ки он аввалин лоиҳаи хусусии ба воситаи тендери кушод дар Кения анҷомёфта буд. Аввалин маротиба чунин нерӯгоҳ аз рӯи қонунҳои такмилёфтаи сахтгири муҳити зист бо муваффақият сохта шуд.

ХОХРИ инчунин бо ҳамкорон бо мақсади барқарорсозӣ ва ривоҷ додани нерӯгоҳи барқи обӣ, ки дар даврони шӯравӣ сохта шуда буд ва эҳтиёҷоти нерӯии қисми шарқии Тоҷикстонро қонеъ мегардонд, дар якҷоягӣ кор карда буд, ки натиҷаи он пешгирии несту нобуд кардани ҷангалҳо ва мусоидат намудан ба барқарорсрзии иқтисодиёти ин минтақа ба шумор меравад. ХОХРИ дар кишвари Уганда лоиҳаро ба маблағи 860 млн доллар сармоягузорӣ мекунад, ки он лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи Буҷагали 220 МВт, буда, бо мақсади истеҳсоли нерӯи барқи ниҳоят дараҷа зарурӣ барои кишвар ва кишвари ҳамсоя-Кения сохта мешавад.

Аввалин лоиҳаи телекоммуникатсионии ХОХРИ -таъсис додани ширкати "Индиго" ширкати алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон мебошад. Дар Афғонистон ХОХРИ қарор дод, ки созмон додани инфрасохтори коммуникатсионӣ барои азнавташкилдиҳии кишвар хеле муҳим аст ва дуюмин шуда барои оператори алоқаи мобилӣ шудан иҷозатнома гирифт. Ширкати таъсисдодашудаи Рошан беш аз 250 млн. долларро барои васеъ намудани минтақаи фарогирии алоқаи худ

сармоягузорӣ кард. Ҳайати доимиии ширкати Рошанро беш аз 900 нафар кормандон ташкил мекунанд; ба таври илова қариб 20000 нафар одамон ҳамчун дистрибютерон, пудратчиён ва таҳвилгарон машғуланд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Лоиҳаи Хусусии Энергетикии Помир- (Ширкати Помир Энерҷи) - Хазинаи Оғо Хон оид ба рушди иқтисодӣ (ХОХРИ) дар ҳамкорӣ бо Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ (КБМ) дар соли 2002 Ширкати Энергетикии Помирро таъсис доданд, ки мақсади он ҳалли бӯҳрони энергетикии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон буд, ки дар арафаи нестшавӣ қарор дошт. Беш аз 30 млн доллар аз ҷониби ширкат барои таъмири инфрасохтори энергетикии ВМКБ ва пурзӯр намудани иқтидори гидроэлектрикии вилоят сармоягузорӣ шуд. Ба туфайли ин кӯшишҳо ба беш аз 86 фоизи аҳолии ин минтақа нерӯи барқ дастрас аст ва ин дар ҳолест, ки маблағгузории мақсадноки (субсидияи) тарифҳо имкон медиҳанд, ки ҳатто камбизоаттарин хоҷагиҳо ҳам имконияти истифода бурдани нерӯи барқро дошта бошанд. Айни замон Помир Энегрҷӣ ба сокинони шабакаи тақсимоти қувваи барқ (зиёда аз 80 фоизи истифодабарандагон) шабонарузӣ қувваи барқ медиҳад ва ба сокиноне, ки аз шабакаи барқӣ берун мебошанд тақрибан 18-20 соат бо қувваи барқ таъмин менамояд. Содироти қувваи барқи Помир Энерҷӣ ба деҳаҳои марзии Афғонистон талафоти қувваи барқро коҳиш дод. Помир Энерҷӣ сармоягузорӣ ба рушди шабакаи ягонаи қувваи барқ, аз ҷумла дастгирии нуқтаҳои обии хурдро дар ноҳияи ВМКБ идома дода, тасмим гирифтааст, ки дар давоми 15 соли минбаъда тақрибан 15 миллион сармоягузорӣ намояд. Помир Энерҷӣ, инчунин маблағҳои донорҳои гуногун ва ҳамкорони рушдро барои сармоягузорӣ ба рушди таҷҳизоти интиқол ва тақсимоти қувваи барқ баҳри ҳарчӣ бештар содир намудани қувваи барқ ба ноҳияҳои ҳаммарзи Афғонистон дар доираи барномаҳои рушди иқтисодии байнимарзӣ (тақрибан 51 млн. дар давоми солҳои 2010-2016) ҷалб хоҳад намуд.

ИНДИГО Тоҷикистон - соли 2001 ХОХРИ бо ВАН дар бораи оғоз намудани кори ширкати мобилӣ дар Тоҷикистон шартнома ба имзо расонданд, ки он барои беҳтар сохтани хизматрасонӣ ва бедор кардани рақобат дар бозори алоқаи мобилии кишвар мусоидат менамуд. Дар айни ҳол ширкати мазкур дар байни ҳашт ширкати мобилии Тоҷикистон яке аз беҳтарин ширкати алоқаи мобилӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2010 гурӯҳи умумиҷаҳонии пешрафтаи телекоомуникатсионии TeliaSonnera дар доираи ин ташаббус бо АКФЕД ҳамкории зич ба роҳ монд. Номи ИНДИГО Тоҷикистон дар доираи гурӯҳи TeliaSonerra ба Tcell тағйир ёфт. Айни замон ширкати Tcell хизматрасонии мобилӣ ва интернетро ба зиёда аз 3.1 миллион истифодабарандагон мерасонад ва яке аз пешқадамтарин ширкатҳо дар кишвар боқӣ мемонад. Ширкати Tcell 4 сол пайиҳам барандаи ҷоизаи Ҳукумати Тоҷикистон ҳамчун беҳтарин андозсупор ба ҳисоб меравад.

IPS/Фонди Огохон Оид ба Рушди Иктосоди (AKFED) айни ҳол дар ҳолати сохтани неругоҳи обии Санобод қарор дорад. AKFED дар соли 2008 барои пешаки озмоиш намудани ҳолати техникиву иқтисодии лоиҳаи мазкур 300 ҳазор доллари ИМА- ро маблағгузорӣ кард. Дар ҳамкорӣ бо ширкати Швейтсариягии Штуки соли 2016 корҳои тадқиқотиро вобаста ба асоснокунии техникиву иқтисодӣ ва дизайни лоиҳа огоз намуд. Арзиши корҳои тадқиқотӣ беш аз 1 миллион доллари ИМА –ро ташкил медиҳанд.

Тибқи ҳисобҳои пешакӣ тахминан арзиши лоиҳаи неругоҳи барқӣ обии Санобод зиёда аз 220 миллион доллари ИМА-ро ташкил мекунад. Амалӣ намудани лоиҳаи мазкур ба иқтисодиёти Тоҷикистон бо ҷалб намудани ширкатҳои дохилӣ ва ташкил намудани ҷойҳои корӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Ба кор даровардани НБО Санобод аз истифода бурдани захираҳои гидроэнергетикии дарёи Панҷ шуруъ мешавад. Қудрати фазаи якум тақрибан 150 – 200 МВт бо коркарди ҳарсолаи қувваи барқ баробар бо 1 млрд КВт –ро ташкил мекунад. Ин имконияти иштироки фаъолонаро дар рушди бозори фуруши барқ дар Осиёи Марказӣ (Афғонистон, Покистон, Хитой ) фароҳам меоварад.

**Самти барномаҳои оянда**

IPS/AKFED дар оянда низ имкониятҳои иловагӣ барои гузоштани саҳми худро дар рушди инфраструктураи энергетикӣ, агросаноатӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт хоҳад гузошт.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Бисёрҷониба*

# Хазинаи Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи нуфус

Тамос: Хонум Азиза Ҳамидова
Намояндагии UNFPA дар Тоҷикистон
Тел: (+992 44) 600 58 44 Факс: 600 55 96
Почтаи электронӣ: aziza.hamidova@undp.org
Сомона: www.untj.org; www.unfpa.org
Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Бохтар 37/1, утоқи 501 (маркази тиҷоратии «Вефа»)

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

**Рисолат:** Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи нуфус (UNFPA) - ташкилоти байналмилалӣ оид ба масъалаҳои рушд аст ва барои бунёди оламе, ки дар он ҳар як ҳамл матлуб, ҳар як тавлид бехатар ва иқтидори ҳар як ҷавон ба пуррагӣ амалӣ мегардад, кушиш ба харҷ медиҳад.

Барномаи Хазинаи Нуфуси СММ (UNFPA) чунин мақсадҳо дорад:

- Баланд бардоштани иқтидори ташкилотҳои шарикони рушд оид ба амалисозии стратегияҳо ва таъмини хизматрасонӣ, омузонидани мутахассисони маҳаллӣ ва таъминот ва дастрасии хизматрасонии тиббии баландсифат оид ба солимии репродуктивӣ, инчунин дар ҳолатҳои фавқулодда;
- Таъмини истифода намудани пайдарпаи таҳлили маълумот оид ба тамойули аҳолӣ барои баландкунии маблағгузории чорабиниҳо оиди баробарҳуқуқии гендерӣ, рушди ҷавонон, солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, пешгирии ВБНМ ва инчунин барои беҳбудсозии шароити зист, рушди устувор ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ;
- Таъмини аҳамият оид ба масъалаҳои наврасон, махсус ҷавондухтарони наврас, дар сиёсати миллии рушд ва барномаҳои рушд, аз он ҷумла афзун гардонидани дастрасии таҳсилоти ҳамаҷонибаи оид ба шаҳвоният инчунин солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ; ва
- Баланд бардоштани имконоти занон барои бархурдор будан аз ҳуқуқҳои шаҳрвандиашон, аз ҷумла, ҳуқуқҳои репродуктивӣ ва зиндагонии озод аз зуроварӣ ва таҳқирҳо.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Барномаи кишварии UNFPA барои солҳои - 2016 - 2020 аз чор зербарномаҳои соҳавӣ иборат аст: Саломатии репродуктивӣ (саломатии модар, танзими оила, солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, пешгирии ВБНМ), ҷавонон ва наврасон, Барномаи рушд ва нуфус, Баробарҳуқуқии гендерӣ.

**Самти барномаҳои оянда**

Солимии репродуктивӣ, ҷавонон ва наврасон, рушд ва нуфус, баробарҳуқуқии гендерӣ.

**UNFPA** - Чунки ҳар як шахс аҳамият дорад!

*ТҒД*

# Ҳайати Шафқат дар Тоҷикистон

Тамос: Ҷ-би Гаррет Хаббард
Директори кишварӣ
Тел: (+992 37) 221 08 60/64/79
Почтаи электронӣ: tj-mct@mercycorps.org
Сомона: www.mercycorps.org
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Носирҷон Масумӣ 21

**Самтҳои асосии фаъолият**

Ҳайати Шафқат ташкилоти байналмиллалӣ, ғайридавлатӣ мебошад, ки кумаки башардустонаро фароҳам меоварад ва бо масъалаҳои вобаста ба рушду такмил кору фаъолият мебарад ва ва нерумандшуда аз он эътиқод, ки як ҷаҳони беҳтар имконпазир аст.. Ҳайати Шафқат вобаста бо масъалаҳои офатҳои табиӣ, низоъҳо, қашшоқӣ ва ноустуворӣ сарукор мебарад ва ба аҳолӣ, ҷамъият ва ташкилотҳо кумак мерасонад, ки метавонад ба натиҷаҳои мусбӣ оварда расонад. Ҳайати Шафқат ба аҳолӣ дастгирӣ мерасонад, то ин ки бӯҳроне, ки онҳо бо он дучор шудаанд тавонанд ҳалли онро ёфта ба имкониятҳо баргардонанд, ки сазовори он мебошанд. Мақсади муассиса қонеъ намудани талаботҳои маҳаллӣ мебошад, аз ҷумла барномаҳои мо ба ҷамъиятҳое, ки дар минтақаҳои шароити паст дошта саросари ҷаҳон дастгирӣ мерасонанд тавассути таъмин намудани онҳо бо асбобу анҷомҳо ва эҳтиёҷи онҳоро ба хотири мубаддал намудани зиндагии худ дар самти беҳтар гардонии зиндагии онҳо дастгирӣ менамоянд. Гурӯҳи байналмиллалии мо дар 40 давлати саросари ҷаҳон кӯшиш ба харҷ медиҳад ки рафти зиндагии 19 миллион нафарро беҳтар мегардонад. Барои дарёфт намудани маълумоти мухтасар, метавонед ба ин сомона ташриф оваред: www.mercycorps.org. Ҳайати Шафқат дар Тоҷикистон аз соли 1994 фаъолият мекунад.

Стратегияи Ҳайати Шафқат дар Тоҷикистон дар самти дарёфт намудани ҳалли мушкилот ба таври инноватсионӣ ва устувор нисбати проблемаҳои маҳаллӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Мақсади умумии Ҳайати Шафқат дар Тоҷикистон ин ***шароит фароҳам овардан дар Тоҷикистон ҷомеаи солим, самарабахш ва пурқувват мебошад***. Стратегияи мо аз 4 вазифаи асосӣ иборат аст, ки ин мақсадро дастгирӣ менамояд:

1. Мусоидат намудан ба бахши хусусӣ ва рушди иқтисодӣ боиси аз ҷониби ҷомеа ташвиқи таҷрибаҳое, ки ба эҷод намудани имкониятҳо барои шуғл ва даромад, ба монанди буҷети хонавода, диверсификатсияи ҷараёнҳои даромад ва рушди занҷири аз арзиши иловашуда.

2. Баланд бардоштани иқтидори ҷомеаҳо барои идоракунии беҳтари захираҳои табиӣ, кам кардани хатари офатҳои табиӣ ва мутобиқ шудан ба тағйири иқлим тавассути омузишҳо, рушди малака ва усулҳо барои истифодаи дониши беҳтар дар амал.

3. Беҳтар намудани дастрасӣ ба, ва сифати мавод ва хизматрасонии тиббӣ ва мусоидат ба тағйирёбии рафтори устувор дар ҷомеа ба самти тандурустии беҳтар, ғизо , танзими оила, гигиена ва беҳдошт.

4. Рушду сайқал додани устуворӣ ва малакаҳои роҳбарии ҷавонон бо мақсади кумак кардан ба онҳо барои самаранок мусоидат кардан дар паст кардани хатари фишори офатҳои таббии, иқтисодӣ ва сиёсӣ бо мақсади пешгирии бесуботӣ ва/ ё низои дохилӣ.

**Барномаҳо:**

1. Барномаи USAID ва Ҳайати Шафқат оиди саломатии модару кудак.

**Мақсад:**

Паст намудани камғизоӣ ва беҳтар намудани солимии модарон ва кудаконе, ки то синни 2 сола мебошанд, дар 12 ноҳияҳои мақсадноки Барномаи Ғизо барои Оянда дар Вилояти Хатлон тавассути ғизогирӣ ва хизматрасонии тиббии беҳтаркардашуда ва мудохилоти таъсири баланди ҷомеавӣ. Ҳадаф аз васеъгардонидани лоиҳа ин беҳтар намудании ғизогирӣ ва саломатии модару кудак дар дувоздаҳ ноҳияи мақсадноки вилояти Хатлон мебошад.

Барнома ба мақсади худ тавассути ҳадафҳои зерин мерасад:

НФ 1. Баланд бардоштани сифати амалҳои асосии ғизодиҳӣ барои ғизогирии модарон дар хадамотҳои тандурустӣ ва бо роҳи дастгирии дар сатҳи ҷомеа.
НФ2. Беҳтар гардонидани таҷрибаҳои ғизодиҳӣ ба тифли навзод ва кудаки наврас, ки аз тарафи оилаҳо истифода мешавад ва тавассути хадамотҳои пешгирии норасоии маводи ғизо ва машварати ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад
НФ 3. Таҷрибаҳои оиди беҳдошт ва санитария, ки аз тарафи оилаҳо қабул ва истифода мешаванд ва тавассути алоқа ва тавсияи ҷамъият ба роҳ монда мешавад.
**Вазъи амалишавии лоиҳа:**

Барномаи мазкур ба комёбиҳои зерини назаррас ноил гашт:

• 1000 Кормандони Ҷамъиятии Тандурустӣ (КҶТ) дар омузиш барои тренерон (ТОТ), ки аз ҷониби Барнома пешниҳод карда шуд оид ба гигиена ва беҳдошт иштирок карданд.

• 500 Кумитаи Тараққиёти Қишлоқ ( КТҚ) дар Омузиши сафарбаркунии ҷомеа ва рушди Нақшаи кории КТҚ иштирок карданд.
• 902,790 нафар оид ба ғизо, танзими оила ва гигиена ва беҳдошт аз тарафи Кормандони Ҷамъиятии Тандурустии (КҶТ) ботаҷриба дар ҳамаи 12 ноҳияҳои мақсаднок омузонда шуданд.
• 1000 Кормандони Ҷамъиятии Тандурустӣ (КҶТ) дар омузиш барои тренерон (ТОТ) оиди захираи озуқаворӣ ва очоронидании безарар, ки аз ҷониби Барнома пешниҳод карда шуд, иштирок карданд
• 1300 Кумитаи Тараққиёти Қишлоқ ( КТҚ) ва аъзоёни ҷомеа дар омузиш барои тренерон (ТОТ) оиди захираи озуқаворӣ ва очоронидании безарар, ки аз ҷониби Барнома пешниҳод карда шуд, иштирок карданд.
• Лоиҳаи 12 ҳуҷраи машваратӣ дар 12 ноҳияҳои мақсаднок ташкил кардааст ва инчунин онҳоро аз 29 адад таҷҳизоти муҷаҳҳаз гардонидааст.
•Барномаи барои 13 кормандони соҳаи тандурустӣ-Роҳбарнои шуъбаҳои Ҳамбастагии Бемориҳои Кудакон (ҲБК)-и ноҳияҳои ҳадафӣ омузиш оид ба мутобиқшавӣ ҲБК бо усули компютеризатсия шуда ва воситаҳои омузишӣ (ICATT) ташкил кард ва барои ҳар яке аз онҳо лептопҳо бо барномаи ҲБК-ICATT насбкарда шуда, тақсим карда шуданд .
• Барнома барои 21 коргарони соҳаи тандурустии КАТСҳо дар ноҳияҳои мақсаднок оид ба кортҳои машваратӣ, омузиш ташкил кард.
• Барнома барои 12 кормандони соҳаи тандурустӣ- Роҳбарони Марказҳои репродуктивии ноҳияҳои мақсаднок оид ба идораи контрасептивҳо омузиш ташкил кард.
• Барнома барои 825 коргарон соҳаи тандурустии КАТСҳои ноҳияҳои мақсаднок омузиш оид ба С- ҲБК ташкил кард.
• Барнома 4 ҷаласаи ҳамоҳангсозӣ дар 4 минтақа ( ҳар минтақа иборат аз 3 ноҳиягӣ) бо шарикони маҳаллӣ - намояндагони Раёсати тандурустии вилоятӣ, Ҳукуматҳо, марказҳои ҲБК , ТТҲС, Ҷамоатҳо ва аъзоёни ҷомеа ва КҶТҳо, ташкил кард,
• 12 кормандони соҳаи тандурустӣ - роҳбарони Марказҳои репродуктивии ноҳияҳои мақсаднок дар омузиш оид ба идораи контрасептивҳо иштирок карданд .
•Барнома барои 156 кормандони соҳаи тандурустӣ (Акушер /гинекологҳо, момодояҳо, духтурони оилавӣ ва ҳамшираҳои шафқат) омузиши оиди нигоҳубини пеш аз таваллуд ва барои ва 266 кормандони соҳаи тандурустӣ (Акушер /гинекологҳо, момодояҳо, духтурони оилавӣ ва ҳамшираҳои шафқат) омузиши оиди банақшагирии оила дар ноҳияҳои мақсаднок ташкил карданд.
• Барнома аз Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ барои паёмҳои mHealth (паёмҳои асосӣ оид ба ғизо, танзими оила, гигиенаи шахсӣ ва беҳдошт, ки тавассути СМС-пайёмҳо ба аҳолии мақсаднок дастрас мешаванд) тасдиқи гирифт.
• Зиёда аз 2800 нафар, СМС-паёмҳо оиди ғизо, танзими оила, гигиенаи шахсӣ ва беҳдошт дар ҷамоати Меҳнатободи ноҳияи Бохтар гирифтаанд.
• Барнома бомуваффақият 100 деҳа дар 4 ноҳияи мақсаднок (Қубодиён , Н. Хисрав, Ҷиликул ва Бохтар ) барои барномаи Aflteen + интихоб кард ва 150 фасилитатори ҷомеаи дар омузиш барои тренерон ( ТОТ ) оиди модули Aflteen + , ки аз ҷониби Барнома ташкил шуда буд, иштторок карданд.
• Бо ёрии Кумитаҳои Тараққиёти Қишлоқ (КТҚ) Барнома аксияҳо оиди синамаконӣ ва банақшагирии оила дар ноҳияҳои мақсаднок ташкил карда кард. Тақрибан 800 нафар аъзоёни ҷомеа ( аз ҷумла: занон, мардон ва мактаббачагон) дар аксияҳо иштирок карданд ва паёмҳои асосиро оиди моҳияти синамаконӣ , танзими оила, гигиенаи шахсӣ ва беҳдошт қабул карданд.
• 40,000 маводҳои иртиботии таъғирёбии рафтор (ба монанди брошураҳо ва плакатҳо) оид ба ғизо , С- ҲБК, гигиенаи шахсӣ ва беҳдошт ва бехатарии ҳифзи маводи ғизоӣ аз ҷониби Барнома тавассути КҶТ дар ҷамеаҳои мақсаднок тақсим карда шуданд.
• Барнома бо муваффақият бо TajWSS - (консорсиуми шарикони рушд ТҒДБ, ТҒД маҳаллӣ ва мақомоти давлатӣ барои беҳтар намудани об ва санитария) ҳамкорӣ кард.
• Барнома Тадқиқоти Маркетинг оид ба беҳдошт дар 12 ноҳияҳои ҳадафи гузаронид.
• Барнома барои 10 намоянда аз 4 ноҳияи пилотӣ ( Ҷиликул, Ҷ. Румӣ , Шаҳритус ва Бохтар ) омузиш оид ба Маркетинги баҳдошт ташкил кард.
• Барнома барои тарҳи ташнобҳои беҳтар кардашуда аз ҷониби шарикони (ТҒДБ, ТҒД маҳаллӣ ва мақомотҳои давлатӣ) тасдиқ гирифт.
• Ҳайати Шафқат, дар ҳамкорӣ бо Tcell, ширкати телефони мобилӣ, ташаббуси саломатии мобилӣ «mHealth барои Солимии Модар ва Кудак дар Тоҷикистон» барои Лоиҳаи Солимии Модар ва Кудак (СМК) дар Хатлонро оғоз кард. Паёмҳои калидӣ оиди ғизо, модар, навзод ва солимии модар ва ба нақшагирии оила ба воситаи СМС ба аҳолии ҳадафнок тақсим карда мешавад - 5,000 баҳрабарандагон дар ҷамоаҳои ҳадафнок. Бо вуҷуди ин, барномаи СМК зиёд намудани шумораи СМС қабул кунандагонро дар оянда дар нақша доранд.

<u>2. DG ECHO “Ҷомеаҳои ба офатҳои табиӣ устувор карда шуда: Усули ҳавзаи обӣ - барои идоракунии хатари Офатҳои табиӣ”</u>

Мақсади Барнома: Паст кардани талафоти ҷонӣ ва иқтисодӣ, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ дар Тоҷикистони марказӣ руй медиҳад, ва бартараф намуданӣ он ба воситаи кумитаҳои устувор карда шуда дар ҳамкорӣ бо ҳукумат ва сектори хусусӣ

Ҳадафи Барнома: Паст кардани осебпазириҳо ва ҷойгиршавии хатари ҷомеаҳо дар 6 ҳавзаи обии водии Рашт, ба воситаи методҳои нав дар пешгирӣ ва пешакӣ огоҳонидан инчунин ҳамкории беҳтар дар байни ҳамаи ҳамкорони лоиҳа.

**Вазъи амалишавии лоиҳа:**

- Огоҳии хоҷагиҳо дар бораи сар задани офатҳо баланд бардошта шудааст ва ҷомеҳои дар таҳти хатар буда устувор шудаанд.
- Натиҷаҳои Тадқиқоти охирин (Дониш, Муносибат ва Рафтор) нишон дод, ки дониши аҳоли оиди Гигиена ва Тозагӣ ва Паст кардани хатари офатҳои табиӣ 95% баланд шудааст.
- 6 омузиш оиди “SODIS” 8 омузиш оиди Гигиенаи Шахси ва тозагии муҳити атроф, 6 омузиш оиди “Раванди гуфтушунид ва низоъ”, ва 6 омузиш оиди “Тарафдорӣ” гузаронида шуд.
- 12 деҳаи осебпазир нисбати хатар муаян ва интихоб шуда қопҳо тақсимот карда шуданд. 6 000 қоп ба 12 деҳаи осебпазир нисбати хатар тақсимот шуда машқҳои симулиатсиони оиди истифодаи қопҳои рег гузаронида шуд. .
- Дар умум 29 лоиҳаи паст кардани хатари офатҳои табиӣ аз тарафи ҷомеа пешниҳод шуд, барои мисол соҳилмустаҳкамкунӣ, дарахтшинонӣ барои пешгирии тарма, ҳавзҳои об барои пешгирии сухтор, барқарор сохтани каналҳо.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Аз 36 лоиҳаи пешниҳодшуда 25 лоиҳа мувофиқи критерияҳои паст кардани хатари офатҳои табиии амалӣ карда шуд. Саҳми ҷомеа дар амалӣ созии барнома, кори ҷисмонӣ буд.

- 27 CBOs and 29 DRCs have been created during the project period. 17 CBOs have legal status and 10 have been provided with all required documents to register as an organization.
- Дар давоми амалишавии барнома 27 МХҶ ва 29 кумитаҳои паст кардани офатҳо ташкил шуд. 17 МХҶ алакай шакли қонуни дорад ва боқимонда 10 МХҶ бо ҳама ҳуҷҷатҳои лозима барои ба қайдгири қонуни таъмин шудааст.
- ҲШ 25 чорабиниҳои баланд бардоштани сатҳи дониши мардум оиди пешгирии офатҳои табиии ва гигиенаи шахсӣ гузаронд. Ин чорабиниҳо пурра аз тарафи хонандагон гузаронида шуданд. Шуъбаҳои маорифи 3 ноҳияи ҳадафӣ, директорони мактабҳо, муаллимони муттасадӣ, роҳбарони ҷамоатҳо ва ихтиёриён дар таёр намудани барномаи чорабиниҳо ба кормандони ҲШ кумаки зиёд расониданд.

Дар моҳи Апрели соли 2015 бо ҷалби тренерони Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва корманди лоиҳа оид ба мактабҳо омузишҳо оиди аз "кудак ба кудакро" шуруъ карданд. Муаллимони муттасади ба донишҷу – муаллимон омузиш оиди паст кардани хатари офтаҳои табиии ва гигиенаи шахсӣ гузарониданд. Донишҷу – муаллимон донишҳои гирифтаашонро дар байни ҳамсинфон ва оилаашон паҳн мекунанд. Бо ёрии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда 12 машуқҳои симулиатсиони оиди евакуатсияи мактаббачагон ва бехатарии мактаб гузаронидани да шуд. .

Ноил шудан ба натиҷаҳо: 100%.

**3. «Мониторинги Микроэлементҳо (Спринклс)/ Бастаҳои Санҷиши барои Йоднокии Фаврӣ ва IYCF дар Хатлон»**

Мақсаду ҳадафи лоиҳа:

• Баландшавии сатҳи дониши 50 менеҷерони вилоятӣ ва саломатии ноҳиявӣ ва 700 кормандони тиббӣ ва санитарӣ оиди норасоии микроэлементҳо ва пешгирӣ дар байни занони ҳомиладор ва кудакони хурдсол ба воситаи иловагиҳои микроэлементӣ ва машварати ғизо дар 12 ноҳияи вилояти Хатлон интихоб гардида

• Зиёда аз 70% занҳои ҳомиладор ва модарон/парасторон дар ноҳияҳои ҳадафнок дастрасӣ ба маълумоти лозимӣ ва иловагиҳои микроэлементиро доранд.

**Вазъи амалишавии лоиҳа:**

• 40 Кормандони Тиб (КТ) Омузиш барои Омузгорон (ОбО) аз ҷониби лоиҳа оид ба таълим дар бораи микроэлементҳои «Спринклз» - ро гирифтанд

• 855 Кормандони Тиб (КТ) Омузишӣ гирифта оид ба идоракунӣ ва паҳнсозии микроэлементҳои омухта шуда "Спринклз барои кудакони ҳадафнок (6-24 моҳ)

• 36 Кормандони соҳавии ҲШ СМК ва 350 Кормандони Ҷамъиятии Тандурустӣ (КҶТҳо) омузиши Роҳнамоӣ оид ба мониторинги микроэлементҳо ва ҳисоботдиҳӣ қабул карданд

• 50 менеҷерони тандурустии ноҳиявӣ ва вилоятӣ ва 700 кормандони соҳаи тандурустии ибтидоӣ Омузиш оиди истифодаи IYCF бастаи машваратдиҳӣ барои роҳбарони соҳаи тандурустӣ ва кормандони КАТС

• 10 Кормандони Ҳайати Шафқат Барномаи Ҷаҳонии Озуқаворӣ (БҶО) омузиш оид ба миёнамуҳлат болоӣ бозуи гирду атроф (MUAC) Нишондиҳандаро гирифтанд

• Бо дархости Вазорати Тандурустӣ 400 китобҳои бақайдгирии чоп ва тақсим карда шуданд ба муассисаҳои тандурустии деҳотӣ дар 12 ноҳияҳои мақсаднок чоп барои сабти тақсимоти Спринклс ба муасисаҳои тандурустии мақсаднок тақсим карда шуданд.

• 8500 Диаграммаҳои мониторинги рушди ТУТ, ба 350 муассисаҳои тиббӣ чоп ва паҳн карда шуданд

• Дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ, Ҳайати Шафқат роҳнамоии омузиши ним рузаро оиди назорати микроэлементҳо барои 40 нафар кормандони Ҳайати Шафқат ташкил намуд.

Мақсади асосии ин омузиши роҳнамоӣ, муаррифи намудани варақаи назоратӣ ба КҶТҳо, беҳтар кардани малакаҳои мусоҳибагирии онҳо барои ҷамъоварии иттилоот ва кумаки ҳамаҷониба ба иштирокчиён дарк ва беҳтар намудани дониши ва малакаҳои онҳо оид ба фаъолияти мониторинги микроэлементҳо. Кормандони Ҳайати Шафқат дар омузиш иштирок намуданд. Лоиҳаи кормандони техникӣ бо дастгирии ЮНИСЕФ ва Иттиҳоди Ҷаҳонӣ барои Ғизои Беҳтаргардида (ИҶҒБ) омузиш гузаронида шуд.

• Модели каскадии омузиш истифода бурда шуд, кормандони минтақавӣ ва саҳроӣ ба сифати тренерон барои гузаронидани омузишҳои давомнок оид ба мониторинги микроэлементҳо дар байни 350 КҶТҳо дар 12 ноҳияҳои мақсаднок.

• Баъд аз ин омузиш, Ҳайати Шафқат пурсиши назорати микроэлементҳо бо ёрии 350 КҶТҳои ботаҷриба дар 350 муассисаҳои тиббӣ дар 12 ноҳияҳои мақсаднок гузаронид. Мақсади асосии ин назорати тадқиқот чен кардан: 1) Қайд ва тақсими Спринклс дар байни кудакони 6 - 23 моҳа; 2) Қайд ва тақсими микроэлементҳо дар байни занҳои ҳомиладор; 3) Бастаи Санҷиш барои Йоднокии Фаврӣ (БСФ), фарогирӣ дар байни фурушандагони чакана, сардори деҳот ва кормандони соҳаи тандурустӣ, ки минбаъд низ ин БСФ дар байни хонаводаҳо паҳн мекунанд

• Лоиҳа таълими иловагӣ оид ба Назорат ва Ҳисоботдиҳии Микроэлементҳо/Спринклс ва БСФ барои 100 Кормандони Ҷамъиятии Тандурустӣ (КҶТҳо) дар 12 ноҳияҳо гузаронид. Мақсади омузиш баланд бардоштани дониш ва малакаҳои КҶТҳо барои гузаронидани тадқиқоти Микроэлементҳо/Спринклс ва назорат дар ҷамоаҳои онҳо.

• Дар доираи фаъолияти ҷории лоиҳа, ҷаласаҳои омузишии тандурустӣ оид ба ғизо, аз ҷумла синамаконӣ, додани ғизои иловагӣ ва муҳимнокии Спринклс бо гуруҳи кормандони тиббӣ, аз ҷониби кормандони саҳроӣ, КҶТҳо ва лоиҳаи кормандони саҳроӣ мусоидат карда шуданд. То имруз 396.436 аъзоёни ҷомеа, аз ҷумла занон, мардон ва хушдоманҳо дар ҷаласаҳои омузишӣ иштирок намуданд.

**4. Об, беҳдошт ва тозагӣ ва кумаки равонӣ ба аҳолии зарардида аз офати табии дар водии Рашт, Тоҷикистон.**

Мақсаду ҳадафи лоиҳа:

Кумаки равонӣ ба кудакони офатзада ва волидайни онҳо дар ноҳияҳои Рашт ва Тоҷикобод.

**Вазъи амалишавии лоиҳа:**

• Сохтмони 22 адад ҳоҷатхона дар ноҳияи Рашт ва 18 адад ҳоҷатхона дар ноҳияи Тоҷикобод ба анҷом расид.

• Омузиши кумаки равонӣ ба 11 нафар корманди Ҳайати Шафқат аз тарафи доктори илмҳои психологӣ Юнусова Нафиса Муродовна ва профессор Ғафурова Ибодат Шукуровна аз Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон гузаронда шуд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

• Аз 12 омузишҳо оиди об, гигиенаи шахсӣ ва тозагӣ 9 омузиш бо иштироки кудакон ва волидайнашон дар минтақаҳои офатзада гузаронида шуд.
• Қутии гигиенӣ иборат аз (сачоқ, шампун, собун, қайчӣ, вазелин, шона, чуткаи дандоншуӣ, хамираи дандоншуӣ, ва нохунгирак) ба иштирокчиёни омузиши гигиенаи шахсӣ ва тозагӣ тақсим карда шуд.
• Омузиши кумаки равонӣ ба ҳукуматҳои маҳалӣ дар санаи 28 уми ноябри соли 2015 гузаронида шуд.
• 296 кудак кумаки равонӣ гирифтанд.

**5. Кумаки фаври барои аҳолии зарардида аз офати табии дар водии Рашт, Тоҷикистон**

Мақсаду ҳадафи лоиҳа:

Кумак ба аҳолии зараадида аз офати табии бо маводҳои ғайрихурока

**Вазъи амалишавии лоиҳа:**

• Дар давраи якуми тақсимоти маводҳои ғайрихурока 117 хоҷагӣ маводҳои зеринро дастрас намуд:

Курпача ва болишт, руйпуши пашмин, бочкаи 100 литра, субуни антисептикӣ, сачоқ, 6 адади тарелка, 6 адади пиёла, 6 қошуқӣ, 6 адади чоршоха, 1 адади чойник.

• Дар давраи дуюми тақсимоти маводҳои ғайрихурока 68 хоҷагӣ бо маводҳои зерин таъмин карда шуданд:

Руйпуши пашмин, печкаи барқи, фонарик (фонус), термос, музаи резинӣ, ароба.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон*

Тамос: Ҷ-би Ҳоҷатулло Фағонӣ
Сафири фавқулодда ва мухтор
Тел: (+99237) 2210072/2210073/2210074 Факс: 2217921
Почтаи электронӣ: iranernbassv.ti(5)gmail.com
Сомона: www.iranembass-ti.com
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Бохтар, 18

**Профили ташкилот**

Ҷумҳурии Исломии Эрон соли 1991 дар қатори аввалинҳо бо Тоҷикистон соҳибистиқлол муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, моҳи январи соли 1992 сафорати худро дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ намуд. Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон зимни сафари нахустини худ ба Душанбе дар саммити Созмони Ҳамкории Шанхай иштирок намуд. Як қатор санаду созишномаҳо ба имзо расонида шуданд, ки аз ҷонибдории ҳарду ҷониб аз густариши муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг ва ғ.далолат мекунад. Тайи солҳои охир густариши ҳамкории байни Эрон ва Тоҷикистон идома ёфт, ки афзоиши ҳаҷми савдо аз ин шаҳодат медиҳад.

Бо дарназардошти муҳимияти муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои мухталиф, дар ҷумҳурӣ ба ғайр аз Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрони маркази фарҳангӣ, дафтари радио ва телевизиони Эрон, ожонсиҳои IRIMA ва FARS, филиали бонки Тиҷорат, Намояндагии Ҳилоли Аҳмар ва намояндаи кумитаи имдоди эмом Хумайни амал мекунанд.

**Барномаҳои пешина ва амалкунанда**

Ҷумҳурии Исломии Эрони дар рушду пешрафти кишвар нақши муҳим дорад. Ду ширкати эронӣ («Сангоб» ва «Фароб») дар сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Сангтуда-2 иштироки фаъол доштанд. Ҳамчунин ширкати эронии «Собир» сохтмони нақби «Анзоб» (Истиқлол)-ро ба маблағи зиёда аз 70 млн.доллари ШМА анҷом дод, ки аз он 6 млн.доллари ШМА аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шуд.Илова ба ин ду лоиҳа сохтмони шифохонаи Ибни Синоро ба маблағи сармоягузории 12 млн.доллари ШМА қайд намудан ҷоиз аст.

**Лоиҳаву барномаҳои дигар:**

- ба ғайр аз се лоиҳаи дар боло зикргардида ширкатҳои зиёди эронӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт ва саноати Тоҷикистон (масалан, энергетика, нақлиёт, саноат, кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва ғ.) кору фаъолият менамоянд;
- даҳ ҷаласаи комиссияи муштараки иқтисодии ду кишвар даъват карда шуда, ҷаласаи охири он моҳи сентябри соли 2014 дар Душанбе баргузор гардид;
- таҷдид ва азнавҷиҳозонии марказҳои таълимӣ;
- ҳамкорӣ бо Вазорати мудофиа.

**Самти барномаҳои оянда**

- таҳияи нақшаи дарозмуҳлати маҷмуии танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии байни ду кишвар,
- таъсиси гурӯҳҳои корӣ ва кумитаҳои муштарак, аз он ҷумла шурои муштараки савдо,
- баргузор намудани курсҳои таълимӣ, семинарҳо, намоишгоҳҳои муштарак ва ғ.,
- таҳияи лоиҳаи Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва ба имзо расонидани санадҳо дар бораи ҳамкорӣ.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон

Тамос: Ҷ-би Сонатх Гош
Сафири Ҷумхурии Ҳиндустон дар ҶТ
Тел: (+992 37) 221 71 72 Факс: 2510035
Почтаи электронӣ: amboffice.dushanbe@mea.gov.in
Сомона: www.indembassy.tj
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Бухоро 45

**Профили ташкилот**

Ҳиндустон Сафорати худро дар Душанбе соли 1994 кушод ва Тоҷикистон Консулгарии худро дар Делӣ соли 2003 таъсис дод, ки соли 2006 пурра ба Сафорат табдил гашт. Дар Сафорат ҳафт бахш асосан: Сиёсӣ, Маъмурӣ, Тиҷорат, Консулгарӣ, Иттилоот ва Фарҳанг фаъолият доранд.

**Барномаҳои пешина**

- Корхонаи коркарди мева (грант ба маблағи 0,6 млн.доллари ШМА соли 2003 пешкаш гардидааст, Лоиҳа соли 2005 оғоз гардидааст).
- Маркази Бедили Ҳиндустону Тоҷикистон мева (BITCIT) (грант ба маблағи 0,6 млн.доллари ШМА соли 2003 пешкаш гардида, Лоиҳа соли 2006 оғоз шудааст).
- Коргоҳи замонавии механикии Ҳиндустону Тоҷикистон (моҳи августи соли 2006 Ҳиндустон барои дар назди Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ташкил намудани ин коргоҳ дар хусуси ба маблағи 0,75 млн.доллари ШМА пешкаш намудани грант эълон намуд. Коргоҳ 2 июни соли 2011 ба истифода дода шуд).
- Лоиҳаи таҷдиди НОБ-и Варзоб-1 (Ҳукумати Ҳиндустон лоиҳаро аз ҳисоби маблағҳои 100% грант ба маблағи тақрибан 23 млн. доллари ШМА маблағгузорӣ намуд. Лоиҳа моҳи декабри соли 2012 оғоз ёфт.
- Соли 2013 Ҳукумати Ҳиндустон ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон автомашинаи ёрии таъҷилии тиббиро бо арзиши 56 775 доллари ШМА тухфа кард.
- Соли 2015 ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвози ВМКБ автомашинаи ёрии таъҷилии тиббӣ бо арзиши 55 000 доллари ШМА тухфа карда шуд.
- Барнома оид ба рушди иқтидор:

  а) Барномаи омузишӣ оид ба «Ҳамкории техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон» (ҷалби 100 нафар дар як сол) ба сифати грант барои курсҳои кутоҳмуддати омузиши касбҳо ва забон таҳия мегардад.

  б) Барномаи омузиш барои ҷалби 50 нафар хатмкунандагон ва аспирантҳо дар як сол ба тариқи грант пешниҳод мегардад.

**Самти барномаҳои оянда/амалкунанда**

- Ҳукумати Ҳиндустон дар 37 мактаби ш. Душанбе ва шаҳрҳои дигари Тоҷикистон лабораторияҳои компютерӣ мекушояд. Лоиҳа аз ҷониби CDAC амалӣ карда мешавад.
- Ҳиндустон ба кор бо фермаҳои дар ш. Душанбе ва шаҳрҳои гирду атроф пешниҳодгардида оғоз намуд, ки дар онҳо коршиносони ҳиндӣ ба мутахассисон ва кишоварзони Тоҷикистон технологияву амалияи муосири кишоварзиро ба намоиш хоҳанд гузошт.
- Ҳиндустон дар Тоҷикистон марказҳои омузиши забонҳои англисӣ ва ҳиндиро боз мекунад. Дар доираи ин лоиҳа Ҳиндустон таъминоти барномавии омузиши забон ва инфрасохтори зарурии дигари иттилоотию техникиро пешниҳод хоҳад кард.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия

Тамос: Ҷ-би Али Рифат Кёксал
Сафири Туркия дар ҶТ
Тел: (+993 702-41-00 Факс: 702-41-09
Почтаи электронӣ: embassy.dushanbe@mfa.gov.tr
Сомона: dusanbe.be.mfa.gov.tr
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17/2

## Самтҳои асосии фаъолият

Ҷумҳурии Туркия яке аз аввалинҳо шуда (16 декабри соли 1991) истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф кард. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 кушода шуда, фаъолияташро то ба имруз давом дода истодааст, он ҳатто дар давраи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992 - 1995 низ фаъолияти худро қатъ накарда буд. Аз соли 1992 то 2013 Ҷумҳурии Туркия ёрии башардустонаро (ҳам дар шакли пул ва ҳам кумаки моддӣ) тариқи дастрас намудани хурокворӣ, таъминоти тиббӣ ва либос расонд.

Ғайр аз ин, донишҷуёни тоҷик тариқи идрорпулии аз ҷониби Ҳукумати Туркия ҷудошуда таҳсилоти олиро дар Туркия гирифта истодаанд. Инчунин, маркази таълимӣ - маърифатӣ оид ба омузиши забони туркӣ (TTÖMER) дар Душанбе барои тақрибан 1000 донишҷуи тоҷик ҳамасола ройгон курсҳои омузиширо анҷом медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи Агентии Туркия оид ба ҳамкорӣ ва рушд (TIKA) ба Тоҷикистон кумак расонида истодааст, ки ҳаҷми умумии он аз 8 миллион доллар зиёд мебошад.

## Барномаҳои пешина ва амалкунанда

Туркия расонидани кумаки молиявиро ба андозаи 96 млн. доллари ИМА идома медиҳад, ки ба он қарзи Бонки Эскими Туркия, кумак аз (18,4 млн. доллари ИМА) ва кумакҳо аз дигар муассисаҳои туркӣ дохил мешаванд.

Кумакҳои расмӣ ба мақсади рушди (КРМР) Туркия асосан аз ҳисоби TIKA амалӣ мегарданд. Дар айни замон самтҳои афзалиятдоре, ки TIKA таваҷҷуҳи худро ба онҳо равона кардааст, иборатанд аз:

- Рушди инфрасохторҳои маъмурӣ
- Рушди инфрасохторҳои соҳаи таҳсилот;
- Рушди инфрасохторҳои соҳаи тандурустӣ;
- Омодагии касбӣ.

**Лоиҳаҳои асосии ҷорӣ:**

Соҳа: Тандурустӣ

Номи лоиҳа: Таъмири дармонгоҳи ёрии таъҷилӣ

Минтақа: Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат

Намуди фаъолият: Таъмири бино

Бахш: Тандурустӣ
Ном: Сохтмон ва таъмири дармонгоҳ
Маҳалли ҷойгиршавӣ: Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абу Али Ибн Сино, ш. Душанбе
Намудҳои фаъолият: Таъмир ва сохтмон

## Самти барномаҳои оянда

TIKA ният дорад, ки минбаъд фаъолияташро дар Тоҷикистон тибқи афзалятҳо ва ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2016 идома диҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Ҳукумати Ҷумҳурии Федеративии Олмон

Тамос: Доктор Силке Клёвер
Муовини Сафир, сардори Идораи рушди хамкории
Сафорати Олмон дар Тоҷикистон
Тел: 37730136 Факс: (+992 37) 224 03 90
Почтаи электронӣ: info@dusc.diplo.de
Сомона: www.duschanbe.diplo.de
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Исмоили Сомонӣ 59/1

**Самтҳои асосии фаъолият**

Сафорат Ҷумҳурии Федеративии Олмонро ҳамчун донор намояндагӣ мекунад. Воситаҳои зерин аз тарафи Вазорати федералӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ (ВФҲИ) дар Бонни Олмон тақсим мешаванд. Дигар идораҳои дахлдор Вазорати федералӣ оид ба корҳои хориҷӣ, Вазорати федералӣ оид ба муҳити атроф, ҳифзи табиат, сохтмон ва амнияти ядрой, Вазорати федералии адлия, Вазорати федералӣ оид ба робитаҳои иқтисодӣ ва энергетика мебошанд.

Маблағҳои дар зер номбаршуда ба хадамотҳои гуногун ё созмонҳои ғайридавлатии олмонӣ (одатан GIZ - кумаки техникӣ ва КфВ - кумаки молиявӣ) супорида мешаванд, дигар муасисаҳои дахлдор КАРИТАС, Deutsche Welthungerhilfe, Deutscher Akademischer Austauschdienst ё Sparkassenstiftung мебошанд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Аз соли 1993, дар ибтидо ҳамчун кумаки фавқулодда, ҳам кумаки техникӣ ва ҳам молиявӣ расонида буд. Баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ Олмон ва Тоҷикистон майл ба ҳамкории иқтисодии муҳлати миёна ва дарозмуддат доштанд. Ҳар сол гуфтушунидҳои дуҷонибаи байниҳукуматӣ барои муайян намудани лоиҳаҳои кумаки техникӣ ва молиявии калон гузаронида мешаванд. Гуфтушуниди навбатӣ тирамоҳи соли 2016 дар Душанбе гузаронда мешавад. Масъалаҳои асосии баррасишавандаи кумаки иқтисодии дуҷониба ислоҳоти иқтисодӣ, инчунин таҳсилоти ибтидой ва низоми тандурустӣ мебошанд. Ҳоло беш аз 100 лоиҳа маблағгузорӣ мешаванд. Сафорат нақша дорад, ки руйхати пурраи лоиҳаҳоро дар сомонаи худ муаррифӣ намояд.

**Лоиҳаҳои асосии дуҷонибаи ҷорӣ:**

Хатҳои (самтҳои) қарзӣ барои Бонки якуми маблағгузории хурди Тоҷикистон (ҳамкории молиявӣ - ҲТ)

Инфрасохтори маҳаллӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ I ва II (ҲМ)

Пешкаши маслиҳат ба корҳонаҳои хурду миёна (ҳамкории техникӣ - ҲТ)

Дастгирии хизматрасонии микромолиявӣ ба ноҳияҳои деҳот (ҲТ)

Мусоидат ба ҷараёни ислоҳоти Низоми таҳсилоти тахассусӣ дар Тоҷикистон

Ҷалби диққат ба барнома оид ба тандурустӣ (ҲМ)

Барқарорнамудани Неругоҳи барқӣ обии Мурғоб (ҲМ)

Хазинаи тадқиқот ва мутахассисон I ва II (ҲТ)

Хазинаи тадқиқот ва мутахассисон (ҲТ)

Таълими омузгорон ва барқарорнамоии мактабҳо (ҲТ)

Хадамоти Олмон-Тоҷикистон оид ба мубодилаи академӣ ва идрорпулӣ

Озод намудани замин аз минаҳо тариқи гузаронидани таҳқиқоти умумӣ ва аз мина тозакунӣ

Тақвияти иқтидори бахши бонкӣ

Муттаҳидсозии барномаи CBR дар Ваҳдат, Конибодом ва Деваштич

Андешидани тадбирҳо ҷиҳати тағйир додани иқлим тавассути идоракунии устувори ҷангалҳо (TC & FC)

Баланд бардоштани даромад, мақоми ҳуқуқӣ ва иҷтимоии занон дар куҳистони Помир, Муминобод

**Лоиҳаҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бо ҷузъҳо дар Тоҷикистон:**

Паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Тандурустӣ ва ҳуқуқҳои ҷинсӣ ва репродуктивӣ (ҲТ)

Ислоҳоти низоми маориф дар Осиёи Марказӣ

Дастгирии таҳсилоти калонсолон дар Осиё ва Қафқоз

Бунёди замина барои амалӣ намудани муносибати «нигоҳ доштан ва афзун намудан» дар доираи барномаи стратегии кишоварзӣ, ки ба иқлим зарар намерасонад

Дастгирии инфрасохтори минтақавии сифат дар ОМ

Муносибгардонӣ дар манотиқи баландкӯҳи Осиёи Марказӣ дар асоси экосистема

Барномаи байналмилалии оид ба барҳам додани меҳнати кудакон (ИПЕК)


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

Ҷорӣ намудани таҳсилоти касбии дугона барои кормандони бонк дар Осиёи Марказӣ

**Иштирок дар лоиҳаҳои бисёрҷониба**

Эзоҳ: Олмон яке аз саҳмгузорони асосӣ дар буҷетҳои институтҳои молиявии байналмилалӣ мебошад ва мутаносибан донори асосӣ дар доираи дастгирии молиявии Тоҷикистон аз тарафи институтҳои мазкур (Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёии рушд, Иттиҳоди Аврупо, Барномаи рушди СММ ва ғайра) ба ҳисоб меравад.

**Самти барномаҳои оянда**

Самтҳои асосӣ: Ислоҳот дар иқтисодиёт, таҳсилоти ибтидоӣ, низоми тандурустӣ, рушди деҳот.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой*

Тамос: Ҷ-би Цзо Сюелян
Сафири Ҷумҳурии Ҳалқии Хитой
Тел: (+992 37) 224 20 07, 224 41 83 Факс: (+992 37) 224 41 22
Почтаи электронӣ: chinaemb_tj@mfa.gov.cn
Сомона: www.tj.china-embassy.org
Суроға: ш. Душанбе, Тоҷикистон, х. Рӯдакӣ 143

**Профили ташкилот**

Сафорати Ҷумҳурии Халқии Хитой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 январи соли 1992 дар Душанбе кушода шуда, дар давоми 11 сол лоиҳаҳои зиёдро оид ба расонидани кумак ва мусоидат ба рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ба анҷом расондааст. Ба ҳаллу фасли масъалаҳои оид ба иқтисодиёт ва тиҷорати байни Хитой ва Тоҷикистон Канселярияи мушовир оид ба масъалаҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар назди Сафорат сару кор дорад.

**Барномаҳои пешина ва амалкунанда**

Солҳои охир Ҷумҳурии Халқии Хитой ба корҳои зайл мусоидат кард:

Солҳои 2004-2006 барои сохтмони нақби Шар-Шар ва тайёрии мутахассисон ба маблағи 180 млн. юани хитоӣ кумаки ройгон пешкаш карда буд.

Соли 2007 кумак барои сохтмони нақби Шар-Шар, Маҷмааи сайёри нозириву азназаргузаронӣ, автобусҳо ва радиотехника ва ғайраро ба маблағи 79 млн. юани хитоӣ ройгон пешкаш кардаст

Соли 2008 ба маблағи 105 миллион юани хитоӣ барои сохтмони нақби Шар-Шар кумак расонида шуд, инчунин кумаки башардустона дар намуди автобусҳо, мошинҳо, мошинҳои партовбар, интиқолдиҳандаҳои телевизионӣ ва FM, инчунин компютер, кондитсионер ва лавозимоти хониш барои ДДТТ.

Соли 2009 ба маблағи 65 миллион юани хитоӣ барои сохтмони нақби Шар-Шар кумак расонида шуд, инчунин кумаки башардустона дар намуди масолеҳи сохтмон ва муҳаррикҳои дизелӣ барои мусоидат намудан ба бартарафсозии оқибатҳои борони сел, обхезӣ ва офатҳои дигари табиӣ.

Лоиҳаи амалкунанда: охири соли 2009 дар байни Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи техникию иқтисодӣ оид ба пешниҳод намудани кумаки бебозгашт ба маблағи 60 миллион юани хитой бо мақсади омухтани татбиқи лоиҳаи бунёди мактаб дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, инчунин лоиҳаҳои дигар, ки аз ҷониби ҳар ду тараф мувофиқа шудаанд, расонида шуд.

**Самти барномаҳои оянда**

Ҷумҳурии Халқии Хитой дар оянда барои давом додани кумакрасонӣ ба соҳаҳои гуногун баҳри дастгирии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодааст.

*Дуҷониба*

# Ҳукумати Фаронса*

Тамос: Хонум Мелани Садозай
Сафорати Фаронса
Тел: (+992 37) 221 50 37, (+992) 93 440 60 33
Почтаи электронӣ: melanie.sadozai@diplomatie.gouv.fr
Суроға: 734002, Точикистон, ш. Душанбе, куч. Раҳимӣ 17,
гузаргоҳи 2

**Профили ташкилот**

Муносибатҳои Фаронса бо Тоҷикистон дар соли 2001 ривоҷ ёфтанд, ҳангоме ки бо даъвати Ҳукумати Тоҷикистон қувваҳои харбии Фаронса дар фурудгоҳи Душанбе қарор гирифтанд. Баъди сафари Раиси ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Париж моҳи декабри соли 2002 ин раёсат ба Сафорат табдил дода шуд.

**Барномаҳои пешина ва амалкунанда**

Тоҷикистон барои Фаронса шарики муҳим дар Осиёи Марказӣ мебошад. Фаронса инчунин дар омӯзиши кормандони давлат дар соҳаҳои гуногун саҳм мегузорад (бонк, ҳуқуқшиносӣ, тандурустӣ, полис…).

Ҳадафҳои асосии мо кумак расондан дар инкишофи волоияти қонун дар Тоҷикистон, ислоҳоти иқтисодӣ, аз навсозии маъмурият ва қонунгузорӣ ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мебошанд.

Фаронса сиёсати фарҳангиро тариқи маблағгузории фаъолиятҳои гуногуни фарҳангӣ пеш мебарад. Дар айни замон, Фаронса ба Маркази Фраҳангии «Бохтар» дар Душанбе, ки яке аз бахшҳои Ташкилоти ғайридавлатии фаронсавии АКТЕД аст, кумак мерасонад. Ин кумак тариқи маблағгузории барномаҳо ва инчунин пардохти маоши директори ин марказ амалӣ мешвавад. Дар маҷмуъ ба маблағи 100 000 евро дар як сол.

Фаронса инчунин ба ташкилоти маҳалии ғайридавлатӣ RCVC (тақрибан 40 000 евро) ҷудо мекунад. Ин маблағ барои гурезаҳо ва кӯдакони бесарпараст пешбинӣ карда шудааст, ҳамзамон Ҳукумати Тоҷикистон ин ташкилотро бо бино таъмин мекунад.

Дар соли 2013 Фаронса кумаки молиявиро дар ҳаҷми 3000 евро барои Пажуҳишгоҳи Астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд (обсерватория дар ноҳияи Ҳисор).

Фаронса инчунин бемористони Хоруғро дар шарикӣ бо бунёди Оғо-хон дар самти амалиётҳои фосилавии тиббӣ дастгирӣ мекунад. Саҳми молиявии Фаронса то 6 миллион евро барои ин шабакаи се бемористон афзуд.

Таи даҳ соли охир Фаронса дар ҳаҷми қариб 60 миллион евро ба бахши ҳавопаймоии граждании Тоҷикистон маблағгузорӣ намудааст.

**Самти барномаҳои оянда**

Фаронса ба Тоҷикистон қарзи дарозмуддат бо фоизи кам ба миқдори 20 миллион евро барои сохтани терминали нав дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ҷудо намуд. Низомиёни фаронсавӣ барои замонавӣ гардондани фурудгоҳ (хати фурудгоҳ, пиёдароҳа, гузоштани бетон дар назди терминал) дар давоми якчанд сол кор карда истодаанд ва сохтмони манораи дидбониро дар нақша доранд. Дар айни замон аз арзиши ин корҳои ниҳоят муҳими инфраструктура, 30 миллион евроро кумакпулӣ ташкил мекунад.

Соли равон, Фаронса ба маблағи 35000 евро барои тадқиқоти илмии ҳайати MAFAC дар Тоҷикистон кумак пешниҳод менамояд (Саразм).


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Ҳукумати Федератсияи Россия

Тамос: Ҷ-би Лякин-Фролов Игор Семенович
Сафири Федератсияи Россия дар ҶТ
Тел: (+992 37) 235 70 65, 235 09 06 Факс: (+992 37) 235 88 06
Почтаи электронӣ: embassy.dushanbe@yandex.ru
Сомона: www.rusemb.tj
Суроға: 734026, Тоҷикистон, ш.Душанбе, куч. Абу Алӣ ибн Сино 29/31

**Профили ташкилот**

Муносибатҳои дипломатӣ миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 1992 муқаррар гардиданд. Шартномаи дустӣ, ҳамкорӣ ва кумаки ҳамдигарӣ 25 майи соли 1993 ба имзо расид. Беш аз 100 созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниидоравӣ баста шуданд, ки ҳамкориҳоро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, башардустӣ ва ғайра танзим менамоянд.

**Барномаҳои пешина ва амалкунанда**

Аз соли 2006 инҷониб аз ҳисоби саҳмгузории донории Россия ба фондҳои махсусгардонидашудаи созмонҳои байналмилалӣ ҳар сол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон кумаки башардустона фиристода мешавад. Бо дарназардошти хусусияти дустона ва стратегӣ доштани муносибатҳои байни Россия ва Тоҷикистон, Россия якҷоя бо созмонҳои байналмилалӣ кушиш менамояд, то ҷиҳати ноил гардидани Тоҷикистон ба ҳадафҳои худ дар соҳаҳои мухталиф мусоидат намояд. Қобили зикр аст, ки сарфи назар аз ҳамасола тағйир ёфтани ҳаҷми кумаки башардустонаи Россия ба Тоҷикистон, кумаки башардустона ба Тоҷикистон хусусияти мунтазам дорад. Ин бо он алоқаманд аст, ки кумак ҳам тавассути идораҳои Россия ва ҳам аз ҳисоби саҳмгузории Россия ба фондҳои созмонҳои байналмилалӣ ворид мегардад. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи кумаки башардустонаи Россия аз ҳаҷми умумии кумак аз руи натиҷаҳои 11 моҳи соли 2014 дар ҷои сеюм ва тайи чор моҳи соли 2015 ҷои якумро ишғол мекунад.

Ҳукумати Федератсияи Россия тавассути як қатор созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони байналмилалии тандурустӣ, ЮНЕСКО, Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣи СММ, ЮНИСЕФ ва ғ. дар Тоҷикистон чунин лоиҳаҳоро амалӣ намуд:

- «Маркази миллии тести Ҷумҳурии Тоҷикистон»
- «Рушди низоми озуқаи мактабӣ»
- «Эмкунии аҳолии Тоҷикистон бар зидди бемории гулузиндонак»
- «Барномаи кумаки техникӣ ба кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ дар соҳаи пешгирӣ ва назорати ВНМО/БНММ ва бемориҳои дигари сирояткунанда»
- «Нимгуруснагии модарону кудакон: даъват барои амалҳои фаврӣ»
- «Беҳтар намудани сифати кумаки педиатрӣ дар бистархонаҳои зинаи якум»
- «Таҳкими низоми тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эътинои самаранок ба инкишофи эпидемияи БНММ, аз ҷумла беҳтар намудани назорати сирояти ВНМО, гепатити сироятӣ байни занону кудакон»
- «Беҳтар намудани мақоми озуқаи занону кудакон 2013-2016 - ЮНИСЕФ»
- «Хариди хонаҳои васлу ҷудошаванда дар Федератсияи Россия»
- «Таҷдид ва баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии корхонаҳои Тоҷикистон, ки дар бахшҳои қолинбофӣ, гулдузӣ ва нассоҷӣ машғули фаъолият мебошанд»
- «Беҳтар намудани некуаҳволии 1 млн. аҳолии деҳот дар 9 ноҳияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Самти барномаҳои оянда**

Дастгирии Федератсияи Россия танҳо бо расонидани кумаки молиявӣ маҳдуд намегардад. Ҷониби Россия ҳамчунин ба гузаронидани тренингу семинарҳо бо иштироки мутахассисони пешбари Россия, ки дар навбати худ барои бунёди замина ҷиҳати мубодилаи афкор, табодули таҷриба, ҷустуҷуи роҳҳои ҳалли мушкилоти дар назди ҷомеаи башарӣ истода имконият фароҳам медиҳад, аҳамияти ҷиддӣ медиҳад.

Дар шароити имрузаи рушди ҷомеа ҳамкории башардустона аҳамияти муҳими иҷтимоӣ дошта, яке аз рукнҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ мебошад. Федератсияи Россия минбаъд низ ҷиҳати расонидани кумак дар нигоҳ доштани ҳаёти шаҳрвандон ва беҳтар намудани вазъи саломатии онҳо бо истифода аз иқтидорҳои созмонҳои байналмилалӣ кушиш ба харҷ хоҳад дод. Ҳоло Консепсияи мусоидати байналмилалӣ ҷиҳати рушд таҳия гардидааст, ки дар доираи он ба низом даровардани тамоми чораёни аз ҷониби Россия расонидани кумак ба шарикони байналмилалӣ бо иттико ба татбиқи лоиҳаҳои донорӣ дар он кишварҳое, ки Россия бо онҳо муносибатҳои дустонаю иитифоқӣ дорад ва Тоҷикистон бешубҳа шомили ин кишварҳост, пешбинӣ гардидааст.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Ҳукумати Япония

Тамос: Ҷ-би Ҳаҷиме Китаока
Сафир, Сафорати Япония дар ҶТ
Тел: (+992 37) 227 54 36, 227 54 46 Факс: 600 54 78, 227 54 49
Почтаи электронӣ: hajime.kitaoka@mofa.go.jpСомона: www.mofa.go.jp/policy/oda
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Ҳабибуло Назаров 80/А.

**Самтҳои асосии фаъолият**

Сафорати Япония дар Тоҷикистон соли 2002 ташкил ёфтааст. Ҷаноби Ҳаҷиме Китаока сафири Сафорати Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар назди сафорат се шуъба: иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мавҷуд аст.

**Барномаҳои пешина ва амалкунанда**

Лоиҳаҳои асосӣ дар доираи кумаки бебозгашти умумӣ ва фарҳангии Япония: (100 млн иен)

Соли 2007 Лоиҳаи навсозии шоҳроҳи Дустӣ-Панҷи Поён ба маблағи 7,37

Соли 2007 Лоиҳаи навсозии шоҳроҳи Қурғонтеппа-Дустӣ ба маблағи 0,63

Соли 2007 Лоиҳаи беҳсозии обрасонӣ дар ноҳияи Мир Саиди Алии Ҳамадонӣ ба маблағи дар вилояти Хатлон - 0,49

Соли 2009 Кумаки башардустона (ба WFP) - 4,50

Соли 2009 Кумаки башардустона (ба WFP) - 3,00

Солҳои 2010 Кумаки бебозгашти Япония барои барномаҳои дастрас кардани идрорпулиҳо ҷиҳати рушду такмили инсон ба маблағи 1,19

Соли 2010 Лоиҳа оид ба ҷорӣ намудани қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва истеҳсоли қувваи барқ аз тариқи низоми неруи офтоб - 4,50

Соли 2010 Лоиҳа оид ба Амнияти озуқаворӣ барои фермерҳои камбизоат - 1,90

**Самти барномаҳои оянда**

Соҳаи маориф, нигоҳдории тандурустӣ, инфраструктураи кишоварзӣ, иҷтимоӣ\гендерӣ ва хати оби нушокӣ.

Шуъбаи иқтисодии Сафорати Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар чаҳорчубаи кумакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ, кумакҳои бебозгаштро барои ҳокимиятҳои маҳалӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасонад. Кумакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ дар Тоҷикистон аз соли 1993 фаъол буда дар тули ин солҳо 341 лоиҳа дар соҳаҳои маориф (29,8%), тандурустӣ (23,9%), хоҷагии қишлоқ (16,1%), инфрасохтор (9,1%), иҷтимоиёт\масъалаҳои гендерӣ (7,9%), хати оби нушокӣ (4,4%) фаъолияти безараркунии минаҳо (6,6%) ва расонидани кумак ҳангоми ҳодисаҳои табииро (0,4%) ва дигар 1,7% дастгирӣ намудааст. Маблағи умумии лоиҳаҳои дастгириёфта дар доираи кумакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ то соли 2015 27, 587, 072 миллион доллари Амрикоиро ташкил медиҳад. Дар доираи кумакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ Ҳукумати Ҷопон тавассути сафорати Ҷопон ҳамасола амалӣ гардонидани 17 то 19 лоиҳаро дастгирӣ менамояд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ

# Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

Тамос: Ҷ-би Карл-Хайнтс Франк
Директори GIZ дар Тоҷикистон
Тел: (+992 44) 600 01 07 Факс: (+992 44) 600 67 87
Почтаи электронӣ: giz-tadschikistan@giz.de
Сомона: www.giz.de
Суроға: 734042, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Айнӣ/Назаршоев

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

«Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH» (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) 1-уми январи соли 2011 ташкил ёфтааст. Он таҷрибаи бисёрсолаи ташкилотҳои зеринро ба монанди: Deutscher Entwicklungsdienst (DED) GmbH (Хадамоти Рушди Олмон), Deutsche Gesellschaft für Technische Zusammenarbeit (GTZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории техникӣ) ва InWEnt GmbH– Такамили ихтисос ва рушди он дар сатҳи байналмилалӣ якҷоя оварда таҳти як ном фаъолият менамояд.

Хизматрасониҳое, ки аз тарафи Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) пешниҳод мешавад аз таҷрибаи бойи минтақавӣ ва техникӣ асос ёфта борҳо санҷида шудааст. Ҳамчун ташкилоти федеролӣ GIZ Ҳукумати Олмонро барои ба даст овардани ҳадафҳои худ дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ доир ба устувории рушд мусоидат менамояд. Инчунин GIZ дар корҳои вобаста ба маориф ва таълим дар тамоми ҷаҳон машғул мебошад.

GIZ бо назардошти хусусиятҳои мавҷудбуда баҳри устувории рушд хизматрасонии мақсаднок пешниҳод менамояд. Бо мақсади иштироки ҳамаи саҳмдорон GIZ мафҳумҳоеро, ки аз арзишҳо ва принсипҳое, ки дар ҷамъияти Олмониҳо маъмуланд маншаъ мегиранд, истифода мебарад. Ин ҳамчун усули GIZ барои мусоидат намудан ба тағйироту дигаргуниҳо буда, ба одамон ҳуқуқи ҷараёни устувори рушди худро медиҳад. Дар раванди фаъолияти худ, GIZ ҳамеша мафҳуми устувории рушдро ҳамчун намуна истифода бурда омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ва экологиро ба назар мегиранд. GIZ шарикони худро дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ, миллӣ ва байналмилаллӣ вобаста ба таҳия намудани стратегияҳо ва расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ дастгирӣ менамояд.

GIZ дар соҳаҳои гуногун фаъолият менамояд: рушди иқтисодӣ ва зиёд намудани ҷойи корӣ; давлатдорӣ ва демократия; амният, азнавсозӣ, сулҳсозӣ ва пешгирии низоъҳои шаҳрвандӣ; бехатарии озуқаворӣ, тандурустӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ; ҳифзи табиат, нигоҳдории захираҳои табиӣ, туризм ва паст намудани тағйирёбии иқлим. GIZ инчунин шарикони худро бо хизматрасонии идоракунӣ ва логистика дастгирӣ намуда ва ҳамчун миёнарав амал намуда, дар ҳолатҳои нозук манфиатҳои тарафҳоро нигоҳ медорад. Ҳангоми бuҳронҳо GIZ барномаҳои муҳоҷирон ва кумаки фаврӣ амалӣ менамояд. Ҳамчун як ҷузъи хизматрасонии худ, GIZ мутахассисони соҳаи рушдро ба кишварҳои шарикӣ мефиристонад ва мутахасисони дохилкардашуда ва бозбаргаштаро дар корхонаву идораҳои ватанӣ таъин менамояд.

GIZ инчунин алоқаҳои устувори кориро дар байни иштирокчиёни ҳамкориҳои байналмилаллӣ дастгирӣ менамояд. Рушди иқтидорӣ барои мутахассисони кишварҳои шарик яке аз ҷузъҳои асосии хизматрасонии GIZ ба ҳисоб меравад, ва GIZ ба иштирокчиёни барнома барои баҳра бурдан аз алоқаву муносибатҳои ташкил намудаи худ имконияти васеъро пешниҳод менамояд. Барои кормандони ҷавон GIZ имконияти дастрас намудани таҷрибаи касбиро дар тамоми ҷаҳон пешниҳод менамояд– барномаҳои мубодилавӣ барои мутахассисони ҷавон ин пойдевори мустаҳакам барои муваффақ гаштан дар касби оянда онҳо дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба шумор меравад.

Қисми зиёди фаъолияти GIZ аз тарафи Вазорати федеролии ҳамкории иқтисодӣ ва рушди Олмон (BMZ) фармоиш дода мешавад. Ғайр аз ин, GIZ барои дигар вазоратҳии Олмон – ба монанди Вазорати федеролии корҳои хориҷӣ, Вазорати федералии ҳифзи табиат ва бехатарии ядрой, Вазорати федералии мудофиа, Вазорати федералии иқтисод ва технология ва Вазорати федералии маориф ва таҳқиқот ва инчунин штатҳои федералии Олмон ва ҳокимияти шаҳрҳо, мизоҷони бахши хусусӣ ва давлатӣ аз Олмон ва фармоишгарони хориҷӣ ба монанди ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ, Комиссияи Аврупо, Созмони Милали Муттаҳид ва Бонки умумиҷаҳонӣ мебошанд. GIZ бо бахши хусусӣ зич алоқамандӣ намуда, барои пешрафти ҳамкориҳо байни соҳаҳои рушд ва савдои хориҷӣ мусоидат менамояд. Таҷрибаи муҳим ва бисёрсолинаи GIZ дар кишварҳои шарик ва Олмон ин сабаби асосии ҳамкориҳои бомувафаққият на танҳо дар тиҷорат, таҳқиқ, соҳаи фарҳанг буда, балки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ низ мебошад.

GIZ дар бештар аз 130 кишвари ҷаҳон фаъолият менамояд. Дар Олмон, GIZ қариб дар ҳамаи штатҳои федеролӣ мавҷуд мебошад. Идораҳои марказии GIZ дар шаҳрҳои Бонн ва Эшборн ба қайд гирифта шудаанд. Дар ташкилот зиёда аз 17,319 нафар кормандон дар тамоми ҷаҳон кору фаъолият менамоянд ва аз онҳо қариб 70% ҳайати маҳаллӣ ба ҳисоб мераванд. Иловатан дар GIZ қариб 730 нафар кормандони рушд. Ба ғайр аз ин CIM, консорсиум бо GIZ ва Агентии федеролии меҳнат дар соли 2015 1000 нафар мутахассисони дохил кардашуда ва мутахассисони бозбаргашта дар давлатҳои мухталиф бо кор таъмин намуда, онҳоро маблағгузорӣ намудааст. Ҳаҷми фаъолияти Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) 2,1 млрд. Евроро дар таърихи декабри соли 2015 ташкил дод, ки ин кафили ҳалли талаботу душвориҳои оянда мебошад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Зиёда аз бист сол мешавад, ки Олмон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини рушди иқтисодӣ ва ислоҳоти маъмурӣ ва ичунин барои идораи бахшҳои асосии ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ дастгирӣ менамояд.

GIZ ва ташкилотҳои пешгузаштаи у (GTZ, DED, InWEnT) бо супориши Ҳукумати Олмон дар Тоҷикистон фаъолият карда, солҳои зиёд аст, ки шарики Тоҷикистон дар соҳаи ҳамкории рушд мебошанд. Баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ онҳо дар сатҳи аввал барои таъмини ёрии аввалиндараҷа, кумак барои аз нав барқароркунӣ ва инчунин таъмини бехатарии озукаворӣ мусоидат менамуданд. Имрузҳо ҳамкорӣ пеш аз ҳама ба соҳаҳои рушди устувори иқтисод ва тандурустӣ, ба ислоҳоти таркибии дарозмуддат ва ба устуворона беҳтар гардонидани имтиёзнокии мардуми Тоҷикистон, ки дуҷониба тасдиқ гардидаанд, равона карда шудааст.

Дар айни ҳол дар GIZ дар Тоҷикистон 125 нафар, 104 нафар мутахассисони маҳаллӣ, 15 нафар экспертони байналмиллалӣ, 4 нафар мутахассисони дохил кардашуда ва 2 нафар мутахассиси бозбаргаштаи CIM, GIZ дар Тоҷикистон (ба ҳолати моҳи июни 2016) кор ва фаъолият мекунанд.

**Руйхати лоиҳаҳои дар айни ҳол амалишаванда**

**а) Барномаҳои Дуҷониба**

1. **Барномаи «**Низом ва маблағгузории рушди бахши хусусӣ дар Тоҷикистон» (бо назардошти дастгирии қарздиҳии хурд дар деҳот, дастгирии рушду ривоҷи корхонаҳои хурд ва миёна дар Тоҷикистон, маслиҳатдиҳӣ оид ба сиёсати иқтисодӣ ва дастгирии савдои сарҳадии байни Тоҷикистон, Афғонистон ва Қирғизистон). Ин барнома аз тарафи Ҳукумати Олмон ва DFID маблағгузорӣ шудааст;
2. «Дастгирии ислоҳот дар соҳаи таълимоти касбӣ ва тартиби омузишӣ дар Тоҷикистон»;
3. « Идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон»;
4. « Мутобиқат ба тағйирёбии иқлим бо воситаи идоракунии рушди устувори хоҷагидории ҷангал»;
5. «Фонд барои тадқиқот ва муттахасисон»

**б) Барномаҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ (бо назардошти фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон);**

1. «Дастгирии давлатдории ҳуқуқӣ дар Осиёи Марказӣ»;
2. «Истифодаи устувори захираҳои табиӣ барои рушди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ дар асоси ивазшавии иқлим»;
3. «Идораи фаромарзии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ»;
4. «Барномаи минтақавии тандурустӣ дар Осиёи Марказӣ» (бо баъзе чорабиниҳои рушди услубӣ дар бахши тандурустӣ бо чорабиниҳои таҷрибавӣ ва ВНМБ/АНМБ ва пешгирии вобастагӣ аз нашъамандӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ);
5. «Дастгирии ҳамкории минтақавии иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ»;
6. «Дастгирии дар соҳаи ислоҳоти маориф дар Осиёи Марказӣ»;
7. «Барномаи таълимоти касбӣ ва омузишӣ дар Осиёи Марказӣ I»;
8. «Беҳтар гардонидани сатҳи зиндагӣ бо воситаи мутобиққунӣ ба ивазшавии иқлим дар Қирғизистон ва Тоҷикистон»;
9. «Захираҳои минералӣ барои рушд»;
10. «Барнома оид ба пешгирии паҳн гардидани маводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ»

**Самти барномаҳои оянда**

Самтҳои асосии кору фаъолияти дуҷонибаи Тоҷикистону Олмон дар соҳаҳои «Рушди устувори иқтисод» ва «Тандурустӣ» амалӣ мегарданд. GIZ кору фаъолияти худро вобаста ба амаликунонии лоиҳаҳо дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ якҷоя бо шарикони миллӣ ва байналмилалӣ аз номи Ҳукумати Олмон ва дигар ҳамкорони рушд идома медиҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*Дуҷониба*

# Шурои таҳқиқоти байналмилалӣ ва мубодила*

Тамос: Хонум Дилафруз Султанова
Намояндаи Айрекс дар Тоҷикистон
Тел: (+992 37) 227-01-20, 227-58-22, 227-79-49 Факс: 227-66-89
Почтаи электронӣ: dsultanova@irex.org
Сомона: www.irex.tj
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Лоҳутӣ 21

**Самтҳои асосии фаъолият**

Шурои таҳқиқоти байналмилалӣ ва мубодила (IREX) ташкилоти байналмилалии ғайритиҷоратӣ буда, бо роҳи он барномаҳои сершумори вобаста ба рушди неруи пешқадамӣ (лидерӣ) дар кишварҳои ташаккулёбии демократия амалӣ гардонда мешаванд. Мақсади ташаббусҳои IREX баланд бардоштани сифати таҳсилот, дастгирии воситаҳои ахбори оммаи мустақил ва рушди ҳамаҷонибаи ниҳодҳои (институтҳои) ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

IREX соли 1968 таъсис ёфтааст. Дар айни замон муомилоти пулии ташкилот соле 50 миллион долларо ташкил медиҳад ва дар тамоми ҷаҳон қариб 500 корманди баландихтисос дорад. Дар ҳамкорӣ бо филиали аврупоии худ дар бештар аз 50 кишвар бо корҳои маслиҳатдиҳию ташкилӣ машғул мебошад.

Дар соҳаи таҳсилот IREX барномаҳо таҳия карда, оид ба дастгирии зинаҳои гуногуни раванди таҳсилот - аз синфҳои ибтидоии мактаби миёна то таҳсилоти олию махсус маслиҳату машваратро пешниҳод менамояд. Дар Тоҷикистон соҳаҳои фаъолияти IREX иҷрои барномаҳои таълими донишҷӯёну аспирантҳо дар хориҷа ва такмили маҳорату малакаи дарсдиҳии омӯзгорони мактабҳои миёнаро дарбар мегирад.

Дар соҳаи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ IREX ҷиҳати тақвияти самаранокии мусбии фаъолияти ташкилот дар маҳалҳо барномаҳои худро бо талаботи мушаххаси ҷомеаҳо мувофиқ месозад.

Барномаҳои IREX ба вусъати ҳарчи бештари фаъолияти гурӯҳҳои гуногуни иҷтимой-занон, ҷавонон, ақаллиятҳои миллӣ, маъюбон, гирифторони ВНМБ/АНМБ равона гардидаанд. Соҳаҳои фаъолияти IREX дар Тоҷикистон дар соҳаи дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ содда кардани дастрасӣ ба технологияҳои муосир, дастгирии ташаккул ёфтани ассотсиатсияҳои касбӣ ва робитаҳои ҷамъиятӣ ва мусоидат ба рушди ниҳодии (институтсионалии) ташкилотҳоро дарбар мегирад.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

- Барномаи мубодилаи донишҷӯён (UGRAD)
- Идрорпулиҳои Эдмунд Маски (Muskie)
- Барномаи такмили маҳорати дарсдиҳӣ барои муаллимони мактабҳои миёнаи кишварҳои АвруОсиё/Осиёи Ҷануби (TEA)
- Дастрасӣ ба интернет ва барномаҳои тренинг
- Ташаббуси ҳамкории минтақавӣ I, II, III
- Ҳамкорӣ бо ҷавонон баҳри фардо

**Самти барномаҳои оянда**

- Барномаи мубодилаи донишҷӯён (UGRAD)
- Ташаббуси ҳамкории минтақавӣ IV
- Барномаи хониши босифат

*Дуҷониба*

# Шуроҳои америкоӣ оид ба таҳсилоти байналмилалӣ дар Тоҷикистон

Тамос: Хонум Матлюба Мамаҷанова
Директор
Тел: (+992 37) 221 21 03 Факс: 221 17 95
Почтаи электронӣ: mamajanova@americancouncils-tj.org
Сомона: www.americancouncils.org
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Л. Толстой 86

**Самтҳои асосии фаъолияти ташкилот**

Шуроҳои америкоӣ оид ба таҳсилоти байналмилалӣ (ACCELS) ташкилоти ғайри тиҷоративу ғайри ҳукуматӣ буда, барномаҳоеро, ки аз ҷониби Ҳукумати ИМА дар ҳудуди Россия, Осиёва Аврупои Ҷанубу Шарқӣ маблағгузорӣ мегарданд, амалӣ месозад. Шуроҳои америкоӣ 370 мутахассис дошта, барномаҳои инноватсионии таълим, идеяҳои нав ва таҳқиқоти илмиро таҳия, татбиқ ва дастгирӣ менамоянд.

Соли 1974 ҳамчун ассотсиатсияи соҳаи забоншиносӣ таъсисёфта, Шуроҳои америкоӣ таҷрибаи худро дар соҳаи мубодилаи академӣ, коромузии касбӣ, таҳсилоти фосилавӣ, таҳияи нақшаҳои таълимӣ ва инкишофдодани тестҳо мутамарказ сохтаанд.

Дар ибтидо ҳамчун Шурои америкоии муаллимони забон ва адабиёти рус (ACTR) ташкилгардида, Шуроҳои америкоӣ дар фаъолияти илмию методӣ, таҳия вафароҳамсохтани маводи таълимӣ оид ба забонҳои русӣ ва англисӣ, ҳамчунин дар соҳаи таҳкими робитаҳои миёни олимону муаллимони забон, адабиёт ва кишваршиносӣ дар ИМА ва ҳам дар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба натиҷаҳои хубу муассир ноил гардиданд. Соли 1987 бо қарори шурои директорони ACTR Шурои америкоӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилот ва забонҳо (ACCELS) таъсисёфта, ки хеле зуд дар таҳияву амалӣ сохтани барномаҳои мубодила, ки аз ҷиҳати ҷониби Ҳукумати Америка маблағгузорӣ мешавад, мавқеи пешравро соҳиб гардид.

Бо мақсади ҳар чи беҳтар намудани рушди ташкилот ва возеҳтар муайян кардани вазифаҳои нав шурои директорони ACTR соли 1998 сохтори нави ташкили робономи Шуроҳои америкоӣ оид ба таҳсилоти байналмилалӣ: ACTR/ACCELS таъсис дод. ACTR ва ACCELS ташкилотҳои сохтории тобеи Шуроҳои америкоӣ мебошанд.

Шуроҳои америкоӣ фаъолияти худро бо қувваи 370 кормандӣ касбӣ дар 47 идораи воқеъ дар 24 кишвари Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ анҷом медиҳанд.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

Шуроҳои америкоӣ оид ба таҳсилоти байналмилалӣ: ACTR/ACCELS дар Тоҷикистон барномаҳои зеринро ҳамоҳанг месозанд:

**FLEX: Барномаи мубодила барои талабагони синфҳои болоӣ.**

Барнома аз ҷониби Конгресси ИМА бо мақсади таҳким бахшидан ба дустии миёни халқҳои ИМА ва ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таъсис дода шудааст. Барномаро комилан Ҳукумати Амрикома блағгузорӣ ва Идораи робитаҳои таҳсилотию фарҳангии Департаменти ИМА идора мекунанд. Санҷиш (тест), интихоб самтгирӣ ва пардохти хароҷоти нақлиётиро аз руи барнома Шуроҳои америкоӣ ташкилкардаву иҷро менамоянд. Талабагони синфҳои болоӣ барои ноил гардидан ба FLEX идрорпулӣ (стипендия) барои як соли таҳсил ба озмуни озод даъват карда мешаванд. Барои аз озмуни барномаи FLEX гузаштан номзадҳо бояд ба талаботи зерин мувофиқ бошанд: шаҳрвандиТоҷикистонбудан; дар синфҳои 9,10 ё 11 хондан; мувофиқат ба синну соли муайян гардида; ҷавобгу будан ба талаботи оиди додани раводид ба Америка; ба нишондодҳои хуби дониш соҳиб будан ва забони англисиро хуб донистан.

Барномаи забон омузии Афруосиё Шуроҳои америкоӣ омузиши забонҳои Авруосиёро дар сатҳи зарурӣ мебошад. Иштирокчиён имкон доранд, ки дар семестр, соли академӣ ё ба дарсҳои тобистона шомил шаванд. Ҳамаи дарсҳо аз ҷониби омузгорони бо таҷрибаи донишгоҳҳои пешбари маҳаллӣ ё муассисаҳои таълимӣ гузаронда мешаванд. Дарсҳо оиди забони муайян аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии даъваткунанда, ки таҷрибаи ғании омузгорӣ бо донишҷуёни хориҷиро доранд, гузаронда мешавад.

**Барномаи стипендияҳо барои дастгирии соҳибкорӣ ва бизнес**

U.S.-CAEF ба донишҷуёни болаёқати кишварҳои Осиёи Марказӣ барои таҳсил дар донишгоҳҳои зерин дастгирии молиявӣ пешниҳод менамояд:

***Донишгоҳи амрикоӣ дар Осиёи Марказӣ, Бишкек, Қирғизистон:***

- Факултаи мудирияти бизнес;
- Факултаи иқтисодӣ

***Донишгоҳи КИМЭП, Алмаато, Қазоқистон***

- факултаи бизнеси ба номи Бэнг;
- шуъбаи муҳосибот ва аудит;


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

- финанс, маркетинг ва менеджмент.

**Тавсифи Барнома**

Барнома аз тарафи U.S.-CAEF маблағгузорӣ карда шуда, аз ҷониби Шуроҳои амрикоӣ оид ба маорифи байналмилалӣ (ACCELS) ба иҷро расонда мешавад. Стипендияи U.S.-CAEF барои муҳлати пурраи таҳсил (4 сол), бо шарти таҳсили хуби академикӣ; стипендияи ҳармоҳа, таъмини ҷои хоб ва хароҷоти роҳкиро, дода мешавад.

**<u>Самти барномаҳои оянда</u>**

Анъанаҳои таълимӣ:

Шуроҳои америкоӣ оид ба таҳсилоти байналмилалӣ дар бобати муттаҳид сохтани халқҳои ИМА, Россия, Аврупои Шарқӣ ва Осиё дар соҳаи таълим дар ҷаҳон пешқадам мебошанд.

Мо ба ин чӣ тавр ноил гардидем?

- Мо аз руи барномаҳои таълимии таҳсили донишҷуён, омузгорон ва ғайра дар хориҷа фаъолият мекунем.
- Мо барномаҳои таҳқиқотиро дастрас мекунем ва китобҳои дарсиро ба табъ мерасонем.
- Мо барномаҳои пешниҳод намудаи хатмкардагони барномаҳои мубодилаиро дастгирӣ менамоем.
- Мо конфронсҳо мегузаронем, санҷишҳои (тестҳои) меъёришуда (стандартишуда)-ро сурат медиҳем, ба марказҳои иттилоотӣ роҳбарӣ мекунем ва оид ба масъалаҳои таҳсилот маслиҳат медиҳем.
- Мо сиёсати омузиши забонҳоро дар тамоми ҷаҳон рушд медиҳем ва дастгирӣ мекунем.

*ТҒД*

# Шуъбаи "Миссияи Шарқ" дар Тоҷикистон

Тамос: Хонум Сурайё Юлдашева
Директори кишварӣ
Тел: (+992 37) 2231685, 2210844 Факс: (+992 37) 221 28 08
Почтаи электронӣ: tajikistan@missioneast.org
Вебсайт: www.miseast.org
Суроға: Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 30, утоқи 25-26

**Профили ташкилот**

Идоракунӣ. Соҳаи фаъолияти ташкилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои гуногуни барномаҳои зеринро дар бар мегирад: такмили соҳаи тандурустӣ, тавассути татбиқи барнома оиди обтаъминкунӣ ва хизматҳои санитарию гигиенӣ (WASH), барномаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ (DRM), барномахо бо кудакони имконияташон махдуд (махсусан тавонбахши дар сатхи ҷомеа) инчунин таҳсилоти фарогир.

Мо дорои идораи пурра муҷаҳҳаз дар 3 минтақаи гуногуни ҷуғрофӣ мебошем, ки ҳайати ихтисосманди маъмурӣ, молиявӣ, таъминотӣ ва барномавӣ доранд. Ҳайати кормандони мо 98 фоиз аз кормандони маҳаллӣ иборат мебошад.

Таҷрибаи амалӣ: Шӯъбаи «Миссияи Шарқ» дар Тоҷикистон таҷрибаи амалии беш аз 16-сола дорад, ки дар ин муддат, асосан дар сатҳи ҷамоатҳо фаъолият пеш бурдааст. Фаъолияти бисёрҷонибаи ташкилоти мазкур хизматҳои бахши тандурустӣ, рушди воситаҳои рӯзгузаронӣ, обтаъминкунӣ ва санитарию гигиенӣ то амалигардонии барномаҳо барои кудакони имконияташон маҳдуд иборат аст. Донорони Аврупой, ба монанди Комиссия Аврупо, Вазорати Корхои Хоричи Норвегия, Фонди Патрип, Агентии Дания оид ба рушди байналмилалӣ (DANIDA) бо шӯъбаи «Миссияи Шарқ» бо такя ба иқтидори маҳаллӣ ва бо мақсади ноил шудан ба натиҷаҳо шартнома баста шудааст. Миссияи Шарк аз руи барномахои навовар оиди маъюбият кор бурда дар ин соха яке аз агентии фаъол дар Тоҷикистон мебошад. Миссияи Шарк дар Вилояти Мухтори Бадахшон, дар марзи байни Точикистону Афгонистон аз руи барномаи гигиена ва санитария (WASH) кор мекунад. Барномаҳои мо чораҳои мушаххасро оид ба кумак расонидан ба занон дар масъалаи баробарҳуқуқии гендерӣ пешбинӣ менамоянд.

Имкониятҳои техникӣ: кормандони байналмилалӣ ва миллӣ, сарфи назар аз хусусиятҳои ғайра, дорои ваколатҳо дар соҳаи тандурустии клиникӣ ва ҷамъиятӣ, назорати сохторӣ кишоварзӣ, системаҳои СИҶ (Системаи иттилоотии ҷуғрофӣ), технологияи обтаъминкунӣ, тадқиқот оид ба рушд, хукук ва инчунин оид ба масъалаҳои маблағгузорӣ, мебошанд. Дар баробари малакаҳои дигар, ҳайат оид ба масъалаҳои таҳияи лоиҳаҳо, мониторинг ва баҳодиҳӣ, усулҳои арзёбии дараҷаи хавф, сафарбаркунии ҷамоатҳо, тавонбахшӣ дар сатҳи ҷомеа ва ғайра таҷрибаи калон дорад.

Иттиҳодҳо, шабакаҳо ва ҳамкорӣ: Шӯъбаи «Миссияи Шарқ» иштирокчии фаъол аст ва мусоидат менамояд ба сиёсат ва амалияи муҳокимаҳо дар сатҳи миллӣ. Шуъбаи «Миссияи Шарқ» ташкилоти фаъоли пешбаранда дар Гурӯҳи асосии ТҒД, форуми РЕАКТ, WASH CMM, инчунин шабакаҳои CBR (Тавонбахши дар сатҳи ҷомеа) аз он ҷумла таълими гуруҳҳои корӣ мебошад. Шӯъбаи «Миссияи Шарқ» барои ноил шудан ба чораҳои мақсаднок бо назардошти маҳдудияти вақт, саривақт бо дигар иттиҳоду ташкилотҳои ғайридавлатии байналмилали хамкориро ба рох мондааст. Шӯъбаи «Миссияи Шарқ» ҳамкориҳои фаъоли расмӣ ва ғайрирасмиро бо ТҒД-ҳои маҳаллӣ дастгирӣ менамояд, ки дутои онҳоро занон роҳбарӣ мекунанд. Шӯъбаи «Миссияи Шарқ» бо муассисаҳои давлатии гуногун ҳамкориҳои босамар дошта, инчунин ба дигар ТҒД-ҳо оид ба масъалаҳои расмиёти сиёсӣ дар соҳаи бақайдгирӣ, истифодаи муқаррароти қонунгузории меҳнат ва андозбандӣ маслиҳатҳо медиҳад.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Шуъбаи Оперейшн Мерсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тамос: Хонум Андреа Вогт
Директори Шӯъбаи Оперейшн Мерсӣ дар ҶТ
Тел: (+992 37) 221 22 10
Почтаи электронӣ: admin@opmercytj.org
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Л. Шералӣ 3

**Самтҳои асосии фаъолият**

Шуъбаи Оперейшн Мерсӣ (Operation Mercy) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти рушди байналхалқии башардустона бо мақсади расонидани кумак ба аҳолии Осиёи Марказӣ барои баровардани эҳтиёҷоташон ташкил шуда буд. Ҳамчун ташкилоти ғайридавлатӣ (НПО) соли 1992 дар ИМА ташкил ёфта, аз ибтидои соли 1993 Оперейшн Мерсӣ дар Тоҷикистон фаъолияташро оғоз намуд. Қароргоҳи асосӣ (Саридора)-и ташкилоти байналхалқии Operation Mercy дар шаҳри Ореброи Шведсия ҷойгир аст. Дар с.2006 ташкилоти байналхалқии Operation Mercy Шведсия роҳбарии фаоъолиятро дар Тоҷикистон ба уҳдаи худ гирифт ва дар натиҷаи азнавбақайдгирӣ дар Вазорати адлияи ҶТ бо номи Шуъбаи Оперейшн Мерсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд.

Дар Тоҷикистон Оперейшн Мерсӣ ташаббускори технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ, курсҳои таълими забони англисӣ, ёрии фавқулоддаи башардустона ва кумак баҳри рушди деҳотро ба роҳ монда буд. Аз с.2006 Шуъбаи Оперейшн Мерсӣ дар Тоҷикистон кори худро аз нав ба роҳ монда, мақсаду вазифаҳояшро оид ба рафъи мушкилоти мавҷуда аз нав дида баромада, ба амалисозии барномаҳои рушд шуруъ кард. Дар натиҷа фаъолияти ташкилоти Оперейшн Мерсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушд ва дастгирии минтақаҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, НТМ, вилояти Суғд ва ВМКБ равона гардид. Фаъолияти ташкилот барномаҳои зеринро дар бар мегирад: барномаи кумак ба шахсони ниёзманд, барномаи дастгирии ҷавонони деҳот, Барномаи саломатӣ, Барнома барои маъюбон ва Барномаи соҳибкорӣ.

Шуъбаи Оперейшн Мерсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсаду мароми худро бо роҳи зерин муайян менамояд: «Шуъбаи Оперейшн Мерсӣ дар Тоҷикистон бо ёрии барномаҳои рушд ба ниёзмандон бо ҳамкории бевоситаи худи онҳо кумак мерасонад. Мақсади Шуъбаи Оперейшн Мерсӣ дар Тоҷикистон, ин беҳтар намудани сатҳи зиндагии ниёзмандон аз ҷиҳати ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо иштироки фаъоли худи онҳо ва доду гирифти донишу малакаи омухтаашон ба дигар эхтиёҷмандон мебошад».

Дар зер ба таври мухтасар лоиҳаҳои қаблӣ ва ҷорӣ ва инчунин нақшаҳоиояндаи муассиса муаррифӣ шудаанд. Барои маълумоти бештар, лутфан ба Ҳисоботи солонаи Оперейшн Мерси Тоҷикистан 2014 ва сомонаи он www.ms.investcom.tj муроҷиат намоед.

**Барномаҳои қаблӣ ва амалкунанда**

**I. Кумак баҳри рафъи мушкилот дар вақти ҳолатҳои фавқулодда ва кумак дар офиятбахшии ҷамъиятӣ** -Мақсади асосӣ: Кумак ба оилаҳои аз офати табиии 11-уми майи соли 2014 ва моҳи августи соли 2015 осебдида ва ба роҳ мондани корҳои ободонӣ ва расонидани кумаки аввалин.

**1.1**. Кумак ва тавонбахшӣ ба деҳаи Бунӣ - баҳри дар фасли зимистон ҷойи хушк ва бехатар доштан, дастгирӣ намудани се оилае, ки дар обхезӣ хонаҳояшон зарар дида буданд; Тоза кардани канал ва муътадилсозии кори он барои паст кардани хавфи обхезӣ: Бо маводи озуқаи кофӣ барои фасли зимистон таъмин намудани 11 оилаи дигар, ки дар обхезӣ хонаҳояшон зарар дида буданд ва додани имконият барои аз сари нав киштукор кардан дар фасли баҳор.

**1.2._Кудакони ниёзманд** - Мақсади асосӣ: Аз руи имконот ҷалб намудани кудакони бепарастор ва кудакон аз оилаҳои камбизоат бо роҳи кумак аз руи ниёз барои идома додани таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ.

**1.3**. **Кумак ба макотиби деҳот** - Мақсади асосӣ: Муҳайё намудани шароити хуби таълимӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ ва умумӣ бо роҳи таъмин бо масолеҳи сохтмонӣ барои сохтани синфҳои иловагӣ ва беҳтар намудани шароити солимӣ дар деҳот.

**1.4. Дастрасӣ ба оби тоза** - Мақсади асосӣ: Таъмини дастрасӣ ба оби тозаи нушокӣ ва бехатар, махсусан ба деҳаҳое, ки дар лоиҳаи Саломатӣ дар вилояи Суғд иштирок намуданд; Таъмини аҳолии деҳаи Сада бо оби тозаи нушокӣ.

**II. Ҳифзи иҷтимоӣ ва маъюбӣ**

**2.1. Такмили иқтидори ҷавонони ниёзманд ва шахсони имкониятҳои маҳдуддошта** - Мақсади асосӣ: Баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҷавонони ниёзманд ва кудакони имкониятҳои маҳдуддошта ба воситаи гузаронидани машғулиятҳои варзишӣ ва омузиши забони англисӣ; Баланд бардоштани сатҳи ҷисмонӣ ва ҳифзи иҷтимоии хонандагон.

**2.2. Барномаи тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат** - Мақсади асосӣ: Фароҳам овардани имкониятҳо баҳри ба даст овардани ҳуқуқ барои шахсони имкониятҳои маҳдуддошта тавассути фарогирӣ ва ҳамгирой дар самти ҳифзи иҷтимой, тандурустӣ ва маориф дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Фароҳам овардани дастрасӣ барои кудакони имкониятҳояшон маҳдуд (минбаъд

КИМ) ва оилаҳои онҳо дар ноҳияи Рудакӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ (пешгирӣ ва тавонбахшӣ) ва таълими фарогир (инклюзивӣ). Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии оилаҳои онҳо.

**2.3. Ҳама чиз баҳри кудакон** – Мақсади асосӣ: кумак ба кудакони имконияҳои маҳдуддошта (КИМ) барои ноил гардидан ба иқтидори пурра аз ҷиҳати ақлонӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоӣ тавассути гузаронидани бозиҳо ва машғулиятҳои омузишиву инкишофдиҳанда; дастгирӣ кардани волидайну аъзоёни оилаи КИМ; фароҳам овардани имкониятҳои мусбии якҷояамалкунии КИМ бо ҳамсолони худ; мусоидат намудан ба ташаккули мустақилияти кудак бо воситаи фаъолиятҳои ҳарруза; пешниҳод ва таъмин намудани шароитҳои зарурии омузишӣ, манбаъҳо ва таҷҳизот; ҷалб намудани КИМ ба муассисаҳои таълимоти умумӣ ва чорабиниҳои фарҳангиву истироҳатӣ;

**2.4. Кумак бо васоити ҳаракатдиҳанда -** Мақсади асосӣ: Таъмини аробачаҳои маъюбӣ ва васоити ҳаракатдиҳандаи мувофиқ, мутобиқи Дастурамали Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ; Таъмини эҳтиёҷоти шахсони имкониятҳои маҳдуддошта, баҳри баланд бардоштани имкониятҳои инфиродии онҳо.

**2.5. Мудохилаи саривақтӣ дар шаҳри Исфара** - Мақсади асосӣ: Кумак дар инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ ва иҷтимоии кудакони имкониятҳои маҳдуддошта (КИМ); Дастгирии оилаҳои дорои КИМ дар нигоҳубин ва кумак ба кудакони худ дар фаъолиятҳои ҳарруза; Баланд бардоштани ҳамкории иҷтимоӣ ва инклюзивии КИМ дар ҷомеа; Ҳамкорӣ бо тарафҳои ҳавасманд, ки дар самти маъюбӣ дар шаҳри Исфара фаъолият мекунанд.

**2.6. Қудрадмандсозии ҳайати роҳбарикунандаи ҷамъиятҳои маъюбон ва ассотсиатсияҳои волидайн дар Тоҷикистон дар самти идоракунӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ –** Мақсади асосӣ: Дар давоми се сол, шаш шарики маҳаллӣ-ҶМ ва ТҒД бояд идоракунии молия ва администратсияи худро то дараҷае баланд бардоранд, ки барои оғоз намудани лоиҳаи пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ ва дастгирии лоиҳаҳои дигарон, ки ҳуқуқи маъюбонро ба назар мегиранд, имконият диҳад. Ҳамчунин, шарики боваринок гаштан барои Сарпарастони давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар самти пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ; Дар давоми се сол, идоракунандагон ва пешбарандагони шаш шарики маҳаллӣ-ҶМ ва ТҒД бояд сифати идоракунӣ, сатҳи дониш ва салоҳиятнокии худро беҳтар намоянд. Роҳбарони ҶМ ва ТҒД ҷамъияти миллии Тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат (ТСҶ) ташкил мекунанд, ки он доду гирифти маълумоти аниқро бо провайдерҳои хизматрасонии давлатӣ ва интегратсияи лоиҳаҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва хизматрасонии иҷтимоии давлатӣ таъмин мекунад; Дар давоми се сол, шаш шарики маҳаллӣ-ҶМ ва ТҒД бо дастгирии – тренинг ва мониторинги Оперейшн Мерсӣ хизматрасонии иҷтимоии инклюзивиро мувофиқи стратегияи ТСҶ рушд ва васеъ бояд намоянд. Шарикон хусусиятҳои хоси ҳамдигарро беҳтар фаҳмида, ба лоиҳаҳои амалии беҳтарин ниол мегарданд, ки ин ба ҳамкории ояндадор, дар самти хизматрасонӣ аз ҷиҳати Саломатӣ, Мудохилаи саривақтӣ ва тавонбахшӣ, таълими инклюзивӣ, маҳорати пеш бурдани зиндагӣ ва дастгирии руҳию иҷтимоӣ оварда мерасонад.

**III. Барномаи Саломатӣ**

**3.1. Диабети қанд -** Мақсади асосӣ: Кумак ба кудакони гирифтори Диабети қанди навъи 1 дар ташаккули тарзи ҳаёти солим; Ташкили барномаҳои устувор дар сатҳи миллӣ, беҳтар намудани сатҳи муайянкунӣ ва нигоҳубини кудакони гирифтори Диабети қанди навъи 1 дар Тоҷикистон; Таъмини устувори инсулин ва глюкометрҳо барои кудакони гирифтори Диабети қанди навъи 1.

**3.2. Саломатии занон -** Мақсади асосӣ: Таъмини маълумоти муҳими тиббӣ ва равона кардани омилҳои тиббиву фарҳангӣ барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии занону духтарони деҳот; Тақсимоти китоб ва буклетҳо оиди саломатӣ ба иштирокчиёни семинар.

**3.3.Саломатӣ дар вилояти Суғд -** Мақсади асосӣ: Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ оиди саломатӣ; Инкишофи солимии ҷомеа аз ҷиҳати ҷисмонӣ, ҳиссиву руҳӣ ва иҷтимоӣ. Инчунин, барои беҳтар намудани шароити гармкунии хонаҳо ва сарфаи неруи барқ дар фасли зимистон, лоиҳаи санҷиширо оғоз намуда, гармкунак(печка)-и каммасрафи ангиштсангӣ сохта шуд, ки дар оянда пас аз гузаронидани санҷиши он лоиҳаро идома хоҳем дод.

**3.4. Маълумот барои мардон оиди пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ ва ВНМО/БПНМ -** Мақсади асосӣ: Додани маълумот оиди дипрессия, пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла ВНМО (Вируси норасоии масунияти одам)/БПНМ (Бемории пайдошудаи норасоии масуният), сил, пешгирии нашъамандӣ ва дигар бемориҳо; Паст кардани дискриминатсия (тақриз) нисбат ба одамони аз бемории ВНМО/БПНМ сироятёфта.

**3.5. Лоиҳаи солимии модару кудак ва истеъмоли дурусти ғизо -** Мақсади асосӣ: Ташхиси чашм дар деҳоти Бидиз, Шавоз ва Дахт; Кор бо ҷомеа ва кормандони соҳаи тиб дар самти мушкилии мушаку устухон ба ниёзмандони деҳоти Бидиз ва Шавоз; Идома додани ташрифҳо ба оилаҳое, ки дар соли 2013 дар тренинги Фалаҷи майнаи сар дар шаҳри Хоруғ иштирок намуданд. Ҳамкорӣ намудан бо кормандони соҳаи тиб дар деҳоти Вери ноҳияи Шуғнон нисбати ниёзмандони мардуми деҳот; Ҳамкории зич бо кормандони соҳаи тиб дар деҳоти Вер, баҳри дастгирӣ ва баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии онҳо, то ин ки мушкилии шахсони ниёзмандро беҳтар дарк намуда, дар якҷоягӣ онро ҳал намуд.

**IV. Барномаи кишоварзӣ ва соҳибкорӣ**

**4.1. Рушди боғдорӣ ва истеҳсоли мева дар шаҳри Хоруғ** - Мақсади асосӣ: Тарҳрезӣ намудани таҷҳизоти шарбаттайёркунии маҳаллии баландсифат ва каммасраф; Тайёр намудани модели хурди истеҳсоли шарбат дар сатҳи деҳа; Ба роҳ мондан ва зиёд намудани дарахтони мевадиҳанда ва чормағз; Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии боғбонон нисбати нигоҳубини боғ.

**4.2. Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии оилаҳои дорои кудаки имкониятҳои маҳдуддошта -** Мақсади асосӣ: Дастгирӣ бо грантҳои хурд барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва оғоз намудани соҳибкории хурд; Гузаронидани тренингҳо оиди оғоз намудани соҳибкорӣ; баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии кудакон/шахсони имкониятҳои маҳдуддошта (минбаъд КИМ ва ШИМ) ва оилаҳои онҳо бо воситаи фароҳам овардани дастрасӣ ба хурокҳои серғизо.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

**4.3. Гармхона дар шароити куҳистон** - Мақсади асосӣ: Нишон додани манфиати истифодаи гармхонаҳо дар шароити куҳистон ҳамчун роҳи беҳтарин барои дастрасӣ ба ғизои хушсифат ва ба даст овардани даромад барои деҳқонон дар ноҳияи Шуғнон; Дастгирии 4 оила барои сохтани гармхонаҳо дар шароити куҳистон; Дастигирии 10 оилаи дигар барои бомуваффаҳият пеш бурдани кори гармхона дар шароити куҳистон; Пайдо намудани имкониятҳои дарозмуддат барои ҷамъият баҳри сохтани гармхонаҳо; Беҳтар намудани тарҳи гармхонаҳо дар шароити куҳистон вобаста ба таҷриба ва мушоҳидаҳо аз табиати ВМКБ.

**Самти барномаҳои оянда**

**I. Кумак баҳри рафъи мушкилҳо дар вақти ҳолатҳои фавқулодда ва кумак дар офиятбахшии ҷамъиятӣ** - Бо имконияти пайдо намудани сарпараст расонидани кумак дар ободонии оилаҳои зарардидаи деҳоти мазкур.

**1.1. Кумак ва тавонбахшӣ ба деҳаи Бунӣ** - Идома додани дастгирии корҳои мустаҳкамкунии каналҳо то моҳи апрели соли 2016.

**1.2._Кудакони ниёзманд** - бо имконияти пайдо намудани сарпараст, кумак ба дигар хонандагони ятиму бепарастор ва хонандагон аз оилаҳои камбизоат.

**1.3. Кумак ба макотиби деҳот** - бо имконияти пайдо намудани сарпараст кумак намудан бо масолеҳи сохтмонӣ барои дигар муассисаҳои таълимӣ ва бунгоҳҳои саломатӣ мувофиҳи дархост дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Рудакӣ.

**1.4. Дастрасӣ ба оби тоза** - Гуфтушунид бо сарпарастон оиди амалӣ намудани лоиҳа дар дигар деҳаҳо; Бо имконияти пайдо намудани сарпараст кумак намудан ба дигар деҳаҳо мувофиқи дархостҳо.

**II. Ҳифзи иҷтимоӣ ва маъюбӣ**

**2.1. Қудратмандсозии ҷавонони ниёзманд ва шахсони имкониятҳои маҳдуддошта** Дарсҳо дар Литсей ва Имконият то моҳи июни соли 2016 ; Эҳтимолияти ташкил намудани гуруҳҳои нав дар ноҳияи Рудакӣ.

**2.2. Барномаи тавонбахшӣ дар сатҳи ҷамоат** - Идома додани фаъолиятҳои мазкур бо ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ ва ташкилотҳои маъюбӣ дар ноҳияи Рудакӣ ва шаҳри Душанбе.

**2.3. Ҳама чиз баҳри кудакон** - Идома додани фаъолияти лоиҳаҳои амалкунанда; Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба воситаи зиёд намудани тренингҳо ва омузишҳо барои кормандони марказӣ ва минтақаҳо; Васеъ намудани лоиҳа тавассути кушодани гуруҳҳои нав.

**2.4. Кумак бо васоити ҳаракатдиҳанда** - 50% контейнери аробачаҳои маъюбӣ ба завод ва лоиҳаи ТСҶ дар ноҳияи Рудакӣ дар аввали моҳи январи соли 2016 равон карда шуданд; Ба имзо расонидани шартнома оиди хизматрасонии аробачаҳои маъюбӣ, дар шаҳри Душанбе ва Хуҷанд дар ҳамкорӣ бо Завод; Кушодани 2 коргоҳи хизматрасонии аробачаҳои маъюбӣ дар шаҳри Душанбе ва Хуҷанд дар ҳамкорӣ бо Завод; Оғоз намудани хизматрасонии аробачаҳои маъюбӣ мувофиқи меъёрҳои ТУТ, ки он баҳодиҳии сифатнок, интихоби дурусти аробачаи маъюбӣ ва басту банди он, ҳамчунин гузаронидани тренинг барои истифодабарандагони 200 аробачаҳои маъюбиро дар бар мегирад.

**2.5. Мудохилаи саривақтӣ дар шаҳри Исфара** – Идома додани машваратҳои гуруҳи Мудохилаи саривақтӣ дар як ҳафта 2 маротиба: Бисёртар гузаронидани тренинг ва машваратҳо барои модарони КИМ: Зиёдтар ҷалб намудани кудакони биноиашон суст ва ношунаво: Идома додани ҳамкорӣ бо кормандони Шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона ва гузаронидани тренингҳои имконпазир: Дида баромадани имкониятҳои таъмини хизматрасонӣ ва дастгирии КИМ-и деҳаҳои дурдаст: Умедворем, ки устоҳои маҳаллӣ пас аз иштирок дар тренингҳо, метавонанд васоити ҳаракатдиҳандаро бо масолеҳи маҳаллӣ созанд: Бо имконияти пайдо намудани маблағгузорӣ, зиёдтар ҷалб намудани кормандони маҳаллӣ.

**2.6. Қудрадмандсозии ҳайати роҳбарикунандаи ҷамъиятҳои маъюбон ва ассотсиатсияҳои волидайн дар Тоҷикистон дар самти идоракунӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ** – Идома додани фаъолиятҳо мувофиқи нақшаи солҳои 2016-2017 ва бастани шартнома бо шарик SIDA/SMC.

**III. БАРНОМАИ САЛОМАТӢ**

**3.1. Диабети қанд** - Гузаронидани дарсҳо дар саросари ҷумҳурӣ, баҳри паст намудани мушкилиҳои хатарнок барои ҳаёти кудакони аз ташхиси бемории диабет нагузашта; Идома додани корҳои фармоишӣ ва қабул кардани инсулин ва глюкометрҳо аз хориҷи кишвар дар ҳамкорӣ бо МҶКЭ ва барномаи Ҳаёт барои кудак; Бо имконияти пайдо намудани маблағ, ташкили машғулиятҳои тобистона дар ҳамкорӣ бо МҶКЭ барои кудакони гирифтори диабет.

**3.2. Саломатии занон** - Тайёр намудани мавзуъҳои нав ва идома додани дарсҳо дар деҳаҳо бо занон ва ҳамшираҳо; Тақсимоти китобҳои ва буклетҳо вобаста ба мавзуъҳои дарс ба иштирокчиёни семинар.

**3.3. Саломатӣ дар вилояти Суғд** - Идома додани дарсҳои саломатӣ ва васеъ намудани он; Идома додани тадқиқот ва санҷиши таҷҳизоти гармидиҳандаи каммасраф барои деҳаҳои мувофиқ.

**3.4. Маълумот барои мардон оиди пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ ва ВНМО/БПНМ** - Ташкили гуруҳҳои нави мардон барои гузаронидани семинарҳо оиди "Диабети қанд", "Фишори хун", "Дарди миён", "ВНМО/БПНМ", "Сил", "Дипрессия" ва "Дискриминатсия" (тақриз), "Пешгирии нашъамандӣ" ва дигар бемориҳо; Паст кардани дискриминатсия (тақриз) нисбат ба одамони аз бемории ВНМО/БПНМ сироятёфта.

**3.5. Лоиҳаи солимии модару кудак ва истеъмоли дурусти ғизо** - Идомаи ҳамкорӣ бо кормандони соҳаи тиб ва ташкили гуруҳи нав дар деҳаи Вер; Оғоз намудани дарсҳои саломатӣ дар ҷамоати Поршнев ва деҳаи Бунӣ; Гузаронидани дарсҳои оиди саломатии бадан ва тарзи нигоҳубини он дар фасли тобистон дар 5 деҳа; Гузаронидани тренингҳо оиди стрес ва дипрессия барои ҳамшираҳои шавқат ва ихтиёриён.

**IV. Барномаи кишоварзӣ ва соҳибкорӣ**


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

**4.1. Рушди боғдорӣ ва истеҳсоли мева дар шаҳри Хоруғ -** Идома додани зерлоиҳаи “Дарахт барои дарахт” дар якҷояги бо 30 нафар иштирокчӣ; Идома додани тренингҳо барои 3 деҳа ва ҷалб намудани шахсони ҳавасманд; Давом додани ҳамкорӣ бо гуруҳҳои амалкунанда баҳри зиёд кардани истеҳсоли шарбати мева ва беҳтар намудани сифати он, то ин ки иштирокчиён тавонанд мустақилона фаъолият намуда, сатҳи зиндагии худро беҳтар гардонанд.

**4.2. Баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии оилаҳои дорои кудаки имкониятҳои маҳдуддошта -** Бо имконияти пайдо намудани сарпараст курсҳои соҳибкориро ба шахсони имкониятҳои маҳдуддошта ва оилаҳои ниёзманд идома дода, онҳоро бо қадри имкон бо грантҳои хурд дастгирӣ кардан.

**4.3. Гармхона дар шароити куҳистон -** Давом додани тренингҳо бо 10 нафар шарик оиди истеҳсоли сабзавот; Сохтани 12 гармхонаи нав дар 6 макони гуногуни ноҳияҳои Шуғнон ва Роштқалъа; Гузаронидани санҷиши таҷҳизоти гармдиҳандаи каммасраф барои гарм нигоҳ доштани гармхонаҳо дар моҳҳои декабр-март; Дастгирии шарик аз ноҳияи Бадчор бо маводҳои лозима барои сохтмони гармхона.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

*ТҒД*

# Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти кушода» - Бунёди мадад дар Тоҷикистон

Тамос: Хонум Зуҳро Ҳалимова
Директори иҷроия
Тел: (+992 47) 441 07 29/44/45 Факс: (+992 47) 441 07 28
Почтаиэлектронӣ: osi@osiaf.tj
Сомона: www.osiaf.tj
Суроға: 734002, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Бохтар 37/1,
Маркази тиҷоратии "Вафо", ошёнаи 4

**Мақсаду вазифаҳои ташкилот**

Мақсаду вазифаҳои Шуъбаи байналмилалии Институти «Ҷамъияти кушода» - Бунёди мадад дар Тоҷикистон (ИҶК БМ Тоҷикистон) аз инкишоф додани принсипҳои «ҷамъияти кушода» дар Тоҷикистон тавассути расондани ёрии башардустона ва хайриявӣ ба Тоҷикистон аст. Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бунёд аз ташаббусҳои шаффофият ва зерҳисобият, ҳуқуқи инсон ва ислоҳоти ҳуқуқӣ, рушди маориф, тандурустии ҷамъиятӣ, дастгирии рушди соҳибкории навташкил, таъмини дастрасӣ ба иттилоот, рушди воситаҳои ахбори омма, баробарҳуқуқии гендерӣ, фарҳанг ва ҳунар иборатанд.

**Барномаҳои амалкунанда**

**ШАФФОФИЯТ ВА ЗЕРҲИСОБИЯТ (ШЗ)**

Барномаи «Шаффофият ва Зерҳисобият» дар натиҷаи муттаҳид намудани ҷузъҳои афзалиятноки ду барномаи ИҶК БМ Тоҷикистон – «Рушди иқтисодӣ ва дастгирии соҳибкорӣ» ва «Худидоракунии маҳаллӣ» ба вуҷуд омад. Ҳоло барномаи мазкур ташаббусҳои беназири Бунёдро дар самтҳои зерин: дастгирии ташаббусҳои шаҳрвандӣ дар соҳаи баланд бардоштани шаффофияти буҷети давлатии сатҳҳои гуногун, иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди буҷет, беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилоот ва хизматҳои давлатӣ, мусоидат ба арзёбии идоракунии самараноки бахшҳои гуногуни идораи давлатӣ идома медиҳад.

ТШЗ: (а) ба рушди идоракунии масъулона, шаффофият, инчунин неруи ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон баҳри таъмини ҳисоботдиҳии ҳукумат ва бахши хусусӣ дар назди ҷомеа тавассути ҷорӣ намудани Низоми байналмилалии ҳисоботдиҳӣ дар сохтори маҳаллии идоракунӣ мусоидат менамояд. Низоми мазкур ташаббусҳои байналхалқии зеринро дар бар мегирад: Шаффофияти соҳаҳои истихроҷкунанда (ШСИ), Индекси шаффофияти буҷет (ИШБ), инчунин Ташаббуси идоракунии неруи барқ (ТИНБ); (б) Барнома ба баланд бардоштани дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот ва хизматрасониҳои давлатӣ тавассути: (i) таҳкими неруи иштирокчиёни раванди буҷет ва расондани ёрии техникӣ дар таъмини шаффофияти буҷет; (ii) ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ барои беҳтар намудани шаффофияти мақомоти давлатӣ ва баланд бардоштани дастрасии шаҳрвандон ба хизматрасониҳои давлатӣ; (iii) мониторинги сифати хизматрасониҳои давлатӣ бо қувваи худи ҷомеа (мониторинги ҷамъиятӣ) мусоидат менамояд.

**БАРНОМАИ “ДАСТРАСӢ БА ИТТОЛООТ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ”**

Барномаи «Дастрасӣ ба иттилоот ва хизматҳо» самти афзалиятнок ва стратегии ИҶК БМ Тоҷикистон дар солҳои 2014-17 ба шумор меравад. Ин самт лоиҳаҳои «Шаффофияти соҳаҳои истихроҷкунанда», «Идоракунии соҳаи неруи барқ», «Шаффофияти буҷет», «Дастрасӣ ба иттилоот ва хизматҳо», «Маълумоти ошкоро» ва «Пешниҳоди аёнии маълумот»-ро дар бар мегирад. Ҳадафи он мусоидат ба рушди идоракунии бомасъулиятона, шаффофият, инчунин таҳкими неруи ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон барои таъмини ҳисоботдиҳии ҳукумат ва бахши хусусӣ дар назди ҷомеа аст.Самтҳои афзалиятноки барнома: 1) Ташаббуси шаффофияти соҳаҳои истихроҷкунанда (ТШСИ). Чопи ҳисобот дар чаҳорчубаи ТШСИ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар бораи даромадҳои воқеие, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз корхонаҳои саноати истихроҷкунанда мегирад, маълумоти саҳеҳ ба даст оранд; 2) Индекси шаффофияти буҷет (OBI). Индекс дараҷаи шаффофияти иттилооти буҷетӣ, имконпазирии ҷалби ҷомеаро ба раванди буҷет ва таъсиррасионии онро ба қарорҳои қабулшавандаи буҷетӣ арзёбӣ менамояд; 3) Ташаббуси идоракунии соҳаи неруи барқ (EGI) ташаббуси ҳамаҷонибаест баҳри баланд бардоштани дараҷаи шаффофияти қабули қарорҳо дар соҳаи неруи барқ; 4) Дастрасӣ ба иттилоот ва хизматҳо. Дар ин самт дастгирӣ намудани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешбурди стандарту технологияҳои кушудаасос барои баланд бардоштани масъулияти давлат ва бахшҳои хусусӣ дар пешниҳод намудани иттилооти пурра, дақиқ, мубрам, саривақт ва дастрас ба шаҳрвандон ба нақша гирифта мешавад; 5) Маълумоти ошкоро. Дар ин самт мусоидат намудан ба гузарондани тадқиқот оид ба омодагии Тоҷикистон ба пешниҳоди маълумоти ошкоро дар ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба нақша гирифта мешавад; 6) Таҷассумгардонии маълумот. Дастгирии ташаббусҳое, ки ба таҳкими неруи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор дар истифодаи технологияҳои муосир баҳри дастрасии осони иттилоот ва маълумот равона гардидаанд.

**БАРНОМАИ СОҲИБКОРИИ НАВ (БСН)**

Дар солҳои 2014-2015 амалиёти барнома пурра барои мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна, ки ҷузъи асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, тавассути таъмини дастрасии озоди соҳибкорон ба маблағи сармоявӣ, иттилои зарурӣ ва донишҳо равона гардидааст. Мақсади барнома - мусоидат ба рушди соҳибкории навташкил, ҳавасмандгардонии рушди

иҷтимоию иқтисодӣ, инкишофи худшиносӣ дар байни ҷавонон, занҳо ва муҳоҷирони бозгаштае мебошад, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ва ҳамчунин дар байни сокинони минтақаҳое, ки дар онҳо сатҳи муҳоҷират ва бекорӣ баланд аст.

Дар ин барнома хизматрасонии машваратӣ, тавассути созмонҳои ҷамъиятии шаҳрвандӣ, ки ба омузиш ва дастгирии техникии соҳибкорони навоғоз барои пешбурди бизнес машғуланд, ва ҳамчунин қарзҳои имтиёзнок дар ҳамкорӣ бо хазинаҳои қарзии хурд барои амалӣ намудани идеяҳои нави бизнес пешниҳод мешаванд.

**БАРНОМАИ ҲУҚУҚӢ (БҲ)**

Барномаи ҳуқуқӣ яке аз барномаҳои асосӣ буда, фаъолияти худро дар самти афзалиятноки «Ҳуқуқҳои инсон: шиканҷа ва дигар намудҳои муомилаи бераҳмона ва ҷазо» идома медиҳад. Барнома баҳри пурра решакан намудани шиканҷа дар мамлакат, ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ кунондани қонунгузории мамлакат ва расондани ёрии тавонбахшӣ ба шахсони аз шиканҷа зарардида лоиҳаҳои гуногунро амалӣ менамояд.

Солҳои гузашта БҲ дар таҳияи ҷузъҳои алоҳидаи ислоҳот, аз ҷумла ислоҳоти ҳуқуқӣ, беҳтар намудани фаъолияти суди конститутсионӣ, пешниҳод намудани фикру мулоҳиза ва тавзеҳоти коршиносон оид ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мониторинги иҷрои он фаъолона иштирок карда буд. Ҳоло ба самтҳои афзалиятноки БҲ масъалаҳои зерин дохил мешаванд: беҳтар намудани ҳимояи ҳуқуқҳои айбдоршавандагон ва маҳкумшавандагон, тағйир додани муҳити ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ барои решакан намудани амалияи истифодаи шиканҷа; васеъ намудани имкониятҳои ҳуқуқии табақаҳои камбизоатӣ; баланд бардоштани неруи насли ҷавони ҳомиёни ҳуқуқ, хусусан дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон, занон, шахсони имкониятҳояшон маҳдуд ва беморон.

Дар солҳои 2014-15 фаъолияти худро дар самти афзалиятноки «Ҳуқуқҳои инсон: шиканҷа ва дигар намудҳои муомилаи бераҳмона ва ҷазо» идома медиҳад. Барнома баҳри пурра решакан намудани шиканҷа дар мамлакат, ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ кунондани қонунгузории мамлакат ва расондани ёрии тавонбахшӣ ба шахсони аз шиканҷа зарардида лоиҳаҳои гуногунро амалӣ менамояд.

**ЛОИҲАИ ҶАЛБИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА РАСОНАҲО ДАР РАВАНДИ БУДҶАСОЗӢ**

Лоиҳаи мазкур дар доираи барномаи Дастрасӣ ба иттилоот ва хидматрасониҳои ИҶК, бо дастгирии молии Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир (UKaid) амалӣ мешавад. Лоиҳа аз 1 сентябри соли 2015 шуруъ шуда, тули чор соли оянда идома меёбад.

Лоиҳаи мазкур барои тақвияти нақши шаҳрвандон,ҷомеаи шаҳрвандӣ ва расонаҳо ба хотири назорати тамоми марҳилаҳои будҷа равона шудааст ва ҳамчунин дар омодашавии коршиносони мустақиле кумак менамояд, ки метавонанд дар оянда хароҷоти давлатиро таҳлил намоянд ва бо шаҳрвандон, мансабдорон ва расонаҳо самаранок ҳамкорӣ намоянд.

Дар маҷмуъ, татбиқи ин лоиҳа дар таҳияи як қатор тадбирҳо барои беҳбуди раванди буҷасозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ҳамчунин дар доираи лоиҳа гузаронидани силсилаи омузишҳо оид ба таҳкимбахшии тавоноии аъзои эътилофи ТҒ ”Шафоффият барои рушд” www.tfd.tj дар назар аст.

Лоиҳа тавоноӣ ва маҳоратҳоро оид ба ҳисоботдиҳӣ ва назорат барои аъзои эътилоф беҳтар менамояд, то ки онҳо дар ташаббусҳо оид ба кушодагии раванди будҷа ва таъмини шафоффият дар соҳаи истихроҷ иштирок намоянд.

Дигар қисмати муҳими ин лоиҳа дастгирии расонаҳои мустақил ва беҳбуди маҳорати онҳо дар инъикоси масъалаҳои гуногуни будҷа аст. Дар рафти амалӣ намудани лоиҳа афзорҳои замонавии мултимедӣ, ба мисли айёнигардонии додаҳо (маълумотҳо) ва инфографика, истифода хоҳанд шуд.

Курсҳои омузишӣ оид ба афзоиши тавоноӣ ба беҳтар шудани маҳорати рузноманигорон, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ.

**БАРНОМАИ «АДОЛАТ ДАР НИЗОМИ МАОРИФ»**

Мақсади асосии барнома ин муносибати одилона дар низоми маориф аст. Принсипи маълумоти одилона паст кардани нобаробарӣ дар пешниҳоди дастрасӣ ба маълумоти босифат дар мамлакат аст.

Барнома лоиҳаҳои мусоидаткунандаи имконпазири ҷорикунандаи ғояҳои адолат, шаффофият ва масъулиятро дар раванди ислоҳоти низоми маориф дар ҷумҳурӣ амалӣ месозад. Афзалиятҳо: а)мусоидат ба ММТ барои ҷорӣ кардани системаи ягонаи дохилшавии донишҷуён ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ. Инчунин ММТ барои: (а) барпо намудани мувозинати оптималӣ дар байни назорати давлатӣ ва макотиби олӣ оид ба дохилшавии донишҷуён ба макотибҳои олӣ; (б) тартиб додани тестҳои оптималӣ **барои дохилшавӣ ба макотиби олӣ; (в) кам намудани муҳити коррупсионӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ; афзун кардани иқтидори миллии баҳогузории сифати таҳсил кумак мерасонад.** б) фарогирии иҷтимоӣ барои ба даст овардани сифат ва дастрасии баробар ба таҳсилот ҳангоми иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар.

**БАРНОМАИ «ОМУЗИШ ВА ПАРВАРИШИ БАРВАҚТИИ КУДАК»**

Ҳадафи асосии барнома ин таъмини муносибати нововарона ва ҳаматарафа ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба воситаи дастгирии сиёсати рушди барвақтии кудак, омузиш ва парастиш аст. Афзалиятҳо: а) Ташаккули барвақтии кудак: моделҳои алтернативии омузиши барвақтӣ – марказҳои ҷамъиятӣ, омодасозии кудакон ба мактаб ба воситаи волидон; б) Фарогири иҷтимоӣ барои сифати таҳсилот дар синни барвақтӣ, таҳсилоти фарогир дар хурдсолӣ, дастрасӣ ба таълими босифат.

**БАРНОМАИ ИДРОРПУЛӢ (БИ)**

**Мақсади БИ – имконият додан ба донишҷуён, омузгорон, кормандони академиявӣ ва мутахассисони дипломдор барои амиқтар гардондани донишу таҷрибаи худ дар соҳаҳои дахлдор ва татбиқ намудани онҳо ба нафъи рушди мамлакат**. БИ лоиҳаю барномаҳои гуногуни тадқиқотиро барои омузгорони мактабҳои олӣ маблағгузорӣ менамояд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

**БАРНОМАИ ТАНДУРУСТИИ ҶАМЪИЯТӢ (БТҶ)**

Барномаи Тандурустии Ҷамъиятии ИҶК БМ дар Тоҷикистон ба ташаббусҳои сохторҳои асосии соҳавии давлатӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки барои беҳдошти саломатии аҳолӣ тавассути ёрии бисёрзинагӣ, ба монанди хизматрасонӣ барои аҳолии эҳтиёҷманд, адвокасияи ҳуқуқи дастрасии ёрӣ ва табобат, дохил намудани тағйирот дар қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ, дастгирӣ дар беҳтаргардонии сиёсати фаъолияти барномаҳои тандурустии ҷамъиятӣ, мусоидат менамояд. Мақсади БТҶ: Дастгирии институтҳои саломатӣ дар мустаҳкамгардонии ҳуқуқи инсон аст. Самтҳои афзалиятноки барнома: а) беҳтар гардонидани дастгирии таълим ва хизматрасониҳои тиббӣ барои шахсони хусусиятҳои саломатии равонӣ дошта; б) беҳтаргардонии дастрасии гуруҳҳои эҳтиёҷманд ба хизматрасониҳои тандурустии ҷамъиятӣ; в) баррасии масъалаҳои ҳуқуқи одам дар соҳаи саломатӣ; г) такмили ихтисоси кормандони тиб. Барномаҳо: а) Барномаи Ёрии Паллиативӣ; б) Барномаи Ташаббусҳои саломатии равонӣ; в) Барномаи Хуқуқ ва саломатӣ; г) Барномаи семнарҳои тиббии Залтсбург.

**БАРНОМАИ «ФАРҲАНГ ВА ҲУНАР» (БФҲ)**

Мақсади барнома ин фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди санъати муосир бо мақсади муҳокимаи масъалаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ басо муҳим тавассути гузарондани муаррифиҳои оммавии назария ва равияҳои санъати муосир, намоиши перфомансҳо, филм скринингҳо барои гуруҳҳои маргиналӣ, ҷавонони баландмаърифат, эҷодкорони фаъоли соҳаи санъати муосир. Самтҳои афзалиятноки барнома инҳоянд: а) рушди неруи ташкилотҳои ҳамшарик; б) таҳкими ҳамкорӣ бо мақсади ба даст овардани рушди иҷтимоӣ дар ҷомеа; в) рушди ниҳоии ташкилотҳои ҳамшарик.

Дар соли 2017 барнома лоиҳаҳое, ки ба рушди тафаккури эҷодӣ ва интиқодӣ дар байни ҷавонон, таҳия ва татбиқи барномаҳои маориф оид ба идоракунии санъат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди фестивалҳо ва санъати муосир равона гардида будаанд, дастгирӣ намуд. Барнома инчунин ба донишҷӯёни имконияташон маҳдуди макотиби фарҳанг ва ҳунар дастигирии бурсӣ расонд.


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

# V. ҲАМКОРОНИ РУШД ДАР МИНТАҚАҲО

# ҲАМКОРОНИ РУШД ДАР МИНТАҚАҲО

| № | ҲАМКОРОНИ РУШД | Сатҳи ҷумҳуриявӣ | ш. Душанбе | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | НТЧ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Агентии рушди байналмилалии ИМА дар Тоҷикистон | X | X | X | X | X | X |
| 2 | Агентии рушди байналмилалии Канада | X | X | X | | X | |
| 3 | Агентии рушди байналмилалии Шведсия | X | X | | X | | X |
| 4 | Агентии ҳамкорӣ ва рушди Туркия | X | X | X | | | X |
| 5 | Агентии ҳамкории байналмилалии Япония | X | X | X | | X | X |
| 6 | Агроаксияи Олмон | | | | X | | X |
| 7 | Барномаи муштараки СММ оид ба ВНМБ/АНМБ | X | | X | X | X | X |
| 8 | Барномаи рушди Созмони Милали Муттахид | X | X | | X | X | X |
| 9 | Барномаи Ҷаҳонии Озуқаворӣи СММ | X | X | X | X | X | X |
| 10 | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | X | X | X | X | X | X |
| 11 | Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд | X | | | | | |
| 12 | Бонки Исломии рушд | X | X | X | X | X | X |
| 13 | Бонки Осиёии рушд | X | X | X | X | X | X |
| 14 | Бонки содироту воридотии ҶХХ | | X | | | X | X |
| 15 | Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир | X | | X | X | X | X |
| 16 | Глобал Партнерс, Британияи Кабир | X | X | X | X | X | X |
| 17 | Гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ | X | X | X | X | X | X |
| 18 | Идораи ҳамкории Швейтсария/Консулгарӣ дар Тоҷикистон | X | X | X | X | X | X |
| 19 | Иттиҳоди Аврупо | X | X | X | X | X | X |
| 20 | Каритас Олмон дар Точикистон | | X | | | | |
| 21 | Каритас Тоҷикистон | | X | | | X | |
| 22 | Каритас Швейтсария дар Тоҷикистон | | X | | | X | |
| 23 | Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, узви Гурӯҳи Бонки умумиҷаҳонӣ | X | | | | | |
| 24 | Котибоки Швейтсария оид ба масъалаҳои иқтисодӣ | X | | X | X | | |
| 25 | Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх | X | X | X | X | X | X |
| 26 | Намояндагии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Тоҷикистон | X | | | | | |
| 27 | Олмон/Бонки Олмонии рушд | | | X | | X | |
| 28 | Созмони байналмилалии муҳоҷират | X | | | | | |
| 29 | Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд | X | X | X | X | X | X |
| 30 | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ | X | | | | X | X |
| 31 | Филиали ташкилоти "Save the Children International" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | X | X |
| 32 | Фокус ёрии башардустонаи ИМА дар Тоҷикистон | | X | X | | | X |
| 33 | Фонди "Абу Даби" | | | | | X | |
| 34 | Фонди Тоҷикистонии Оғо Хон | X | | X | | | |
| 35 | Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф | | | X | | | |
| 36 | Хазинаи байналхалқии рушди кишоварзӣ | X | X | X | X | X | |
| 37 | Хазинаи глобалӣ оид ба ҳифзи муҳити зист | X | X | X | X | X | X |
| 38 | Хазинаи Каритас Люксембург | X | | | | | |
| 39 | Хазинаи Кристенсен | | | X | | | |
| 40 | Хазинаи кудаконаи СММ | X | | X | X | X | X |
| 41 | Хазинаи ОПЕК | X | X | | X | X | |
| 42 | Хазинаи рушди иқтисодии арабии Қувайт | X | | | | | |
| 43 | Хазинаи Саудии Рушд | X | X | | X | X | X |
| 44 | Хазинаи Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи нуфус | X | | | | | |
| 45 | Хазинаи Умумиҷаҳонӣ оид ба мубориза бо АНМБ, Сил ва Вараҷа | X | X | X | | X | X |

Манбаъ: Махзани маълумоти Системаи ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна ва мониторинги лоиҳаҳо
©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

# ҲАМКОРОНИ РУШД ДАР МИНТАҚАҲО

| № | ҲАМКОРОНИ РУШД | Сатҳи ҷумҳуриявӣ | ш. Душанбе | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 46 | Хэндикап Интернейшнл | X | | | | | |
| 47 | Ҳайати Аврупо-Кумаки Макро-Молиявӣ | | | | X | X | X |
| 48 | Ҳайати Шафқат дар Тоҷикистон | | | | | | X |
| 49 | Ҳукумати Австрия | X | | | | X | X |
| 50 | Ҳукумати Дания | | | | X | X | |
| 51 | Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико | X | X | X | | | |
| 52 | Ҳукумати Канада | | | X | | X | |
| 53 | Ҳукумати Люксембург | X | | | | | |
| 54 | Ҳукумати Норвегия | X | | | X | X | X |
| 55 | Ҳукумати Фаронса | | X | X | | | |
| 56 | Ҳукумати Федератсияи Россия | X | X | | X | X | X |
| 57 | Ҳукумати Финляндия | X | | | X | X | |
| 58 | Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон | X | | | X | | X |
| 59 | Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия | X | | | | | |
| 60 | Ҳукумати Ҷумҳурии Федеративии Олмон | X | X | X | X | X | X |
| 61 | Ҳукумати Швейтсария | X | | | | | |
| 62 | Ҳукумати Япония | | X | | X | X | |
| 63 | Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) дар Тоҷикистон | | X | | X | X | X |
| 64 | Ширкати сармоягузориҳои хусусӣ дар хориҷа (ШСХХ), ИМА | X | | X | X | X | |
| 65 | Шуъба оиди назорати моводи нашъадор ва ҳифзи низоми қонунӣ, сафорати ИМА | X | X | | | | |
| 66 | Шуъбаи ассотсиатсияи "OXFAM GB" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | X | | | | X | |
| 67 | Шуъбаи Оперейшн Мерси дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | X | X | X | X | | X |
| 68 | Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Донишкадаи "Ҷомеаи Кушод"- Фонди мусоидат дар Тоҷикистон | X | X | X | X | X | X |

# VI. ҲАМКОРОНИ РУШД ДАР БАХШҲО

# ҲАМКОРОНИ РУШД ДАР БАХШҲО

| № | Номгӯи ҲР | Идораи давлатӣ | Кишоварзӣ ва обёрӣ | Муҳити зист | Энергетика | Нақлиёт | Обтаъминкунӣ ва канализатсия | Маориф | Ҳифзи саломатӣ | Таъминоти иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ | Бахши хусусӣ ва саноат | Бахши бисёрсоҳавӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Агентии рушди байналмилалии ИМА дар Тоҷикистон | X | X | X | X | | X | X | X | X | | X |
| 2 | Агентии рушди байналмилалии Канада | | | X | | | | | X | | | |
| 3 | Агентии рушди байналмилалии Шведсия | | | | | | | | X | X | | |
| 4 | Агентии ҳамкорӣ ва рушди Туркия | X | | X | | | X | X | X | X | | X |
| 5 | Агентии ҳамкории байналмилалии Япония | X | X | | X | X | X | X | X | X | | |
| 6 | Агроаксияи Олмон | | X | X | | | | | | X | | |
| 7 | Барномаи муштараки СММ оид ба ВНМБ/АНМБ | | | | | | | | X | | | X |
| 8 | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид | X | | X | X | | X | | | | | X |
| 9 | Барномаи Ҷаҳонии Озуқаворӣи СММ | | X | X | | | X | X | X | X | | X |
| 10 | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | | | X | X | X | X | | | | X | |
| 11 | Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд | X | | X | | | | | X | | | |
| 12 | Бонки Исломии рушд | | X | | X | X | | X | | | | |
| 13 | Бонки Осиёии рушд | X | X | | X | | X | | X | | X | |
| 14 | Бонки содироту воридотии ҶХХ | | | | X | X | | | | | | |
| 15 | Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир | X | X | X | X | | | | | X | X | X |
| 16 | Глобал Партнерс, Британияи Кабир | | X | X | X | | X | X | X | X | X | X |
| 17 | Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ | X | X | X | X | X | X | X | X | X | X | |
| 18 | Идораи ҳамкории Швейтсария/Консулгарӣ дар Тоҷикистон | X | X | X | | | X | | X | | | X |
| 19 | Иттиҳоди Аврупо | X | X | X | X | | X | X | X | X | X | X |
| 20 | Каритас Олмон дар Точикистон | | | | | | | | | X | | |
| 21 | Каритас Тоҷикистон | | | | | | X | | | X | | |
| 22 | Каритас Швейтсария дар Тоҷикистон | | X | X | X | | X | X | | | | |
| 23 | Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, узви Гуруҳи Бонки умумиҷаҳонӣ | | | | X | | | | | | X | |
| 24 | Котибоки Швейтсария оид ба масъалаҳои иқтисодӣ | | | | X | | X | | | | X | |
| 25 | Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх | | | | | | | X | X | X | | X |
| 26 | Намояндагии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Тоҷикистон | | | | | | | | X | | | |
| 27 | Олмон/Бонки Олмонии рушд | | | X | | | | | | | X | X |
| 28 | Созмони байналмилалии муҳоҷират | | | | | | | | X | X | | |
| 29 | Ташкилоти Оғо Хон оид ба рушд | | | X | | | | X | X | | | |
| 30 | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ | | X | X | | | | | | | | |
| 31 | Филиали ташкилоти "Save the Children International" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | | | | X | | | |
| 32 | Фокус ёрии башардустонаи ИМА дар Тоҷикистон | | X | X | | | | | | | | X |
| 33 | Фонди "Абу Даби" | | | | | X | | | | | | |
| 34 | Фонди Тоҷикистонии Оғо Хон | | X | X | | | | | X | | | X |
| 35 | Хадамоти Оғо Хон оид ба маориф | | | | | | | X | | | | |
| 36 | Хазинаи байналхалқии рушди кишоварзӣ | | X | | | | | | | X | | |

Манбаъ: Махзани маълумоти Системаи ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна ва мониторинги лоиҳаҳо
©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

# ҲАМКОРОНИ РУШД ДАР БАХШҲО

| № | Номгӯи ҲР | Идораи давлатӣ | Кишоварзӣ ва обёрӣ | Муҳити зист | Энергетика | Нақлиёт | Обтаъминкунӣ ва канализатсия | Маориф | Ҳифзи саломатӣ | Таъминоти иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ | Бахши хусусӣ ва саноат | Бахши бисёрсоҳавӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 37 | Хазинаи глобалӣ оид ба ҳифзи муҳити зист | | | X | X | X | | | | | | X |
| 38 | Хазинаи Каритас Люксембург | | | | | | | | X | | | |
| 39 | Хазинаи Кристенсен | | X | | | | | | | | | |
| 40 | Хазинаи кудаконаи СММ | | | | | | X | X | X | X | | X |
| 41 | Хазинаи ОПЕК | | | | | X | | | | | | |
| 42 | Хазинаи рушди иқтисодии арабии Кувайт | | X | | | X | | | | | | |
| 43 | Хазинаи Саудии Рушд | | | | | X | | X | | | | |
| 44 | Хазинаи Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи нуфус | | | | | | | | X | | | X |
| 45 | Хазинаи Умумиҷаҳонӣ оид ба мубориза бо АНМБ, Сил ва Вараҷа | | | | | | | | X | | | |
| 46 | Хэндикап Интернейшнл | | | | | | | | | X | | |
| 47 | Ҳайати Аврупо-Кумаки Макро-Молиявӣ | | | X | | | | | X | | | |
| 48 | Ҳайати Шафқат дар Тоҷикистон | | | X | | | | | | | | |
| 49 | Ҳукумати Австрия | | X | | | | | | | | | |
| 50 | Ҳукумати Дания | | X | | | | | | | | | |
| 51 | Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико | X | X | X | | | | X | | | | X |
| 52 | Ҳукумати Канада | | | X | | | | | X | | | |
| 53 | Ҳукумати Люксембург | | | | | | | | X | | | |
| 54 | Ҳукумати Норвегия | | | | | | | | | X | | X |
| 55 | Ҳукумати Фаронса | | | | | X | | | X | | | |
| 56 | Ҳукумати Федератсияи Россия | | | | | | | | X | X | | X |
| 57 | Ҳукумати Финляндия | | | | | | | | | | X | |
| 58 | Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон | | | | | X | | | | | | |
| 59 | Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия | | X | | | | | | X | | | |
| 60 | Ҳукумати Ҷумҳурии Федеративии Олмон | X | X | X | | | X | X | X | | X | X |
| 61 | Ҳукумати Швейтсария | X | | | X | | | | | | X | |
| 62 | Ҳукумати Япония | | | | | X | | X | X | | | |
| 63 | Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) дар Тоҷикистон | | X | X | X | | | | | | X | |
| 64 | Ширкати сармоягузориҳои хусусӣ дар хориҷа (ШСХХ), ИМА | | | | | | | X | | | | |
| 65 | Шуъба оиди назорати маводи нашъадор ва ҳифзи низоми қонунӣ, сафорати ИМА | X | | | | | | | | | | X |
| 66 | Шуъбаи ассотсиатсияи "OXFAM GB" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | | X | | | | | | | | | X |
| 67 | Шуъбаи Оперейшн Мерси дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | | X | | | | X | X | X | X | X | |
| 68 | Шуъбаи Ташкилоти байналмилалии Донишкадаи "Ҷомеаи Кушод"- Фонди мусоидат дар Тоҷикистон | X | | | X | | | X | X | X | X | X |


©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ

©Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ